**САДРӢ САЪДИЕВ,**
**ХУСРАВ ҲАМИДОВ**

# АДАБИЁТ

*Китоби дарсӣ барои синфи*
*10-уми муассисаҳои таълими миёна*

*Нашри якум*

**Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон**
**ба нашр тавсия кардааст**

**Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон**
**Тошканд – 2017**

УЎК 821.222.8(075)
КБК 83.3(0)я721
С 38

**Муҳаррири масъул**:

***Ҷумъақул Ҳамроев*** *– доктори илмҳои филология, профессор*

**Тақриздиҳандагон:**

***Рамазон Абдуллоев*** *– номзади илмҳои филология, дотсенти ДДТ;*
***Таваккал Чориев*** *– номзади илмҳои филология, дотсенти ДДБ;*
***Сироҷиддин Хўҷақулов*** *– номзади илмҳои филология, дотсенти ДДС;*
***Дилшода Ҳазратқулова*** *– номзади илмҳои филология, дотсенти ДДС;*
***Садриддин Набиев*** *– омўзгори мактаби рақами 9 ноҳияи Бўкаи вилояти Тошканд.*

**Аломати шартӣ:**

**Савол ва супоришҳо**

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст**

ISBN 978-9943-05-989-4

**© С. Саъдиев ва диг., 2017**
**© ХЭТН ба номи Чўлпон, 2017**

## МУҚАДДИМА

## НАҚШИ АДАБИЁТ ДАР ТАШАККУЛИ МАЪНАВИЯТ

Адабиёт неруи созандае мебошад, ки барои пешрафти ҳаёти маънавии ҷомеа, дарки худшиносии одамон, такомули донишу биниши онҳо имконият фароҳам меорад. Инсонро ба зиндагӣ дилгарм намуда, барояш роҳи дурусти ҳаётро нишон додан, ба саволҳои дили ӯ ҷавоб гуфтан, изтиробу ташвишро аз андешаи одамон дур кардан муҳимтарин вазифаи адабиёт ба шумор меояд. Бар ин бино адабиёти бадеӣ дар зиндагии рӯзмарраи мо чун обу ҳаво зарур аст. Азбаски ҳаёти муқаррарӣ дар асари бадеӣ ба воситаи образҳо тасвир гардида, ба як санъати зебоиву нафосат табдил ёфта, боиси таваҷҷӯҳи дигарон мешавад, адабиётро ба сифати оинаи рӯзгори мардум истифода бурдан мумкин аст. Дар он ҳама бурду бохти ҷомеа бо хурдтарин ҷузъиёташ мавриди тасвиру таҳлил қарор мегирад. Яъне, паҳлуҳои мусбиву манфии зиндагӣ дар он инъикос меёбад ва сабабгори пайравӣ ба ҷиҳатҳои матлуб ва худдорӣ аз паҳлуҳои манфӣ мегардад.

Адабиёт бо одамон ҳамнафас ва бо замон ҳамқадам бояд бошад. Танҳо дар ин ҳолат метавонад, ки ҷомеаро аз коҳишҳои маънавӣ раҳоӣ бахшида, ба пешрафтҳои ҳаёти воқеӣ мусоидат намояд. Хоҳ бо асарҳои насрӣ бошад, хоҳ бо асарҳои назмӣ, ҳадаф як чиз аст: тарбия кардани инсони комил. Ана ҳамин масъулияти бузург ба дӯши адабиёт гузошта шудааст, бинобар ин, шоирону адибон барои офаридани асарҳои бузурге, ки ҳаёти воқеии одаму оламро инъикос намуда, барои ривоҷи тафаккури аъзои ҷомеа саҳми назаррас мегузорад, камари ҳиммат мебанданд. Беҳуда нест, ки адибро муҳандиси рӯҳии инсон меноманд. Ӯ вазифадор аст, ки паҳлуҳои ибратбахши ҳаёти ҷомеаро, ки аз

нигоҳи дигарон дур мондааст, мавриди тасвир қарор диҳад ва тарафҳои камбудии зиндагиро ба воситаи образҳои мушаххас нишон диҳад, то ислоҳ гардад.

Адабиёт маҳсули донишу таҷрибаи инсон аст. Он фаннест, ки сол ба солу аср то аср мукаммалу муфассал шуда меояд. Аз ин рӯ, дар он таҷрибаи ғании одамони давру асрҳои гуногун инъикос гардидааст, ки ба шакли қиссаву афсона, устураву миф, ҳикояву ривоят аз насл ба насле интиқол меёбад. Дар вақте ки асбоби навиштаҷот мисли коғазу қалам муҳайё набуд, одамон маҳсули тафаккури худро даҳон ба даҳон ҳифз карда меомаданд ва имрӯз садҳо ҳазор қиссаву ривоят дар даст дорем, ки асрҳои тӯлониро сипарӣ карда дастраси мо шудаанд. Ин бузургиву неруи адабиёти бадеиро нишон медиҳад, ки бо вуҷуди бисёр воқеаҳои гӯшношуниди таърихӣ, дар синаи мардум ҳифз гардида, аз замоне ба замони дигар рафта мерасад.

Адабиёт бо олами ботинии инсон сарукор дорад, аз ин рӯ, адабиёти ҳар миллате дараҷаи рушди тафаккури ҳамон миллатро нишон медиҳад. Халқи мо аз қадим адабиёти ғаниву пурмазмун дошт ва то имрӯз онро ҳифзу такмил карда меояд. Адабиёти тоҷик яке аз қисматҳои пурбори адабиёти ҷаҳон ба шумор меояд, ки ҳам дар аҳди қадим, ҳам дар асрҳои миёна, ҳам дар замони имрӯз осори арзишманди адабиву бадеӣ дошта ва дорад. Бо чунин адабиёти пуриқтидор фақат ифтихор кардан кифоя нест, балки онро амиқ омӯхта, дар зиндагии рӯзмарра таҷрибаҳои ниёгони худро дар амал татбиқ кардан лозим аст. Ҳар қадар, ки адабиёти ниёгони худро мукаммал омӯзед, ҳамон андоза аз қудрати тафаккур ва тахайюли онҳо воқиф мегардед, ин бошад, бароиояндаи дурахшони халқи мо аз ҳар ҷиҳат аҳамияти калон дорад.

Боиси хурсандист, ки дар кишвари мо – Ўзбекистони соҳибистиқлол бо ташаббуси Президентамон Шавкат Мирзиёев ба рушду такмили адабиёту фарҳанг, зинда кардани номи аҷдоди бузургамон, омӯзиши осори онҳо эътибори ҷудогона дода мешавад, ба ин хотир, донишомӯзи азиз, ба Шумо дар фатҳи қуллаҳои адабиёт барору кушоиш мехоҳем. Умед аст, китоби дарсии мазкур қалби Шуморо аз осори пурғановати адабиёт саршор менамояд.

# АДАБИЁТИ ДИДАКТИКӢ

## МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ АДАБИЁТИ ДИДАКТИКӢ

Яке аз паҳлуҳои асосии адабиёт ин осори дидактикӣ ба шумор меравад. Модом ки адабиёт аз калимаи «адаб» гирифта шуда, тарбияи хислатҳои ҳамидаро тарғиб мекунад, пас бо камоли итминон метавон гуфт, ки асарҳои дидактикӣ асосан, аз тарғибу ташвиқи ахлоқу фазилатҳои неки инсонӣ иборатанд. Ба вуҷуд омадани адабиёти ахлоқӣ на танҳо ба ташаккули тамаддуни миллӣ мусоидат намуд, балки барои тарбияи инсони комил нақши аввалиндараҷа доштани адабиётро дар амал собит кард.

Адабиёти ахлоқӣ қисмати асосии адабиёти мардуми Шарқ, махсусан, адабиёти халқҳои Осиёи Марказиро ташкил мекунад, ки ҳадафи асосии он дар асрҳои миёна тарбия кардани инсони баркамол буд. Ба воситаи адабиёт насли наврасро тарбия намуда, барои дар оянда ба ҷомеа сидқидилона хизмат кардани онҳо дар сиришташон эҳсоси ватандӯстӣ, инсонпарварӣ бедор карда мешуд.

Тарғиби хислатҳои ҳамида, шинохтани ҳадди хеш, риоя ба меъёрҳои ахлоқии ҷомеа, пешгирии хурофот ва таассуб асосҳои адабиёти ахлоқиро ташкил мекунанд.

Адабиёти панду ахлоқӣ асосан, ду давраи калонро дар бар мегирад: адабиёти ахлоқии пеш аз ислом, адабиёти ахлоқии баъди ислом. Маводҳои адабиёти ин ду давра сарчашма ва манбаъҳои асосии худро доранд, ки бо таъсири дин, мазҳаб, арзишҳову анъанаҳои милливу умумбашарӣ арзи вуҷуд кардаанд. Ба қисмати адабиёти ахлоқии пеш аз ислом бахшҳои таълимии «Авасто», андарзҳо мисли «Андарзномаи Зардушт», «Андарзномаи Озарбади Меҳроспандон», «Андарзномаи Анӯшервон», «Пандномаи Бузургмеҳр», манзумаи «Дарахти асурик» ва ғайра шомиланд. Қисмати адабиёти дидактикии хаттии баъди исломӣ аз осори панду

ахлоқии Одамушшуаро Рӯдакӣ оғоз мешавад. Дар адабиёти классикии тоҷик ин ҷараёни адабӣ хеле пеш рафта, вобаста ба ин мавзӯъ ҳам ба таври омехта бо мавзӯъҳои дигар, ҳам дар шакли алоҳида асарҳои қиматбаҳо офарида шудаанд.

Аз Рӯдакӣ сар карда то Лоиқ дар адабиёти форсии тоҷикӣ шоире нест, ки дар бобати ахлоқ чизе нагуфта бошад, аммо ба сифати шоҳкорҳои адабиёти ахлоқӣ «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ, «Қобуснома»-и Кайковус, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифиро номбар кардан мумкин аст, ки махсус ба тарғибу ташвиқи ахлоқи ҳамида нигаронида шудаанд.

Меъёрҳои ахлоқ дар байни мардуми Шарқ, махсусан, халқи кишвари мо риоя гардида, дар ҳар як асари таълимӣ тарбияи солим дар ҷойи аввал гузошта мешавад. Чунонки Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд:

Адаб сармояи нодону доност,
Хуш он, к-ӯ аз адаб худро биёрост.
Надорам он мусулмонзодаро дӯст,
Ки дар дониш фузуду аз адаб кост.

Дар дубайтии мазкур низ дониши беадаб танқид карда мешавад, ҳар кас, ки дониш дорад, бояд ба қоидаҳои одобу ахлоқ низ риоя кунад. Яъне таълиму тарбия аз ҳамдигар ҷудо нест.

Адабиёти дидактикӣ ягона воситаест, ки насли наврасро аз ҳар гуна тундравӣ, аз ҳар гуна «маданияти оммавӣ» муҳофизат мекунад. Як шахси аз тарбия бебаҳра ба бисёр касон таъсири манфӣ мерасонад. Барои ахлоқан вайроншавии садҳо наврасону ҷавонон замина мегузорад.

Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ бар ҳама офоқ зад.

Барои аз ҳар гуна таҳдидҳои бегона ҳимоя кардани ҷомеа бо адабиёт – чунин як силоҳи пурқувват – мубориза бур-

дан ҷиҳатҳои матлуб дар пай хоҳад дошт. Тарзи зисту зиндагонии нобиғагони гузаштаи фарҳангро омӯхтан, тарғиб кардан низ худ як мактаби ахлоқу одоб аст.

Тағйироту дигаргуниҳои босуръати замон тақозо мекунад, ки холигиҳои маънавӣ пур карда шавад, то ки насли ҷавон ба ҳар гуна ақидаи маънавиятситез нагаравад. Холигиҳои маънавиро фақат ба воситаи маънавияти воло, яъне, мероси маънавии миллии гузаштагони худ метавон рафъ намуд, чунки аз осори онҳо на танҳо донишу ҷаҳонбинии чуқур гирифтан мумкин аст, балки тарбияи саҳеҳ ва одоби муносибат ва муоширати бо атрофиёнро аз худ намудан низ имконпазир мегардад.

Моҳияти адаб нигоҳ доштани ҳадду андоза дар корҳо мебошад. Яъне, ҳар як чиз ба мизони инсонӣ баркашида шуда, пас бояд мавриди истифода қарор гирад.

Таҳлили мавзӯъҳои одобу ахлоқ дар адабиёти мумтоз асосан, бо ду роҳ сурат гирифтаанд: якум, дар шакли яклухт, ки тамоми асар ба масъалаи одобу ахлоқ бахшида шудааст, дуюм, ба таври интихобӣ дар дохили асарҳои таълимӣ мавзӯъҳои ахлоқӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Лирикаи ахлоқии намояндагони адабиёти миллӣ аз муҳимтарин сарчашмаҳои тарбияи солим ба шумор меояд. Зеро дар ин гуна асарҳо мағзи сухани муаллиф дар сурати байту қитъа ва дигар порчаҳои шеърӣ ифода меёбад. Адабиёти ахлоқӣ дар ҳама давру замон тариву тозагияшро аз даст намедиҳад, вобаста ба шароити иҷтимоии ҳар як қишри ҷомеа обуранги нав мегирад. Омили аслияш ин ки бо тарбияи хулқу атвор, дилу рӯҳи инсон сарукор дорад. Ба ин хотир, адабиётро барҳақ, фанни инсоншиносӣ гуфтан мумкин аст. Материали асосӣ дар он рафтору гуфтор ва кирдору пиндори инсон аст. Моҳияти калимаи адабиёт дар адабиёти ахлоқӣ инъикос шудааст ва, бидуни шубҳа, ҳеҷ соҳае дар зиндагӣ мисли адабиёт хислатҳо, одатҳо ва рӯҳияи инсонро аз озмоиш намегузаронад.

Дар адабиёти ахлоқӣ мавзӯъҳое мисли дӯстӣ, ростгӯӣ, раҳмдилӣ, сабру таҳаммул, одоби салом, одоби роҳравӣ, одоби таомхӯрӣ, хушмуомилагӣ, покдоманӣ, шукргузорӣ зиёд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Маса-

лан, мавзӯи ростӣ ва ростгӯӣ хеле бисёр тарғиб шудааст. Аз ҷумла, Лоиқ мегӯяд:

Модарам мегуфт доим вақти хоб,
Хоб кун албатта, бо паҳлуи рост.
Он ҳама коре, ки ният мекунӣ,
Сар бикун бо қувваи бозуи рост...

Аз ин нуктаҳо чунин бармеояд, ки инсон на танҳо ҳангоми фаъолияти рӯзона, балки вақти хоб низ бояд ба ҷониби рост хоб кунад. То ки дар хоб низ ба ростӣ одат намояд.

Дар ҷомеа яке аз иллатҳое, ки ба обрӯйи инсон зиён меорад, дурӯғгӯӣ аст. Баръакси он ростгӯӣ боиси салоҳи корҳову наҷоти одамон мегардад. Чунончи ривоят мекунанд: Ҳаҷҷоҷи золим ҷамъеро сиёсат мекард. Чун навбат ба яке аз эшон расид, гуфт: «Эй амир, маро макуш, ки бар ту ҳаққе собит кардаам». Гуфт: «Туро бар ман чӣ ҳақ аст?» Гуфт: «Фалон душмани ту туро ғайбат мекард ва ба нисбати ту суханони фаҳш мегуфт. Ман ӯро манъ кардам ва аз дашноми ту боздоштам». Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Бар ин маънӣ гувоҳе дорӣ?» Гуфт: «Дорам ва ба асири дигаре ишорат кард, ки ӯ дар он маҷмӯъ буд». Он кас гуфт: «Оре, рост мегӯяд ва шунидам, ки ӯ он касро аз осеби ғайбати ту манъ мекард». Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Ту чаро ба ӯ мушорикат накардӣ[1] ва мувофиқат нанамудӣ дар манъи душман?» Гуфт: «Ман туро душман медоштам. Бар ман лозим набуд, ки тарафи туро риоят кардаме». Ҳаҷҷоҷ фармуд, то ҳардуро озод карданд. Якеро бо сабаби ҳаққи вай, якеро ба ҷиҳати сидқи вай ва ин масал дар миёни мардум пайдо шуд: «Агар дурӯғ касеро мераҳонад, рост раҳонандатар аст».

Дар шароити имрӯза таҳти шиори зерин масоили таълиму тарбияро ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ менамояд, ки аз ҳар ҷиҳат инъикосгари дархостҳои маънавии мардуми мост:

Адаб тоҷест аз нури Илоҳӣ,
Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.

Адабиёти ахлоқӣ дар роҳи ба мутолиа фаро хондани ҷавонон, ба риояи меъёрҳои ахлоқи шарқона азм карда-

[1] *Мушорикат накардан* – шарик нашудан.

ни онҳо судманд буда, барои дар ниҳоди насли наврас тарбия кардани хислатҳое мисли олиҳимматӣ, ғуруру ҷавонмардӣ ва ҷасуриву чолокӣ имконияти беш фароҳам меорад.

Адабиёти ахлоқӣ дар ҳамаи жанрҳои бадеӣ ифода гардидааст, аммо дар қолаби маснавӣ, ки ба шоир барои гуфтани фикрҳои панду ахлоқӣ имкони бештар медиҳад, зиёдтар вомехӯрад. Он дар қолаби зарбулмасал, ривоят, ҳикоят, бештар ба назар мерасад, зеро ки ба воситаи як зарбулмасал чанд паҳлуи масъалаи ахлоқиро кушода додан мумкин аст. Дуюм, дар асоси ҳикоят ва ривоятҳо ба масъалаҳои муҳими ахлоқӣ равшанӣ андохта мешавад. Дар адабиётшиносии имрӯза тарбияи инсон яке аз ҷузъҳои адабиёти бадеӣ ба шумор меояд. Дар маҷмӯъ тарбияи олами ботиниву маънавии инсонро дар бар мегирад. Адабиёти ахлоқии мардуми мо аз «Авасто» сарчашма мегирад, зеро дар он «Гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек» зербинои асосии ин китоби арзишмандро ифода мекунад, ки агар амиқ таҳлил карда шавад, тамоми комёбиҳои маънавиву ботинии инсон ба ин се унсур вобастагии қавӣ дорад. Яъне, инсон агар дар гуфтораш ҳадди эътидолро нигоҳ дорад, ҳеч гоҳ пеши касе сархам нахоҳад шуд, дуюм, характери инсон дар тамоми муносибату муомила аҳамияти аввалиндараҷа дорад, сеюм, пиндори нек, яъне ҳар касе, ки чизе андеша мекунад ва чӣ ақидае дорад, ба он ноил мегардад, ба ин хотир, агар пиндори кас нек бошад, рӯзгори ӯ ба ҳамон пиндораш мувофиқ хоҳад шуд.

Дар асрҳои миёна барои тарбияи саҳеҳ бештар аз усули ҳикоягӯӣ истифода мебурданд, зеро нисбат ба даҳҳо бурҳону далел мазмуни як ҳикоят бештар таъсир мегузошт. Беҳуда нест, ки адибон ба ҷамъоварии зиндагиномаи паёмбарону валиён ва шахсони маъруфу забардасти рӯзгор машғул гардидаанд. Зиндагиномаи онҳо барои наврасон чун намунаи ибрат гардида, онҳоро ба ёфтани роҳи дуруст ва анҷом додани корҳои неку шоиста ҳидоят мекунад. Дарвоқеъ, панду насиҳати бамаврид беҳтарин воситаи ба зиндагии ростин қадам ниҳодани ҷавонон мегардад. Чунонки дар байти зерин инъикос гардидааст:

В-аз насиҳат тоза гардад ҳар диле
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле.

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Дар бораи хусусиятҳои адабиёти дидактикӣ маълумот диҳед.*
*2. Кадом асарҳо маҳз ба мавзӯи панду ахлоқ бахшида шудаанд?*
*3. Чаро масъалаи тарбия аз таълим муҳим шуморида мешавад?*
*4. Ҳаҷҷоҷи золим ба ивази чӣ асиронро озод кард?*
*5. Байти «Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ, бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ»-ро шарҳ диҳед.*
*6. Дар адабиёти дидактикӣ кадом мавзӯъҳо таҳлил гардидаанд?*
*7. Сухани «Рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек»-ро шарҳ диҳед.*



## АБЎШАКУРИ БАЛХӢ
## (915 – ваф. номаълум)

Абўшакури Балхӣ аз ҳамасрони устод Рўдакӣ мебошад, ки соли 915 таваллуд шудааст. Оиди зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии ў маълумоти муфассал дар даст нест. Ҳамин қадар маълум аст, ки дар дарбори Нўҳ ибни Аҳмади Сомонӣ фаъолият доштааст ва бинобар лаёқати бузурги шоирӣ ўро дар қатори Рўдакиву Шаҳиди Балхӣ мегузоранд. Нахустин асаре, ки дар он дар бораи Абўшакур маълумот оварда шудааст, «Лубоб-ул-албоб» аст. Байтҳои боқимондаи ў дар ҳудуди беш аз 400 байт буда, аз баъзе байтҳояш чунин тахмин мегардад, ки маснавиҳои дигаре ҳам доштааст. Дар адабиёти тоҷик ба сифати яке аз маснависароёни нахустин эътироф гардидааст. Соли вафоти Абўшакури Балхӣ маълум нест.

## МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ «ОФАРИННОМА»

Асари «Офаринном»-и Абўшакури Балхӣ, ки ба ишораи Муҳаммад Авфӣ соли 947 таълиф шудааст, аз аввалин маснавиҳои панду ахлоқие мебошад, ки дар он сужети ягона дида намешавад. Аз он ҳамагӣ 300 байти пароканда то ба мо омада расидаасту халос. Ба гуфтаи Холиқ Мирзозода: «Байтҳои боқимондаи «Офаринном» аз ҷиҳати пайдарпайии фикр мураккаб нестанд, маълум мешавад, ки ба тариқи интихоб мондааст. Аз ин асар гоҳ тасвири эпикии шахсу ҳаёт ба назар меояд, гоҳ панд ва гоҳ муҳокимаи ҳакимонаи ҳаёт ва бештари онро панду ахлоқ ташкил медиҳад».

«Офаринном» дар вазни мутақориби мусаммани мақсур эҷод гардида, бо байти зерин шурўъ мешавад:

Буто, рӯзгоре барояд бар ин,
Кунам пеши ҳар кас туро офарин.

Гумон меравад, ки номи асар ҳам аз байти мазкур гирифта шудааст. Абӯшакури Балхӣ дар ин асари пурарзиши худ, ки зиёда аз ҳазор сол боз байтҳои баландмазмуни он рӯзгори ҳикматомези мардуми моро тафсир мекунад, бештар масъалаҳои хирад, маърифат, некиву бадӣ, сухандонӣ, дӯстӣ, фарзанд ва ахлоқи ҳамидаи инсониро ҳаллу фасл менамояд. Афсӯс, ки асар дар шакли яклухт то замони мо омада нарасидааст, ба ҳамин боис оиди мазмун ва мундариҷаи он мулоҳизаҳои мустақил пешниҳод намудан аз имкон берун аст.

Абӯшакур баъди устод Рӯдакӣ бо эҷоди «Офариннома» ба мактаби маснависароии адабиёти классикии форс-тоҷик асос гузошт. Тарҷумаи «Офариннома» аз ҷониби шоири маъруфи аввали асри XI Абулфатҳи Бустӣ ба забони арабӣ низ сурат гирифтааст. Ба забони арабӣ тарҷума шудани асар далолат бар он мекунад, ки дар асрҳои X–XI «Офариннома» миёни аҳли адаб қимати баланди адабиву бадеӣ доштааст. Зеро дар он давра ҳар гуна асарро ба дигар забон тарҷума намекарданд.

«Офариннома» ба рушду такомули ашъори дидактикии шоирони адабиёти классикии тоҷик низ таъсири амиқ расонида, боиси ба вуҷуд омадани як силсила асарҳои нодири панду ахлоқӣ гардид, ки дар адабиёти классикӣ мақоми воло доранд. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Офариннома» дар як вазн эҷод шудаанд. Аммо яке достони размиву қаҳрамонӣ буда, дигаре маснавии панду ахлоқӣ аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки якранг будани вазнҳо наметавонад, ки таркибу муҳтавои онҳоро ҳам умумият бахшад.

«Офариннома» маҷмӯи масъалаҳои панду ахлоқие мебошад, ки шоир дар меҳвари хирад, дониш фикру мулоҳизаҳояшро баён намуда, бартарияти ахлоқи одамиро ба воситаи далелу қиёсҳо аз зиндагии воқеӣ нишон медиҳад.

Муаллиф дар мавриди кай навишта шудани асар таъкид мекунад:

Бар ин достон, к-аш бигуфт аз фаёл[1],
Абар сесаду сию шаш буд сол.

Ё ҷойи дигар аз рӯйи байтҳои муаллиф маълум мешавад, ки айёми навиштани «Офариннома» сию сесола будааст:

Саранҷом оғози ин нома кард,
Ҷавон буд чун сию сесола мард.

Дар асари мазкур чун маснавиҳои дигар сужети яклухт вуҷуд надорад, дар ҳар як қисмати он як масъалаи муҳимми ахлоқӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст, муаллиф гоҳ-гоҳ барои тасдиқи гуфтаҳои худ тамсил меорад. Дар «Офариннома» якчанд сужет дида мешавад, аммо нотамом ва пароканда аст, ки мазмуни онро намефаҳмед. Мисолан меоварад:

Ту аз ман кунун достоне шунав,
Бад-ин достон пештар з-ин манав[2].

Мазмуни баъзе аз байтҳои он дар осори пасомадагон эҳсос мешавад. Дар дохили байтҳои ахлоқӣ байтҳои муноҷот ва дорои мазмуни фалсафӣ низ дида мешаванд. То ба имрӯз ба шиор табдил ёфтани порчаҳои «Офариннома» нишон медиҳад, ки муаллиф дар сурудани мавзӯи панду ахлоқ ҳунарнамоӣ кардааст. Аз «Офариннома» наметавон ягон байтро ихтисор кард, ё маънояш сатҳӣ донист, зеро қариб ҳамаи абёти он қимати шоҳбайтро доранд, ки мардум метавонад дар лаҳзаҳои зарууртарини ҳаёти худ ба истифода гирад. Бинобар маълумотҳо ҳикояти «Ҳотами Той ва ҳезумкаш» аввалин маротиба дар «Офариннома» оварда шудааст, ки минбаъд дар осори дигар шоирон ҷой гирифт.

Дар адабиёти асри X ашъори Абӯшакури Балхӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Ба ҷуз «Офариннома» шеърҳои лирикиаш низ намоёнгари истеъдоди шоирии ӯ мебошанд. То ҳол ашъори Абӯшакури Балхӣ боиси тадқиқоти ҷиддӣ қарор нагирифтааст ва аз ин лиҳоз ҳамаи осори адабияш ҳам дастрас нест. Бо назардошти он ки давраи Сомониён айёми эҳёи тамаддуни мардуми Шарқ буд, чун Рӯдакӣ Абӯ-

[1] *Фаёл* – яъне, оғоз, шурӯъ, аввал.
[2] *Манав* – яъне, маҷунб, ҳаракат макун.

шакури Балхӣ низ ба дарбори Нӯҳи Сомонӣ дар хизмат будааст. Ин фикрро аз байти мазкур низ фаҳмидан мумкин аст:

Худованди мо Нӯҳи фаррухнажод,
Ки бар шаҳри Эрон бигустард дод.

Муаллиф дар масъалаи дониш, хирад, ҳунар ба таври муфассал фикррони мекунад. Ҳатто бо овардани гуфтаҳо аз ниёгон фикрашро тақвият медиҳад:

Чунин хондам аз дафтари Зардуҳишт,
Ки доно бувад бегумон дар биҳишт.

Чунонки зикр гардид, аз баъзе байтҳои асар маълум мегардад, ки он ба сурудани «Шоҳнома» низ илҳом бахшидааст. Дар «Офариннома» мехонем:

Ба нашкарда буррид занро гулӯ,
Туфу бар чунин ношикебо, туфу!

Фирдавсӣ мегӯяд:

Ки мулки Каёнро кунӣ орзу,
Туфу бар ту, эй гурги малъун, туфу!

Дар ҷое дигар Абӯшакур мегӯяд:

Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талхат орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид.

Аз «Шоҳнома» мехонем:

Дарахте, ки талх аст ӯро сиришт,
Гараш дарнишонӣ ба боғи биҳишт.
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки мазмуни байтҳои болоро Фирдавсӣ ба тариқи ҷавобия навиштааст ва касони дигар низ онро истиқбол кардаанд.

Абӯшакури Балхӣ таъкид мекунад, ки маишати рӯзгорро ба воситаи қалами худ ҳосил мекардааст:

Чу динор бояд маро ё дирам,
Фароз оварам ман ба нӯки қалам.

Шоир фикрҳои фалсафияшро ҳам бо устокорӣ дар ин маснавӣ ҷойгир ифода менамояд. Аз ҷумла, дар мавриди ҷаҳонро аз чор унсур офаридани Худованд ишора кардааст:

Худованди мо, к-ин ҷаҳон офарид,
Баланд осмон аз бараш баркашид.
Фароз оварид охшиҷ[1] ин чаҳор
Гуҳар, к-андар ӯяст чандин нигор.
Барин оташ асту фурудин-ш хок,
Миён бод дорад або[2] оби пок.

Мақсад аз овардани байтҳои болоӣ дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва маҳорати шоирро дар маснависароӣ нишон додан аст. Маълум мегардад, ки қолаби маснавӣ аз аввалин давраҳои пайдоиши худ барои баён кардани афкори ахлоқӣ-таълимӣ ва фалсафӣ нуфуз ва мавқеи босазо доштааст.

Ба ҷуз ин маснавӣ боз чор достони дигар ба Абӯшакур нисбат дода мешавад, ки дар баҳрҳои хафиф, ҳазаҷи мусаддас, рамал ва сареъ навишта шудаанд. Абёти парокандаи мансуб ба шоир гувоҳи ин даъвост, аз ҷумла дар баҳри рамал:

Чу ниёзояд, сазовор аст дод,
Ҷони ман гирёни ин солор бод!

Дар мавриди маҳорати эҷодии Абӯшакур Дақиқии шоир дар қатори дигар шоирон дар шеъре ишора менамояд, инчунин, дар «Роҳат-ул-инсон» Балхӣ чун «сарояндаи покдин» тавсиф шудааст, аз ин маълум мегардад, ки дар асрҳои пешин «Офариннома» бо мазмуни ахлоқӣ-таълимии худ эътибори баландро молик будааст:

Нигаҳ кун, ки дар номаи офарин
Чӣ гӯяд сарояндаи покдин.

Аз рӯйи маълумоти манбаъҳо «Офариннома» ду сулси (сулс-аз се як ҳисса) «Шоҳнома» будааст, ки ин ба 40000

[1] *Охшиҷ* – зид, мухолиф; унсур.
[2] *Або* – шакли қадимии пешванди бо.

байт баробар аст. Аммо афсӯс, ки ашъори Абӯшакур низ мисли осори Одамушшуаро Рӯдакӣ ба миқдори ночизе то ба замони мо омада расидааст ва, аз ин рӯ, аз ин шоҳасари ахлоқӣ ба таври дилхоҳ истифода кардан аз имкон берун аст.

Бо вуҷуди ин, мо наметавонем, ин маснавии пурҳикматро, ки дар он забон, ифода ва тарзи тасвири шоир ҳунармандона менамояд, нодида гирем. Аз ин рӯ, месазад, ки Абӯшакури Балхиро ба сифати яке аз пешқадамони мактаби маснависароӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ донем.

## ПОРЧАҲО АЗ «ОФАРИННОМА»

Хирадманд донад, ки покию шарм
Дурустию родию[1] гуфтори нарм
Бувад хӯйи покону хӯйи малак
Чи андар замину чи андар фалак.
Хирадманд гӯяд, хирад подшост,
Ки бар хосу бар ом фармонравост.

Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,
Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.
На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар он кас, ки донотар аст.
Набинӣ зи шоҳон абар[2] тахту гоҳ
Зи донандагон боз ҷӯянд роҳ.
Агарчи бимонанд деру дароз,
Ба доно бувадшон ҳамеша ниёз.
Касе, к-ӯ ба некӯсухан шод нест,
Бар ӯ неку бад ҳар чӣ бошад, якест.
Сухан, к-аз даҳони бузургон равад,
Чу некӯ бувад, достоне шавад.
Шунидам, ки бошад забони сухан
Чу алмоси буррону теғи куҳан.
Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.

---

[1] *Родӣ* – олиҳимматӣ, олиҷаноб, сахӣ.
[2] *Абар* – шакли қадимии пешванди бар.

Шавад дӯст аз дӯст ороста,
Чу бо эманӣ мардум аз хоста.
Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон.
Ду чиз андуҳ аз дил ба берун барад:
Рухи дӯст, овози марди хирад.
Бувад дӯст мар дӯстро чун сипар,
Беҳ аз дӯст мардум кӣ бошад дигар?
Ки мар дӯстро ҷовидон панди дӯст
Беҳ аз гавҳар, арчанд гавҳар накӯст.
Ҳар он дӯст, к-аз баҳри суду зиён
Бувад дӯст, душман шавад бегумон.
Киро озмудишу ёри ту гашт,
Манол аз гуноҳе, ки бар вай гузашт.

Кунад душман оҳуи[1] кӯчак бузург,
Ба харгӯши ту барниҳад номи гург.
Чу душман ба гуфтан тавонад ҳаме,
Дурӯғе, ки бо рост монад ҳаме.
Чӣ чора-ст бо ӯ ба ҷуз хомушӣ,
Ситеҳандагӣ[2] бошад аз беҳушӣ.
Ба нармӣ чу гардан ниҳад рӯзгор,
Дуруштию сахтӣ наёяд ба кор.

Ба номи накӯ гар бимирам, равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.
Чунин гуфт хусрав, ки мардум ба ном
Беҳ аз зинда, душман бад-ӯ шодком.
Чунон кард Яздон тани одамӣ,
Ки бардорад ӯ сахтию хуррамӣ.
Бар он парварад кас, ҳаме парварӣ,
Биёяд ба ҳар роҳ, к-аш[3] оварӣ.
Биёмӯз, то зиндаӣ рӯзу шаб,
Чунин гуфт доно, ки бикшод лаб.

Худованди мо Нӯҳи фаррухнажод,
Ки бар шоҳи Эрон бигустард дод.

---

[1] *Оҳу* – айб.

[2] *Ситеҳидан* – ситезидан.

[3] *К-аш* – ки онро.

Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талхат орад падид.
Аз он чарбу ширин нахоҳӣ мазид.

Ба доной фармой ҳамвора кор,
Чу хоҳӣ, ки корат бувад чун нигор.
Ки доно ба ҳар кор бошад тамом,
Ба доно супорад замона лагом[1].
Чунин хондам аз дафтари Зардуҳишт,
Ки доно бувад бегумон дар биҳишт.

Бародар бародар бувад, дӯст беҳ,
Чу душман бувад, берагу пӯст беҳ.
Касе, к-аз раҳи дӯст рӯ тофта,
Зи пайкори душман дилаш тофта.
Чу хуршед ояд ба бурҷи база,
Ҷаҳонро зи берун намонад маза.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Абӯшакури Балхӣ кадом сол дар куҷо таваллуд шудааст?*
2. *Нахустин бор дар кадом асар оиди Абӯшакур маълумот оварда шудааст?*
3. *«Офариннома» ҳаҷман чӣ қадар будааст ва то замони мо чанд байти он омада расидааст?*
4. *Дар асри XI асари мазкур аз ҷониби кӣ ба забони арабӣ тарҷума шудааст?*
5. *Абӯшакури Балхӣ дар ин асар бештар ба кадом мавзӯъҳо дахолат кардааст?*
6. *Абӯшакури Балхӣ бо ин асари худ дар рушди адабиёти ахлоқӣ чӣ гуна ҳисса гузоштааст?*
7. *Байти «Ба доной фармой ҳамвора кор, чу хоҳӣ, ки корат бувад чун нигор»-ро таҳлил кунед.*
8. *Интихобан чанд байт аз «Офариннома» аз ёд кунед.*
9. *Абӯшакур хирадманд гуфта чӣ гуна инсонро дар назар дорад?*

---

[1] *Лагом* – лаҷом.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ
## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МАСНАВӢ

Маънии луғавии калимаи, «маснавӣ» ду-ду, ҷуфт мебошад. Дар истилоҳ ин калима шакли шеъриеро мефаҳмонад, ки ҳар ду мисраи ҳар байти он бо якдигар ҳамқофия мебошанд.

Бинобар ин истилоҳи маснавӣ шакли шеъриро мефаҳмонад, на жанрро. Дар адабиёти мумтози тоҷик ҳар асари манзумеро, ки мисраъҳои ҳар байти он ҷуфт-ҷуфт ҳамқофия шуда омадаанд (аа – бб – вв – гг ва ғайра), хоҳ он ҳаҷман калон бошад, хоҳ хурд, маснавӣ номидаанд. Аз рӯйи шакли қофиябандӣ шеъре ҳам, ки фақат аз ду байт иборат аст, мисли ин ду байти машҳур аз «Гулистон»-и Саъдӣ:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Достонҳои калоне ҳам монанди «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хусрав ва Ширин», «Юсуф ва Зулайхо» ва ғайра маснавӣ номида шудаанд. Ҳол он ки аз назари жанр шеърҳои хурде аз қабили ду байти зикршудани Саъдӣ ё калонтар аз он ба назми лирикӣ мансубанду достонҳо ба назми ҳамосӣ (эпикӣ). Достонҳо ба ин маънӣ пурра ба жанри ҳамосӣ мансубанд, ки онҳо ба сужет ва воқеабандӣ асос ёфтаанд. Аммо асарҳои хурду калоне, ки ба шакли қофиябандии ҷуфт–ҷуфти достонҳо навишта шуда бошанд ҳам, дар онҳо сужету воқеабандӣ ва амалиёт дида намешавад, хоҳ ҳаҷман хурд бошанд, хоҳ хеле калон, ба жанри ғиноӣ (лирикӣ) тааллуқ

доранд. Аз ҳамин нуқтаи назар як қатор асарҳои манзуми ахлоқию фалсафие, ки мисли «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Ҳаким Саноӣ, «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ, «Силсилат-уз-заҳаб», «Субҳат-ул-аброр»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, инчунин, «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ, «Матлаъ-ул-анвор»-и Амир Хусрав ва дигар нахустасарҳои таркиби «Хамса»-ҳои шоирони хамсанавис қобили мулоҳиза мебошанд. Чунин асарҳои калонҳаҷм сужети ягона надоранд, дар онҳо қаҳрамонону персонажҳо амал намекунанд. Дар ин асарҳо андешаҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва фалсафию ирфонии шоирон бе гузориши сужет ва амалиёти қаҳрамонҳо инъикос гардидаанд. Чунонки дар маркази шеърҳои лирикии ғазал, рубоӣ ё қитъа андешаҳо ва таассуроту эҳсосоти шоир қарор дорад, дар маркази асарҳои калонҳаҷми мазкур ҳам на гузориши сужет ва амалиёти қаҳрамонҳо, балки фикру андеша ва ҳиссиёти худи муаллифон меистад. Шоирон андешаю мулоҳизаҳои худро доир ба масъалаҳои гуногуни ахлоқию фалсафии мавриди муҳокима аз забони худашон баён кардаанд. Инҳо ҳама нишона ва далелҳои ба жанри лирикӣ мансуб будани асарҳои номбурда мебошанд.

Ҳикояту тамсилҳои сужетдоре, ки дар ин асарҳо оварда шудаанд, ба андешаҳои муаллифон тобеъ буда, барои аёният ва тасдиқу таъкиди онҳо хидмат мекунанд. Онҳо воқеабандии асарҳоро ифода намекунанд. Бинобар ин, аз рӯйи сужетҳои хурди ҳикоятҳои ҷудогонаи онҳо асарҳои мазкурро ба жанри ҳамосӣ мансуб донистан мумкин нест.

Пас, асарҳои панҷгонаи «Хамса»-ҳо қофиябандии якхелаи маснавӣ (аа – бб...) дошта бошанд ҳам, аммо асарҳои нахустини онҳо бинобар ба воқеабандӣ асос наёфтани худ ба ҷинси лирика оид мебошанду боқӣ чор асари онҳо бинобар ба сужет ва воқеабандӣ асос ёфтанашон ба ҷинси эпос (ҳамоса) мансубанд. Ин чор асари «Хамса»-ҳо ба жанри достони ҷинси ҳамоса таалluқ доранд. Дар ин сурат аз асарҳои панҷгонаи «Хамса»-ҳо нахустинашонро маснавӣ ва чори дигарро достон номидан ҷоиз аст. Истилоҳи маснавиро ҳамчун жанри лирикӣ нисбати дигар асарҳои калони ахлоқӣ, аз қабили «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақи-

қа»-и Саноӣ, се асари калони бесужети Ҷомӣ ва монанди инҳо ба кор бурдан мумкин аст. Ин асарҳоро достон гуфтан мумкин нест.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки асарҳои нахустини таркиби «Хамса»-ҳо монанди дигар як қатор асарҳои манзуми ахлоқию фалсафии берун аз «Хамса» ба шакли муҳташами жанри маснавӣ оид мебошанд. Маснавӣ ҳамчун жанри муҳташам ва калонҳаҷми лирика дар адабиёти мумтози мо мавқеъ ва эътибори зиёд дорад. Мавзӯи асосии маснавиҳо панду насиҳат ва тарғиби ахлоқи неки инсонӣ мебошад. Маснавиҳо бо ҳамин мавзӯи муҳимми ҳаётии худ дар таърихи адабиёти мумтози форс-тоҷик шуҳрату эътибори баланд пайдо кардаанд. Маснавӣ дар шакли муҳташами худ барои ҳаллу фасли густурда ва васеи масъалаҳои ахлоқӣ имконияти калон медиҳад.

Аммо чунон ки дар боло ишора шуд, маснавӣ дар назми адабиёти классикӣ ба шакли хурди жанрияш низ ба назар мерасад. Масалан, шеъри зерини Носири Хусрав дар ситоиши ақлу хирад ва дониши инсон ба шакли хурди маснавӣ тааллуқ дорад:

Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,
Ки хуррам то дарахти ӯ бароем.
Дигар ҳастанд баргу мо ҳама бар,
Туфайли мо шуданд инҳо саросар.
Шараф дорад дарахт аз мевадорӣ,
Кӣ бошад то надорад ҳеҷ боре?
Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро
Шараф бошад чунон, к-аз аҳл моро.
Наёбад марди ҷоҳил дар ҷаҳон ком,[1]
Надорад бӯю лаззат меваи хом.
Машав чун меваҳои норасида,
Сақат[2] ҳаргиз набошад чун гузида[3].
Сақат бошад дар ин боғ он чӣ хоманд,
Ҳакимон меваҳои хуштаоманд.

---

[1] *Ком* – мурод, орзу.

[2] *Сақат* – вайрон, ноқис, беҳуда.

[3] *Гузида* – интихобшуда.

Туро лаззат зи илм аст, аз амал бӯй,
Камолият зи илми бо амал ҷӯй.
Чу хоҳӣ то ки ёбӣ донишу ҳуш,
Макун панди ҳакимонро фаромӯш.

Маснавӣ бо қофиябандии маъмули худ шакли шеърии хоси форсу тоҷик буда, ба фикри донишмандони соҳа аз адабиёти давраи қадим (паҳлавӣ) ба адабиёти мумтоз омадааст.

Дар шеъри тоҷикии давраи нав низ маснавӣ ба кор бурда мешавад.

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Дар истилоҳ чӣ гуна шакли шеъриро маснавӣ мегӯянд?*

*2. Кадом асари «Хамса»-ҳоро дар адабиёт маснавӣ номидан мумкин аст?*

*3. Жанри маснавӣ барои шоир чӣ имконият медиҳад?*

*4. Хусусиятҳои жанрии маснавиро аз рӯйи ин порча, ки аз як маснавии панду ахлоқии Рашидии Самарқандӣ боқӣ мондааст, нишон диҳед:*

*Ба дониш тавон ёфтан бартарӣ,*
*Ба дониш зи ҳар бартаре бигзарӣ.*
*Суханҷӯй шав, то ба дониш расӣ,*
*Чу бе дониш арчанд пешӣ, пасӣ!*
*Санои ман арчи сазои ту нест,*
*Маро як нафас бе санои ту нест.*
*Нахоҳӣ, ки шарманда бошӣ зи кас,*
*Ба тадбири донанда кун кору бас*
*Хатое, ки доно зи насён кунад,*
*Беҳ аз он савобе, ки нодон кунад.*



# УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС (1020–1099)

Дар ҷамъияти имрӯза ба ҷавонон амиқ омӯхтани асаре мисли «Қобуснома» аз ҳар ҷиҳат зарур аст. Дар он маводи омӯхтанӣ хеле зиёд буда, муҳимтарин меъёрҳои ахлоқӣ ва усулҳои касбу пешаи асри муаллифро дар бар гирифтааст, ки то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

Аз ҷумлаи насри ахлоқии адабиёти классикӣ, ки заминаи хеле қавиву мустаҳкам дорад, асари мазкури подшоҳи сулолаи Зиёриён Унсурулмаолии Кайковус (1020–1099) мебошад, ки муаллиф онро ба писараш Гелоншоҳ бахшидааст. «Қобуснома» солҳои 1082–1083 таълиф шуда, аз 44 боб иборат аст. Номи асар аз номи бобои ӯ Қобус гирифта шудааст, яъне, номаи Қобус. Муаллиф ҳар як фасли китобро ба мавзӯе алоҳида бахшида, чун услуби анъанавии давр масъалаҳои гуногуни ахлоқиву иҷтимоиро таҳлил мекунад ва доир ба мавзӯъҳои дахлдор ояту ҳадис меорад.

Дар асар байтҳо аз Абӯшакури Балхӣ, Асҷадӣ, Қамарии Гургонӣ, Фаррухӣ, ҳамчунин, аз чакидаҳои қалами худи муаллиф оварда шудааст. Ҳикоятҳое, ки барои тасдиқи фикри гӯянда ин ҷо нақл мешаванд, дар худ мазмунҳои ахлоқиро таҷассум кардаанд. Дар миёни андешаҳои ахлоқӣ нақл кардани ҳикояту ривоятҳои нишонрас аз усулҳои асосии осори адабии намояндагони адабиёти классикӣ аст, ки аввал дар наср ба вуҷуд омада, сонитар дар назм ҳам роиҷ гардидааст ва нишондиҳандаи дараҷаи сухандониву васеъгии тафаккури нигорандаи китоб мебошад.

«Қобуснома» то имрӯз ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, арабӣ, тоторӣ, ӯзбекӣ ва ғайра тарҷума гардида, аз серхонандатарин китобҳои ахлоқӣ дар миёни аҳолӣ мебошад. Аксарияти суханҳои он ҳанӯз тариву тозагии худро

нигоҳ доштаанд. Дарвоқеъ, мазмуну мундариҷаи ҳамин гуна асарҳои ахлоқӣ, ки ба тарбияи инсон сарукор дорад, ҳеҷ гоҳ кухна намешаванд, зеро тарбия дар ҳеҷ замоне аҳамияти худро аз даст намедиҳад, донишу хирад, ҳунар силоҳи асосии одамон дар мубориза бо ҷаҳлу нодонӣ ва нотавонӣ буду ҳаст. Асари мазкур мисли «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошта, шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Азбаски панду ахлоқ дар ҳама давру замон таҳкурсии тамаддуни миллатро устувор месозад, ин гуна асарҳо ҳамчунон аз манбаъҳои муҳимми тарбияи авлоди солим боқӣ мемонанд.

Ҳикояҳои ҷолиби он 9 аср боз мавриди мутолиаи мардум аст. Баъзеи онҳоро Саноӣ, Аттор, Низомӣ, Амир Хусрав, Ҷомӣ дар асарҳои худ нақл кардаанд. Аз ин мебарояд, ки «Қобуснома» бо ҳикояҳои таъсирбахшу ҷаззоб ҳамеша дастраси мардум будааст.

Нашрҳои зиёди «Қобуснома» сурат гирифтааст. Донишмандони соҳа дар тасҳеҳи матни он хеле меҳнат кардаанд. Аммо ҳанӯз ҷойҳои тасҳеҳталаб боқӣ мондаанд. Куҳантарин нусхае, ки аз он ёд мекунанд, соли 624 ҳиҷрӣ китобат шудааст. Азбаски ҳар нусхае, ки ба замони таълифи муаллиф наздиктар аст, ҳамон андоза ба асл наздик мебошад, дар тасҳеҳи матни асари мазкур низ ҳамин равиш ба кор гирифта шудааст.

Ризоқулихони Ҳидоят соли 1285 ҳиҷрии қамарӣ «Қобуснома»-ро тасҳеҳ намуда, ба он муқаддимае навишта, бо иловаи асари Амир Темур – «Тузуки Темурӣ» ба нашр расондааст. Дониши мустаҳкам ва ҷаҳонбинии васеи Унсурулмаолӣ дар асар инъикоси худро ёфта, дурандешиву замоншиносӣ аз суханҳояш намоён мебошанд. Муаллиф қобилияти шоирӣ низ доштааст, ки аксари байтҳои асар мансуб ба қалами худи ӯст, ҳатто ба забони табарӣ ҳам шеърҳои сурудаашро меорад. Аз ҷумла, дар шеъре ба ном ва синну соли худ ишора мекунад:

Кайковусе дар кафи пирӣ шуда оҷиз,
Тадбири шудан кун ту, ки шасту се даромад.
Рӯзат ба намози дигар омад ба ҳама ҳол,
Шаб зуд дароянд, ки намози дигар омад.

Аз ин бармеояд, ки дар замони навишта шудани асар муаллифи он 63 сол доштааст. Пас, соли 1020 таваллуд шудани ӯ муайян мегардад.

Забони асари «Қобуснома» хеле равону сода буда, мувофиқи фаҳму салиқаи ҷавонон ва оммаи мардум навишта шудааст. Ба ғайри баъзе калимаҳои душворфаҳм ва ибораҳои арабӣ, ки тарҷумааш низ оварда шудааст, матнро ба осонӣ дарк ва фаҳм кардан мумкин.

«Қобуснома» дастурамалест, ки дар синну соли гуногун – ҳар вақт, ки фурсати мувофиқ даст диҳад, мутолиа кардани он дуруст меояд. Фикрҳои пухтаву дар тарозуи таҷриба баркашидаи муаллиф диққати касро ба худ ҷалб намуда, собит месозанд, ки меҳнати ӯ дар офаридани чунин як асари арзишманди ахлоқӣ зоеъ нарафтааст.

Воқеъгароӣ ва кушодгӯии Кайковус, ки яке аз омилҳои хуби тарбияи солим мебошад, дар асар ба хубӣ эҳсос мешавад. Ӯ баъзан барои ба мақсад расидан, яъне, барои дар зеҳни хонанда ба хубӣ расондани мазмун аз нақли ривоятҳои дурушт низ истифода мебарад.

Кайковус дар ин асари ахлоқияш чун як нафар муаллими ахлоқ ва равоншинос намоён мегардад, ки ҳамаи арзишҳои моддиву маънавиро бо назардошти арзишҳои мардуми Шарқ нигоҳ дошта, ба ояндагон пешкаш месозад. Ӯ дар симои фарзанди хеш ба кулли ҷавонон хитоб карда, ба онҳо сабақи маърифат медиҳад. Дар бобати илм, сухан, ақл, ҳунар фикрҳои ҷолиб дорад, аз ҷумла, ақлро ба навъҳо ҷудо карда мегӯяд: «Бидон, ки ақл ду гуна аст. Яке ақли ғаризист ва дуввум ақли муктасаб (касб кардашуда) аст. Онро, ки ақли ғаризӣ бувад, хирад хонанд ва онро, ки ақли муктасаб аст, дониш хонанд. Аммо ҳар чи муктасаб аст, битавон омӯхтан, валекин ақли ғаризӣ ҳадяи Худо аст...». Ин мазмунро Мавлавӣ чунин ба назм мекашад:

Ақл ду ақл аст: аввал максабӣ[1],
Ки даромӯзӣ чу дар мактаб сабӣ[2]...
Ақли дигар бахшиши Яздон бувад,
Чашмаи он дар миёни ҷон бувад.

---

[1] *Максабӣ* – касбшуда.

[2] *Сабӣ* – кӯдак.

Муаллифи асар омӯхтани илму дониш ва ҳунарро такроран талқин мекунад ва ҳақиқати донишро аз шинохтани куллии ошнову бегона иборат медонад. Ҳамчунин, таъкид менамояд, ки инсон ба илме, ки намедонад, бояд даъво накунад. Фақат аз илме, ки ба он огоҳии комил дорад, чашми умед доштан ба мақсад мувофиқ аст. Дар масъалаҳои тарбияи фарзанд ва ҳаққи падару модар низ мулоҳизаронӣ карда, волидайнро дар таълиму тарбияи фарзанд вазифадор медонад, аммо таҳдиду зарб кардани фарзандро дар ҳолатҳои лозим ба дасти дигаре раво мебинад, то ки дар дили онҳо нисбати волидайн нафрат пайдо нашавад. Нони фарзандро бошад, аз адаб омӯхтан ва фарҳанг донистан иборат медонад.

Кайковус сухан ва сухандониро яке аз афзалиятҳои дигари шахс дар ҷомеа медонад. Дар усули суханронӣ пинҳон будани аксари комёби ҳоро иброз дошта, барои фарқ кардани сухани неку зишт мисолҳо меорад. Ҳамчунин, чаҳор навъи суханро ҷудо мекунад: надонистанӣ ва ногуфтанӣ, ҳам донистанӣ ва ҳам гуфтанӣ, гуфтанӣ ва надонистанӣ, донистанӣ ва ногуфтанӣ. Аз ҳамдигар чӣ гуна фарқ доштани онҳоро гуфта медиҳад. Инсонҳоро ба пирақл, нармсухан будан даъват мекунад, ки боиси комёбиҳо дар зиндагӣ мегардад.

Муаллифи асар ба ҳар як масъалаи ахлоқ воқеъбинона баҳо медиҳад ва риоя ба меъёру замоншиносиро талаб дорад. Масалан, одамоне ҳастанд, ки ба ҳар куҷо, ки бошад, лаб ба танқиду насиҳати дигарон боз мекунанд. Аз ин хотир, дар «Қобуснома» оварда шудааст: «Дар назди мардум шахсеро насиҳат кардан – масхара кардан аст». Ба таъкиди ӯ гӯши насиҳатшунав набошад, панд гуфтан бесамар аст. Ҳамчунин, дар бораи шарму ҳаё фикрҳои хуб оварда, бартариятҳои шармгиниро бармешуморад, вале дар навбати худ огоҳӣ медиҳад, ки шарм ҳам ҷой дорад: «Шарм аз фаҳш ва ноҷавонмардӣ ва ноҳифозӣ ва дурӯғзанӣ дор, аз гуфтор ва кирдори босалоҳ шарм мадор, ки бисёр мардум бувад, ки (бо) шармгинӣ аз ғаразҳои хеш бозмонад, ҳамчунон ки шармгинӣ натиҷаи имон аст, бенавоӣ натиҷаи шармгинӣ аст». Дар мавриди ба халқ хиёнат накардан дар боби 32-юм, ки ба бозаргонӣ ихтисос дода шуда-

аст, таъкид месозад, ки ҳар кӣ ба мардум хиёнат кард, пас огоҳ бошад, ки ба худ хиёнат кардааст. Барои тасдиқи ин гуфта ҳикояти зеринро меоварад: «Чунон ки шунидам, ки марде гӯсфанде рама (рамаи гӯсфанд) дошт фаровон. Вайро шубоне (чӯпоне) буд соин (нигоҳдоранда) ва порсо. Ҳар рӯзе шири гӯсфандон чандон ки будӣ, ҳосил кардӣ ва ба наздики худованди[1] гӯсфанд бурдӣ. Он мард ҳам чандон об бар шир кардӣ ва ба шубон додӣ ва гуфтӣ: Рав бифурӯш. Ва шубон он мардро насиҳат ҳамекард ва панд ҳамедод, ки: чунин макун ва бо мусулмонон хиёнат макун ва раво мадор, ки оқибати мардуми хоин номаҳмуд[2] бувад. Ва он мард сухани шубон нашнавид ва ҳамчунон ҳамекард, то ба иттифоқ[3] шабе ин шубон гӯсфандонро дар рӯдкадае бидошта буд ва худ бар баландӣ рафта ва хуфта ва фасли баҳор буд, магар бар кӯҳ бороне омад азиму селе сахт азим биёмад ва андар ин рӯдхона афтод ва ин гӯсфандонро ҷумла бибурд ва ҳалок кард.

Гуфтӣ он об қатра-қатра ҳама
Ҷамъ шуд ногаҳу бибурд рама.

Рӯзи дигар шубон ба шаҳр омад ва ба хонаи соҳиби гӯсфанд рафт бешир. Мард пурсид, ки: Чун аст, ки шир наёвардӣ? Шубон гуфт: Эй хоҷа, ман туро гуфтам, ки: Об бар шир мазан[4] ва хиёнат макун, фармони ман набурдӣ, акнун он обҳо ҷумла гирд шуд ва бар гӯсфандони ту гумоштанд[5] ва гӯсфандони ту ҷумла бибурд ва ҳалок кард. Он мард пушаймон шуд ва пушаймонӣ суд надошт».

Дар боби 22-юми асар, ки дар бобати амонат нигоҳ доштан сухан меравад, муаллифи асар амонат нигоҳ доштанро коре пурмасъулият медонад ва дар тасдиқи он ҳикояти ҷолибе меорад: «Чунон ки шунавидам, ки марде ба саҳаргоҳ аз хона берун рафт, то ба гармоба равад, ба роҳ андар дӯсте аз они хешро дид. Гуфт: Мувофиқат кунӣ, то ба гармоба шавем? Гуфт: То дари гармоба бо ту ҳамроҳӣ кунам, лекин

---

[1] *Худованд* – соҳиб.

[2] *Номаҳмуд* – зишт, нохуб.

[3] *Иттифоқ* – тасодуфан, ногоҳ.

[4] *Об бар шир задан* – обро бо шир омехта кардан.

[5] *Гумоштан* – равона кардан.

андар гармоба натавонам омадан, ки шуғле дорам. Ва то наздики гармоба биёмад, ба сари ду роҳе расид, бе он ки ин мардро хабар дод, бозгашт ва ба роҳи дигар бирафт. Иттифоқро тарроре (роҳзане) аз паси ин мард мерафт ба тарроии хеш. Ин мард бознигарид, таррорро дид ва ҳанӯз торик буд, пиндошт, ки он дӯсти ӯяст. Сад динор дар остин дошт бар дасторча баста, аз остин берун гирифт ва бад-ин таррор дод ва гуфт: Эй бародар, ин амонат аст ба ту, чун ман аз гармоба берун оям, ба ман боздиҳӣ. Таррор зар аз вай бисутуд[1] ва он ҷо мақом кард, то вай аз гармоба берун омад, рӯз равшан шуда буд. Ҷома бипӯшид ва рост ҳамерафт. Таррор вайро бозхонд ва гуфт: Эй ҷавонмард, зари хеш бозситон ва пас бирав, ки имрӯз аз шуғли[2] хеш фурӯ мондам аз ин нигоҳ доштани амонати ту. Мард гуфт: Ин зар чист ва ту чӣ мардӣ? Гуфт: Ман марде таррорам, (ту) ин зар ба ман додӣ. Гуфт: Агар ту таррорӣ, чаро зари ман набурдӣ? Таррор гуфт: Агар ба саноати хеш бурдамӣ, агар ҳазор динор будӣ, аз ту як ҷав наандешидаме ва на боздодамӣ, валекин ту ба зинҳор ба ман додӣ зинҳор зор набояд, ки зинҳор хор бошад, ки амонат бурдан ҷавонмардӣ нест».

Муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси сужети болоӣ фикрҳояшро оиди амонатдорӣ тасдиқ намояд. Бо ин роҳ гуфтан мехоҳад, ки ҳатто агар роҳзан ҳам бошад, барои нигоҳ доштани моли амонат масъул аст.

Ҳар як боби асар барои беҳбудии ҳаёти моддӣ ва маънавии одамон нигаронида шудааст. Мисолҳои фаровон собит мекунанд, ки ҳар як сухани муаллиф воқеияти ҳаётӣ дошта, сухани хушку холӣ нест. Аксарияти суханҳову ҳикоятҳо ба рӯзгори худи ӯ вобастагӣ доранд. Масалан, ҳикояти моҷарои Мутаваккил, писархонди ӯ Фатҳ ва нонпаз Муҳаммад бинни Алҳусейни Аласкоф ба назар афсона менамояд, аммо Кайковус ҳангоми сафари Ҳаҷ дар Бағдод бо авлодони ин нонпаз вохӯрдааст, ки ба воқеият доштани ривоят гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҳақиқат, «Қобуснома» беҳтарин дурдонаи ахлоқии адабиёти Шарқ аст, ки барои бедору ҳушёр ва мавқеъши-

[1] *Сутудан* – гирифтан.

[2] *Шуғл* – кор.

нос шудани ҷавонон мусоидат мекунад ва барои ёфтани роҳи саҳеҳи зиндагии тинҷу осоишта кӯмак мерасонад.

## ПОРЧАҲО АЗ «ҚОБУСНОМА»

## ДАР БОБИ ҶАВОНМАРДПЕШАГӢ

Агар чунон ки ҷавонмардпешагӣ кунӣ ва нашносӣ, ки ҷавонмардӣ чист ва аз чӣ хезад. Бидон, эй писар, ки се чиз аст аз сифоти[1] мардум, ки ҳеҷ одамӣ наёбӣ, ки бар худ гувоҳӣ диҳад, ки ин се чиз маро нест, доно ва нодон, бад-ин се чиз ҳама аз Худои Таъоло хушнуданд, агарчи ин се чиз Худои Таъоло кам касро додааст. Ва ҳар киро ин се чиз бувад, аз хосагони Худои Таъоло бувад, аз ин сегона, яке хирад аст ва дуввум ростӣ ва саввум мардумӣ. Ва чун ба ҳақиқат нигаҳ кунӣ, (ба) даъво кардани халқ ба хираду ростӣ ва мардумӣ, даъво ба дурӯғ намекунанд, зеро ки ҳеҷ ҷасаде нест, ки ин се сифат андар ӯ нест.

Ва ҳар чӣ андар тани одамӣ шарифтар чизест, ки онро маъдан пайдо нест ва ишорат ба ҷойи ӯ натавон кард. Чун мардумӣ ва донишу камол ва шараф, ки мояи ин ақл бувад, аз файзи ақли улвӣ[2] омад дар тан. Пас тан ба ҷон зинда аст ва ҷон ба нафс ва нафс ба ақл. Ҳар киро тан ҷунбон бинӣ, аз ҷон лобуд[3] аст ва ҳар киро ҷон гӯё бинӣ, аз нафс лобуд аст ва ҳар киро нафс ҷӯё бинӣ, аз ақл лобуд аст ва ин ҳама дар одамӣ мавҷуд аст.

Ва бидон, эй писар, ки ҳакимон аз мардумӣ ва хирад сурате сохтанд (ба алфоз, на ба ҷасад, ки он сурат (ро) тану ҷону ҳавос ва маонӣ бувад ва гуфтаанд: Тани (он сурат) ҷавонмардист ва ҷони вай ростӣ ва ҳавосаш дониш ва маонияш сафо, пас сурат бубахшиданд бар халқ. Гурӯҳеро тан расид ва дигар на ва гурӯҳеро тану ҷон ва ҳавос ва гурӯҳеро тану ҷон ва ҳавосу маонӣ. Аммо он гурӯҳ, ки насиби эшон тан расид, он қавм айёрон ва сипоҳиён ва

[1] *Сифот* – сифатҳо.

[2] *Улвӣ* – боло, баланд; фавқонӣ.

[3] *Лобуд* – ночор, ногузир.

бозориёнанд, ки мардумии эшонро ном ҷавонмардӣ ниҳоданд. Ва он гурӯҳ, ки эшонро тану ҷон расид, худованди маърифати зоҳиранд ва фуқарои тасаввуф, ки мардумии эшонро маърифат ва вараъ[1] ном ниҳоданд. Ва он гурӯҳ, ки эшонро тану ҷон ва ҳавос расид, ҳукамову анбиё[2] ва асфиё (анд), ки мардумии эшонро донишу фузунӣ ниҳоданд. Ва он гурӯҳ, ки эшонро тану ҷон ва ҳавосу маонӣ расид, рӯҳониёнанд ва аз ҷамъи одамиён пайғамбаронанд. Пас он гурӯҳро, ки насиби эшон ҷавонмардӣ омад, асли он ҷавонмардӣ, ки бад-он гурӯҳ таaллуқ дорад, донистан бояд ба ҳақиқат чунон ки гуфтаанд. Асли ҷавонмардӣ се чиз аст. Яке он ки ҳар чӣ гӯӣ, бикунӣ ва дигар он ки хилофи ростӣ нагӯӣ, саввум он ки шикеброро кор бандӣ, зеро ки ҳар сифате, ки таaллуқ дорад ба ҷавонмардӣ, ба зери он се чиз аст. Пас, эй писар, агар бар ту мушкил гардад, ман бубахшам ин се сифатро бар ин се қавм ва пойгоҳ ва андозаи ҳар як падид кунам, то бидонӣ. Бидон, ки ҷавонмардии айёрӣ он бувад, ки ӯро аз он чанд гуна ҳунар бувад. Яке он ки далеру мардона ва шикебо бувад ба ҳар коре ва содиқулваъд ва покврату покдил бувад ва зиёни касе ба суди хеш накунад ва зиёни худ аз дӯстон раво дорад ва бар асирон даст накашад ва асирону бечорагонро ёрӣ диҳад ва бади бадкунон аз некон боздорад ва рост шунавад, чунон ки рост гӯяд ва дод аз тани худ бидиҳад ва бар он суфра, ки нон хӯрад, бад накунад ва некиро бадӣ мукофот накунад. Чун нек бингарӣ, бозгашти ин ҳама ҳунарҳо бад-он се чиз аст, ки ёд кардем, чунон ки дар ҳикоят оранд.

## Ҳикоят

Чунин гӯянд, ки рӯзе ба Кӯҳистон айёрон ба ҳам нишаста буданд. Марде аз дар андар омад ва салом карду гуфт: Ман расулам аз наздики айёрони Марв ва Шуморо салом ҳамекунанд ва ҳамегӯянд, ки: Се масъалаи мо бишунавед, агар ҷавоб диҳед, мо розӣ шавем ба кеҳтарии[3] Шумо ва агар ҷавоби савоб надиҳед, иқрор диҳед ба меҳтарии[4] мо.

---

[1] *Вараъ* – зуҳд, тақво.

[2] *Ҳукамову анбиё* – ҳакимон ва паёмбарон.

[3] *Кеҳтар* – хурдтар.

[4] *Меҳтар* – бузургтар.

Гуфтанд: Бигӯй. Гуфт: Бигӯед, ки ҷавонмардӣ чист? Ва агар айёре ба роҳгузаре нишаста бошад, марде бар вай бигузарад ва замоне бувад марде бо шамшер аз паси вай ҳамеравад ба қасди куштани вай. Аз ин айёр бипурсад, ки: Фалон кас баргузашт? Ин айёрро чӣ ҷавоб бояд дод? Агар гӯяд, ки нагузашт, дурӯғ гуфта бошад ва агар гӯяд, ки гузашт ғамз[1] карда бошад ва ин ҳар ду дар айёрпешагӣ нест. Айёрони Кӯҳистон чун ин масъалаҳо бишниданд, як ба дигар нигариданд. Марде дар он миён буд. Номи ӯ Фазли Ҳамадонӣ. Гуфт: Ман ҷавоб диҳам. Гуфтанд: Равост. Гуфт: Асли ҷавонмардӣ он аст, ки ҳар чӣ бигӯӣ, бикунӣ, миёни ҷавонмардӣ ва ноҷавонмардӣ сабр аст ва ҷавоби он айёр он бувад, ки аз он ҷой, ки нишаста буд як қадам фарозтар нишинад ва гӯяд: То ман эдар нишастам, кас эдар[2] нагузашт, то рост гуфта бошад. Чун ин сухан дуруст гардад, бидон, ки мояи ҷавонмардӣ чист? Пас ин ҷавонмардӣ, ки дар айёрон ёд кардам, аз сипоҳиён ҷӯӣ. Сипоҳиро ҳам бар ин расм будан шарт аст, тамомтар сипоҳӣ чун тамомтар айёрӣ бувад, валекин караму меҳмондорӣ ва сахо ва ҳақшинос ва покҷомагӣ ва бисёрсалоҳӣ дар сипоҳӣ бояд, ки беш бувад. Аммо забондӯстӣ ва хештандӯстй... ва сарафкандагӣ дар сипоҳӣ ҳунар аст ва дар айёр айб аст.

Ва агар касеро насиҳате кунад, пинҳон зи халқ кунад, ки мардумро пеши халқ панд додан чун маломат ва ҷафо бувад. Ва ҳаргиз ба хуни кас далерӣ накунад ва фатво надиҳад, агарчи донад, ки он кас муставҷиби қатл аст, зеро ки ҳама фатвои хаторо дартавон ёфт, магар қатлро, ки мурда зинда нашавад. Воҷиб накунад, ки дар таассуби мазҳаб касро кофар хонад, ки куфр хилофи дин аст, на хилофи мазҳаб. Ва бар китобе ва илме қариб инкор накунад, ки на ҳар чӣ ӯ надонад, куфр бувад. Ва бар гунoҳ далерӣ накунад ва низ аз раҳмати Худои Таъоло касро навмед накунад, ки ҳар фақеҳе, ки бад-ин сифат бувад, ҳам мардум бувад ва ҳам ҷавонмард.

Пас, эй писар, ту ҷаҳд кун, то ба ҳар сифат, ки бошӣ, пешбин бошӣ ва бо ҷавонмардон қарин бошӣ, то аз ҷаҳон

[1] *Ғамз* – хабаркашӣ.

[2] *Эдар* – дар ин ҷо.

гузин бошӣ. Ва аз ҳар тоифа, ки ҳастӣ ва бошӣ, агар тариқи ҷавонмардӣ хоҳӣ сипардан, боҳифоз бош ва се чиз модом баста дор: чашму даст ва забон аз нодиданӣ ва нокарданиву ногуфтанӣ ва се бар дӯсту душман кушода дор: дари сарой ва сари суфра ва банди киса бад-он қадар, ки туро тоқат бувад. Ва дурӯғ магӯй, ки ҳама ноҷавонмардӣ андар дурӯғ гуфтан аст ва агар касе эътимоде кунад бар ҷавонмардии ту, агар худ азизтар касе аз они ту кушта бошад ва бузургтар душмане аз они ту бувад, чун хештанро ба ту таслим кунад ва ба аҷз иқрор диҳад ва аз ҳама халқ эътимод бар ҷавонмардии ту кунад. Агар ҷони ту дар он кор бихоҳад рафт, бигузор то биравад ва бок мадор ва аз баҳри ӯ ба ҷон бикӯш, то туро ҷавонмардӣ расад. Ва нигар, ҳаргиз ба интиқоми гузашта машғул набошӣ ва бар вай хиёнат наандешӣ, ки хиёнат кардан дар шарти ҷавонмардӣ нест. Ва бидон, эй писар, ки ин гӯй-гӯи дароз аст ва агар ҷавонмардии ҳар тоифаро кашф кунам, дар чуну чарой сухани ман дароз шавад, аммо сухани мухтасар бигӯям, ки ин ҳар чӣ гуфтам, аз иттибои[1] он сухан аст. Бидон, ки тамомтар ҷавонмардӣ он аст, ки чизи хеш аз они хеш донӣ ва чизи касон аз они дигар (он) ва тамаъ[2] аз чизи халқ бибурӣ ва агар туро чизе бошад, мардумонро баҳра кунӣ ва аз чизи мардумон тамаъ надорӣ ва он чӣ ту наниҳода бошӣ, барнадорӣ. Ва агар ба ҷои халқ некӯӣ натавонӣ кардан, боре бади хеш аз эшон боздор, ки бузургтарин мардум ва ҷавонмардтарин касе он аст, ки чунин зияд, ки гуфтам, то ҳам дар дунё ва ҳам дар охират осуда бошад ва ҳар ду ӯро бувад.

Ва бидон, ки ақл аз ду гуна аст. Яке ақли ғаризист ва дуввум ақли муктасаб аст. Онро, ки ақли ғаризӣ бувад, хирад хонанд ва онро, ки ақли муктасаб аст, дониш хонанд. Аммо ҳар чи муктасаб аст, битавон омӯхтан, валекин ақли ғаризӣ ҳадяи Худо аст, он ба таълим аз муаллим бинатавон омӯхт. Агар чунон ки ақли ғаризӣ туро Худои Таъоло дода бувад, беҳ ва беҳ. Ту дар ақли муктасабӣ (касбшуда) ранҷ бар ва биёмӯз, муктасабиро бо ғаризӣ ёр кун,

---

[1] *Иттибоъ* – пайравӣ кардан.

[2] *Тамаъ* – бо ҳирс чашм дӯхтан ба чизе.

то бадеъуззамон бошӣ. Пас агар ғаризӣ набувад, ману ту ҳеҷ натавонем кардан. Боре ба муктасабӣ тақсир макун, чандон, ки тоқат бошад, биёмӯз, то агар аз ҷамъи хирадмандон набошӣ, боре аз ҷамъи доноён бошӣ. Аз дугона яке бо ту ҳосил бошад. Беҳ, ки ҳеҷ набошад, ки гуфтаанд: Чун падар набошад, беҳ аз модар нест. Акнун агар хоҳӣ, ки хирадманд бошӣ, ҳикмат омӯз, ки хирад ба ҳикмат тавон ёфт. Аристотолисро пурсиданд, ки: Қуввати хирад аз чист? Гуфт: Ҳама касро қувват аз ғизо бошад ва ғизои хирад ҳикмат аст.

## Ман меҳмонам, ту туфайлӣ

Шунидам, ки дарвеше ва тавонгаре вақте қасди хонаи Худой карданд ва гӯянд, ки он тавонгар раиси Бухоро буд ва марде сахт мунъим буд ва дар он қофила аз ӯ мунъимтар кас набуд ва фузун аз садто уштур зери бори ӯ буд. Ва андар имморӣ[1] нишаста буд, хиромон ва нозон, дар бодия ҳамешуд босоз ва олате, ки дар ҳазар бошад. Ва бисёри қавм аз дарвеш ва тавонгар бо ӯ ҳамроҳ буданд. Чун наздики Арафот расиданд, дарвеше ҳамеомад бараҳнапой ва обилакарда ва ташнаву гурусна. Вайро дид бад-он ноз ва таносонӣ. Рӯй бад-ӯ кард ва гуфт: вақти мукофот ҷазои ману ту ҳар ду яке хоҳад буд? Ту дар он неъмат ҳамеравӣ ва ман дар ин шиддат ҳамеравам! Раиси Бухоро рӯй бад-ӯ кард ва гуфт: Ҳошо, ки Худои Таъоло ҷазои ман чун ҷазои ту диҳад. Агар ман донистаме, ки туро ва маро як пойгоҳ хоҳад будан, ҳаргиз дар бодия наёмадамӣ. Дарвеш гуфт: Чаро? Тавонгар гуфт: Зеро ки ман фармони Худои Таъоло ҳамебарам ва ман хондаам ва ман меҳмонам ва ту туфайлӣ. Ҳашамати туфайлӣ чун ҳашамати меҳмон кай бошад?

## Некӣ куну ба дарё андоз

Ва чунин шунидам, ки бад-он рӯзгор, ки Мутаваккил халифа буд ба Бағдод, вайро бандае буд Фатҳ ном. Сахт наҷиб ва рӯзбеҳ буд ва ҳама ҳунарҳо ва адабҳо омӯхта буд. Ва Мутаваккил вайро ба фарзандӣ пазируфта буд ва аз фарзанд азизтар доштӣ. Ин Фатҳро хост, ки шино кардан биё-

[1] *Иморӣ* – тахти равон ё каҷоваи одамнишин.

мӯзад. Маллоҳонро[1] оварданд ва ӯро андар Даҷла шино меомӯхтанд. Ва ин Фатҳ ҳанӯз кӯдак буд ва бар шино кардан далер нагашта буд. Ва аммо, чунон ки одати кӯдакон аст, аз худ намудӣ, ки омӯхтам. Як рӯз танҳо бе устодон ба шино рафт ва андар об ҷаст. Ва об тез ҳамеомад, Фатҳро бигардонид. Фатҳ чун донист, ки бо об басанда нест, худро бо об гузошт ва ҳамешуд то аз дидори мардумон нопадид гашт. Чун роҳ лахте рафта буд, ба об дар канори рӯд сӯрохҳое обхӯрда буд, то ба сӯрохе бирасид обхӯрда. Ба рӯзгор ҷаҳд кард ва даст бизад ва худро андар он сӯрох афганд ва он ҷо биншаст ва гуфт: то Худои Таборак ва Таъоло чӣ хоҳад? Бад-ин вақт боре ҷон бицаҳонид. Ва ҳафт рӯз он ҷо бимонд. Аввал рӯз, ки хабар доданд Мутаваккилро, ки Фатҳ дар об ҷаст ва ғарқа шуд, аз тахт фуруд омад ва дар хок нишаст ва маллоҳонро бихонд ва гуфт: Ҳар кӣ Фатҳро мурда биёбад ва биёрад, ҳазор динораш бидиҳам ва савганд[2] ёд кард, ки то он вақт, ки вайро бад-он ҳол, ки ёбанд, наёранд ва набинамаш, таом нахӯрам. Маллоҳон дар Даҷла уфтоданд ва ғӯта ҳамехӯрданд ва ҳар ҷое талаб ҳамекарданд то сари ҳафт рӯз. Ба иттифоқ маллоҳе бад-ин сӯрох расид, Фатҳро дид, шод гашт ва гуфт: Ҳамин ҷо биншин, то саморӣ орам. Ва пеши Мутаваккил омад ва гуфт: Ё амиралмуъминин, агар Фатҳро зинда биёрам, маро чӣ ато бахшӣ? Гуфт: Панҷ ҳазор динор бидиҳам. Маллоҳ гуфт: Ёфтамаш зинда. Саморӣ бибурданд ва вайро биёварданд. Мутаваккил он чӣ маллоҳонро пазируфта буд, дар вақт бифармуд додан. Ва вазирро бифармуд, ки дар хазина рав ва аз ҳар чӣ дар хазинаи ман чизест, як нима ба дарвешон деҳ. Он гаҳ гуфт: Нон ва таом оваред, ки вай гуруснаи ҳафтрӯза аст. Фатҳ гуфт: Ё амиралмуъминин, ман серам. Мутаваккил гуфт: Магар аз оби Даҷла серӣ? Фатҳ гуфт: На, ман ин ҳафт рӯз (гурусна набудам, ки ҳар рӯз) бистто нон бар табақе ниҳода, бар рӯи об фуруд омадӣ ва ман ҷаҳд кардамӣ ва ду-се нон бигрифтамӣ. Ва зиндагонии ман аз он нон буд ва ба ҳар ноне набишта буд: Муҳаммад бинни Алҳусейни Аласкоф. Мутаваккил фармуд, ки: дар шаҳр мунодӣ кунед, ки он мард, ки нон дар Даҷла меафканд,

---

[1] *Маллоҳон* – шиноварон.

[2] *Савганд* – қасам.

кист? Биёяд ва бигӯяд, ки амиралмуъминин бо ӯ некӯӣ хоҳад кардан. Рӯзи дигар марде биёмад ва гуфт: Манам он кас. Мутаваккил гуфт: Ба чӣ нишон? Мард гуфт: Бад-он нишон, ки номи ман ба рӯйи ҳар ноне набишта буд: Муҳаммад бинни Алҳусейни Аласкоф. Гуфтанд ӯро: Ин нишон дуруст омад, аммо чанд гоҳ аст, то ту ин нон дар об меафканӣ? Мард гуфт: Як сол аст. Гуфт: Ғарази ту аз ин чӣ будааст? Гуфт: Шунавида будам, ки некӣ кун ва ба рӯд андоз, ки рӯзе бар[1] диҳад. Ба дасти ман некии дигар набуд. Он чӣ тавонистам кардан, ҳамекардам, то худ чӣ бар диҳад? Мутаваккил гуфт: Он чӣ шунидӣ кардӣ ва бад-он чӣ кардӣ, самарат ёфтӣ. Вайро бар дари Бағдод панҷ деҳ дод. Мард бар сари мулк рафт ва муҳташам гашт ва ҳанӯз фарзандзодагони он мард мондаанд дар Бағдод. Ва ба рӯзгори Алқоимбаллоҳ, ки ман ҳаҷ кардам ва Эзид Таъоло маро тавфиқ дод зиёрати хонаи худ — фарзандзодагони ин мардро дидам ва ин сухан аз пирони Бағдод шунавидам. Пас, то битавонӣ (некӣ) кардан, аз некӣ маёсой ва хештанро ба некӯӣ ва некӯкорӣ бар мардум намой. Ва чун намудӣ, ба хилофи намуда мабош. Ба забон дигар магӯй ва ба дил дигар мабош, то гандумнамои ҷавфурӯш набошӣ.

## Сухане, ки чор моҳ вақт мехост

Бидон, ки ман ба рӯзгори Амир Абулсавор он сол, ки аз ҳаҷҷи Ислом бозомадам, ба ғазо[2] рафтам ба Ганҷа, ки ғазои Ҳиндустони худ бисёр карда будам, хостам, ки ғазои Рум низ карда шавад. Ва Абулсавор марде (бар ҷой) ва хирадманд буд ва подшоҳе бузург ва соис[3] ва одилу шуҷоъ ва фасеҳ ва мутакаллим ва покдин ва пешбин, чунон ки мулуки[4] писандида бошанд. Ва ҳама ҷидд будӣ беҳазл. Чун маро бидид, бисёр ҳашамат кард ва бо ман дар сухан омад ва зи ҳар навъе ҳамегуфтам ва ҳамепурсид ва ман ҳамешунудам ва ҷавоб ҳамедодам. Ва суханҳои ман ӯро писандида

[1] *Бар* — самар, ҳосил.
[2] *Ғазо* — ҷанг дар роҳи дин.
[3] *Соис* — идоракунанда, ҷаббор.
[4] *Мулук* — подшоҳон.

омад, бо ман бисёр кароматҳо кард ва нагузошт, ки бигардам. Ва азбас эҳсонҳо, ки ҳамекард бо ман, ман низ дил бинҳодам ва чанд сол ба Ганҷа муқим шудам. Ва пайваста ба таом ва шароб дар маҷлиси ӯ ҳозир будамӣ. Ва аз ҳар гуна суханҳо аз ман ҳамепурсидӣ аз ҳоли олам ва мулуки гузашта. То рӯзе аз вилояти мо сухан ҳамерафт ва аз ҳоли ноҳияти Гургон аз ман ҳамепурсид. Ман гуфтам: Ба рустои Гургон андар кӯҳ деҳест ва чашмаи об аз деҳ дар ӯст. Занон, ки об оранд, гурӯҳе гирд оянд ва ҳар касе бо сабӯе[1] ва аз он чашма об бардоранд ва сабӯӣ бар сар ниҳанд ва ҷумла бозгарданд. Яке аз эшон бе сабӯе аз пеши эшон ҳамеоянд ва ба роҳ андар ҳаменигарад ва кирмест сабз андар заминҳои он деҳ, ҳар куҷо, ки он кирм ҳамеёбад, аз роҳ як сӯ ҳамеафканад, то ин занон пой бар он кирм нанниҳанд. Чӣ агар касе аз эшон пой бар он кирм ниҳад ва кирм зери пойи ӯ бимирад, ин об, ки андар сабӯй бар сар дорад, дарвақт ганда шавад, саъб[2] чунон ки бибояд рехтан ва боз бояд гаштан ва сабӯй шустан ва дигарбора об аз чашма бардоштан.

Чун ман ин сухан бигуфтам, Амир Абулсавор рӯй турш кард ва сар бигардонид ва (чанд рӯз) бо ман (на) бар он ҳол буд, ки пеш аз он буда буд. То Пирӯзони Дайлам бо ман бигуфт, ки: Амир гилаи ту кард ва гуфт: Фалон марде барҷой аст, чаро бояд, ки (бо) ман сухан чунон гӯяд, ки бо кӯдакон гӯянд, чун ӯ мардеро пеши ман дурӯғ чаро бояд гуфт? Ман дарҳол қосидеро аз Ганҷа ба Гургон фиристодам ва маҳзаре[3] фармудам кардан ба шаҳодати раис ва қозӣ ва хатиб ва ҷумлаи удул ва уламо ва ашрофи Гургон, ки ин деҳ барҷост ва ҳоли ин кирм бар ин ҷумла аст. Ва ба чаҳор моҳ ин дурустӣ биёвардам ва маҳзар пеши амир Абулсавор ниҳодам ва бидиду бихонд ва табассум карду гуфт: Ман худ донам, ки аз чун туе дурӯғ наёяд, хоса пеши чун мане. Аммо худ он рост чӣ бояд гуфтан, ки чаҳор моҳ рӯзгор бояд ва маҳзаре ба гувоҳии дувист маъдул, то он рост аз ту қабул кунанд?

---

[1] *Сабӯ* – кӯза, зарфи обгирӣ.

[2] *Саъб* – душвор.

[3] *Маҳзар* – санад, ҳуҷҷати расмӣ.

## Ду тарзи баёни як сухан

Чунон шунавидам, ки Ҳорунаррашид хобе дид бар он ҷумла, ки пиндоштӣ, ки ҳама дандонҳои ӯ аз даҳан берун афтодӣ ба якбор. Бомдод муаббиреро[1] биёварданд ва пурсид, ки таъбири ин хоб чист? Муаббир гуфт: Зиндагонии амиралмуъминин дароз бод, ҳама ақрабои ту пеш аз ту бимиранд, чунон ки кас аз ту бознамонад. Ҳорун гуфт: Ин мардро сад чӯб бизанед, ки бад-ин дарднокӣ сухане дар рӯйи ман бигуфт, чун ҳама наздикони ман пеш аз ман ҷумла бимиранд, пас он гаҳ ман кӣ бошам? Хобгузори дигар биёварданд ва ҳамин хоб бо вай бигуфт. Хобгузор гуфт: Бад-ин хоб, ки амиралмуъминин дид, далел кунад, ки худованд дароззиндагонитар бувад аз ҳама ақрабои хеш. Ҳорун гуфт: «Далел-ул-ақли воҳидун». Таъбир аз он берун нашуд, аммо аз иборат то иборат бисёр фарқ аст. Ин мардро сад динор бидиҳед.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *«Қобуснома» бо кадом мақсад таълиф гардидааст ва ба кадом бобҳо ҷудо шудааст?*
2. *«Қобуснома» ба кадом забонҳо тарҷума гардида ва шумо аз кадом тарҷимаи он бохабаред?*
3. *Ризоқулихони Ҳидоят «Қобуснома»-ро бо кадом асар якҷоя ба нашр расондааст?*
4. *Дар боби чандум дар бобати нигоҳ доштани амонат сухан меравад?*
5. *Муаллифи асар се чизро аз сифоти мардум медонад, онҳо кадомҳоянд?*
6. *Муаллифи асар асосан, ба кадом мавзӯъҳо эътибор додааст?*
7. *Аз мутолиаи панду ҳикоятҳо чӣ гуна хулоса бардоштед?*
8. *Кайковус ақлро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардааст? Шарҳ диҳед.*
9. *Кайковус аслҳои ҷавонмардиро аз чиҳо иборат медонад?*
10. *Баъди хондани ҳикояи «Некӣ кунун ба дарё андоз» ба чӣ хулоса омадед?*
11. *Дар ҳикояти «Сухане, ки чор моҳ вақт мехост» – агар шумо ба ҷойи Кайковус мебудед, чӣ кор мекардед?*
12. *Кӯшиш кунед, ки ҳикояти «Ду тарзи баёни як сухан»-ро мустақил таҳлил кунед.*

---

[1] *Муаббир* – таъбиркунанда.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ
## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҲИКОЯ

Ҳикоя яке аз жанрҳои маъмултарини ҷинси эпикист. Одатан, дар ҳикоя ҳаёти як шахс тасвир меёбад. Аммо дар он ҳодисаву воқеаҳое, ки пеш аз ин ва баъд аз он рӯй додааст, ба тафсил баён намегардад. Лаҳзаҳои воқеаи ҳикоя бо ҳамдигар сахт алоқамананданд. Инчунин, воқеаи ҳикоя аз нуқтаи назари замону макон, ҳаҷму ҳудуд ва моҳияти худ яклухту том мебошад. Инро дар эҷодиёти адибони маъруфи ҳикоянавис Ги де Мопассан, А.П. Чехов, Л.Н. Толстой равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳикоя сужети таркибан сода дорад. Дар як хати он воқеаи барҷаста тасвир карда мешавад. Масалан, дар ҳикояи Ф.Муҳаммадиев «Даъво» воқеаи даъвогар шудани «паҳлавони навбаромад Муҳаммадмуроди ҳангоматалаб» ба паҳлавони номдор Аҳмадбек нақл карда мешавад. Дар ин воқеа охир Аҳмадбек таклифи Муҳаммадмуродро қабул мекунад, бо ӯ ба гӯштин медарояд, ӯро мағлуб ва шармандаву шармсор менамояд. Зиддияти ҳикоя гуногун ва конкрет аст. Дар ҳикояи номбаршуда зиддияти ду навъ хулқу атвор, ду хел ахлоқу одоб тасвир шудааст. Яъне, аз аввал то охири ҳикоя ду қувва – одамӣ ва ноодамӣ, мардию номардӣ, хоксорию худписандӣ бо ҳам мубориза мебарад. Дар интиҳо одамӣ, мардӣ, хоксорӣ ғалаба мекунад.

Дар ҳикоя персонажҳои зиёд иштирок намекунанд. Одатан дар он амалиёти ду кас ва аз он ҳам зиёдтар тасвир карда мешавад. Яке аз мақсадҳои таълифи ҳикоя офаридани характер аст. Аз ин рӯ, нависанда дар ҳикоя кӯшиш мекунад, ки муҳимтарин унсури характерро барҷаста нишон диҳад. Яъне, вай лаҳза-лаҳза воқеаро тасвир карда истода, амалиёти персонажи марказии худро нишон медиҳад ва бо ин роҳ характер эҷод мекунад. Чунончи, дар ҳикояи «Рӯзи дафни Усто Оқил»-и Ф.Муҳаммадиев тасвир шудааст, ки усто Оқил дуредгари гулдаст буд, лекин дар бадфеълӣ, нотавонбинӣ ва бахилӣ ҳам шуҳрат дошт. Адиб ба

воситаи нақли сарнавишт ва амалиёти ӯ муҳимтарин унсури характери ӯ – бахилиро хеле барҷаста намоиш дода тавонистааст.

Ҳикоя дар мавзӯъҳои мухталиф навишта мешавад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҷаҳон ҳикояҳои ахлоқӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, воқеӣ, ишқӣ, ҳаҷвӣ ва ҳоказо маъмул мебошанд.

Ҳикоя дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи ҷудогона дорад. Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Қобуснома»-и Унсурулмаолӣ Кайковус, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асрҳои X–XI) ва дигар китобҳои адабию бадеӣ, таърихӣ ҳикояҳои зиёди шавқовар мавҷуданд, ки то замони мо омада расиданд. Ин ҳикояҳо аз ҷиҳати зиддият, ҳаҷм, забону услуб, доираи мавзӯъ аз ҳикояҳои адабиёти имрӯза фарқ мекунанд.

Дар садаи XX ҳикоя ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расид. Дар он саҳми ҳикоянависҳои беҳамто А.П. Чехов, Л.Н. Толстой, А.М. Горкий калон аст. Махсусан, таъсири эҷодиёти А.П. Чехов ба ҳикоянависии тоҷик хеле бузург аст. Ҷараёни ташаккулёбии жанри ҳикоя, маҳорати ҳикоянависии адибони тоҷик бе нақши муайяни Чехов ба вуҷуд наомадааст. Ҳикоянависҳои маъруфи тоҷик Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, Баҳриддин Азизӣ, Ҷалол Икромӣ, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон бо роҳи асарҳои Чеховро хонда таъсир гирифтан дар сохтани ҳикоя ҳунаромӯзӣ кардаанд ва маҳоратнок гардидаанд. Дар адабиёти тоҷик дар инкишофи жанри ҳикоя хизмати Ф. Муҳаммадиев, Б. Ортиқзода, А. Баҳорӣ, Ҳ. Содиқ, И. Файзуллоев, М. Бобоҷонов низ калон мебошад. Имрӯзҳо адибони муосири тоҷик мисли Юсуфҷон Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев, Шодон Ҳаниф, Саттор Турсун, Сорбон, Ӯрун Кӯҳзод, Адаш Истад, Баҳманёр, Аминҷон Шукуров, Бахтиёр Ҷумъа ба эҷоди ҳикоя бисёр майл доранд.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Ҳикояҳои кадом нависандагонро хондаед?*
2. *Кӯшиш кунед, симои ҳақиқии персонажҳои ҳикояи «Даъво»-и Ф. Муҳаммадиевро кушода диҳед.*
3. *Ҳикоя дар адабиёти тоҷик дар кадом мавзӯъҳо бештар навишта шудааст?*
4. *Кадом адибони тоҷик аз ҳикояҳои А. Чехов таъсир гирифтаанд?*



## САЪДИИ ШЕРОЗӢ
## (1184–1292)

Ба қавли Ҳабиби Яғмоӣ: «Саъдӣ комилтарин нобиғаест, ки рӯзгор дар шеъру адаб парварида ва агар падари пири фалак бисёр ҳам сабр кунад, модари гетӣ чун ӯ фарзанд натавонад зод». Дарвоқеъ, мисли Саъдии Шерозӣ муаллими ахлоқро дар тамоми асрҳои торих фақат метавон ба ангушт ҳисоб кард. Ӯ дар давоми умри пурбаракати худ тавонист осори пурарзише ба ёдгор гузорад, ки боиси таълиму тарбияи оламиён бошад. Чунонки аз мутолиаи осораш дармеёбем, баъзе ҳикояту ривоятҳои овардашуда ба зиндагии шахсии ӯ алоқаманданд. Ин нишонаи он аст, ки шоҳиди воқеаҳои гуногуни рӯзгор гардидааст.

## «БӮСТОН» ВА МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ ОН

Донишманди барҷаста Зиёпошшои Усмонӣ таъкид мекунад: «Агар мақсад аз меҳнати адабӣ нафъи омма бошад, ҳар сухани «Бӯстон» як дурри ноёб – як гавҳар ва ҳар байташ як хазина аст».

Дарвоқеъ, агар ҳадаф аз адабиёт ба манфиати мардум хизмат кардан бошад, осори Саъдии бузургвор беш аз 700 сол боз ба тарбияи рӯҳиву маънавии оламиён, хусусан, мардуми Шарқ саҳми босазо мегузорад ва гуфтан мумкин аст, ки дар бобати тарбияи ахлоқӣ ҳеҷ асаре ба ин қадар забони фасеҳу баёни зебои шоирона навишта нашудааст.

Вақте дар боби таълиму тарбияи ҷавонон сухан меравад, беихтиёр номи Саъдӣ ба забон меояд. Шоир аз тамоми масоили ахлоқи ҷавонон бохабар мебошад, чунонки худ таъ-

кид намудааст: «Маро бошад аз дарди тифлон хабар, ки дар тифлӣ аз сар бирафтам падар.»

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ асарҳои зиёде таълиф гардидаанд, ки бо мазмуни тарбиявиву ахлоқии худ аз ганҷинаҳои назми дидактикии адабиёт ба шумор меоянд. Маснавии «Бӯстон» низ аз ҷиҳати муҳтаво масъалаҳои ахлоқро дар бар гирифта, соли 1257 дар Димишқ ба анҷом расидааст. Метавон онро қуллаи маснавии ахлоқии адабиёт донист, ки бо вуҷуди асарҳои зиёде таълиф гардидан, забони бурров мазмуни амиқ ва мушоҳидаҳои ҳаётии онро надоранд. Ин асар куллан ба масъалаҳои ахлоқӣ бахшида шудааст. Муаллиф тамоми ақидаҳои ахлоқияшро дар даҳ боб ғунҷоиш дода, барои баррасии ин ё он масъала ба сифати далел ва тақвияти фикр ҳикояҳои зиёдеро овардааст, ки бо тарзи шавқангез навишта шудаанд ва фаҳми онҳо барои хонандаи тоҷик ҳеҷ мушкилие надорад.

Саъдӣ дар ҳама осораш алайҳи «бадандеш»-он мубориза мебарад, дарвоқеъ, касе, ки нияти холис надорад, дӯстиро нашояд, бо ӯ аз дӯстиву бародарӣ дам задан ҷуз зарару зиён чизи дигар бор намеорад.

Ба тадбири ҷанги бадандеш кӯш,
Масолеҳ бияндешу ният бипӯш.

Шахси бадандеш барои амалӣ кардани лоиҳаи ғаразҳояш кӯшиш ба харҷ медиҳад, пас, агар онҳоро дар амал татбиқ намояд, чандин касони дигар ҳам осеб мебинанд.

Дар баробари ин, ибораи «мардуми дурбин»-ро кор мефармояд, ки дар ҳама давру замон ҳамин қишри ҷомеа боиси рушди ҷамъият ва дӯстиву бародарии халқҳои ҷаҳон мегарданд. «Мардуми дурбин» гурӯҳи махсуси одамоне ҳастанд, ки бо донишу маънавияти баланд мусаллаҳ буда,ояндаи ҷамъиятро фикр мекунанд, на манфиати кисаи худро, ба дигарон бо чашми ҳавас менигаранд, на бо кинаву ҳасад, ба мақсадҳои наҷиби умумибашарӣ камари ҳиммат мебанданд, на ба баланд бардоштани дараҷаи ҷоҳу шуҳрати шахсии худ, байни халқҳо тухми муҳаббат мепошанд, на тухми адовату нифоқ.

Ҳамин мазмунро дар ҷое дигар аз қавли Шайх Суҳравардӣ меорад:

Мақолоти мардон ба мардӣ шунав,
На Саъдӣ, ки аз Сухравардӣ шунав.
Маро пири донои муршид Шаҳоб,
Ду андарз фармуд дар рӯи об:
«Якум он ки дар нафс худбин мабош,
Дуввум он ки бар ғайр бадбин мабош».

Худбинӣ нисбати нафси худ ва бадбинӣ нисбати дигарон аз хислатҳои разила мебошанд, ки инсонро ба пастиву сифлатабъӣ мебаранд.

Дар мавриди тарбияи кӯдакон Саъдӣ андешаҳои махсуси худро дорад. Бинобар ақидаи ӯ, ки чун шахси ҷаҳондидаву пири таҷрибанок сухан мегӯяд, барои тарбияи кӯдак сухани дурушт ва зарбу калтак ҳам то ҷое лозим аст, зеро ба одами бемор агар ширинӣ диҳед, ҳеҷ вақт сиҳҳат нахоҳад шуд, рафъи давои ӯ танҳо доруи талх метавонад бошад.

Ӯ сухани дуруштро чун доруи талх боиси ба ислоҳ омадани ахлоқи кӯдак медонад:

Вубол аст додан ба ранҷур қанд,
Ки доруи талхаш бувад судманд.

Аммо ба шарте, ки он насиҳат аз ҳар гуна ғаразҳои шахсӣ холӣ бошад:

Насиҳат, ки холӣ бувад аз ғараз,
Чу доруи талх аст дафъи мараз[1].

Ё он ки дар ҷойи дигар «дуруштиву нармӣ»-ро дар якҷоягӣ авло медонад:

Дуруштиву нармӣ ба ҳам дар-беҳ аст,
Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳ аст.

Аммо дар ҷойи дигар таъкид мекунад, ки навомӯзро бо меҳрубонӣ ҷониби хатту савод бояд ҷалб намуд, зеро бо каме таҳдид озурдахотир шуда, аз омӯзиш дилсард мегардад.

[1] *Мараз* – бемор.

Навомӯзро мадҳу таҳсину зеҳ,
Зи тавбиху[1] таҳдиди устод беҳ.

Бинобар ақидаи Саъдӣ падар бояд дар тарбияи писари худ масъул бошад ва барои хирадманду парҳезгор шудани ӯ кӯшиш ба харҷ диҳад, зеро хирадмандӣ боиси рушди тафаккур гардад, парҳезгорӣ бошад, аз ҳар гуна корҳои ношоиста ва барбод додани вақт фарзандро эмин хоҳад дошт. Аммо ба ноз парвардани фарзандро салоҳ намедонад, зеро боиси дар оянда сахтиву уқубати фарзанд мешавад. Дар баробари ин, тавозӯъ ва хоксориро аз хислатҳои ҳамидаи инсон медонад.

Дар боби чорум, ки «Дар бораи тавозӯъ» ном дорад, чунин ҳикоят оварда шудааст:

Яке қатраборон зи абре чакид,
Хиҷил шуд, чу паҳнои дарё бидид,
Ки: «Ҷое, ки дарёст, ман кистам?
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам».
Чу худро ба чашми ҳақорат бидид,
Садаф дар канораш ба ҷон парварид.
Сипеҳраш ба ҷое расонид кор,
Ки шуд номвар лӯълӯи шоҳвор.
Баландӣ аз он ёфт, к-ӯ паст шуд,
Дари нестӣ кӯфт, то ҳаст шуд.

Саъдӣ талқин менамояд, агар мехоҳӣ, ки аз ҳусну қубҳи худ бохабар бошӣ, пас ба гуфтаи душманонат беэътино мабош, ки онҳо ҳар чи феълҳои бадеро дар ниҳоди ту мебинанд, хоҳанд гуфт. Дӯст бошад, дар ин маврид сукутро авло медонад. Ё он ки ҳама ахлоқи ту дар чашмаш некӯ менамояд.

Зи душман шунав сирати худ, ки дӯст
Ҳар он-ч аз ту ояд ба чашмаш, накӯст.

Дар ин маврид нақле аз рӯзгори Иброҳими Адҳам роиҷ аст: «Шахсе бо Иброҳими Адҳам ҳамроҳ шуд ва ҳамроҳии

[1] *Тавбих* – сарзаниш кардан.

вай дер кашид. Чун мехост, ки ҷудо шавад, гуфт: «Шояд ки дар ин суҳбат аз ман ранҷа шуда бошӣ, ки беҳурматии фаровон кардам.» Иброҳим гуфт: «Ман туро дўст будам, дўстӣ айби ту бар ман бипўшид. Ман аз дўстии ту худ надидам, ки нек мекунӣ ё бад». Гумон меравад, ки Саъдӣ дар байти зикршуда ба ҳамин ривоят назар доштааст.

Вақте «Бўстон»-ро мутолиа мекунед, гўё ки муаллиф суханҳояшро чанд рўз пеш навишта бошад, он қадар мушоҳидаҳояш наванд, ки кас дар назари аввал ба 7 аср пеш навишта шудани он шубҳа мекунад. Масалан, имрўз шабакаҳои интернет тамоми ҷомеаи ҷаҳониро дар тасарруфи худ даровардааст ва аз тариқи он ҳар гуна ахбори саҳеҳу носаҳеҳ интишор карда мешавад, ки мақсади баъзеҳо аз интишори хабарҳои дурўғу ҷангбарангез ва далелҳои беасос заҳролуд кардани зеҳни мардум аст. Бубинед, ки дар ин бобат Саъдӣ чӣ мегўяд:

Булбуло, муждаи баҳор биёр,
Хабари бад ба бум бозгузор!

Ҳамчунин, ҳифзи осори ниёгон, шод кардани рўҳи онҳо, эҳтирому қадрдонии шахсияташон яке аз вазифаҳои асосии ҳар як авлод мебошад, ки бояд муттасил идома ёбад. Зеро чунин корҳо дар байни мардуми мо ба анъана табдил ёфтааст.

Саъдӣ чунин масъаларо дар «Бўстон» пеш гузошта, ба насли ҷавон муроҷиат мекунад:

Қадимони худро бияфзой қадр,
Ки ҳаргиз наёяд зи парварда ғадр[1].

Албатта, қадр кардани гузаштагон, пеш аз ҳама аз омўзишу татбиқи осори қиматбаҳо ва идомаи равияи онҳо иборат мебошад, ки дарҳақиқат соҳиби тамаддун, фарҳанг, илму дониш, дину оин ва маънавияти бузург буданд.

Омўзиши «Бўстон» завқи шеърхонии донишомўзонро баланд мебардорад, маънавияти онҳо дар асоси ҳикматҳо ва ҳикояҳои ахлоқии он рушд мекунад, дар асоси чунин мавод донишомўзон аз рўзгори як нафар муаллими ҷаҳон-

---

[1] *Ғадр* – бевафоӣ; хиёнат.

гашта ва андешаҳои ахлоқии он бохабар мегарданд ва Саъдӣ дар зеҳни онҳо низ ба сифати устоди идеалӣ, ки тамоми ҳодисаҳои рӯзгорро ба чашми худ дида, дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо хулосаи саҳеҳ баровардааст, пайдо мешавад.

## «ГУЛИСТОН» ВА ТАРКИБИ ОН

Дар миёни дигар асарҳои арзишманди Саъдӣ «Гулистон» ҷойгоҳи алоҳида дорад. Муаллиф баъди ба охир расондани «Бӯстон» ба таълифи асари мазкур камари ҳиммат бастааст. Бо истифода аз усули назм андар наср, яъне, тақвият додани ҳикояву ҳикматҳои гуногун бо порчаҳои шеърӣ хулосаҳои худро ҷамъбаст мекунад ва ба ин восита сухани обдору нишонрасро ба хонандагон пешниҳод месозад. Асар хусусиятҳои махсуси услубӣ дошта, сохтори он ба дебоча, ҳашт боб ва хотима асос ёфтааст. Бояд гуфт, ҷавҳари аслии «Гулистон»-ро панду ахлоқ ташкил мекунад, бино бар ин ба сифати асари бузурги ахлоқӣ эътироф шудааст. Кулли ҳикояту ҳикматҳои дар асар овардашударо як занҷир, яъне панд ба ҳам мепайвандад. Аммо андешаҳои Саъдӣ сухани пуч ва бемағзе нест, ки бар суханҳои хушку шунидаҳо асос ёфта бошад, балки муаллиф дар муддати сафарҳои тӯлонии худ ба ҳар як масъалаи зиндагӣ рӯбарӯ шуда, таъми талхиву ширинии ҳаётро чашида, хулосаҳои даркорияшро рӯйи коғаз меорад. Тарзи баёни саҳли мумтанеъро ба хубӣ дар асар мушоҳида мекунед, ки мазмунҳои рангини он мисли оҳанрабо ба худ ҷазб месозанд.

«Гулистон» пас аз замони таълиф то имрӯз миллионҳо ҷавононро ба роҳи некӯкориву худшиносӣ ва ҷавонмардиву оқибатандешӣ ҳидоят намудааст. Бо вуҷуди он ки Саъдӣ бо забони равону бурро ва ҳикояҳои ҷолибу хотирмон ин асарро таълиф намудааст, боз ҳам дар маънидоди баъзе нуктаҳои муҳимми ахлоқиву таълимӣ ва ирфониву фалсафии он баҳсҳое ба вуҷуд омада, сабаби таълифи шарҳномаҳо гардидааст. «Мифтоҳи «Гулистон»-и Увайс ибни Одам, «Шарҳи «Гулистон»-и Афзалӣ, «Хиёбон»-и Алихони Орзу, «Чаманистон»-и Тоҷуддини Беҳҷат, «Шарҳи «Гулистон»-и Акрами Мӯлтонӣ аз он ҷумлаанд. Аввалин

шарҳдиҳандаи «Гулистон» Увайс ибни Аловиддин мебошад, ки дар «Мифтоҳи Гулистон» ном асараш ибораҳои душворфаҳм, оёту ҳадис, шеърҳои арабӣ ва форсии «Гулистон»-ро шарҳ дода, ба хонандагон барои дарки асар кўмаки босазо расонидааст.

Санъати саҷъ, ки дар адабиёти тоҷик мақоми шоиста дошта, боиси зебову салис ва хотирмон гардидани насри классикӣ гардида буд, дар «Гулистон» истифодаи фаровон дошта, бар қимати асар меафзояд ва онҳо дар навбати худ аз порчаҳои шеърӣ кам нестанд, чунонки дида мешавад, он суханҳои пандомезе, ки чун хулоса дар «Гулистон» бо санъати саҷъ гуфта шудаанд, то имрўз ба сифати ҳикмату зарбулмасал байни одамон машҳур ва маъмуланд.

Баъзе ҳикоятҳои Саъдӣ мавқеи ҷаҳонӣ касб кардаанд, ки аз пурмуҳтаво будани ривоятҳои осори ў шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, ҳикояи зерини «Гулистон» дар «Оини зиндагӣ» ном асари Дейл Корнегӣ низ мавҷуд аст, ки дар равоншиносии муосир аз он ба тариқи тамсил истифода мебаранд, ҳол он ки қаҳрамони сужети он худи Саъдӣ мебошад: «Ҳаргиз аз даври замон нанолида будам ва рўй аз гардиши осмон дарҳам накашида, магар вақте ки поям бараҳна буд ва иститоати[1] пойпўше надоштам. Ба ҷомеаи Кўфа даромадам дилтанг, якеро дидам, ки пой надошт... Бар бекафшӣ сабр кардам».

Чун шеъри адабиёти классикии тоҷик бар вазни арўз бунёд ниҳода шудааст, Саъдӣ низ дар ин раванд огоҳии комил дошт ва бо ду забон – тоҷикиву арабӣ ашъори баланду қиматбаҳо месуруд. Ин завқи арўзшиносии ў дар осори насрияш низ таъсир кардааст, ки боиси зебову суфта ва гўшнавоз гардидани матолиби насрии муаллиф шудааст. Ба ҷуз порчаҳои назмӣ суханҳои ҳикматомези қофиядор ва ҳикояҳо дар худ осори вазни арўзро таҷассум намудаанд ва дар ин маврид М. Баҳор барҳақ таъкид мекунад: «... агар касе дар ҳикоёти «Гулистон» аз назари арўз диққат кунад, сатре нест, ки мисраи тамом ё нотамом дар он набинад ва ҳеҷ насре дар Араб ва Аҷам ин сифат надорад ва ин ҳунар худ хоси Саъдист».

---

[1] *Иститоат* – қудрат, тавоноӣ.

Саъдӣ дар ин асари худ кӯшиш намудааст, ки тамоми масъалаҳои вобаста ба зиндагии инсонро мавриди таҳлил қарор диҳад ва ба воситаи тамсилу ишораҳои нуктабинона инсониятро аз худгурезӣ ва воқеиятситезӣ (муқобили воқеият баромадан) раҳоӣ бахшида, ба худшиносӣ расонад. Ба бисёр масъалае, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавияти ҳар як инсон алоқаи бевосита дорад, дахолат мекунад. Ғояи асосии асар низ парвариш кардани инсони комил аст, инсоне, ки тамоми адабиёти ҳазорсолаи мо ба тарбияи чунин шахсияти барҷаста равона карда шуда буд. Дар доираи ҳашт боби асар сабр, қаноат, сухандонӣ, мавқеъшиносӣ, нигоҳ доштани ҳадди эътидол, камгӯӣ, шукргузорӣ, панд гирифтан аз зиндагии дигарон, эҳтироми куҳансолон, ростгӯӣ, ҷавонмардӣ, таҳаммулпазирӣ, парҳез аз фурӯмоягон ва ғайраҳоро тарғиб мекунад. Масалан, дар яке аз қитъаҳояш таъкид месозад, ки дараҷаи дониши инсонро дар як рӯз кашф кардан мумкин, аммо аз дилу ният ва шахсияти инсон ба зудӣ воқиф гардидан амри маҳол аст, зеро донистани ботини одам чандин солҳо фурсат мехоҳад.

Саъдӣ дар ҷо-ҷои асар андешаҳои мутафаккирони бузургро бо номашон оварда, бо ин усул бар таъсиргузории афкори ахлоқияш афзудааст, ки иқтибос кардани ӯ аз суханони Имом Ғаззолӣ ва Бузургмеҳр бо зикри номи онҳо далели ин гуфтаҳост.

Суханони ҳикматомези Саъдӣ мисли зарест, ки дар хокдон афтодаву бо пок кардани гарду ғубори рӯйи онҳо, дубора ҷило бахшида, дилҳоро мунаввару рӯшан месозанд. Афкори ахлоқиву педагогии ӯ дар замони рушди технология ва интернет низ заррае аҳамияти худро аз даст надодаанд, зеро ки ҷавҳари ҳар як матни осори ӯро маърифату маънавияти баланд ташкил медиҳад.

Имрӯз амиқ омӯхтани асаре чун «Гулистон», ки қуллаи баландтарини насри дидактикии адабиёти тоҷик ба шумор меояд, чанд аҳамият дорад: ҷавонон бо матолиби судманди ахлоқии он шинос гардида, мавқеи худро дар ҷомеаи имрӯза муайян мекунанд; барои аз наздик омӯхтани мероси адабиёти классикӣ замина фароҳам меояд; барои ташаккули ҷаҳонбинии ҳар як шахс ҳикояҳои он мусоидат мекунанд.

Муаллиф ҳикояҳоро ба сифати тамсил оварда, аз онҳо бардошти ахлоқӣ менамояд ва ҷамъбасти фикрашро дар шакли назм ба хонанда ҳавола мекунад. Дар баъзе мавридҳо дар ду порчаи назмӣ аз як ҳикоят бардоштҳои гуногуни ахлоқӣ кардани муаллиф ба назар мерасад. Аммо ин порчаҳо дар навбати худ сужети алоҳида доранд. Масалан, дар ҳикояте, ки оиди чӣ гуна зода шудани каждум нақл мекунад, таъкид месозад, ки ба дунё омадани каждумҳо нисбати дигар ҳайвонот фарқ дорад, онҳо шиками модари худро дарида берун омада, роҳи саҳроро пеш мегиранд. Сипас ин мазмунро бо мисраъҳои зерин хулоса мекунад:

Писареро падар васият кард,
К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд:
Ҳар кӣ бо аҳли худ вафо накунад,
Нашавад дӯстрӯю донишманд.

Ба фикри Саъдӣ ҳар касе, ки ба наздикони худ вафо накунад ва ба қадри онҳо нарасад, якум шахси дӯстдоштанӣ нест, дуюм донишманд нахоҳад шуд, зеро мисли каждум ба бадниҳодӣ машҳур мешавад. Ҷомӣ ҳам ҳамин тарзи ба дунё омадани каждумро, ки рамзи одамони бадтинат аст, дар назар дошта, неши ақрабро ба табиату фитрати аслии чунин инсонҳо мансуб медонад.

Яке дигар аз масъалаҳои муҳимме, ки муаллиф бар он махсус истода мегузарад, нигоҳ доштани ҳадди эътидол аст. Дар ҳама ҷода, ҳатто дар хоксориву фурӯтанӣ ва таҳаммул ҳам риояи онро талаб мекунад.

Чунончи меорад:

Тавозӯъ гарчи маҳбуб асту фазли бекарон дорад,
Набояд кард беш аз ҳад, ки ҳайбатро зиён дорад.

Ҳамчунин, ду чиз – сухан гуфтан ба вақти хомӯшӣ, дам фурӯ бастан ба ҳангоми гуфтанро сабаби тирагии ақл медонад, ки дар ин ҷо низ ҳадаф андозаро нигоҳ доштан аст.

Бояд гуфт, ниёгони мо дар хонаводаи худ ҳадди ақалл чанд китоби беҳтаринро нигоҳ медоштанд, ки яке аз онҳо албатта, «Гулистон» буд. Ин далели эътибору нуфузи аса-

ри мазкур ва эҳтиёҷи зиёди мардум ба чунин шоҳкории панду ахлоқӣ мебошад. Ҳарчанд аз рӯзгори муаллифи асар 800 сол сипарӣ мешавад, аммо афкори ахлоқиву педагогии ӯ барои ҷомеаи имрӯзу оянда чун обу ҳаво заруранд, ки дар роҳи рушди маънавият нақши муассир доранд.

## ПОРЧАҲО АЗ «БЎСТОН» ВА «ГУЛИСТОН»

### Ҳикоят

Яке аз бузургони аҳли тамиз,
Ҳикоят кунад з-ибни Абдулазиз.
Ки будаш нигине дар ангуштарӣ,
Фурӯ монда дар қиматаш ҷавҳарӣ.
Ба шаб гуфтӣ аз ҷирми гетифурӯз,
Даре буд дар рӯшноӣ чу рӯз.
Қазоро дар омад яке хушксол,
Ки шуд бадри[1] симои мардум ҳилол.
Чу дар мардум орому қувват надид,
Худ осуда будан мурувват надид.
Чу бинад касе заҳр дар коми халқ,
Кайаш бигзарад оби нӯшин ба ҳалқ?
Бифармуду бифрӯхтандаш ба сим,
Ки раҳм омадаш бар ғарибу ятим.
Ба як ҳафта нақдаш ба тороҷ дод,
Ба дарвешу мискину муҳтоҷ дод.
Фитоданд дар вай маломаткунон,
Ки дигар ба дастат наёяд чунон.
Шунидам, ки мегуфту борони дамъ[2]
Фирӯ медавидаш ба ораз чу шамъ.
Ки зишт аст пироя бар шаҳриёр,
Дили шаҳре аз нотавонӣ фигор[3].
Маро шояд ангуштарӣ бенигин,
Нашояд дили халқе андӯҳгин.

---

[1] *Бадр* – моҳи пурра.
[2] *Дамъ* – сиришк, ашк.
[3] *Фигор* – афгор, хаста.

4 – 17-594

Хунук он ки осоиши марду зан
Гузинад бар ороиши хештан.
Накарданд рағбат ҳунарпарварон
Ба шодии хеш аз ғами дигарон.

## Ҳикоят

Чунон қаҳтсоле шуд андар Димишқ,
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ.
Чунон осмон бар замин шуд бахил,
Ки лаб тар накарданд заръу нахил[1].
Бихӯшид сарчашмаҳои қадим,
Намонд об ҷуз оби чашми ятим.
Набудӣ ба ҷуз оҳи бевазане,
Агар баршудӣ, дуде аз равзане.
Чу дарвеш бебарг дидам дарахт,
Қавибозувон сусту дармонда сахт.
На дар кӯҳ сабзӣ, на дар боғ шах,
Малах бӯстон хӯрда, мардум малах.
Дар он ҳол пеш омадам дӯсте,
Аз ӯ монда бар устухон пӯсте.
В-агарчи ба мукнат[2] қавиҳол буд,
Худованди ҷоҳу зару мол буд.
Бад-ӯ гуфтам: «Эй ёри покизахӯй,
Чӣ дармондагӣ пешат омад, бигӯй».
Биғуррид бар ман, ки: «Ақлат куҷост,
Чу дониву пурсӣ, суолат хатост?!
Набинӣ, ки сахтӣ ба ғоят расид,
Машаққат ба ҳадди ниҳоят расид.
На борон ҳамеояд аз осмон,
На бармеравад дуди фарёдхон».
Бад-ӯ гуфтам: «Охир туро бок нест,
Кушад заҳр ҷое, ки тарёк нест.
Гар аз нестӣ дигаре шуд ҳалок,
Туро ҳаст, батро[3] зи тӯфон чӣ бок?».
Нигаҳ кард ранҷида дар ман фақеҳ,

---

[1] *Заръу нахил* – кишту дарахт.
[2] *Мукнат* – қудрат; боигарӣ.
[3] *Бат* – мурғобӣ.

Нигаҳ кардани олим андар сафеҳ[1],
Ки мард ар чи бар соҳил аст, эй рафиқ,
Наёсояду дўстонаш ғариқ.
Ман аз бенавоӣ наям рўйзард,
Ғами бенавоён рухам зард кард.
Нахоҳад, ки бинад хирадманд реш,
На бар узви мардум, на бар узви хеш.
Яке аввал аз тандурустон манам,
Ки реше бубинам, биларзад танам.
Мунағғас[2] бувад айши он тандуруст,
Ки бошад ба паҳлуи бемори суст.
Чу бинам, ки дарвеши мискин нах(в)ард,
Ба ком андарам луқма заҳр асту дард.
Якеро ба зиндон дараш дўстон,
Куҷо монадаш айш дар бўстон?!

## Ҳикоят

Яке панд медод фарзандро:
Нигаҳ дор панди хирадмандро.
Макун ҷавр бар хурдакон, эй писар,
Ки як рўзат афтад бузурге ба сар.
Наметарсӣ, эй гургаки камхирад,
Ки рўзе палангет барҳам дарад.
Ба хурдӣ дарам зўри сарпанҷа буд,
Дили зердастон зи ман ранҷа буд.
Бихўрдам яке мушти зўроварон,
Накардам дигар зўр бар лоғарон.
Ало, то ба ғафлат нахуфтӣ, ки навм[3],
Ҳаром аст бар чашми солори қавм.
Ғами зердастон бихўр, зинҳор,
Битарс аз забардастии рўзгор.
Насиҳат, ки холӣ бувад аз ғараз,
Чу доруи талх аст дафъи мараз.

---

[1] *Сафеҳ* – бехирад, аблаҳ.
[2] *Мунағғас* – хиратабъ, андўҳгин.
[3] *Навм* – хоб.

## Ҳикоят

Забондоне омад ба соҳибдиле,
Ки: «Маҳкам фурӯ мондаам дар гиле.
Яке сифларо даҳ дирам бар ман аст,
Ки донге[1] аз ӯ бар дилам даҳ ман[2] аст.
Ҳама шаб парешон з-ӯ ҳоли ман,
Ҳама рӯз чун соя дунболи ман.
Бикард аз суханҳои хотирпареш
Даруни дилам чун дари хона реш.
Худояш магар то зи модар бизод,
Ҷуз ин даҳ дирам чизи дигар надод.
Надониста аз дафтари дин алиф,
Нахонда ба ҷуз боби ло-янсариф.
Хур аз кӯҳ як рӯз сар барназад,
Ки ин қалтабон[3] ҳалқа бар дар назад.
Дар андешаам, то кадомам карим,
Аз он сангдил даст гирад ба сим».
Шунид ин сухан пири фаррухниҳод,
Дурусте ду дар остинаш ниҳод.
Зар афтод дар дасти афсонагӯй,
Бурун рафт аз он ҷо чу зар тозарӯй.
Яке гуфт: «Шайх, ин надонӣ, ки кист,
Бар ӯ, гар бимирад, набояд гирист?!
Гадое, ки бар шери нар зин ниҳад,
Абӯзайдро асбу фарзин ниҳад.
Барошуфт обид, ки: «Хомӯш бош,
Ту марди забон нестӣ, гӯш бош.
Агар рост буд он чӣ пиндоштам,
Зи халқ обрӯяш нигаҳ доштам.
В-агар шӯхчашмиву солус[4] кард,
Ало, то напиндорӣ афсӯс кард.
Ки худро нигаҳ доштам обрӯй,
Зи дасти чунон гурбузе, ёвагӯй.
Баду некро базл кун симу зар,

---

[1] *Донг* – воҳиди вазн, шашяки чизе.
[2] *Ман* – воҳиди вазн, ки дар Бухоро ба 128 кг баробар буд.
[3] *Қалтабон* – нокас, разил; беномус.
[4] *Солус* – риёкор; фиреб.

Ки ин касби хайр асту он дафъи шар.
Хунук он ки дар суҳбати оқилон
Биёмӯзад ахлоқи соҳибдилон.
Гарат ақлу рой асту тадбиру ҳуш,
Ба иззат кунӣ панди Саъдӣ ба гӯш,
Ки ағлаб дар ин шева дорад мақол,
На дар чашму зулфу баногӯшу хол.

## Ҳикоят

Яке заҳраи харҷ кардан надошт,
Зараш буду ёрои хӯрдан надошт.
На хӯрдӣ, ки хотир баросоядаш,
На додӣ, ки фардо ба кор оядаш.
Шаборӯз дар банди зар буду сим,
Зару сим дар банди марди лаим.
Бидонист рӯзе писар дар камин,
Ки мумсик куҷо кард зар дар замин.
Зи хокаш бароварду барбод дод,
Шунидам, ки санге дар он ҷо ниҳод.
Ҷавонмардро зар бақоӣ накард,
Ба як дасташ омад, ба дигар бих(в)ард.
К-аз ин камзанӣ буд нопокрав,
Кулоҳаш ба бозору майзар[1] гарав.
Ниҳода падар чанг дар нойи хеш,
Писар чангиву ноӣ оварда пеш.
Падар зору гирён ҳама шаб нахуфт,
Писар бомдодон бихандиду гуфт:
«Зар аз баҳри хӯрдан бувад, эй падар,
Зи баҳри ниҳодан чӣ сангу чӣ зар.
Зар аз санги хоро бурун оваранд,
Ки бо дӯстону азизон хӯранд».
Зар андар кафи марди дунёпараст,
Ҳанӯз, эй бародар, ба санг андар аст.
Чу дар зиндагонӣ бадӣ бо аёл,
Гарат марг хоҳанд, аз эшон манол.
Чу чашмору он гаҳ хуранд аз ту сер,
Ки аз боми панҷаҳгаз афтӣ ба зер.

---

[1] *Майзар* – дастор, салла.

Бахили тавонгар ба динору сим,
Тилисмест болои ганҷе муқим.
Аз он солҳо мебимонад зараш,
Ки ларзад тилисме чунин бар сараш.
Ба санги аҷал ногаҳаш бишкананд,
Ба осудагӣ ганҷ қисмат кунанд.
Пас аз бурдану гирд кардан чу мӯр,
Бихӯр пеш аз он, к-ат хӯрад кирми гӯр.
Суханҳои Саъдӣ мисол асту панд,
Ба кор оядат, гар шавӣ корбанд.
Дареғ аст, аз ин рӯй бартофтан,
К-аз ин рӯй давлат тавон ёфтан.

## Ҳикоят

Якеро аз вузаро[1] писаре кавдан[2] буд. Пеши яке аз донишмандон фиристод, ки мар инро тарбият кун, магар оқил шавад. Рӯзгоре таълим кардаш ва муассир[3] набуд. Пеши падараш фиристод, ки он оқил намешавад ва маро девона кард.

Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад.
Ҳеҷ сайқал накӯ натонад кард
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад.
Саг ба дарёи ҳафтгона машӯй,
Чунки тар шуд, палидтар бошад.
Хари Исо гараш ба Макка баранд,
Чун биёяд, ҳанӯз хар бошад.

## Ҳикоят

Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки, ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё эътимодро нашояд ва симу

---

[1] *Вузаро* – вазирон.
[2] *Кавдан* – одами кундфаҳм.
[3] *Муассир будан* – таъсиргузор будан.

зар дар маҳалли хатар аст: ё дузд ба якбор бибарад ё хоҷа ба тафориқ[1] бихӯрад.

Аммо ҳунар чашмаест зоянда ва давлате поянда ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар асли худ давлат аст: ҳар ҷо, ки равад, қадр бинаду дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад.

Сахт аст пас аз ҷоҳ таҳаккум[2] кардан,
Хӯ карда ба ноз, ҷабри мардум кардан.

Вақте афтод фитнае дар Шом,
Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд.
Рустозодагони донишманд
Ба вазирии подшо рафтанд;
Писарони вазири ноқисақл
Ба гадоӣ ба русто[3] рафтанд.

## Ҳикоят

Порсозодаеро неъмати бекарон аз тариқаи аммон ба даст афтод. Фисқу фуҷур оғоз кард ва мубаззирӣ (исрофкорӣ) пеша гирифт. Филҷумла[4], намонд аз соири[5] маосӣ (гуна-ҳон)( мункаре, ки накард ва мускире, ки нахӯрд. Боре ба насиҳаташ гуфтам: «Эй фарзанд, дахл оби равон асту харҷ осиёи гардон, яъне, харҷи фаровон кардан мусаллам[6] касеро бошад, ки дахли муайян дорад».

Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун,
Ки мехонанд маллоҳон суруде:
«Агар борон ба кӯҳистон наборад,
Ба соле Даҷла гардад хушкрӯде».

Ақлу адаб пеш гир ва лавҳу ланб бигузор, ки чун неъмат сипарӣ шавад, сахтӣ барӣ ва пушаймонӣ хӯрӣ!» Писар аз лаззати нозу нӯш ин сухан дар гӯш наёвард ва

---

[1] *Тафориқ* – тафриқаҳо.
[2] *Таҳаккум* – ҳукмравоӣ бо қувва.
[3] *Русто* – деҳа.
[4] *Филҷумла* – хулласи калом.
[5] *Соир* – дигар, боқӣ.
[6] *Мусаллам* – бе чуну чаро; муқаррар.

бар қавли ман эътироз карду гуфт: «Роҳати оҷил[1] ба ташвиши меҳнати оҷил мунағғас кардан хилофи раъйи хирадмандон аст.

Худовандони кому некбахтӣ
Чаро сахтӣ хӯранд аз бими сахтӣ?
Бирав шодӣ кун, эй ёри дилафрӯз,
Ғами фардо нашояд хӯрд имрӯз.

Факайфа[2] маро, ки дар садри мурувват нишастаам ва ақди футувват баста ва зикри инъом дар афвоҳи[3] аном[4] афтода.

Ҳар кӣ алам шуд ба сахову карам,
Банд нашояд, ки ниҳад бар дирам.
Номи накӯе чу бурун шуд зи кӯй,
Дар натавонӣ, ки бибандӣ ба рӯй».

Дидам, ки насиҳат намепазирад ва дами гарми ман дар оҳани сарди ӯ асар намекунад, тарки муносиҳат кардаму рӯй аз мусоҳибат бигардонидам ва қавли ҳукаморо кор бастам, ки гуфтаанд:

Гарчи донӣ, ки нашнаванд, бигӯй
Ҳар чӣ донӣ зи некхоҳию панд.
Зуд бошад, ки хирасар бинӣ
Ба ду пой уфтода андар банд.
Даст бар даст мезанад, ки дареғ,
Нашунидам ҳадиси донишманд!

То пас аз муддате он чи андешаи ман буд, аз накбати[5] ҳолаш ба сурат бидидам, ки пора-пора ба ҳар бармедӯхт ва луқма-луқма ҳамеандӯхт. Дилам аз заъфи ҳолаш ба ҳам баромад ва мурувват надидам, дар чунон ҳоле реши дарунаш ба маломат харошидан ва намак пошидан. Пас бо дили худ гуфтам:

---

[1] *Оҷил* — шитобкор.
[2] *Факайфа* — пас чӣ гуна.
[3] *Афвоҳ* — даҳанҳо.
[4] *Аном* — халқ, махлуқ.
[5] *Накбат* — бадбахтӣ; ранҷ.

Ҳарифи сифла дар поёни мастӣ
Наяндешад зи рӯзи тангдастӣ.
Дарахт андар баҳорон бар фишонад,
Зимистон, лоҷарам[1], бебарг монад.

## Ҳикоят

Ҳаргиз аз даври замон нанолида будаму рӯй аз гардиши осмон дарҳам накашида, магар вақте ки поям бараҳна буд ва иститоати пойпӯшӣ надоштам. Ба ҷомеи Кӯфа даромадам, тангдил, якеро дидам, ки пой надошт. Сипоси неъмати Ҳақ ба ҷой овардам ва бар бекафшӣ сабр кардам:

Мурғи бирён ба чашми мардуми сер
Камтар аз барги тара[2] бар хон аст.
В-он киро дастгоҳу қувват нест
Шалғами пухта мурғи бирён аст.

* * *

Хашми беш аз ҳад гирифтан ваҳшат орад ва лутфи бевақт ҳайбат бибарад. На чандон дуруштӣ кун, ки аз ту баргарданд ва на чандон нармӣ, ки бар ту далер шаванд.

Дуруштию нармӣ ба ҳам-дар беҳ аст,
Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳ аст.
Дуруштӣ нагирад хирадманд пеш,
На сустӣ, ки нозил кунад қадри хеш.
На мар хештанро фузунӣ ниҳад,
На якбора тан бар мазаллат диҳад.

* * *

Фиреби душман махӯр ва ғурури маддоҳ махар, ки ин доми зарқ[3] ниҳодаасту он домани тамаъ кушода.

Аҳмақро ситоиш хуш ояд, чун лоша, ки дар каъбаш[4] дамӣ, фарбеҳ намояд:

---

[1] *Лоҷарам* – ночор, ногузир.
[2] *Тара* – гиёҳе дусола бо баргҳои дароз.
[3] *Зарқ* – риё, дурӯғ.
[4] *Каъб* – шитолинг, пошнаи по.

Ало, то нашнавӣ мадҳи сухангӯй,
Ки андакмоя нафъе аз ту дорад.
Агар рӯзе муродаш барнаёрӣ,
Дусад чандон уюбат[1] мешуморад.

Мутакаллимро то касе айб нагирад, суханаш салоҳ напазирад:

Машав ғарра бар ҳусни гуфтори хеш,
Ба таҳсини нодону пиндори хеш!

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Чаро Саъдиро муаллими ахлоқ мегӯянд?*
2. *Оиди маснавии «Бӯстон» ва сохтори он маълумот диҳед.*
3. *Чаро Саъдӣ дар тарбияи кӯдак сухани дурруштро лозим медонад?*
4. *Оиди Саъдӣ сухани Ҳ. Яғмоиро ёдовар шавед. Шумо чӣ фикр доред?*
5. *Аз кадом шарҳҳои «Гулистон» хабар доред?*
6. *Мақсади Саъдӣ аз овардани тамсили аз модар зода шудани каждум чист?*
7. *Кадом ҳикояти Саъдӣ ба шумо маъқул шуд? Аз он чӣ гуна баҳра гирифтед?*
8. *Чаро Шайх Саъдӣ «Зи душман шунав сирати худ» мегӯяд? Дар ин бобат чӣ фикр доред?*
9. *Чанд порчаи шеърӣ аз «Бӯстон» аз ёд кунед.*
10. *Саъдии Шерозӣ «Гулистон»-ро ба кадом бобҳо ҷудо кардааст?*
11. *Дар «Гулистон» асосан аз кадом навъи наср истифода бурда шудааст, ки бар ҷаззобияту равонии он меафзояд?*
12. *Аз насри мусаҷҷаи «Гулистон» намунаҳо ҳифз кунед.*
13. *Қисмати асосии маводи ин ду асари ахлоқиро Саъдии Шерозӣ аз куҷо фароҳам овардааст?*
14. *Саъдии Шерозӣ насри мусаҷҷаъро асосан, дар пайравии кӣ идома додааст?*

---

[1] *Уюб* – айбҳо.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ
## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ САНЪАТИ САҶЪ

«Саҷъ» дар луғат овози мурғони хушовоз аз қабили булбул ва қумрӣ буда, маҷозан ба маънии суруд ва нағма низ меояд. Аммо маънои истилоҳии он сухани қофиядор дар наср, овардани калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳанг аст. Маънии истилоҳии ин калима бевосита аз маънии луғавии он ба миён омадааст. Саҷъ санъати лафзии сухан аст, ки бештар дар наср кор фармуда мешавад. Сухани насрие, ки ба тарзи қофиядор гуфта мешавад, насри масаҷҷаъ, яъне насри қофиядор номида мешавад.

Дар насри мусаҷҷаъ одатан фиқра ё ҷумлаҳое қатор оварда мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо ба калимаҳои ҳамшакл ё шаклан ба ҳамдигар наздик тамом мешаванд. Ҳамин ҳамшаклии охири ҷумла ё фиқраҳо саҷъ аст. Саҷъ дар наср ба ҳукми қофия мебошад, ки бо таъсири назм ба вуҷуд омада ва ривоҷ гирифтааст. Ба воситаи саҷъ наср мавзуну хушоҳанг, равон ва дилнишин мегардад. Бинобар ин саҷъ дар насри мумтози форсу тоҷик хеле ривоҷ пайдо карда, беҳтарин намунаҳои осори насрии он ба ҳамин санъат навишта шудаанд.

Нависандае, ки аввалин бор саҷъро дар асарҳои худ васеъ корбаст намуда, ин санъатро дар насри форсӣ-тоҷикӣ ҷорӣ намудааст, Хоҷа Абдуллоҳи Ансории Ҳиротӣ (1005–1088) буд. Дар насри ин адиби мутасаввиф қариб ҳар ҷумла чун шеър садо медиҳад. Нависанда масалан, мулоқоти худро бо устодаш Шайх Абулҳасани Харақонӣ ин тавр баён мекунад:

«Абдулло марде буд биёбонӣ, мерафт ба талаби оби зиндагонӣ, ногоҳ бирасид ба Ҳасани Харақонӣ, биёфт чашмаи оби ҳайвонӣ, чандон об хӯрд, ки на Абдулло монду на

Хараконӣ. Пири Ансорӣ ганҷе буд пинҳонӣ, калиди ӯ ба дасти Хараконӣ».

Акнун порчаи зеринро аз «Малфузот» (гуфторҳо)-и ӯ аз назар мегузаронем:

«... Асли ҳол дил аз ҷон пурсид, ки аввали ин кор чисту самараи ин кор чист? Ҷон ҷавоб дод, ки аввали ин кор фано асту охири ин кор вафост ва самараи ин кор бақост. Дил пурсид, ки фано чисту вафо чисту бақо чист? Ҷон ҷавоб дод, ки фано аз худии худ растан асту вафо аҳди дӯстро дар миён бастан аст ва бақо ба ҳақиқати ҳақ пайвастан. Чун аз худ бардавидӣ, ба дӯст расидӣ. Баъд аз ин ишорат воҷиди ин роҳ нест ва забон аз ин кор огоҳ нест. Маст бошу махурӯш, кам бошу маҷӯш, шикаста бошу хомӯш, зеро ки сабӯи дурустро ба даст баранду шикастаро ба дӯш. Агар дорӣ, тараб кун ва агар надорӣ, талаб кун. Гул бошу хор мабош, ёр бошу ағёр мабош. Агар ёр аҳл аст, кор саҳл аст».

Дар ин порча чун дар дигар малфузот ва осори насрии Абдулло Ансорӣ саҷъ бисёр кор фармуда шудааст. Ин ҳол гуфторҳои нависандаро хушоҳангу гӯшнавоз кардааст, бисёр ҷумлаҳо ҳатто мавзун ва чун шеър садо медиҳанд. Нависанда калимаҳои ҳамқофия ва саҷъшавандаро ба таври табиӣ ба кор бурдааст, яъне дар сухан онҳо ба хотираш расанд, ба забон овардааст, наоянд, ҷумларо бе саҷъ гуфтааст. Аз ин рӯ, баъзе ҷумлаҳои ӯ аз саҷъ холӣ, вале баъзе пур аз саҷъ воқеъ шудаанд. Ансорӣ саҷъро ҳанӯз он гуна, ки дар насри мусаҷҷаи давраҳои баъд мебинем, ба ҳукми қонуни адабӣ истифода накардааст, яъне барои бо саҷъ оростани ҳар ҷумла, дар охири ҳар фиқраи он овардани калимаҳои ҳамқофия кӯшиш накардааст.

Сонитар дар пайравии насри мусаҷҷаи Ансорӣ Саъдии бузург «Гулистон»-и худро эҷод кард. Дар ин асари Саъдӣ таъсири зиёди насри мусаҷҷаи Ансорӣ мушоҳида мешавад. Дар «Гулистон» низ саҷъ хушоҳангӣ ва ширинии насрро афзуда, вале ҳамон хусусияти табиии худро нигоҳ доштааст. Саъдӣ низ мисли Ансорӣ саҷъро барои ороиши сухан корбаст накардааст, дар ҳар ҷумла онро ба кор нагирифтааст, балки дар омади сухан, бе ҳеҷ гуна зӯру такаллуф ка-

лимаҳоро қофия бастааст. Дар дебочаи «Гулистон» мехонем:

«... Баъд аз тааммули ин маънӣ маслиҳат он дидам, ки дар нишемани узлат нишинам ва домани суҳбат фаро худ чинам ва дафтар аз гуфтаҳои парешон бишӯям ва минбаъд парешон нагӯям. То яке аз дӯстон, ки дар каҷова аниси ман будӣ ва дар ҳуҷра ҷалис, ба расми қадим аз дар даромад, чандон ки нишоти мулоабат кард ва бисоти мудоабат густард, ҷавобаш нагуфтам ва сар аз зонуи тааббуд барнагирифтам... Касе аз мутааллиқони манаш бар ҳасби воқеа мутталеъ гардонид, ки фалон азм кардааст ва ният ҷазм, ки бақияти умр муътакиф нишинад ва хамӯшӣ гузинад. Ту низ агар тавонӣ, сари хеш гир ва роҳи муҷонабат пеш».

Дар ин порча калимаҳои узлат – суҳбат, нишинам – чинам, бишӯям – нагӯям, анис – ҷалис, нишот – бисот, кард – густард, мулоабат – мудоабат, азм – ҷазм, нишинад – гузинад, хеш – пеш ҳамқофия шуда омадаанд. Ба туфайли ҳамин калимаҳои ҳамқофия ҷумлаҳо хушоҳанг, мавзун ва ҷозибадор садо медиҳанд.

Саъдӣ дар дебочаи «Гулистон» саҷъро зиёдтар ба кор гирифта, вале дар ҳикояҳои асар фақат гоҳ-гоҳ аз рӯи зарурат, барои беҳтар ифода кардани фикр ба ин санъат муроҷиат кардааст. Инро масалан, дар ҳикояти зерин мебинем:

«Маликзодаеро шунидам, ки кӯтоҳ буду ҳақир ва дигар бародаронаш баланду хубрӯй. Боре падар ба кароҳату истеҳқор дар ӯ назар мекард. Писар бо фаросату истибсор ба ҷой оварду гуфт:

– Эй падар, кӯтоҳи хирадманд беҳ, ки нодони баланд. На ҳар чи ба қомат меҳтар, ба қимат беҳтар...».

Саҷъ ба наср на танхо хушоҳангию равонӣ мебахшад, балки онро расову пурра ва равшан мегардонад ва, аз ин рӯ, барои хубтару барҷастатар адо намудани маънӣ ёрӣ мерасонад. Баъд аз Саъдӣ саҷъ дар наср ривоҷ гирифта, ба ҳукми қоида даромад, чунон ки забони асари бадеиро бе он тасаввур намекарданд. Қариб ҳар як ҷумла ба шакли мусаҷҷаъ сохта мешуд. Санъати саҷъ ба як воситаи ороиши шакли асар табдил ёфт. Ба ин муносибат саҷъ хусусияти табиии пешинаи худро то андозае гум карда, ранги як навъ такаллуфоти адабиро гирифт.

Саҷъ дар насри бадеии суханварони мумтозе чун Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамон хушоҳангию латофати пешинаи худро нигоҳ дошт, вале дар ҳамин ҳол як воситаи суханороӣ қарор гирифтани он ҳатто аз забони «Баҳористон» барин як асари асили ин адиби бузург равшан хис карда мешавад. Инро дар мисоли ҳикояти зерини «Баҳористон» дида метавонем:

«Канизаке муғанния, ки ба ҳусни ғано мавсуф буду ба лутфи наво маъруф, ҷамоле бебадал дошту ҳусне бехалал. Рӯзе дар манзари хоҷаи худ созе менавохту ғазале мепардохт. Навҷавоне, ки дар дил ҳавои ӯ дошту дар сар савдои ӯ, дар зери манзар истода буд ва гӯш бар овоз ниҳода ва дар вақти ашъори вай тааммуле мекарду аз лаззати илҳоми вай тамоюле менамуд. Байт:

Хуррам он дилдодаи маҳрум аз дидори дӯст,
К-аз паси девори ҳирмон гӯш бар гуфтори ӯст.

Ногоҳ хоҷа сар аз манзар фурӯ кард, ҷавонро дид. Наздики худаш хонд ва бо худ бар як моида нишонд. Аз ҳар ҷо бо вай хабаре мегуфт ва ҳар лаҳза дар ҳунаре бо вай гуҳаре месуфт. Ҷавон бо хотири фориғ аз ҳама чиз гӯш бо хоҷа дошту чашм бар канизак. Ҳар чи он ба ғамза суол мекард, ин ба абрӯ ҷавоб медод ва ҳар чи он ба турра гиреҳ мебаст, ин ба шакарханда мекушод...»

Чунон ки дида мешавад, дар ин ҳикоят на танҳо қариб тамоми ҷумлаҳо саҷъдор воқеъ шудаанд, балки аксари ибора ва фикраҳои таркиби онҳо низ ба саҷъ ба охир мерасанд. Умуман, бинои тарзи баён ва бадеияти ин ҳикоят, чун дар тамоми дигар ҳикоятҳои «Баҳористон», бар саҷъ қарор гирифтааст.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Саҷъ чӣ гуна санъат аст?*
2. *Чаро Абдуллоҳи Ансориро асосгузори санъати саҷъ медонанд?*
3. *Дар асарҳои насрии адабиёти муосир низ санъати саҷъро мушоҳида кардаед?*
4. *Саъдӣ дар «Гулистон» то кадом андоза аз санъати саҷъ истифода кардааст?*
5. *Ҷиҳатҳои мусбиву манфии санъати саҷъро нишон диҳед. Боз дар асарҳои киҳо ин гуна санъат вомехӯрад?*
6. *Чанд сухани саҷъдор аз «Гулистон» ҳифз кунед.*

## АДАБИЁТИ ХАЛҚӢ

# МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ АДАБИЁТИ ХАЛҚӢ

Дар байни эҷодиёти шифоҳии халқ ва адабиёти навиштаи тоҷик осори зиёди пурарзише мавҷуд аст, ки онро метавон адабиёти халқӣ номгузорӣ кард. Онро таҳти унвонҳои адабиёти омиёна ё насри ривоятӣ ҳам мавриди истифода қарор медиҳанд. Инҳо қиссаву достонҳои халқӣ, аз қабили «Самаки айёр», «Абӯмуслимнома», «Ҳамзанома», «Саргузашти Ҳотам», «Доробнома», «Чаҳор дарвеш», «Баҳрому Гуландом», «Замчинома», «Шоҳнома»-и насрӣ ва ҳикоятҳои бисёре мебошанд, ки қисме аз онҳо дар маҷмӯаҳо гирд оварда шудаанд.

Дар китобхонаҳои ҷаҳон чандин нусхаҳои дастхати маҷмӯаҳои бузурги қиссаву ҳикоятҳои насри ривоятии тоҷик мавҷуданд, ки дар арзи асрҳои XVII–XIX китобат ва нусхабардорӣ шудаанд. Ин маҷмӯаҳо нишон медиҳанд, ки дар насри ривоятии форсу тоҷики ин асрҳо ба ғайр аз ҳикояту латифаҳои хурди беҳисоб миқдори зиёди қиссаву ҳикоятҳои ҳаҷман бузурге мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо ба роману повестҳои ҳозиразамон баробаранд. Инҳо китобҳои машҳур ва дӯстдоштаи халқ буданд. Мардум барои шунидани онҳо дар майдону хиёбонҳо, бозорҳо ва дигар ҷойҳои серодами шаҳр ҷамъ мешуданд. Ровиён (гӯяндагон) сужет ва мазмуни шавқовари ин қиссаву достонҳоро бо санъату маҳорати махсуси гӯяндагӣ, бо бароварду фаровардаш нақл мекарданд. Мардум онҳоро гӯшу ҳуш шуда, соатҳо ва ҳатто тамоми рӯз мешуниданд ва як олам ғизои маънавӣ гирифта, ба хона бармегаштанд.

Қиссаву достонҳои мазкур ба маънии пурра асарҳои халқӣ мебошанд. На танҳо шунаванда, балки эҷодкори онҳо низ

халқ буд. Қаҳрамонони онҳо ҳам намояндагони халқи оддӣ буданд. Дар «Абӯмуслимнома», «Самаки айёр», «Амир Ҳамза» ва чанде дигар асарҳои насри ривоятӣ воқеаҳои таърихӣ ва иҷтимоии асрҳои VII–IX тасвир шудаанд. Асоси ин воқеаҳои таърихиро ҷунбишҳои халқии зидди феодалӣ ва зидди истилогарони араб ташкил мекунанд. Лашкари асосии ҷунбишҳои халқиро деҳқонони безамин ва ҳунармандони шаҳр, мардуми кӯчаву бозор ташкил мекунанд. Масалан, ҳама қаҳрамонҳои асосии «Абӯмуслимнома» паҳлавонҳо, айёрон (ҷавонмардон), ҷосусҳои чолок аз ҷумлаи мардуми камбағалу бенавои шаҳру деҳот мебошанд. Дар роман касбу кори онҳо, аз қабили оҳангар, қассоб, харрот, гилкор, бӯрёгар, кундашикан, сайқалгар ва амсоли инҳо сабт шудааст. Дар романи «Самаки айёр» ҳам тамоми қаҳрамонҳои асосӣ аз ҷумлаи мардуми бенавои шаҳранд. Масалан, Самак, писари шаробдори шоҳ Рӯҳафзо-мутриба, Моҳрӯя – наббош (кафандӯз), Хумор – ҳаммомӣ, Сурхвард – побараҳна, Заранд – ҷарроҳ мебошанд. Ба онҳо ҳамеша ҷавонони фақири шаҳр мадад мерасонанд. Дар роман тарзи зиндагӣ, маишат, хулқу атвор, таомулот, ақлу идрок, дӯстиву вафо ва дигар хусусиятҳои қаҳрамонҳо, ки ба мардуми бенавои шаҳр мансубанд, ба тафсил нақл шудаанд.

Романҳои халқии «Самаки айёр», «Абӯмуслимнома» ва ғайра дар ҳамин муҳити табақаҳои поини иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, офаринандаи онҳо худи халқ аст. Олимон исбот кардаанд, ки «Самаки айёр» чанд аср пеш аз мураттаб шуданаш (асри XII) дар шакли қиссаҳои алоҳидаи далериву корномаҳои Самак, ҷавонмардиҳои Шағоли Пилзӯру Сурхвард ва дигар айёрон, саргузашти ошиқон Маҳпариву Хуршедшоҳ дар байни мардум маълум буда, қиссахонон онҳоро мунтазам мехондаанд. Ниҳоят, қиссахоне бо номи Садақа бинни Абулқосим он ҳикоятҳои ширини парокандаро ҷамъ намуда, қиссаи бузурге тартиб додааст. Баъд аз чанд вақт он асарро Фаромурз бинни Худододи котиб китобат кардааст. Умуман, ҳар як асари насри ривоятӣ, ки сарчашмаи он эҷодиёти лафзии халқ аст, ду муаллиф дошт, ки яке қиссахон ва дигаре китобаткунанда буд. Офаринандаи асарҳои насри ривоятӣ қиссахонон буданд.

Дар таърихи адабиёти халқии форсу тоҷик китоби «Самаки айёр» мақоми алоҳида дорад. Олими маъруфи Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ дар хусуси шуҳрати китоби «Самаки айер» дар байни мардум навиштааст, ки ин асар «қарнҳо мояи саргармӣ ва нишоти мардуми ин сарзамин (Хуросон) дар вақтҳои фароғат буда ва қиссагӯён ҳар яки онҳоро аз устод ё падари худ шунида ва умре барои мардумони шаҳру деҳ бозгӯ карда ва сипас ин хидмати иҷтимоиро ба шогирд ё фарзанди худ супурда ва даргузаштаанд».

«Самаки айёр» дар бораи корнамоиҳои айёрону ҷавонмардон ҳикоят мекунад. Айёрону ҷавонмардон ба ташкилотҳои худмуҳофизати ҳунармандони шаҳр мансуб буданд. Ин ташкилотҳои ҳунармандон низому ойини махсус дошта, аъзои онро ҷавонмард ва баъзан айёр мегуфтанд. Оид ба хусусиятҳои ҷавонмардони давраҳои пеш аз истилои муғул (асри XIII) китоби «Самаки айёр» манбаи муҳимтарин ҳисоб мешавад. Ин китоб аз низому тартиб, фаъолият ва хулқу атвори ҷавонмарду айёрон муфассал хабар медиҳад. Фаъолияти ҷавонмардон хеле гуногун буд: ҳимояи ҳуқуқи ҳунармандони маҳаллаи муайян, додрасиву ҳоҷатбарорӣ, бо илтимоси нафере қасоси ўро аз каси дигар гирифтан ва ғайра. Низому қоидаи ташкилоти онҳо хеле аҷиб аст: Ҳар касеро, ки ба ҷамъият қабул мекарданд, қасам ёд мекунониданд. Ҷавонмардон сарои махсус дошта, дигаронро ба иҷозат ба сарои худ роҳ медоданд.

Ахлоқи ҷавонмардон ҷолиби диққат аст. Онҳо тамоми хислатҳои неки инсониро соҳиб буда, дар навбати аввал чун хайрхоҳ ва ҳимоятгари мардуми бечора амал мекарданд. «Ҳадди ҷавонмардӣ – мегӯяд Шағоли Пилзӯр, яке аз қаҳрамонони асосии «Самаки айёр» – аз ҳад фузун аст, аммо он чӣ фузунтар аст, ҳафтоду ду тараф дорад ва аз он дуро ихтиёр кардаанд: яке нон додан ва дуввум роз пӯшидан». Дар ин сухани Шағол ба ҳафтоду ду шарти ҷавонмардӣ ишора шудааст, ки дар маҷмӯъ ахлоқи ин тоифаро ба олитарин дараҷа нишон медиҳанд. Росткорӣ, ростқавлӣ, поктинатӣ, садоқат ба ёрон, дурӣ аз худхоҳиву худбинӣ ва ғайра аз хислатҳои ҷавонмардон аст. Як хислати онҳо аз

ин гуфтаи Самак маълум мешавад: «Самак хидмат кард, гуфт: Эй шоҳ, ҷавонмардон дурӯғ нагӯянд, агар сари эшон ба он кор биравад». Ҷавонмардону айёрпешагони китоби «Самаки айёр» ягон фасодкорӣ ва риё, иғвою муносибати ношоиста ба занон намекунанд. Онҳо ростқавли бовиҷдонанд. Садоқат ва бародарӣ шиори онҳост. Боре Самак мегӯяд: «Дар ҷавонмардӣ раво нест, ки қавме дар бало раҳо кунем ва худ берун равем. Чун эшон барои мо ҷон фидо кардаанд, то ҷон дорем, бо эшон хоҳем будан».

Яке аз хусусиятҳои ҷамоати ҷавонмардон меҳмоннавозӣ ва мусофирдӯстӣ мебошад. Онҳо меҳмоннавозиро ба дараҷаи парастиши меҳмон расонда буданд. Дар романи «Самаки айёр» тамоми он такопӯ ва корномаи дастаи ҷавонмардону айёрон ба туфайли меҳмони ҷавони ҳалабӣ Хуршедшоҳ, ки ба сарои онҳо ба умеди ёрӣ омада буд, ба вуқӯъ меояд.

Як қатор хислатҳои наҷиби ҷавонмардонро нависандаи асри XI Унсурулмаолии Кайковус дар китоби «Қобуснома»-и худ зикр карда менависад: «Уламо гуфтаанд, ки асли ҷавонмардӣ се чиз аст: яке он ки он чӣ бигӯӣ, бикунӣ, дуюм он ки ростӣ дар қавлу феъл (гуфтору амал) нигоҳ дорӣ, сеюм он ки шикеб (сабр)-ро кор бандӣ... Ҷавонмардтарин аз ҳама мардумон он бувад, ки ӯ бо чанд гуна ҳунар бошад: яке он ки далеру мардона бувад... содиқулваъда бошад ва покдил бувад ва зиёни кас ба суди худ нахоҳад, аммо зиёни худ баҳри нафъи дӯстон раво дорад ва забунгир набошад ва бар асирон даст дароз накунад ва бечорагонро ёрӣ кунад ва бадро аз мазлумон дафъ кунад ва ҳамчунонки рост гӯяд, рост шунавад ва инсоф аз худ бардиҳад ва дар он суфра, ки нону намак хӯрда бошад, бадӣ накунад ва некиро бадӣ мукофот накунад ва аз риё нанг дорад».

«Самаки айёр» ғайр аз аҳамияти таърихӣ ва иҷтимоии худ як намунаи барҷастаи насри бадеӣ мебошад. Ин роман як асари комили адабиёти бадеӣ буда, дорои сужети мураккаб, банду басти мустаҳкам, силсилаи қаҳрамонҳои мусбату манфӣ, зиддият, ривоҷи воқеаҳо ва ҳатто тасвири манзараҳои табиат мебошад. Сужети асар торафт мураккаб ва ҷолибтар мегардад. Рӯйдодҳои ҳайратовар, гирумони басо

мафтункунанда, шуҷоату чолокии беназири қаҳрамонон, ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ тағйир ёфтану ҳал гаштани ҳодисаҳо хонандаро ба ваҷд меоранд.

Майдони воқеаҳо дар «Самаки айер» хеле васеъ аст. Воқеаҳои роман на танҳо дар Хуросон, балки дар Чину Мочин, Ҳалаб (Шом) ва кишварҳои дигар ҷараён меёбанд. Аммо дар мазмуни асар, хислату забони қаҳрамонҳо дар тасвири муҳити ҷуғрофӣ ва ғайра осоре аз он мамлакатҳо дида намешавад. Тамоми роман равшан нишон медиҳад, ки ҳодисаҳои он асосан дар Хуросон – сарзамини тоҷикон сурат гирифта, қиссахон китобро аз ҳаёти ҳамин сарзамин ба вуҷуд овардааст.

Як фарқи бисёр муҳими «Самаки айёр» аз китобҳои дигари насри ривоятии форсу тоҷик ин аст, ки дар ин асар нақши сеҳру ҷоду ва қувваҳои ғайритабиӣ дида намешавад. Дар он ба ҷои қувваҳои ғайритабиӣ ва афсонавӣ чолокиву шуҷоат, маҳорати тадбирандешӣ ва корномаи қаҳрамонҳои ҳаётӣ ба ҷои сеҳру ҷоду ва соҳиру ҷодугарон, фитнаву маккориҳои қаҳрамонҳои манфӣ тасвир шудааст.

Дар романи «Самаки айёр» инчунин шоҳону вазирон, сарлашкарону паҳлавонон, фавҷҳои бузурги лашкар тасвир ёфтаанд. Аммо ин ҳама тоҷдорону зарринкамарон дар назди «як мушт авбоши маҷҳул» – айёрон заифу нотавонанд. Номи Самак онҳоро ба даҳшат меандозад. Айёрони «беасл» ин ҳама соҳибдавлатонро масхараю истеҳзо мекунанд, гоҳ сарлашкаре, ҳатто шоҳро аз боргоҳаш мебаранд, бо шоҳон баҳсу мунозира мекунанд, дар назди лашкар сипоҳсолорере ро ба қатл мерасонанд ва монанди инҳо.

Чанде аз айёрони «Самаки айёр» зоҳиран дар хизмати Хуршедшоҳ ва падари ӯ Марзбоншоҳ мебошанд, аммо дар ҳақиқат, шоҳон Фағфур, Хуршед, Марзбон – ҳама мутеи айёронанд. Инро худи шоҳон низ эътироф мекунанд. Аз ҷумла, Фағфури Чин ба Шағоли Пилзӯр мегӯяд: «Ҷумлаи шаҳр дар фармони туст». Марзбоншоҳ низ ба Самак мегӯяд: «Фармони ту бар мо раво аст».

Дар «Абӯмуслимнома» ва «Доробнома» айёрон дар хизмати сипаҳсолорон буда, супориши онҳоро адо мекунанд. Аммо дар «Самаки айёр» сарони лашкар ба пеши айёрон

сар хам кардаанд. Сипаҳсолорони бузург айёронро дида, аз асп пиёда мешаванд. Масалан, «Ҳурмузи Кел чун Рӯзафзунро бидид, пиёда гашт ва хидмат кард». Ин нишонаи ҳурмати бузург нисбати айёрон буд. Айёрон дар роҳи иҷрои мақсадҳои наҷиби худ аз ҳеҷ чиз даст намекашиданд. Онҳо порсову покизасиришт, ба дӯстон содиқу вафодор, бо бечорагон раҳмдилу боинсофанд, аммо нисбат ба душман бешафқату номуросо мебошанд. Айёрон ғайр аз шамшерзаниву камонкашӣ дар ҳунарҳои дигар аз қабили ҷосусӣ, шабравӣ, роҳи зери замин кофтан, тез рафтан, кор фармудани доруи беҳушкунанда, тағйир додани қиёфа, истифода кардани ҳилаҳои ҳарбӣ ва ғайра маҳорати беқиёс доштанд.

Дар романҳои «Самаки айёр», «Абӯмуслимнома», «Доробнома» ва монанди ин асарҳо амалиёту корнамоиҳои айёрон дар яке бештар, дар дигаре камтар асоси мазмун ё фасли бобҳои ҷудогонаи онҳоро ташкил мекунанд. Дар «Абӯмуслимнома» монанди Зӯлобӣ, Доғулӣ, Меҳтарбоди Ялдои Самарқандӣ, Аҳмади Замчӣ як силсила айёрон тасвир ёфтаанд.

Дар образи айёрон хислатҳои мухталифи ахлоқиро мушоҳида мекунем. Бар хилофи достонҳои ҳамосии адабиёти мумтоз, ки дар онҳо хислатҳои нек дар образҳои мусбат ва хислатҳои бад дар образҳои манфӣ таҷассум гардидаанд, дар образи айёрон ҳар дуи ин хислатҳои ба ҳам зидро мебинем. Хислат ва рафтору кирдори айёрон пур аз тазод аст. Онҳо ба дӯстон раҳмдилу бошафқат, додраси мазлумон, покизасиришту парҳезгор, ростгӯю вафодор буда, боз дар кирдорашон ҳилаву найранг, қаллобию тазвир, бераҳмию бешафқатӣ мушоҳида мешавад. Айёрон бар хилофи хислатҳои некашон дуздию ғоратгарӣ мекунанд, қатлу зулмро раво мебинанд.Чаро дар характери онҳо ин гуна хислатҳои тазод тасвир ёфтаанд? Дар ин ҷо садоқати муаллифи роман ба воқеияти реалӣ ифода ёфтааст. Дар шаҳрҳои асримиёнагӣ ҳилаву найранг ва қаллобӣ ҳукмрон буд. Айёрон бо тамоми хислатҳои неку бадашон зодаи муҳити шаҳрҳо буданд. Онҳо донистаанд, ки дар ҷамъияти феодалӣ соддагию софдилӣ ба сари инсон бисёр фалокатҳо меорад, ӯро аз бисёр чизҳо маҳрум месозад, оҷизу нотавон мекунад. Аз

ин рӯ, онҳо ҳилаю макр ва чолокиву тадбирро аслиҳаи мубориза бар зидди зиштию зулм қарор додаанд. Дуздӣ дар амалиёти айёрон як шакли қасос гирифта ва мубориза бурдан бо душман аст. Самаки айёр пеш аз як дуздиаш худ ба худ мегӯяд: «Ҷойгоҳ ёфтам, он ҷо моли фаровон ба даст ояд ва ҳама аз они душман аст – Меҳрони вазири ҳаромзодаи саг».

Симои ҷавонмардону айёрон аз муносибати онҳо бо гурӯҳи дигари персонажҳои «Самаки айёр» – паҳлавонону сарлашкарон ва шоҳону вазирон боз равшантар мегардад. Дар роман образи подшоҳи идеалӣ тасвир наёфтааст. Марзбоншоҳ ва Арманшоҳ зоҳиран соҳиби ақлу ҳуш мебошанд, аммо ҳар ду ҳам писарони худ Хуршедшоҳу Қазилмаликро идора карда наметавонанд. Подшоҳон дар муқоиса бо айёрон одамони ноӯҳдабаро ва нотавон буда, бе ёрии ҷавонмардон коре карда наметавонанд. Онҳо муҳтоҷи айёрон ва ақлу тадбири онҳо мебошанд. Хусусан, сустиродагӣ, буздилӣ, бехабарии Фағфури Чин аз ҳоли мамлакат боиси он шуд, ки вазираш Меҳрон хиёнат карда, мамлакатро ба душман дод ва шоҳ рӯ ба гурез овард. Мамлакатро халқ бо ёрии ҷавонмардон ҳимоят кард.

Шоҳу вазирон бо машварату маслиҳати айёрон кор мекарданд. Хусусан, Самак бо шоҳу вазир ва сарлашкарон омирона гап мезанад, онҳоро бозпурсӣ мекунад, ба онҳо кор меомӯзад. Оҳиста-оҳиста сарони лашкару паҳлавонон ҳавохоҳи ҷавонмардону айёрон мешаванд. Дар назди зӯрони замон эътибор пайдо кардани айёрон на танҳо чолокиву соҳибтадбирии онҳо, балки аз таваҷҷӯҳу ҳавохоҳии мардуми шаҳр нисбат ба ин тоифа буд. Масалан, вақте ки айёрон дар кӯчаи Сангин муҳосира мешаванд, чорсад нафар аз аҳолии шаҳр бо обу хӯрок ба ёрии онҳо мерасанд.

Ҷавонмарду айёр қаҳрамони нави бадеист, ки дар заминаи воқеияти шаҳрҳои асри миёна ба вуҷуд омада, дар амалиёти онҳо як шакли муборизаи табақаҳои миёна ва поинии ҷомеаи шаҳр инъикос ёфтааст. Дар «Самаки айёр» ва «Абӯмуслимнома» зиндагии мардуми шаҳр, бештар табақаҳои миёнаи он ва ҳунармандон инъикос ёфтааст.

Дигар романи машҳури халқӣ «Абӯмуслимнома» дар мавзӯи таърихӣ эҷод шудааст. Дар асоси он воқеаҳои таърихии нимаи аввали асри VIII – ҷунбиши озодихоҳии мардуми тоҷик аз юғи истилогарони араб бо сардории Абӯмуслими Хуросонӣ (соли 755 кушта шудааст) меистад. Ин роман аз муборизаи сахти мардуми тоҷик ба муқобили зулму ситам ҳикоят мекунад. Қаҳрамони марказӣ ва иштироккунандагони он низ намояндагони халқ мебошанд.

Асоси ғоявие, ки дар атрофи он воқеаҳои роман инкишоф меёбад, муборизаи умумхалқӣ барои барқарор кардани адолат аст, ки дар натиҷаи ҳокимиятро дар хилофат кашида гирифтани умавиён зери по гардида буд. Дар Марв, маркази Хуросон бар зидди зулму ситами маънавӣ ва иҷтимоии халифаҳои Умавӣ муборизаи умумхалқӣ оғоз меёбад. Ин мубориза аввал дар доираи ашрофи Марв ба вуҷуд омада, ба зудӣ оммаи васеи халқро фаро мегирад. Эътирози табақаи ашроф ба муборизаи умумхалқӣ табдил меёбад. Абӯмуслим, намояндаи халқи оддӣ аз сари манораи баланди Марв ба мардум бо даъват муроҷиат менамояд: «Эй аҳли Марв, мо дуздӣ накардаем ва бар сари болини касе нарафтаем. Гуноҳе, ки дар мо ёфтаанд, ин аст, ки мо дӯстдори Мустафо (Муҳаммад пайғамбар) ва Муртазо (халифа Алӣ) ва асҳобу авлоди эшонем ва хаёл накунед, ки мо даст ба банд медиҳем ва охири кор аҷз пеш меорем. То сар бар тан дорем ва ҷон дар бадан, чун Рустаму Исфандиёр мекӯшем». Дар ин муроҷиати Абӯмуслим ба мардум ғояи мубориза бар зидди умавиён ифодаи худро ёфтааст. Ин мубориза дар «Абӯмуслимнома» барои ба амал баровардани ғояи азалии мардуми меҳнатӣ дар бораи адолат давом мекунад.

Даъвати ҳукмдорон ба адлу дод ва раиятпарварӣ яке аз хусусиятҳои асосии мазмуни ғоявии адабиёти мардумӣ мебошад, ки хусусан, дар «Абӯмуслимнома» мавқеи калон пайдо кардааст. Абӯмуслим худ ҳамчун ифодагари марому мақсадҳои инсонпарварона ба майдон баромарда, онҳоро ба ёрон ва пайравонаш низ талқин менамояд. Вай таҳдидро ба ҳаёти худ пешакӣ ҳис карда, ба вориси эҳтимолии худ Мизробшоҳ чунин васият мекунад: «Дил бар дунё нанихӣ ва дасти саховат кушода дорӣ ва ба раият нек пардозӣ ва пайрави шаръ бошӣ ва хилофи Қуръону ҳадис кор накунӣ ва ҳар

шаҳреро, ки гирӣ, ғорат нафармоӣ ва агар лашкари ту майл кунанд, манъ кунӣ, ки раоё воҷибурриояанд ва доди мазлумон аз золимон биситонӣ».

«Абӯмуслимнома» манфиат ва мароми мардуми меҳнатиро ифода ва ҳимоя менамояд. Дар он халқ нисбат ба дигар асарҳои адабиёти мардумӣ нақши бештар, ҳатто асосиро мебозад. Қаҳрамони асосии он аз байни мардуми оддӣ баромадааст. Давраи аввали ҳаёт ва сипас шӯриши ӯ бо деҳқонон, ҳунармандон ва мардуми бенавои шаҳр алоқаманд аст. Персонажҳои мансуб ба табақаи ашроф, ки дар воқеаҳои роман иштирок доранд, қариб ҳамагӣ баъдтар ба воқеаҳо кашида мешаванд. Шӯриш аз худи халқ сар мешавад, на аз қиёми қаҳрамони алоҳидае. Вахте ки Абӯмуслим дар аввалин қиёми худ шикаст мехӯраду ба Карбало раҳсипор мешавад, ёрони ӯ ба дасти Наср, волии араб гирифтор мегарданд, байни Наср ва Хурдаки оҳангар, ёри Абӯмуслим чунин гуфтугӯи тунде ба миён меояд, ки назари эҷодкорони романро ба моҳияти шӯриши Абӯмуслим ифода менамояд: «Эй бозории фурӯмоя, туро ҳам орзуи хурӯҷ шудааст, ки чунин фитна рост кардӣ?! – мегӯяд Наср ба Хурдак. Ба ӯ Хурдак чунин ҷавоб медиҳад: «Ман ҳеҷ фитна рост накардаам. Фитнаангез шумоед, ки мо фақиронро, ки дар хонаи худ нишаста будем, ки омадед ва қасди куштани мо кардед. Мо ҳам ҷамъияти худро кор фармудем ва инҳо нишонаи доду адл нест, ки ҳеҷ касро заҳра набошад, ки аз тарси ғаммозон ва чуғӯлон фақир чандеро дар хонаи худ меҳмон кунад, ки албатта, онро ҷамъияти Абӯтуробиён (пайравони Алӣ) ном кунанд ва essentially онҳо ба мо балое бар сари он номуродон оранд, вагарна мо чӣ гуноҳ дорем? Касеро накуштаем, роҳ назадаем, мардуми косибем, яке оҳангар, дигаре сайқалгар, дигаре гилкор, дигаре дуредгар ва харҷи мол медиҳем ва ба ранҷу меҳнати худ дармондаем ва ба ҳазор меҳнат ва заҳмат лаби ноне ба даст меорем, ки зану фарзанди мо биёсоянд, моро мегиред! Шарм намедоред, ки ба раияти худ беҷурм ҷафо раво медоред?!»

Абӯмуслим дар фаъолият ва хурӯҷи худ, пеш аз ҳама, ба мардуми бенавои шаҳру деҳот ва айёрон, ки низ ба камбағалони шаҳр мансубанд, такя мекунад. Дар атрофи ӯ гурӯҳе ҷамъ мешаванд, ки бо ҳайати худ хусусияти иҷтимоии

шўришро муайян мекунанд. Ба ин гурўҳ Хурдаки оҳангар, Абўтоҳири сайқалгар, Абўалии Харрот, Абўсаиди ҳаллол, Абўҷаъфари гилкор, Мусаййиби путккўб, Исҳоқи кундашикан, Абулқосими обгинагар, Абўнасри шабрав (айёр), Девонаи Ато (айёр) ва ғайра дохил мешавад. Дар аввалин хурўҷи Абўмуслим ҳунармандон мардуми бенавои шаҳр, пойлучу бараҳнаравон иштирок мекунанд. Аз Самарқанд ба кўмаки ў Усмони мўзадўз, Миоди лаҷомдўз, Ҳасани полондўз, Алии сарибозорӣ, Маҳмуди дарзӣ расида меоянд. Дар шўриши Абўмуслим намояндагони мардуми меҳнатӣ аз ҳама фаъолтар иштирок мекунанд, ба ў бештар ёрӣ мерасонанд ва то охир ба ў ва шўриш содиқ мемонанд. Аммо дороёне, ки ба шўриш ҳамроҳ шуда буданд, ё ба он хиёнат мекунанд, ё бо сустию мулоҳизакории худ боиси шикасти он дар марҳалаи аввал мегарданд.

Хусусияти асосии образи Абўмуслим ин аст, ки он аз ҳаёти муқаррарӣ аз байни мардуми оддӣ ба вуҷуд омадааст. Ў маҳсули эҷод ва орзуи мардуми оддии меҳнаткаш аст. Абўмуслим аз бачагӣ ҷавру ситами ҳукмдорони Умавиро дар худ ҳис кардааст. Ў падари худро, ки аз тарафи Ҳаҷҷоҷи хунхор кушта шуда буд, дар ёд надорад. Бо амри Ҳаҷҷоҷ модари ў низ кўр карда ва бо ду кўдаки хурдсолаш аз шаҳр ронда шудааст. Чун деҳқонбача Абўмуслим аз чорсолагӣ бо меҳнат машғул мешавад, модари нобино ва хоҳарчаашро мехўронаду парасторӣ мекунад.

Абўмуслим паҳлавони пурзўр аст. Дар муҳориба ба ў ду бор ҷароҳат мерасонанд ва ў тасодуфан аз марг наҷот меёбад. Вай чандин бор ба дасти душманон меафтад. Ҳатто ба дараҷаи сардори лашкар расида, ў либоси айёрӣ дар бар карда, барои аз банд халос кардани ёрони худ мешитобад. Ў ба марги аввалин ёрони айёр ва камбағали худ месўзад.

Образи Абўмуслим ҳам барои офаринандагони «Абўмуслимнома», ҳам барои шунавандагони қисса чунон маҳбуб буд, ки онҳо аз ў ҷудо шудан намехостанд. Бинобар ин ёди ў дар ду достони дигар – «Замчинома» ва «Тобутнома» зинда гардид. Ин ду достон аз қасоси Абўмуслимро гирифтани ёрони ў ҳикоят мекунанд.

## ПОРЧА АЗ «САМАКИ АЙЁР»

Мо омадем ба ҳадиси Санҷар. Чунин гӯяд муаллифи ахбор ва ровии аҳвол, ки чун Санҷар бо чанд савор ба ҳазимат аз пеши Хуршедшоҳ бирафт ва рӯй ба лашкаргоҳ ниҳоданд, то пеши паҳлавонони шоҳ расиданд. Чун ӯро бididанд, гуфтанд:

– Эй паҳлавон, ин чӣ ҳолат аст? Духтари шоҳ куҷо бурдӣ ва сипоҳ куҷост ва молу хазина куҷост?

Санҷари паҳлавон гуфт:

– Хабар надоред, ки духтари шоҳ бо панҷоҳ хирвор хазина, ки меовардам, Хуршедшоҳ роҳ ба мо бигрифт ва духтар бо мол ва он чи бибурд ва халқе бисёр аз лашкари мо бикушт? Ман аз миёни ҷанг саворе бифиристодам ва шуморо огоҳ кардам. Шумо пайғом фиристодед, ки: «Раҳо кун ва биё, ки мо наметавонем омадан. То вақт бошад, ӯро ба даст тавонем овардан». Ман мол ва духтар раҳо кардам, чун пайғом бишунидам, биёмадам, то чӣ фармоед. Акнун мепурсед, ки чӣ афтодааст? Магар мард наёмадааст ва ин дурӯғ андешидааст? Ва чун бо ман гуфт, ман худ дар шак афтодам, ки он мард сахт зуд бозомад.

Паҳлавонон гуфтанд:

– Эй Санҷар, Хуршедшоҳ бо чанд савор буд, ки чунин кор аз дасти вай баромад?

Санҷар гуфт:

– Чӣ мегӯед? Эшон се тан буданд: Хуршедшоҳ, Фаррухрӯз ва Шағоли Пилзӯр ва мо чаҳорсад тан.

Паҳлавононро аҷаб омад, ки се тан бо чаҳорсад одамӣ чунин корҳо кунанд. Гуфтанд:

– Акнун надонем, ки куҷо рафтанд ва куҷо бошанд?

Пас, дарҳол нома ба хидмати шоҳ Фағфур фиристоданд ва ӯро аз ин воқеаҳо огоҳӣ доданд ва бад-ин муҳим ҷаммозае[1] равона карданд. Пас, гуфтанд: «Мардеро бояд фиристодан, ки ҷосусӣ кунад ва ҷойгоҳи эшон ба даст орад. Се тан, духтари шоҳ ва панҷоҳ харвор хазина куҷо тавонад бурдан? Дар ин вилоят натвон будан ҷое, ки нишастангоҳи

[1] *Ҷаммоза* – шутури тезрав.

эшон бошад ва низ ғарибанд ва роҳе надонанд ва вилояти Ҳалаб дур аст ва бар ин зудӣ натавонанд рафтан. Пас, марде ҷосус бифиристоданд ба талаби эшон, то мақом ва ҷойгоҳи эшон ба даст оварад ва эшон лашкар баранду Хуршедшоҳро бигиранд ва духтару мол аз дасти эшон бадар оваранд. Ҷосус рӯй ба роҳ ниҳод ва мерафт.

Аз он ҷониб Самак аз дараи Буғрой рӯй ба роҳ ниҳод ва ба лашкаргоҳ мерафт, ки аҳвол боздонад ва эҳтиёте бикунад. Дар роҳ ба чашмасоре расид. Мардеро дид нишаста ва нон мехӯрад. Танҳо. Бо вай касе набуд. Самак бо худ гуфт: «Шак накунам, ки ин мард ҷосус аст ва талабгори мост. Маро бо вай чӣ кор аст? Аз дасти вай чӣ хезад? Пеши вай рафт ва салом карду биншаст ва ҳеҷ сухан нагуфт.

Он мард гуфт:

– Аз куҷо меоӣ ва ба куҷо хоҳӣ рафт? Самак гуфт:

– Марде хидматгорам ва бо духтари Фағфур ҳамроҳ будам. Чун Хуршедшоҳ ба лашкаргоҳи мо расид ва қавме бисёр аз мо бикушт, духтари шоҳ бибурданд ва лашкар ба ҳазимат[1] шуданд. Ман ранҷур будам. Акнун ба лашкаргоҳ меравам ва роҳ намедонам, ки чӣ гуна мебояд рафтан.

Он мард гуфт:

– Бар ин роҳ мерав, то ба лашкаргоҳ.

Самак гуфт:

– Ту куҷо меравӣ?

Он мард гуфт:

– Маро ба талаби Хуршедшоҳ фиристодаанд, то бидонам, ки молу духтар куҷо бурдааст. Бозгардам ва бигӯям, то лашкар дунболи вай биравand ва бозситонанд.

Ин бигуфтанд ва ҳар яке аз ҷонибе бирафтанд.

Аз он ҷониб чун Хуршедшоҳ аз дара рӯй ба лашкаргоҳ ниҳод, Қарн аз пеш бирафт. Чун хабар ба лашкаргоҳ расид, ки Қарн ба расулӣ меояд, лашкар истиқбол карданд ва ӯро ба ҳурмат дароварданд ва Шерӯя, ки пешрави сипоҳ буд, боргоҳ сохт. Пахлавононро хабар карданд. Чун Қарн ба боргоҳ омад, хидмат кард ва биншаст. Дарҳол ҷулоб (гулоб) ва мева ва таом оварданд, бихӯрданд ва ба шароб хӯрдан машғул шуданд. Қарн бархост. Номаи шоҳзода берун овард ва бӯса доду пеши эшон бинҳод. Шерӯя нома бардошт ва

[1] *Ҳазимат* – ақибнишинӣ.

бар дасти вазир дод то бархонд ва аҳвол маълум кард. Дар он нигоҳ карданд. Ҳамагон гуфтанд:

– Мо ҳама хидматгоронем ва Хуршедшоҳ фармондеҳи мост. Акнун куҷост? Қарн гуфт:

– Фардо бирасад. Арғун ва Сом дар хидмати вай бо лашкаре бисёр.

Эшон ба истиқбол рафтанд. Ғалаба дар лашкаргоҳ афтод.

Аз қазо ҷосуси Қизилмалик он ҷо буд, бишнид. Рӯй ба роҳ ниҳод. Пеши Қизилмалик омад ва аҳвол ба шарҳ бигуфт. Қизилмалик чун бишнид, дилтанг шуд. Андеша мекард. Қатрон аз дари боргоҳ даромад. Хидмат кард, Қизилмаликро дид хашмнок, гуфт:

– Эй паҳлавон, Меҳрони вазир дидӣ, ки чӣ кард? Моро бифрӯхт ва ба дасти теғ боздод.

Қатрон гуфт:

– Эй шоҳзода, Меҳрон дурӯғ нагуфт, ба далели он ки саҳаргоҳ зани вай бо ду духтар расиданд.

Пас нома ба дасти вай дод. Қизилмалик аҳвол маълум кард ва бишнид, ки духтар ба қалъаи Шоҳак аст, гуфт:

– Акнун моро тадбири ҷанг мебояд кардан. Бифармуд. то зани вазирро бо духтарон дар ҷои некӯ фуруд оварданд.

Аз он ҷониб чун Шерӯя ва Санҷар ва Самур ва Сиёҳгил ва Кармун бо панҷ ҳазор савор ба истиқболи Хуршедшоҳ омаданд. Чун чатри Хуршедшоҳ бирасид, ҷумла пиёда гаштанд. Хидматкунон меомаданд ва Фаррухрӯз истода, биёмаданд ва рикоби шоҳзода бӯса доданд ва дасти Фаррухрӯз бӯса доданд. Боргоҳи Хуршедшоҳ заданд. Хуршедшоҳ пиёда гашт ва ба болои тахт баромад. Фаррухрӯз болои сари вай истода, ҳамагон ба хидмат истоданд. Дар вай нигоҳ мекарданд. Он фарри подшоҳӣ аз вай метофт. Дуо мекарданд ва узр мехостанд.

Ровии ахбор гӯяд, ки Самак дар миёни лашкаргоҳ буд, Ғалаба дид. Ҳар кас мегуфт, ки Хуршедшоҳ меояд. Самак аҷаб дошт. Бар он ҷойгоҳ омад ва он боргоҳ дид ва он мардумони ба хидмат истода, хуррам шуд. Дар боргоҳ рафт ва хидмат кард. Хуршедшоҳ чун Самакро дид, нимқиём намуд ва ӯро пеши худ биншонд.

Самаки айёр гуфт:

– Эй шоҳзода, чӣ гуна афтод, ки бо ин сипоҳ пайвастӣ? Чун ба саодат омадӣ? Маҳпарӣ куҷост?

Шоҳзода забон баркушод ва ҳамаи аҳвол шарҳ дод. Самак чун аҳволи Маҳпарӣ ва ба қалъаи Шоҳак фиристодан бишнид, оҳе бикард чунон ки ҳамагон гуфтанд:

– Эй Самак, туро чӣ расид?

Самак гуфт:

– Эй шоҳзода, аз ин батар чӣ хоҳӣ, ки Маҳпариро ба сад ғусса аз дасти Меҳрони вазир ва Қизилмалик бадар овардам, бар дасти писари дояи ҷоду боздодӣ. Макӯҳар писари Шервона аст ва ошиқи духтари шоҳ аст ва аз бими шоҳ заҳра надошт. Акнун шумо беранҷ ба вай супурдед, қалъае, ки ба сахтии он дар ҷаҳон кас надидааст.

Хуршедшоҳ чун бишнид, дилтанг шуд. Рӯй ба Аррун кард, ки ин ту кардӣ. Духтар аз ин кор огоҳ буд, мегуфт, маслиҳат нест, мо нашнуфтем (нашунидем).

Арғун гуфт:

– Эй шоҳзода, ба Яздони додор, ки огоҳ набудам ман, илло ин соат, ки Самак гуфт.

Самаки айёр гуфт:

– Эй шоҳзода, бандаро дастурӣ деҳ, то чанд рӯз биёсоям, ки аз он вақт, ки ба хидмат пайвастам, осоиш надидам, ки осоиш он гоҳ бошад, ки эмин бошад. Акнун, биҳамдуллоҳ, шоҳзода бар тахт нишастааст ва дигар тамошои ҷанг бикунам. Онгоҳ ба иқболи ту Маҳпариро, агар бар авҷи фалак аст ё дар таҳти замин, Самак ӯро ба даст оварад, ки ман ҷони азиз аз баҳри ту дорам.

Шоҳзода хуррам шуд ва бар вай офарин кард.

Гуфт:

– Ту маро бародарӣ.

Даст дар бозу кард ва даҳ дона гавҳар, ки аз падар ёдгор дошт, ба вай бахшид. Самак замин бӯс кард.

Гуфт:

– Эй шоҳзода, каминаи бандагони яке камтар манам ва ҷони ширин аз барои ту дорам. Ин бигуфт ва ба шароб хӯрдан машғул шуданд, то шаб даромад ва ҷаҳон торик шуд. Хуршедшоҳ рӯй ба осоиш ниҳод ва дар хоб шуданд, то рӯз равшан шуд.

Шоҳзода бифармуд, то тартиби ҷанг карданд. Бонги кӯс баромад. Саворон дар миёни оҳану пӯлод пинҳон шуданд ва рӯй ба майдон ниҳоданд. Аз он ҷониб Қизилмалик чун овози кӯс бишунид, бифармуд, то азми майдон карданд. Аз ҳар ду ҷониб саф баркашиданд. Аввал пиёдагон рӯй ба ҷанг ниҳоданд. Аз они Хуршедшоҳ ду ҳазор пиёда, пешрави эшон Самаки айёр ва аз он ҷониб миқдори се ҳазор пиёда дарҳам афтоданд. Миқдори дувист мард аз ҳар ду ҷониб ба ҳалок омаданд, нақибони лашкар даромаданд, гуфтанд, навбати саворон аст, шумо биёсоед. Эшон бозгаштанд.

Аэ ҷониби Хуршедшоҳ Фаррухрӯз асп дар майдон ҷаҳонид. Бар аспе савор гашта, ки аз бод сабақ бурда буд, бо олоти разм ороста. Фаррухрӯз бо ҷумлаи силоҳ набард кард ва мард хост. Аз лашкари Қизилмалик саворе асп дар майдон ҷаҳонид – номи вай Шоҳон, бар аспе савор гашта бо қуввати пил, ороста ба зин ва баргустувон[1]. Ва Шоҳон худро ба чаҳордаҳ пора силоҳ ороста. Баробари Фаррухрӯз омад ва бонг бар вай зад, ки:

– Насаб аз кӣ дорӣ, бигӯй, то агар дархури ман ҳастӣ, нек ва агар на, бозгардам, то Хуршедшоҳ биёяд. Фаррухрӯз бонг бар вай зад ва гуфт:

– Эй фурӯмоя, туро заҳра бошад, ки номи Хуршедшоҳ барӣ, ки ӯ чун шоҳи ту ҳазор посбон дорад. Манам бандаи вай Фаррухрӯз. Биёвар, то аз мардӣ чӣ дорӣ!

Ин бигуфт ва ба якдигар андаромаданд. Ба найза бисёр бикӯшиданд. То найза дар дасти эшон бишикаст. Даст бизаданд ва теғҳо баркашиданд. Ҳар ду тамом буданд. Ба оқибат Фаррухрӯз ӯро теғе зад ва ба дуним кард. Хурӯш аз лашкари Хуршедшоҳ баромад. Зорӣ аз лашкари Қизилмалик баромад.

Саворе дигар дар майдон омад, бияфканд. Дигаре биёмад, бияфканд, то чиҳил мард бияфканд. Ҳеҷ кас дар майдон намерафт.

Қизилмалик гуфт:

– Ҳанӯз аввали рӯз аст, чунин ҷанг мекунед? Ғайба[2] ва силеҳи ман биёваред, ки кор маро афтодааст. Пиёда

---

[1] *Баргустувон* – пӯшиш зиреҳдори ҷанговарон.

[2] *Ғайба* – тиркаш, ҷаъба.

гашт, то силеҳ пӯшад. Қатрони паҳлавон хидмат кард ва гуфт:

– Эй шоҳзода, банда биравад. То мо, бандагон, бар ҷой бошем, шоҳзодаро осуда мебояд будан.

Ин бигуфт ва асп дар майдон ҷаҳонид. Хуршедшоҳ аз қалби лашкар бидид, ки Қатрон сахт бо сиёсат дар майдон меояд. Паҳлавонон гуфтанд:

– Эй шоҳ, Фаррухрӯзро аз майдон бозгардон, ки Қатронро дар рӯзи масоф[1] бо ҳазор мард ниҳодаанд.

Хуршедшоҳ дилтанг шуд, гуфт:

– Агар ӯро бозгардонам, лашкари мо дилшикаста шаванд. Эшон гӯянд, битарсид. Агар ӯро бигзорам, тарсам, ки ранҷе ба вай расад.

Самак дар пеши инони Хуршедшоҳ истода буд. Хидмат кард, гуфт:

– Эй шоҳзода, банда раҳо накунад, ки эшон ҷанг кунанд.

Ин бигуфт ва ба так[1] хост ва пеши Қатрон бозомад. Гуфт:

– Чун ту марде, ки бо бист ҳазор мард ниҳодаанд, раво бошад, ки бо кӯдаке баробарӣ кунӣ, хосса, ки чиҳил мард афканда бошад? Агарчи ин маънӣ зиён надорад, аммо бо ту писандида набошад.

Қатрон гуфт: – Эй ҷавон, номи ту чист, ки хуш сухан мегӯӣ?

Гуфт: – Эй паҳлавон, номи ман Самаки айёр аст.

Қатрон гуфт:

– Эй ҷавонмард, аз баҳри дили ту ҷанг накунам. Ин бигуфтанд ва бозгаштанд. Табли осоиш бизаданд. Ҳар ду сипоҳ рӯй ба осоиш ва оромӣ ниҳоданд. Ҳама ба Фаррухрӯз офарин мекарданд.

Чун фуруд омаданд, Хуршедшоҳ бифармуд, то маҷлиси базм биёростанд ва бад-он машғул шуданд, то шаб даромад. Талоя[3] бифиристоданд. Ҳар яке сухани Фаррухрӯз мегуфт. Гурӯҳе мегуфтанд: «Чун Қатрон набошад». Самаки айёр болои сари вай истода буд, гуфт:

---

[1] *Масоф* – ҷанг, набард.

[2] *Так* – дав; таку тоз, инҷо ба маънии тунд ва зуд.

[3] *Талоя* – аскароне, ки вақти шаб лашкарро посбонӣ мекунанд.

– Чанд гӯед, ки Қатрон марди азим аст. Агар шоҳ дастур диҳад, ман имшаб Қатрон баста биёварам. Шағол бонг бар Самак зад, гуфт:

– Чаро чизе, ки натавонӣ кардан, мегӯӣ?

Самаки айёр гуфт:

– Эй устод, ба ҳиммати ту ва иқболи шоҳзода, Яздон ақл додааст маро, ки он чӣ гӯям, битавонам.

Паҳлавонон аз гуфтори вай хуррам шуданд. Хуршедшоҳ бар вай офарин кард, то соате буд.

Гуфт:

– Имшаб амири талоя кист?

Гуфтанд:

– Сиёҳгил аст.

Гуфт:

– Раво бошад.

Мебуд, то шаб даромад. Самак бархост ва корд ва каманд ва он чӣ ба кор боист, бардошт, бар канори лашкаргоҳ омад. Сиёҳгилро дид, пой аз рикоб бадар оварда, корд баркашид ва рикоб бибурид ва бо худ бибурд. Сиёҳгил аз хоб даромад. Пой дар рикоб мениҳод, наёфт. Бурида дид. Фурӯ монд. Дилтанг мебуд. Ба талоя мегашт. Чун Самак ба талояи Қизилмалик расид, амири талоя Қатур буд, бародари Қатрон.

Самак дар миёни лашкаргоҳ назора мекард, то Қизилмаликро дид, бар тахт нишаста ва шароб мехӯрад. Самак назора мекард, то Қизилмалик бихуфт. Қатрон аз боргоҳ берун омад. Бонг бар посбонон зад, ки:

– Бедор бошед, ки шоҳзода хуфт.

Ин бигуфт ва ба хаймаи худ рафт. Самак нигоҳ медошт, то бихуфт.

Самак дар паси хаймаи Қатрон рафт ва мех барканд. Худро бар хайма афканд. Нигоҳ кард, ӯро дид чанд зиндапиле хуфта ва аспе хинг[1] бар дари хайма бидошта ҳамчанди кӯҳе, полҳанг[2] бар даст рикобдор ба хоб. Пой бар ҳалқи вай ниҳод, то бимурд, ҷомаи вай берун кард ва худ дарпӯшид ва ба ҷои вай бинишаст ва аспро чандон бимо-

---

[1] *Хинг* – аспи сафеду хокистарранг.

[2] *Полҳанг* – яккаҷилав.

лид, ки ром кард ва бо Самак унс гирифт. Чун донист, ки вақти кор аст ва Қатрон дар хоб аст, Самак ба болини вай омад. Нигоҳ кард, кӯҳе дид. Гуфт: «Эй Самак, ту бо ин басанда набошӣ. Агар бедор гардад ва як даст бар ман занад, маро бикушад. Надонам, ки ӯро чӣ гуна тавонам бурдан». Ин андеша мекард. Каманд аз миён бикшод ва ҳар ду пойи Қатрон сокин бубаст ва дар гӯшаи тахт устувор бубаст. Ба болини вай омад ва дастҳои вай ба каманд бар гӯшаи тахт баст, корд баркашид ва бар синаи Қатрон нишаст.

Қатрон бедор гашт. Агарчи маст буд, хост, ки боз нишинад, худро баста дид, натавонист. Якеро дид бар синаи вай нишаста ва корд баркашида. Қатрон гуфт:

– Ту кистӣ?

Самак гуфт:

– Эй нодон, маро намешиносӣ? Манам Самаки айёр. Агар сухан гӯӣ, туро бикушам.

Қатрон дам даркашид. Самаки айёр гӯе[1] карда буд аз адими[2] ба равған нарм карда, дар даҳони вай ниҳод ва бозбаст маҳкам, чунон ки сухан натавонист гуфт. Ва ҳар чаҳор дасту пои Қатрон ба устодӣ дарбаст устувор. Пас, болише, ки дар зери вай ниҳода буд, бишкофт ва холӣ кард ва Қатронро дар он болиш афканд ва дарбаст ва ба ҳазор ҷаҳд ӯро бар асп афканд ва худ низ бар асп нишаст ва омад бар канори лашкаргоҳ ва рӯй ба роҳ ниҳод.

Ҳақтаоло тақдир кард, ки аспи Қатрон айғир буд. Чун наздики талоя расид, бӯйи модиён ёфт, шиҳа зад ва саркашӣ кардан гирифт. Самак ҷаҳд мекард, ки аспро бар ҷой бидорад ё аз ҷонибе дигар биронад, наметавонист. Талояро вақти бозгаштан буд. Самак чун дид, аз асп пиёда гашт. Гаве буд. Қатронро дар он гав андохт ва худ ба так хост ва бирафт.

Чун талоягон бозгаштанд, бар овози шиҳаи асп бар он ҷониб рафтанд. Аспи Қатрони ҷангӣ диданд истода. Аҷаб доштанд, гуфтанд:

– Чӣ ҳолат аст? Бингаред, то чӣ расидааст, ки асп ин ҷойгоҳ истодааст?

---

[1] *Гӯй* – ҳар чизи кулӯла.

[2] *Адим* – пӯсти даббоғишуда, чарм.

Яке гуфт:

– Асп чашм дар он гав (мағок, замини нишеб) гумоштааст, ҳар чӣ ҳаст, дар он ҷойгоҳ аст.

Ду-се тан дар он гав рафтанд. Болише диданд афтода. Гуфтанд:

– Дузде чизе дошт, чун моро бидид, бияндохт ва бирафт.

Қавме гуфтанд:

– Пас, ин асп аз куҷо омад? Магар асп низ бихост бурдан?

Чун хостанд, ки болиш баргиранд, гарон буд. Бикшоданд. Қатрони паҳлавонро диданд. Фарёд баровvarданд ва аз он кор ғамнок шуданд. Қатур дар болини бародар омад ва ӯро бикушод. Ҳеҷ кас заҳрае надошт, ки аз вай бозпурсад, ки чӣ гуна афтод. Қатрон низ нагуфт. Савор гашт ва ба лашкаргоҳ омад. Қатрон дилтанг буд. Рӯзи дигар бомдод бифармуд, то кӯси ҳарбӣ бизаданд, ки: «Ман имрӯз коре кунам ба эшон, ки то ҷаҳон бошад, аз он бозгӯянд!»

Эшон бар азми пайкор. Аз ин ҷониб Самаки айёр ба боргоҳ омад. Дар он соат Хуршедшоҳ бар тахт баромада буд. Самакро дид, бипурсид. Самаки айёр аҳволи рафта бозмегуфт, паҳлавонон аз ханда бол.

Самак мегуфт:

– Эй шоҳзода, он асп кори ман ба зиён овард. Ҳарчанд ҷаҳд кардам, то он аспро аз ҷонибе дигар биронам, нарафт, ки лашкар ба ман расиданд. Аспе шамус буд, ҳеҷ душвортар аз он набуд, ки он асп шиҳа мезад. Бим буд, ки он аспро бикушам.

Паҳлавонон ба ханда афтода буданд.

Паҳлавонон гуфтанд:

– Эй Самак, моро ба ёрӣ мебоист хондан, то он аспро гӯш бигирифтамоне ва биёвардамоне.

Ин маънӣ мегуфтанд ва механдиданд, ки ногоҳ рояти шаб нигунсор шуд ва рояти рӯз барафрохтанд. Олами ғамнокшуда аз ҷомаи сӯгворӣ берун омад ва ҷомаи зарбафт пӯшид ва ба тахти мулк баромад. Хуршеди ҷаҳоннамой ба ҳаққи хидмат аз гӯшаи фалак рух бинамуд ва хиромон ба хидмати олам омад, камар баста ба болои сари олам биистод ва шуои хеш ба олам нисор кард. Чун шоҳи рӯз бар

тахти мулк баромад, фармон дод, то ҷаҳониён ба хидмати подшоҳ раванд.

Чун олами рӯз бар ҷаҳони шаб музаффар гашт, аз лашкаргоҳи Қизилмалик овози кӯси ҳарбӣ баромад. Сипоҳ дар ҳаракат омаданд. Се ҳазор савор дар мағзи оҳан ниҳон шуданд ва рӯй дар майдон ниҳоданд. Самак дар пеши Хуршедшоҳ истода буд, гуфт:

– Эй шоҳ, ба зудӣ азми ҷанг кардан Қатрон фармудааст, бад-он кинаи дӯш, ки ӯро натавонистам овард. Дареғ мехӯрдам аз он чӣ он шаб бо ман карда буд.

Хуршедшоҳ бо дигарон ба ханда дарафтоданд. Хуршедшоҳ бифармуд, то лашкар азми майдон кунад, Хуршедшоҳ савор гашт ва чатри гавҳарнигор болои сари вай барпой карданд. Биёмад ва дар қалби лашкар биистод.

Овози кӯси ҳарбӣ ва духӯли ҷанг аз ҳар ду лашкар баромад ва ғулғул дар ҷаҳон афтод ва нақибон истода ва сафи сипоҳ рост мекарданд, ки аз лашкари Қизилмалик Қатрон асп дар майдон ҷаҳонид ва он рӯз бар аспе зард савор гашта буд – девлохе, водинаварде, биёбоннаварде, дарёгузоре, киштиниҳоде чун кӯҳпорае, гуфтӣ хоку бод ва обу оташ аст:

Аспе. Чӣ гуна аспе? Аспе ба сони кӯҳ,
Ҳаргиз кӣ дид кас ба ҷаҳон кӯҳи ҷонвар?
Чун пили масту шери дажогоҳи тезу тунд,
Чун аждаҳо раванда ба саҳрову кӯҳу дар...
Ҳангому вақти ҷанг чу бошад ба ховарон,
Аз як наҳеби «ҳин» ҷаҳад ӯ то ба Бохтар.

Чунин аспе ороста ба баргустувони зард ва зини зарканда ва Қатрон аз болои ҳама хафтоне зард пӯшида ва хӯде оддӣ аз зару гавҳарнигор бар сар ниҳода ва дасторчаи зард бар пои хӯд баста ва ду теғ, яке ҳамоил карда ва яке дар зери рикоб ва камаре гавҳарнигор бар миён баста ва гирди камар тири ёздаманишӣ ороста ва соҳину соин[1] дарафканда ва камони чочии хоразмикирдор дар бозу карда

[1] *Соин* – нигоҳдоранда.

ва каманде аз хоми гӯр бар фитрок баста ва амуде гаронсанг дар пеши кӯҳаи зин фурӯ бурда ва найзае зард бар кирдори сутуне, сари найза дар даст гирифта ва буни найза бар замин кашон карда, наъразанон ва уштулумкунон асп метохт. Аспаш сум бар санг мезад ва сангро сурма мекард.

То замоне ҷавлон кард. Пас, баробари қалби лашкари Хуршедшоҳ омад, овоз дод ва гуфт:

– Эй паҳлавонон, чаро бозмондаед? Кист ӯро, ки паймонаи умр пур гашт ё бахт аз ӯ даррамида? Гӯ, дар майдон ой, то соате худро барозмоем.

Қатрон ин сухан бигуфт, ки аз лашкари Хуршедшоҳ саворе дар майдон рафт, номи ӯ Санҷом. Бар аспе аблақи[1] бодпой савор гашта, аз фарқ то суми сутур дар оҳан ғарқ ва ҳар чӣ пӯшида дошт, сурх буд. Пеши Қатрон омад ва бонгу ниҳеб бар вай зад, гуфт:

– Эй паҳлавон, чист ин ҳама наъра ва фарёд, ки мекунӣ? Танҳо ба майдон омадаӣ? Биёвар, то аз мардӣ чӣ дорӣ?

Ин бигуфт. Қатрон ба вай даромад ва найза биронд, то бар Санҷом занад, ки Санҷом найзаи вай бар найзаи худ бигирифт. Соате ба найза набард озмуданд. Агарчи Санҷом паҳлавон буд, на марди Қатрон буд. Замоне бо ҳам бигаштанд, то Қатрон ӯро найзае зад бар сина, чунон ки аз пушти Санҷом берун шуд. Санҷомро бияфканд ва наъра зад, гуфт:

– Шод бошед, эй мардон, агар мардед, дар майдон оед ва ҳунар намоед. Куҷо шуд Фаррухрӯз, ки як рӯз дар майдон он ҳама мардӣ менамуд? Мардон чунин дар майдон мефиристед?

Аз тақдири Яздон Фаррухрӯз аз дарди шикам ранҷур буд. Хуршедшоҳ бар Фаррухрӯз нигоҳ мекард.

Гуфт:

– Эй бародар, Қатрон туро мехонад.

Фаррухрӯз гуфт:

– Эй худованд, ин банда ранҷур аст аз дарди шикам ва наметавонам ҳаракат кардан, вагарна ӯро нагузоштаме, ки сухан гуфтӣ. Маро маъзур дор.

---

[1] *Аблақ* – сафеду сиёҳ, ало.

Пас, аз лашкари Хуршедшоҳ ҳар мард дар майдон мерафт ва Қатрон меафканд, то панҷоҳ мард бияфканд, ҳар яке, ки меафканд, наъра мезад ва мегуфт:

– Эй Фаррухрӯз, куҷоӣ? Дар майдон ой ва ҳарб кардан биёмӯз.

Фаррухрӯз агарчи ранҷур буд, таънаи забон ӯро нохуш меомад. Силеҳ бар тани худ рост кард ва рӯй ба майдон ниҳод, ки пеши Қатрон равад. Хуршедшоҳ гуфт:

– Фаррухрӯз ранҷур аст. Ҷанг натавонад кардан.

Самак гуфт: – Эй шоҳ, фориғ бош, ки банда раҳо накунад, ки Фаррухрӯз дар майдон равад.

Ин бигуфт ва ба так хост, то пеши эшон расид.

Гуфт:

– Эй паҳлавон Қатрон, чун дӣ раҳо накардам, ки бо вай ҷанг кунӣ, имрӯз раҳо накунам, ки ӯ бо ту ҷанг кунад, ки ту хастаӣ, ки пеш аз вай мард афкандаӣ.

Қатрон дар Самак нигоҳ кард. Гуфт (дар дил): «Эй фурӯмоя, ту будӣ, ки маро дар он хорӣ бихостӣ бурдан? Валекин магар на ин будааст. Надонам, то шафқати вай аз чист? Вагар на ин будааст, надонам, ки ман вай(ро) аз куҷо ба даст оварам».

Гуфт: – Эй ҷавон, туро ин шафқат бар ман чарост, ки раҳо намекунӣ, ки мо ҷанг кунем?

Самаки айёр гуфт:

– Эй ҷавон, марде ба панҷоҳ сол ба мардӣ мерасад, ба як соат бар бод додан шарт нест. Яке осуда ва яке кӯфта, ночор ин яке зуд барбод шавад. Чун ҳар ду осуда бошанд, замоне ҳунармандӣ намоянд, шояд, ки кор ба салоҳ кунанд, то нақибон эшонро аз ҳам бозгиранд. Ва дигар худ дергоҳ аст. Бозгардед, то фардо тартиби ҷанг месозед.

Ҳар дуро бозгардонид. Табли осоиш бизаданд. Ҳар ду сипоҳ бозгаштанд. Чун фуруд омаданд, Хуршедшоҳ ба тахт баромад. Бифармуд, то маҷлиси базм биёростанд ва ба шароб хӯрдан машғул шуданд.

Аз он ҷониб Қизилмалик ба боргоҳ омад. Паҳлавононро ҳозир кард. Қатронро хилъати некӯ дод ва офарин кард ва ба шароб хӯрдан биншастанд, то рӯзи равшан рахт барбаст, шаби тира рӯй бинамуд, ҷаҳон сиёҳ ва тира шуд, аз ҳар ду ҷониб талоя берун рафтанд.

Самаки айёр пеши Хуршедшоҳ барпой буд ва хидмат кард ва гуфт:

– Эй бузургвор шоҳзода, ба иқболи ту имшаб Қатронро баста биёварам.

Ин бигуфт ва рӯй ба роҳ ниҳод ва мерафт, то аз талоя бигзашт. Роҳи бероҳ дар пеш гирифт, ки ногоҳ якеро дид, ки рӯй ба лашкаргоҳи эшон ниҳода буд. Чун Самакро бидид, гаве буд, дар он гав рафт ва ба камин нишаст.

Самак гуфт: «Дар ин кор таъбияе[1] ҳаст. Ин яке ҳамчун ман менамояд, ки ба лашкаргоҳи мо меравад». Худро бехабар сохт, яъне, ки ман аз вай хабар надорам, ба қазои ҳоҷате меравам. Ногоҳ худро бар сари он мард афканд ва ӯро биг-рифт ва корд баркашид, то ӯро бикушад.

Он шахс гуфт: – Эй озодмард, ту кистӣ ва ман чӣ кардаам, ки маро бихоҳӣ кушт? Аз ман чӣ дидӣ?

Самаки айёр гуфт;

– Эй фурӯмоя, маро намешиносӣ? Манам Самаки айёр – шогирди Шағоли Пилзӯр, хидматгори Хуршедшоҳ. Рост бигӯй, ки ту кистӣ ва аз куҷо меоӣ ва ба куҷо меравӣ? Агар ҷон мехоҳӣ, саҳл аст.

Он шахс гуфт:

– Эй Самак, савганд хӯр, ки маро ба ҷон амон диҳӣ ва наёзорӣ, то рост бигӯям.

Самаки айёр савганд хӯрд, ки: «Туро наёзорам ва ба ҷон зинҳор диҳам, агар бо ман хиёнат накунӣ ва рост бигӯӣ».

Он шахс гуфт:

– Маро ном Оташак аст. Хидматгори Қатронам, омадаам, то туро даст баста пеши вай барам.

Самак гуфт:

– Ин душманӣ аз чӣ бархост? Ту аз куҷову ман аз куҷо? Ту бо ман чӣ кина дар дил дорӣ? Ман бо ту чӣ бад кардам, ки ту маро пеши Қатрон мебарӣ? Туро чӣ фоида бувад?

Оташак гуфт:

– Эй Самаки айёр ва эй паҳлавони замона, дирӯз дар пеши Қатрон истода будам, ӯро дилтанг дидам, гуфтам:

– Эй паҳлавон, чаро дилтангӣ? Ахволи ту бо ман бигуфт, ки чун будӣ ва бо ӯ чӣ кардӣ ва ӯро бихостӣ бурдан,

---

[1] *Таъбия* – оростан ё омода кардан (-и сипоҳ ба ҷанг).

иттифоқ наяфтод. Сабаб нагуфт, ки чун буд, аз баҳри он ки маълум набуд. Ва аз дасти ту дар пеши ман бинолид. Пас, гуфт: «Эй Оташак, ту дар шабравӣ ва айёрӣ дасте дорӣ, тавонӣ рафтан, ки Самакро даст баста пеши ман орӣ?» Ман гуфтам: «Эй паҳлавон, ҳоҷате дорам. Агар ҳоҷати ман бароварӣ, Самакро даст баста пеши ту оварам».

Қатрон гуфт: «Ҳоҷати ту чист?»

Ман гуфтам: «Эй паҳлавони ҷаҳон, касе ҳаст аз они подшоҳи Мочин, ки ӯро Дилором ном аст. Як рӯз вайро бидидам ва бар вай ошиқ шудам. Ӯро бихоҳ аз шоҳ ва ба занӣ ба ман деҳ. Қатрон бар худ гирифт, ки ин кор бикунад ва Дилоромро ба занӣ диҳад ва ангуштарӣ ба ман дод, то чун туро пеши вай барам, аз ӯҳдаи кори ман берун ояд.

Самаки айёр гуфт:

– Эй Оташак, бо ман аҳд кун ва савганд хӯр, ки ёри ман бошӣ ва ҳар чӣ бигӯям, бикунӣ ва рози ман нигоҳ дорӣ ва бо касе нагӯӣ ва хиёнат наяндешиву нафармоӣ ва аз қавли ман берун наёӣ, то ман Дилором бе ранҷе дар канори ту кунам. Ва нек донӣ, ки аз дасти ман беҳтар бархезад, ки аз дасти Қатрон.

Оташак хуррам шуд ва дар дасту пойи Самак афтод, гуфт: – Қандаам, ту чӣ мефармоӣ?

Савганд хӯрд ба Яздони додори кирдигор ва ба нуру нору меҳр ва ба нону намаки мардон ва ба насиҳати ҷавонмардон, ки Оташак ғадр[1] накунад ва хиёнат наяндешад ва он кунад, ки Самак фармояд. Ва бо дӯсти вай дӯст бошад ва бо душмани вай душман.

Самак ӯро дар канор гирифт ва гуфт:

– Ту маро бародарӣ.

Пас гуфт: – Эй бародар, маро даст бозбанд ва полҳанг бар гардан афкан ва кашон мебар то пеши Қатрон. Чун Қатрон маро бубинад, гӯяд: «Ӯро гардан бизанед». Ту гӯй: «Эй паҳлавон, чӣ ҷои куштан аст? Марде чунин бигзор, то фардо доре дар майдон фурӯ барем ва ӯро бар дор кунем, то аломате бошад ва ҷаҳониён бидонанд, ки мо бо Самак чӣ кардем ва бо дигарон чӣ хоҳем кардан. Қатрон гӯяд: «Касе бояд, ки ӯро нигоҳ дорад». Ту маро бар хештан гир

---

[1] *Ғадр* – аҳдшиканӣ; хиёнат.

ва бигӯй, ки: «Ман ӯро тавонистам овардан, нигоҳ низ тавонам дошт». Аз он ҷо маро ба хаймаи хеш бар, то аз он ҷо кор бисозем, чунон ки бояд сохт ва ман Дилором дар канори ту кунам.

Ҳар ду бо ҳам аҳд карданд. Пас, Оташак дасти Самак боз пас баст ва полҳанг дар гардани вай афканд ва меовард, то ба лашкаргоҳ расид. Чун Оташакро диданд, ки якеро полҳанг дар гардан карда, гуфтанд:

– Ин кист?

Оташак мегуфт бар хуррамӣ ва нишот, ки:

– Самак аст.

Ӯро қафоӣ мезаданд. Чун чанд силӣ барзаданд, Самак саросема шуд, гуфт:

– Эй Оташак, раҳо макун, ки маро ба силӣ бикушанд. Оташак бонг бар эшон зад ва ҳамаро дур кард ва омад ба хаймаи Қатрон ва дар пеши вай хидмат кард, полҳанг дар гардан ва дасти Самак карда.

Қатрон гуфт: – Эй Оташак, шер омадӣ ё рӯбоҳ?

Оташак гуфт: – Эй паҳлавон, ба иқболи ту шер омадам ва Самакро баста овардам.

Қатрон нигоҳ кард ва Самакро дид, гуфт:

– Эй фурӯмоя, ман туро беҳтар овардам ё ту маро бурдӣ? Кӣ бошад, ки маро ба ҳилат барбандад? Зуд ӯро гардан бизанед.

Оташак хидмат кард ва гуфт: – Эй паҳлавон, чӣ ҷойи ин сухан аст? Худ ҳам ба ин бояд? Яке ӯро дар дам бикушад? Ман кистам? Ман коре кунам, ки касе надонад? Фардо дар майдон доре бизанем ва ӯро бар дор кунем, то дигарон ибрат гиранд ва моро аз он номе бувад.

Қатрон гуфт, ки: – Ӯро нигоҳ кӣ дорад?

Оташак гуфт:

– Ӯро тавонистам бастан ва овардан, нигоҳ тавонам доштан. Ӯро ба ман супор, ки аз бари номи худ ӯро ба ҷон нигоҳ дорам.

Қатрон гуфт: – Ту донӣ.

Оташак дасти Самаки айёр бигрифт ва ба хаймаи хеш бурд ва дасти вай бикшод ва биншастанд.

Аз он шаб Қатрон шароб намехӯрд аз бими Самак. Чун ӯро баста дид, ки ба дасти Оташак аст, гуфт:

– Шароб оред, то бар ин шодӣ шароб хӯрем, ки моро аз қаҳри Самак шароб фурӯ намерафт. Акнун фориғ шудам.

Дарҳол шароб оварданд. Қатрон ба шароб хӯрдан машғул гашт ва шароби бисёр бар худ паймуд, то маст гашт ва бихуфт. Самак ва Оташак нигоҳ медоштанд, то Қатрон бихуфт. Самаку Оташак ҳар ду бархостанд ва ба хаймаи Қатрон омаданд. Қатронро диданд беҳуш афтода.

Самак гуфт: – Эй Оташак, ӯро чӣ гуна барем?

Оташак гуфт: – Эй паҳлавон, ту донӣ. Ман ин кор надонам.

Самак андеша кард ва гуфт: – Эй бародар, ҳеҷ маҳде ба даст тавонӣ овардан?

Оташак гуфт: – Эй паҳлавон, бар дари хаймаи Қатрон ду маҳд ниҳодааст ва азони Меҳрони вазир аст, ки зан ва ду духтари вай бад-ин ҷой фиристодааст.

Самак он бишнид ва дар гӯш наёвард ва аз хайма берун омад ва он ду маҳд бидид, гуфт:

– Эй Оташак, ду астар ба даст овар, ки ту ин ҷойгоҳ густохӣ ва ман ба тартиби Қатрон мекунам.

Оташак ба боргоҳ рафт, ки астар оварад. Самак Қатронро дар маҳд хобонид ва ҳар чи ёфт аз заррина ва симина ҳама дар маҳд ниҳод, ки дарҳол Оташак бирасид ва ду астар биёвард ва ду маҳд бар астарон ниҳод.

Самак гуфт: – Эй Оташак, сӣ ғуломро бихон ҳама силоҳ пӯшида ва шамшерҳо кашида ва перомуни маҳд фурӯ гиранд, то Қатронро бадрақа бошанд, то ба лашкаргоҳ барем. Агар ғуломон пурсанд, ки чӣ будааст ва чаро чунин мебояд кард? Бигӯй: «Паҳлавон ба ман гуфт, чун маст шавам, маро бар канори лашкаргоҳ баред ва ғуломон маро нигаҳдорӣ кунанд, то агар шабехун оранд, ман дар миёна набошам».

Оташак ба хаймаи ғуломон омад. Сӣ ғуломро бифармуд, то силеҳ пӯшиданд ва теғҳо баркашиданд ва аҳвол бигуфт, ки паҳлавон чунин фармудааст. Пас, ғуломонро биёвард ва перомуни маҳд[1] бидошт ва ғуломон бо ҳам мегуфтанд:

– Ин чӣ ҳолат аст?

То аз лашкаргоҳ берун рафтанд, аз дасти рости талоя

---

[1] *Маҳд* – гаҳвора.

бигузаштанд, ғуломон ғофил, то бар канори лашкаргоҳи Хуршедшоҳ омаданд.

Чун Сиёҳгилро дид, пеш омад ва хидмат кард. Гуфт:

– Эй паҳлавон, Қатрон аст, ки ӯро бо эъзозу икроми тамом дар маҳд хобонидаем ва сӣ ғулом бадрақа карда ӯро бидошта, то Самак ӯро бибарад. Акнун шумо ғуломон бигиред.

Сиёҳгил бонг бар лашкар зад, ки ин ғуломонро бигиред. Лашкар перомуни ғуломон даромаданд ва ҳамаро бигрифтанд. Самакро гуфтанд: – Ин шахси дигар кист?

Гуфт: – Ӯ бародари ман аст.

Пас, ҳамчунон бо маҳд меомаданд, то ба боргоҳ расиданд ва рӯз равшан шуда буд ва Хуршедшоҳ ба тахт баромада.

Самак даромад ва хидмат кард.

Шоҳ гуфт: – Эй паҳлавон дӯш чун будӣ?

Гуфт: – Дӯш ба иқболи шоҳ ба хидмати Қатрон рафтам ва Қатронро бо тамкини тамом овардам, чунон ки подшоҳро оваранд, дар маҳд хобонида ва ғуломон ӯро бадрақа карда.

Шоҳ гуфт: – Куҷост?

Самак берун рафт ва ҳамчунон астар бо маҳд ва боргоҳ овард, пеши тахти шоҳ ва ҷулбоби маҳд барафканд. Қатрон бар мисоли зиндапиле маст хуфта.

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Дар бораи адабиёти халқӣ ва намунаҳои он маълумот диҳед.*

*2. Дар асари «Абӯмуслимнома» воқеаҳои кадом давр инъикос шудааст?*

*3. Боз кадом осори адабиёти ахлоқиро медонед, ки байни мардум зиёд мутолиа мешаванд?*

*4. Адабиёти халқӣ дар худ умеду ормони кадом табақаи ҷамъиятро инъикос мекард?*

*5. Дар бораи услуб ва сохтори «Самаки айёр» фикратонро гӯед.*

*6. Самаки айёр чӣ гуна Қатронро баста овард?*

*7. Оташак ба ивази чӣ бо Самак ҳамроҳ шуд?*

## «ЧОР ДАРВЕШ»

«Чор дарвеш» яке аз намунаҳои барҷастаи адабиёти халқӣ ба шумор меояд, ки ба услуби қисса андар қисса навишта шудааст, забони асар хеле содаву фаҳмо ва насри он дилкаш буда, таваҷҷӯҳи хонандаро зуд ба худ ҷалб мекунад. Асар аз муқаддима, панҷ қисм ва хотима иборат аст. Қисмҳои асар чунин унвон доранд: Баёни саргузашти дарвеши аввал, баёни саргузашти дарвеши дуввум, баёни аҳволи Хоҷа-сагпараст, баёни саргузашти дарвеши саввум, баёни саргузашти дарвеши чорум. Яке аз подшоҳони сарзамини Рум, ки Озодбахт ном дошт, ба сабаби бефарзандӣ барои рафъи ғубори хотир ба қабристон рафта, бо чор дарвеш вомехӯрад, ҳар яке аз дарвешон саргузашти худро ба шоҳ нақл мекарданд. Ба сабаби он ки саргузашти дарвешон пурмоҷаро ва пуршӯр идома меёфт, дар ҳамон ҷо саргузашти ду дарвешро шунида, ниҳоят онҳоро ба боргоҳи худ оварда, боқимондаи саргузашти дарвешони дигарро мешунавад. Дар ҳамин вақт касе хабар меорад, ки яке аз занони подшоҳ соҳиби фарзанд гардидааст. Сужети асар аз саргузашти чаҳор дарвеш ва воқеаи соҳиби фарзанд шудани малик Озодбахт иборат аст.

«Чаҳор дарвеш» дар қатори дигар асарҳои хонданибоби адабиёти халқӣ мисли «Самаки айёр», «Абӯмуслимнома». «Саргузашти Ҳотами Той» аз «чаҳорчӯба» иборат аст, ки ҳикоятҳои зиёде ҳалқавор меоянд ва таҳти як ғояи умумӣ мураттаб мегарданд. Ин усул аз қадим дар байни мардуми Шарқ роиҷ аст, дар маҳфилу нишастҳо дар асрҳои сипаришуда барои саргармиву босамар гузарондани вақт ба ривоятгӯиву ривоятшунавӣ таваҷҷӯҳ доштанд. Ровӣ барои он ки диққати ҳозиринро бештар ҷалб намояд, ҳикояву қиссаҳоро силсилавор нақл мекард ва онҳо дар навбати худ як ғояи асосиро пурраву такмил мекарданд. «Чор дарвеш» низ аз зумраи чунин асарҳост. Бесабаб нест, ки асар ба қалами Амир Хусрав нисбат дода мешавад. Яъне, ҳама асарро ҳам ба шоирони бузург нисбат намедиҳанд. Маълум

аст, ки Амир Хусрав дар сарзамини Ҳинд ҳамчун намояндаи адабиёти забардасти тоҷик шуҳрат дорад. Бинобар ривоятҳо Шайх Низомиддин Авлиё бемор мешавад ва дар он вақт Амир Хусрав асари «Чор дарвеш»-ро ба риштаи таҳрир кашида, ба назди устоди худ хонда медиҳад, дар натиҷа Шайх Низомиддин куллан шифо меёбад. Аммо байту порчаҳои шеърие, ки дар дохили асар оварда шудаанд, моли Ҳофизи Шерозӣ, Ҷомӣ, Урфӣ, Шопури Теҳронии Ҳиндустонӣ, Муҳсинии Фонии Кашмирӣ ва Ғайратӣ мебошанд, ки ҳамаи онҳо пас аз Амир Хусрав зиндагиву эҷод кардаанд. То он ҷо ки маълум аст, асари «Чор дарвеш» аз ҷониби кадом як муаллифи номаълум бо мураттаб кардани афсонаҳои пешин ва дар онҳо омезиш додани рӯҳияи замони зиндагии ӯ дар охирҳои асри XIX таълиф гардидааст. Бинобар муқаддимаи китоби мазкур он нахустин маротиба соли 1878 дар Бамбай нашр гардидааст.

Ҳар кӣ онро мехонад, як навъ саргармиву хушҳолӣ ҳосил мекунад, зеро инсонҳоро нисбати воқеаҳои ҳаёт бефарқ намегузорад ва дар он тантанаи некӣ ба муқобили бадӣ ба чашм мерасад. Чунонки устод С. Айнӣ таъкид мекунад: «Дар ин қиссаҳо ҳеҷ як иштироккунандаи бадкирдор (манфӣ) беҷазо намемонад ва инчунин қаҳрамононе, ки хонанда ба онҳо муҳаббат пайдо карда, ба болои тақдири онҳо ларзида меистад, бисёр таҳлукаҳои фоҷионаро аз сар гузаронда, ба муроду мақсадашон мерасанд». Мутолиаи асар дар хонандаи худ рӯҳияи ҷасуриву далерӣ ва боовариву шуҷоатро бедор мекунад. Ба он водор месозад, ки ҳатман ба ғалабаи некиву неккирдорӣ амин бошад. Дар асар духтарон аз худ ҷасорат нишон дода, дар ҳодисаҳои пурмоҷаро ширкат варзида, дар анҷом додани корҳои бузург ташаббус менамоянд. Байту порчаҳои шеърӣ дар ҷо-ҷои асар муносиби ҷузъиёти сужет оварда шудааст. Аз ҷумла, байтҳои Хоҷа Ҳофиз дар ҳар маврид ба назар мерасад, масалан:

Хуштар зи айшу суҳбати боғу баҳор чист?
Соқӣ, биёр май, сабаби интизор чист?
Зоҳид шароби Кавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостаи Кирдигор чист?

Ин гуна асарҳоро «китоби халқӣ» (И. Брагинский) номидан аз он ҷо сарчашма мегирад, ки дар онҳо асосан, забону баён ва дарду ормони халқ ифода ёфтааст. Барои шунавандагон забони он шиносу қобили фаҳм буда, сужетҳояш ангезабахши ақлу идроки одам мебошанд. Чунин асарҳо дар пайванд бахшидани фарҳангу тамаддуни асрҳои сипаришуда бо замони мо аҳамияти муҳим доранд, зеро ба воситаи ҳикоятҳову қиссаҳои ҷаззоб таҷрибаҳои калони ниёгонро дар роҳи ҳалли мушкилот, раҳоӣ аз буҳрони маънавӣ, хушбинӣ ба оянда фаро гирифтан мумкин аст.

## ПОРЧА АЗ «ЧОР ДАРВЕШ»

### БАЁНИ САРГУЗАШТИ ДАРВЕШИ СЕЮМ

Дарвеши сеюм ба дузону даромада, ҳамчун абри баҳорон сиришк аз дида борон гуфт:

– Шаҳрёро, ман аз аҳволи худ чӣ гӯям, ки номам гум бод!..

Банда подшоҳи мамлакат будам. Дар аввали ҷавонӣ ба тахти комронӣ салтанат мекардам. Рӯзе нишаста будам, хосон дар атрофам ҳалқа баста, ҷаҳондидагон ва доноён аз хубиҳои ахлоқи гузаштагон нақл мекарданд. Дар бораи адолати Нӯшервон ва карами Ҳотам суханҳои бисёре гуфтанд. Яке аз надимон ҳикояти карам ва ҷавонмардии Ҳотамро ривоят карда гуфт:

– Вай аз қабилаи Банӣ Тай буд. Азбаски хубӣ ва некиро ба худ шиор карда буд, мардум аз ҳар тараф ба гирдаш ғун шуданд ва ӯро ба сардорӣ интихоб карданд. Сифати некӣ ва бузургии ӯ ба олам паҳн шудан гирифт. Аз ҷумлаи карами вай ин аст, ки як бор Нӯфал бинни Ҳомон ном сардори қабилаи Банӣ Омир ба қабилаи Банӣ Тай тохт ва сарварии онро хост. Ҳотам ин хабарро шунида, барои он ки ба сабаби ӯ хуни мардум рехта нашавад, танҳо гурехта, пинҳон шуд. Нӯфал бе ҷангу ҷидол мулку моли Ҳотам-

ро ба даст гирифт, дар саропардаи Ҳотам нишаст ва муноди[1] фармуд, ки ҳар кас Ҳотамро, ё хабари ӯро биёрад, сад динор мегирад. Ин ваъдаро шунида барои ёфтани Ҳотам ба ҳар ҷонибу канор мардуми бисёре паҳн шуда рафтанд. Аммо он рӯз то шаб ӯро наёфтанд. Дар ин дам Ҳотам дар ғоре пинҳон шуда хоб мекард. Ҳамин ки шаб мешавад, пирмарде бо пирзане ва ду тифл ба даруни ғор медароянд. Гӯё он ғор мақоми муқаррариашон будааст. Баъд оташ афрӯхта, бе хӯрдани хӯроке мехобанд. Зан ба мард мегӯяд:

– Имрӯз чаро ҳезуми худро нафурӯхтӣ ва барои бачаҳо нон наовардӣ?.

– Нӯфали омирӣ ба сари қабилаи Банӣ Тай тохт оварда Ҳотам гурехтааст. Ба он сабаб мардум шӯрида ва ошуфта буданд. Касе парвои ҳезум харидан надошт. Нӯфал мунодӣ додааст, ки ҳар кас Ҳотамро биёрад, ба ӯ инъом медиҳам. Бисёрии одамон ба ёфтани Ҳотам саргардон.

Зан оҳ кашида мегӯяд:

– Кошкӣ, дар куҷо будани Ҳотамро мо медонистем, ба Нӯфал нишон медодем ва аз ин гуруснагӣ ва бечорагӣ халос мешудем.

Ҳамаи ин суханҳоро аз дарунтари ғор истода Ҳотам мешунавад. Ҳамин ки рӯз мешавад, Ҳотам пеши он мард рафта салом мекунад. Пирамард баъд аз салом мепурсад, ки:

– Ту кистӣ? Чаро дар ин мағора пинҳон шудӣ?

– Ман Ҳотам ҳастам, – мегӯяд Ҳотам. Он мард ба пойи ӯ афтода, мегӯяд, ки:

– Э ҷавонмард, ҷонам фидои ту бод! Имрӯз вақти он нест, ки номи худро маълум кунӣ. Хеле касон ба гирифтани ту ҳаракат доранд ва Нӯфал барин душман ба қасди ту камар бастааст...

Ҳотам мегӯяд, ки:

– Шунидаам, ки ҳар кас маро ба назди Нӯфал барад, ӯ ба вай аз рӯйи ваъдааш зар ва хилъат медиҳад. Акнун ман мехоҳам, ки ту карам намуда, маро ба назди Нӯфал барӣ, то ки он чӣ ӯ ваъда кардааст, ба ту расад...

Он мард гиребонашро гирифта, тавба мекунад ва ин таклифро рад менамояд. Аммо Ҳотам аз ҳад зиёд ӯро танг

---

[1] *Мунодӣ* – ҷарчӣ.

мекунад ва ниҳоят мегӯяд, ки: – Бо хушӣ маро гирифта бар! Албатта, маро дастгир карда пеши Нӯфал хоҳанд бурд. Дар он вақт мегӯям, ки фалонӣ маро ба таҳти ҳимояти худ дошта буд. Медонӣ, ки ин барои ту хуб нест.

Он мард дар монда, ночор пеш медарояд ва Ҳотам аз дунболи ӯ равона мешавад. Иттифоқо, дар он водӣ халқи бисёре ба ҷустуҷӯйи Ҳотам ба ҳар тараф дар такопӯ[1] буданд. Ду нафари онҳо расида Ҳотамро мегиранд. Инчунин, дигарон ӯро иҳота мекунанд. Вақте ба саропардаи Нӯфал мерасанд, қариб панҷсад кас ба овардани Ҳотам даъвогар мешаванд. Нӯфал чун қасам хӯрда буд, ки албатта, оварандаи Ҳотамро сарафроз мекунад, аз ин ҳол ҳайрон мешавад.

Дар ин дам марди ҷаҳондидае мегӯяд, ки ҳақиқатро аз худи Ҳотам пурс, ки ӯ рост мегӯяд. Нӯфал аз Ҳотам мепурсад. Ӯ мегӯяд:

– Инҳо ҳама дурӯғ мегӯянд. Маро як пирамард, ки фалон сифатҳоро дорад, гирифта овард.

Чун пирро суроғ мекунанд, дар думболи халқ ӯро синакӯбон ва гирён меёбанд. Ӯро ба назди Нӯфал меоранд. Нӯфал аз вай воқеаро мепурсад. Он мард суҳбати шабона ва муомилаи рӯзонаро ба тафсил мегӯяд. Нӯфал аз шунидани он фикр карда, ба андеша меафтад, ки ин тавр одамро, ки ҷони худро ба як дарвеш фидо мекунад, куштан, ба ӯ душманӣ кардан нашояд! Бинобар он аз ҷо бархоста, ба дасту пойи Ҳотам меафтад ва ӯро ба ҷойи худ шинонда, худаш даст пеш гирифта меистад.

Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накуном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро!

Шаҳрёро! Чун ин ҳикоя шунидам, ба худ гуфтам, ки Ҳотам бо риши сафед ва чанд хонаи араб машҳур гашт, ту подшоҳи марринсипар ва сулаймонфар бошиву аз ин ном маҳрум бошӣ: зиҳӣ тундрӯӣ ва камбахтӣ! Муддате дар ин фикр будам. Ниҳоят як иморат созондам. ки чил дар дошт ва хеле васеъ буд. Инчунин фармудам, ки барои хайрот ба вазни якмисқолӣ тилло сикка зананд. Рӯзҳо аксар вақт дар он иморат менишастам ва аз ҳар дар ятиме, ғарибе ва ё

---

[1] *Такопӯ* – давида кофтан; рафта кофтуковкунӣ, ҷустуҷӯнамоӣ

гадое меомад, ба ӯ як дона тилло медодам ва аз ин корам хурсанд будам. Рӯзе аввали рӯз дар он ҷо нишаста хурсанд ва хуррам будам, ки ногоҳ қаландаре аз як дар даромада «шайъан-лилло»[1] кашид. Ӯро пеш талабидам, ӯ домани ҷомаи худро пеш дошт. Ман диноре ба доманаш партофтам. Вай дуо гуфта берун рафт ва боз аз дари дигар даромад: боз як динор додам, вай боз баромада, аз дари дигар даромад ва ҳамчунин дарҳоро як-як гардида, аз ҳар дар як динор мегирифт, то ки боз аз дари аввал омад ва ҳамчунон доман дар даст дошт, маро аз ӯ бад омад, гуфтам:

– Э нодарвеш! Ин исму либос ба ту ҳаром аст. Ҳоло гӯшмоле аз марде нахӯрдаӣ ва хизмати пире накардаӣ. Ин чӣ ҳирс аст, ки ту дорӣ? Дар тазкираи фуқаро шунидаам, ки дарвеше агар фулусе дошта бошад ва ба ӯ лозим набошад, инчунин дарвеши дигар ёфт нашавад, бояд партояд. Ту алҳол чил динор дорӣ ва боз аз гадоӣ даст намекашӣ. Ман дигар туро мустаҳиқ[2] намедонам ва чизе намедиҳам.

Дарвеш ин суханони итобомези маро шунида, ба сӯйи ман бо ғазаб нигоҳ кард ва гуфт:

– Э бандаи Худо! Агар ман хизмати пире накарда бошам, ту аз карам бӯе набурдаӣ ва камҳиммат ҳастӣ. Агар мехоҳӣ, ки номат ба қатори каримон гузарад, ба Басра рафта ин корро аз духтаре, ки мансуб ба хонадони Бaромика аст, биёмӯз, баъд аз он биншин ва номи нек андӯз. Агар ин чанд динор ба ту қадр дошта бошад, ба ман қадр надорад:

Дарёдилему дидаи мо маъдани дур аст,
Гар дасти мо тиҳист, вале чашми мо пур аст!

Баъд аз ин сухан зарҳоро ба замин афшонду даст ба тарафи доман зада бадар рафт. Чун он... маро танбеҳе кард, ман нахостам, ки ба нохуни ҷавр захми дилаш харошида бошад. Ба узрхоҳӣ бархостам ва аз дунболаш рафтам, ҳарчанд, ки хостам баргардад, розӣ нашуд ва ман розӣ будам, ки ҳар чӣ хоҳад, ба ӯ диҳам ва охир қасам ёд кард, ки «гар подшоҳии худро ба ман бахшӣ, пас намегардам...». Баъд аз ин вай рафт.

---

[1] *Шайъан-лилло* – чизе барои Худо. Дар ин ҷо ба маънии фарёди гадоёна барои талаби чизе.

[2] *Мустаҳиқ* – лоиқ, муносиб, ҳақдор, соҳибҳақ.

Шаҳрёро! Сухани ӯ ба ман бисёр асар кард. Ҳарчанд кӯшидам, ки шояд аз он фикр раҳоӣ ёбам, муяссар нашуд. Шабу рӯз дар баҳри хаёл ғӯтавар ва бе хӯру хоб будам. То охир раъйам ба он қарор гирифт, ки ба Басра равам ва он духтареро, ки дарвеш таъриф мекард, бинам. Дар ин бора бо вазири худ маслиҳат кардам. Вай гуфт, ки:

– Ин кор аз подшоҳон айб аст, ки ба гуфтаи қаландари бесару по чунин ҳаракати беҷо кунанд ва ба гуфтаи дурӯғи маҳзи ӯ амал намоянд.

Гуфтам:

– Ба қавли ӯ амал накардам, вале сухани акобирро ҳақ донистам. Мехоҳам, ки маро монеъ нашавӣ...

Вазир гуфт:

– Чун азми сайри Басра кунӣ, чанд нафар аз сайёҳон ва хосонро ба рикоби худ бар.

– Не, ин сухан хилофи раъй ва тадбир аст. Агар ман бо хайлу ҳашам ба ҳар ҷо, ки расам, калонҳои он ҷоҳо пешкаш ва ҳадя мефиристонанд ва агар дар ин сурат сад ҳазор бахшиш кунанд, ҳамоно ки чашмдошти дучандон аз ман дошта бошанд. Ман қаландар – дарвеш шуда меравам. Аз ту мехоҳам, ки ба ваколат ба ҷойи ман нишинӣ ва раиятро наёзорӣ, халқро ба қадри тавон аз худ хушнуд бидорӣ: агар бимирам, давлат ба ту боқӣ бод!

Баъд аз он бо баҳонаи шикорравӣ ӯро ба ҷойи худ шинондам, умароро[1] ба итоати ӯ фармудам, худам бо чанд нафар ба саҳро рафтам. Дар саҳро чандон сабр карда истодам, ки вай сарриштаи мақоми[2] мамлакатро ба даст гирифта, ҳама халқро мутеъ ва фармонбардори худ гардонид. Баъд аз ин як шаб тағйири либос намуда, муште дирҳам[3] ва динор, инчунин чанд дона дурри шоҳвор[4] бо худ гирифта, ба шакли қаландарон танҳо сар ба саҳро ниҳодам. Мулк ва подшоҳиро бар ҷо гузошта, ба ҷониби Басра равон шудам. Дар байни роҳ ҳеҷ воқеае рӯй надод, ки қобили арз бошад. Ниҳоят, рӯзе ба Басра даромада рафтам, ба хиёбоне расидам. Дар миёни хиёбон қасри шоҳонае дидам, ки дарашро

[1] *Умаро* – амирон.

[2] *Мақом* – корҳои муҳим, муҳимҳо, ҷамъи муҳим.

[3] *Дирҳам* – танга, 1/200 ё 1/400 тангаи исфаҳонӣ.

[4] *Дурри шоҳвор* – дурри бузург ва шоҳона.

аз тилло сохта, бо ҷавоҳироти қиматбаҳо мурассаъ (нигинакорӣ) карда буданд. Дар рӯ ба рӯйи он иморат лаҳзае истода, вазъи он иморатро тамошо карда аз он ҷо гузаштам. Чун қадре роҳ рафтам, овози кушода шудани дари он хона ба гӯшам расид ва аз ақиби ман касе давида мегуфт:

– Э марди азиз, э дарвеши сайёҳ, э меҳмон! Мебахшӣ, андак сабр кун, ки ман ба ту арз дорам.

Аз роҳ истода ба ӯ назар андохтам. Вай як марди хушсару либос буда, риши сафед ва дар даст асои мурассаъ дошт. Чун наздик омад, забон ба узрхоҳӣ кушода гуфт:

– Э ёри азиз! Ман хизматгори дарвешонам, ин сарой меҳмонхона ва такягоҳи хоси онҳост. Илтимоси он дорам, ки қадам ранҷа фармоӣ ва меҳнат бар ҷони ман гузорӣ ва маро дар назди махдума (бону)-амон шармсор нагардонӣ.

Бо ин суханҳо чандон таклиф ва зориву таваллo кард, ки ман розӣ шудам, бо вай ба хона рафта даромадам. Дидам, боғе бисёр васеъ бо гулҳои алвон ва меваҳои гуногун ороста, ба наҳр ва ҷӯйҳои равон пероста...

Дидаро ранги сабзааш матлуб.
Бонги мурғаш фараҳфазойи қулуб[1].

Иморати олибиное дар миёни он боғ воқеъ буд, ки аз диданаш чашмро сурур даст медод. Маро ба он иморат бурда нишонду икроми бисёр намуд. Баъд аз нишастанам зуд дар қадаҳи чинии фағфурӣ шарбати қанду арақи бедмушк ҳозир карданд. Он мард ба таклифи тамом ба қадри хоҳиш ба ман нӯшонид. Баъд аз қадаре дастурхон кашида шуд, нуқлу ҳалво ва нонҳои майда (кулча) ва меваҳои латиф ҳозир оварданд.

Ҳамаи ин чизҳо дар зарфҳои чинӣ, ғурӣ, фағфурӣ[2] ва хитойӣ буда, дастурхон зарбофт буд. Он марди мизбон бо ман дар сари хон нишаст ва ба ширинзабонии тамом он гуворхӯришҳоро ба коми ман чошнибахш гардонид. Вақте ки дастурхонро бардоштанд, зарфҳоро тоза пок карда, ба каноре гузоштанд. Он мард то шаб маро бо ҳикояҳои аҷиб машғул дошт. Дар шаб боз дастурхон партофтанд ва чанд табақ таом оварданд. Ҳамаи он табақҳо аз нуқра буд. Чун

[1] *Қулуб* – қалбҳо, дилҳо.

[2] *Фағфурӣ* – чинӣ.

7 – 17-594

таом хӯрда шуд, зарфҳоро аз иморат берун бурданд. Баъд аз поси шаб рахти хоби акобирона партофтанд. Он мард маро таклифи хоб намуд.

Гуфтам:

– Э мард! Худо туро ҷазои хайр диҳад! Барои дарвешон ин навъ фарш дархурд (муносиб) нест.

Ӯ гуфт:

– Э азиз, ба ҳар ҳол ба ту тааллуқ дорад, ихтиёр дорӣ.

Вай ба ду ходим супориш намуд, ки бедор ва аз меҳмон хабардор бошед. Баъд аз ин худаш ба хобгоҳ рафт. Ман ба дарёи ҳайрат ғӯта хӯрда, такя намудам ва дар фикри он будам, ки «оё ин мард кист?». Ин навъ ғарибнавозии ӯро сабаб чист? Ходими бедордил ва соҳибфаросат тафаккури маро фаҳмид: омада дар пеши ман нишаст ва гуфт:

– Э дарвеш! Ин хона соҳибе дорад, ки бо хушахлоқӣ, карам ва сахо машҳура. Вай ҳаминро одат кардааст. Ин мард яке аз ходимон ва фармонбардорони вай аст.

Чун ин сухан шунидам, гуфтаи он дарвешро ба ёд овардам ва хотирҷамъ шуда ба хоб рафтам. Ҳамин ки рӯз равшан шуд ва хонсолори фалак гирдаи нони хуршедро ба канори осмон ҷо дод, он марди мизбон ба назди ман омад. Дарҳол дастурхон партофт ва меҳрубонӣ кард. Ман ҳарчанд рухсат талабидам, қабул накард ва гуфт:

– Э нури чашм! Мувофиқи фармудаи бонуи мо то се рӯз бояд ҷо дар дидаи мо бидорӣ, баъд ихтиёрат, то ҳар вақт, ки хоҳӣ, ҳокимӣ. Вақте ки рафтанӣ шавӣ ё коре дошта бошӣ, ман ба бонуи худ арз мекунам, он чӣ фармояд, ба он амал мекунем.

Қисса кӯтоҳ, он се рӯз бад-он тариқ он марди халиқ (хушхулқ) маро нигоҳ дошт ва дақиқае аз саъй ва хизматгузорӣ фурӯ нагузошт. Рӯзи чорум вақте ки офтоб баромада дунёро ба нури ҷамоли худ мунаввар гардонид, он мард боз монанди собиқ меҳрубонӣ ва мизбонӣ кардан гирифт. Ман шукр гуфта, аз ӯ рухсат талабидам.

Ӯ гуфт:

– Э ёри азиз! Магар аз мо бандагон камхизматӣ ва кӯтоҳӣ гузашт, ки ба табъи шариф гарон расидааст?

Гуфтам:

– Худо накунад, ки аз шумо ба ғайр аз меҳрубонӣ ва одамият ва эҳсону неъмат чизе кам надидаам... Аммо сабаб он аст, ки:

Матлаби марди мусофир ба ҷаҳон дидор аст!

Хусусан мақсад аз саёҳат ва сафари ман он аст, ки:

Мо худ ба гарди домани марде намерасем,
Шояд ки гарди домани марде ба мо расад!

Инро шунида, гуфт:

– Андак сабр кун, то ба арзи малика расонам ва изн ҳосил кунам. Акнун, ки рафтанӣ ҳастӣ, ҳар чӣ ки дар ин иморат зарфи нуқра ва ғайра бошад, ба ту тааллуқ дорад. Ба фикри бурдани онҳо бош!

Гуфтам:

– Онҳоро ба куҷо барам?

Гуфт:

– Набурдан илоҷ надорад, агар инро бонуи мо шунавад, моро аз дараҷаи эътимоду ихтиёр ва эътибор дур меандозад. Бале, чун ту марди ғариб ҳастӣ ва ҷое надорӣ, он қадар метавонам, ки дар хонае гузорӣ ва қуфлу муҳр кунӣ, ки амонат бошад.

Чун якраҳагии ӯро дидам, ба маслиҳати ӯ амал кардам ва мунтазири рухсат будам. Дидам, ки чанд нафар аз дар даромада омаданд ва пеш-пеши онҳо хоҷасаройи хушлибосе асои мурассаъ дар даст меомад. Вай наздик расида забон ба тавозӯъ кушод ва гуфт:

– Э меҳмони азиз, ва, э нури дидаи мо! Сабаби зудсайрӣ чист? Набояд ки маро аз ин файз маҳрум гардонӣ ва бояд ду рӯзе қадам бар чашми ман дошта бошӣ. Агар малика шунавад, ки меҳмоне омада ва аз мо даргузаштааст[1], вай аз мо дарнагузарад, балки сари мо бардорад.

Бо ин суханҳо, хоҳӣ-нахоҳӣ маро ба хонаи дигар бурд, ки дар қатори он хона буд. Ин хона низ ба сад зебу зинат ороста буд. Он хоҷа низ лозимаи мизбонӣ ва меҳрубонӣ то

[1] *Даргузаштан* – ба маънои монда гузаштан, партофта рафтан. Аз мо даргузаштааст – яъне аз мо гузашта рафтааст, моро партофта гузаштааст, аз баҳри мо гузаштааст.

се рӯз баҷо овард. Дар муддати ин рӯзҳо ҳар он чӣ зарф, ки аз тилло ва нуқра буд, ҷамъ карданд. Рӯзи чорум хостам, ки берун равам, он хоҷа гуфт:

– Э мард, агар ҳоҷате дошта бошӣ, бигӯ, то ба малика арз кунам.

Шаҳрёро! Хаёл кардам, ки аз моли дунё ҳар чӣ хоҳиш кунам, мумкин аст. Аз он ҷо, ки тамаъ ва зиёдталабӣ дар сиришти инсонӣ аст, ба худ қарор додам, ки хоҳиш ва хостгории маликаро намоям. Вале чун дар либоси фақирӣ ва дарвешӣ будам, бо худ гуфтам: «Ин чӣ хоҳиши беҷост?». Боз гуфтам, ки «изҳори матлаб кунам, бинам, ки чӣ мешавад!». Бинобар он ба хоҷа гуфтам, ки:

– Ҳоҷате дорам, ба восита имкон надорад. Агар аз маслиҳат донед, хатчае нависам.

Гуфт:

– Хуб аст.

Ман ҳам коғаз гирифта баъд аз шукри неъмат навиштам: «Бандаи ҳавохоҳро ба василае гузар ба ин шаҳр афтод ва ба суҳбати гумоштагони даргоҳи олия мушарраф гардидам, чанд рӯз ба сари хони эҳсони бепоён меҳмон будам. Асли мақсад ба омадани ин шаҳр ҳамин буд. Шукр, ки ба мақсад расидам ва ҳар чӣ, ки дар бораи атвори ин малика шунида будам, дидам. Алҳол мулозимони шумо мегӯянд, ки матлабе арз намо! Шукр, ки ман ба моли дунё ҳоҷате надорам. Дар вилояти худ фармонраво ва соҳибихтиёрам. Азбаски медонам шеваи мардӣ ва карам баъд аз Ҳотам имрӯз ба шумо хос аст, такя бар он намуда, илтимос дорам, ки ба никоҳи ман дароӣ... узри густохии мо чандон ки густохии мост».

Хатро печонда, муҳр карда ба хоҷа додам ва ба ҳарам фиристодам. Баъд аз андак фурсат маро ба дари ҳарам ҷеғ заданд. Чун ба он ҷо рафтам, як тӯда хоҷасароён ва ришсафедонро дидам, ки ҳама саропо мурассаъ, саф зада истодаанд. Дар он ҷо дар болои курсие пирзани ҳаштод-навадсолае нишаста буд, ки саропо дар миёни дурру гавҳар ғӯта зада буд. Чун пеш рафтам, салом гуфтам, ба нармӣ ва меҳрубонӣ ҷавоби саломамро дода, ба нишастан таклиф намуд. Ман ба рӯйи курсии дигар нишастам. Кампир забон ба меҳрубонӣ кушода гуфт:

– Э ҷавон, хуш омадӣ! Ту магар маликаро хостгорӣ кардӣ?

Ман сари хиҷолат пеш афганда ҷавоб надодам.

Гуфт:

– Э ҷавон! Малика дуо мерасонад ва мегӯяд, ки маро аз шавҳар кардан оре нест. Ту матлабе дорӣ, ки ба шараф дуруст ва табиист. Дар ин боб туро мазаммате нест. Аммо таърифи худ намудан ва подшоҳии худро сутудан[1] беҷост. Зеро ки бани навъи инсон аз ҷинси якдигаранд ва дар ҳақиқат:

Ин хурду бузург, ки ба ном инсонанд,
Дар дасти замона ҳамчу ангуштонанд:
Имрӯз агар пасту баландӣ доранд,
Фардо, ки бихобанд, ҳама яксонанд!

... Хуб аст, ман ҳам муддатест, ки ба шавҳаре чун ту муштоқам. Аммо ҳар занеро маҳре ва шарте ҳаст. Акнун, чунончи ту эҳтиёҷ ба мол надорӣ, шукр, ки ман ҳам мол дорам. Маҳри ман ва шартҳои ман як чиз ва шарт аст, ки агар аз ӯҳдаи он баромада тавонӣ, ба никоҳи ту медароям...

– Он чӣ шарт аст? – гуфта пурсидам.

Доя гуфт:

– Ту имрӯз меҳмони ман ҳастӣ. Ман саволи туро ба малика арз мекунам, то яқин намояд ва баъд аз он гӯему шунавем.

Маро ба қабулхонаи ҳарам бурданд. Ришсафедон ва эшикоқоён, муътамадони хос бо ман ба суҳбат нишастанд. Доя ба ҳарам рафт. Баъд аз қадре берун баромада, ба суҳбати мо нишаст... чун таом хӯрда шуд, доя гуфт:

– Э ҷавон! Ҳоло маликаи мо номзади туст, ба шарти он ки аз ухдаи шартҳои ӯ бароӣ.

Гуфтам:

– Бифармоед, ки шартҳои малика чист?

Доя гуфт:

– Беҳрӯзро ҷеғ занед!

Ходимон ба талаби ӯ рафтанд; баъд аз қадре мардеро оварданд, ки либоси акобирона пӯшида буд ва қариб ҳазор

[1] *Сутудан* – таъриф кардан, хубии чизе ва касеро гуфтан.

калиди тилло ба миён овехта дошта, ки ҳар як калид аломати як хазина буд. Он мардро ба паҳлуи ман ҷо доданд.

Доя гуфт:

– Беҳрӯз! Ҳар чӣ, ки дар вилояти Нимрӯз дида бошӣ, ба ин ҷавон нақл кун.

Он мард ба ҷониби ман рӯ гардонда гуфт:

– Э ҷавон! Бидон ва огоҳ бош, ки махдумаи мо ҳазор ғуломи тоҷир дорад, ки камтарини онҳо ман мебошам. Бонуи мо ба ҳамаамон сармоя дода ба атрофи олам – ба Рум, ба Шом, ба Ҳалаб, ба Мағриб[1], ба Фаранг, ба Хитой ва Хутан, ба Чину Мочин ва ба Бадахшон ва ба тамоми диёри Шарқ ба тиҷорат мефиристонад, мо ба ҳар тараф сафар мекунем. Аксар вақт як сафари мо ба чанд сол мекашад ва ҳар гоҳ аз сафар боз оем, малика аз мо намепурсад, ки ба куҷо рафтед ва чӣ овардед, вай аз мо тарз ва вазъи он вилоятро, ки рафта дидаем, аз аҷоиб ва ғароиби сафар ва аз он чӣ дида бошем, мепурсад. Армуғоне, ки барои малика меорем, ҳамон аст.

Чанд сол пеш аз ин гузори ман ба шаҳри Нимрӯз афтод ва тамоми мардуми он шаҳрро сиёҳпӯш дидам. Аз ҳар кас, ки сабаби онро пурсидам, ҷавоби маъқуле нашунидам. Чанд рӯз гузашту моҳ нав шуд, субҳи рӯзи аввали моҳ ҳамин ки офтоб баромад, халқ ба ҳаяҷон омаданд. Аз ҳар кас, ки пурсидам, сабаб ҷустам, ҳеҷ кас ба ман аҳамият надод. Танҳо марди дарвозабон гуфт, ки «ту ҳам биё, то бидонӣ, ки чист!». Ман бо онҳо равон шудам. Дидам, ки халқи шаҳр, хурду калон давон-давон аз дарвозаи шаҳр, ки ба тарафи машриқ буд, берун омаданд ва чоряки фарсах роҳ рафта, ба саҳрои васее расиданд. Дар рӯ ба рӯй найистоне менамуд. Тамоми мардуми сиёҳпӯш дар он ҷо саф кашида истоданд ва маълум буд, ки интизорӣ мекашанд. Чун се соат аз рӯз гузашт, найистон барҳам хӯрда[2], ҷавони шерсавлате омада баромад, ки ба гови зарде зини тилло ва лаҷоми мурассаъ[3] зада савор шудааст. Он ҷавон ба тан хафтони суфи мушкин пӯшида, шамшери барроқи мурассае ҳамоил карда,

[1] *Мағриб* – ба маънои мамлакатҳои қитъаи Африка.

[2] *Найистон барҳам хӯрда* – яъне найистон ҷунбиш карда, найҳо ба якдигар расида.

[3] *Мурассаъ* – оросташуда бо сангҳои қиматбаҳо.

камарбанди сафед ба камар баста буд. Мӯйи сар ба камар расида, парешон ба ҳар ҷониб афтода, ду чашм чун тоси пурхун, ҷӯшон ва хурӯшон, чун баҳр кафк бар лаб оварда буд... Як ғуломи чордаҳсола аз ақиби ӯ меомад, вай чизеро ба ду даст бардошта меоварinternal.

Чун он ҷавон як тирпарто роҳ ба халоиқ расида буд, ки аз гов пиёда шуд ва ҷилави онро ба банди даст дошта шамшер бараҳна сохт ва якзону шуда нишаст. Мувофиқи ишораи вай, ғулом ба наздики мардум омад ва чизе, ки дар даст дошт, ба мардум менамуд. Ҳама тамошо карда таҳсин менамуданд. То ки ба ман расид. Дидам, ки мартабони[1] чинӣ аст, дар он ниҳоли сарвро бо роҳи заргарӣ бо ҳунари зиёд сохта ва онро аз зумуррад мурассаъ карда буданд. Ҳақиқатан чизи пурсанъат буд. Ғулом онро ба ҳама нишон дода ба назди он ҷавон баргашт. Вай аз ҷо ҷасту мартабонро гирифта, бар замин зад, ки реза-реза шуд, баъд чунон шамшер ба гардани ғулом зад, ки сараш ба даҳ қадам дур афтод. Аммо худаш ба ҳамон тариқ нишаста, ба нолаву фиғон даромад ва ин ду байтро хонд:

Аз хасмии[2] рӯзгор зеру забарам,
Хоҳӣ чӣ кунӣ, фалак, аз ин бештарам?
Ё фарши замин зи зери поям барчин,
Ё чатри фалак бибар зи болои сарам!

Ҷавон он қадар нолид, он қадар гирист, ки реги биёбонро ба ҷӯш, халқи ҷаҳонро дар хурӯш овард, моҳиёни дарёро бетоб ва мурғони ҳаворо кабоб кард. Баъд аз он ки заминро аз оби дида гил кард, барҷасту ба гов савор шуд ва аз ҳамон роҳ баргашт. То асараш пайдо буд, халқ гирён буданд ва чун аз назар пинҳон шуд, мардум бо чашми гирён ва синаи бирён баргаштанд. Ман аз ҳар гӯша ва канор тафтиш намудам, пурсидам, ки он «ҷавон кист ва он шӯридагиаш аз баҳри чист? Ҳарчанд мардумро ба зар фирефта кардам, аммо кайфияти он ҷавонро нагуфтанд.

[1] *Мартабон* – зарфи лӯндаи даҳантанг аст, ки аз чинӣ, шишаи махсус ва сафол сохта мешавад.

[2] *Хасм* – 1) душман: 2) тарафи муқобил. Аз хасмии рӯзгор – аз душмании рӯзгор.

«Ҳамин қадар медонем, ки – гуфтанд. – сиёҳпӯшии раият ба мутобаати подшоҳ аст, дигар намедонем!».

Муддате дар он шаҳр гаштам ва дар аввали рӯзи ҳар моҳ ин муомиларо медидам. Баъд аз он ки аз сафар боз омадем ва ба хизмати малика мушарраф шудем, вай аз аҷоиботи он сафар пурсид. Ман ҳамин ҳикояро баён кардам. Малика ба сухани ман бовар накарда, яке аз ғуломони муътабарро ба он вилоят фиристод. Ва фармон дод, ки агар ин ҳикоят ҳақиқат бошад, ба ҳар роҳ, ки тавонад, сababи онро фаҳмида бозгардад. Он ғулом рафта дид ва муддати зиёд дар он шаҳр саргардон буд. Умраш ба таҳқиқ кардани ин аҳвол вафо нанамуд. Мулозимон ва одамони ӯ чун баргаштанд, аризаи ӯро ба малика расонданд. Вай навишта буд, ки «он ҳикоя рост аст, аммо таҳқиқи асли воқеа амри мушкил... Ман умрамро ба бандагии остон додам (яъне, мурдам), боқӣ ихтиёр ба шумост!».

Баъд аз он доя гуфт, ки:

– Э ҷавон, шунидӣ? Инак шартҳои маликаи мо он аст, ки ба он вилоят равӣ ва таҳқиқ кунӣ, ки он ҷавони говсавор кист ва ба халқ мартабонро намуда шикастан ва куштани ғулом аз баҳри чист? Он ҷавонро маскан куҷост? Саворaи гов чарост? Ва халқи он шаҳр чаро сиёҳпӯшанд ва дар аввали моҳ чунон дар ҷӯшу хурӯшанд? Агар аз уҳдаи он баромадӣ, ба матлаб расидӣ вагарна сари худ гиру бирав!..

Гуфтам:

– Меравам, ё ба мурод бар сари гардун по мениҳам, ё дар ғами ишқи малика ҷон медиҳам!

Ман ғоибона он қадар шавқи мулоқоти он зубдаи хубонро доштам, ки хабар аз сар надоштам...

Ба доя гуфтам:

– Ба малика арз дорам, ки бояд рӯ ба рӯ гӯям.

Доя ба ҳарам рафт, арз намуд... Чун шаб шуд, маро ба ҳарам бурданд. Дидам, хонаи бузург оро дода шуда, чароғон, шамъҳои кофурӣ равшан ва гулъизорон саф бастаанд. Малика дар паси дар нишаста буд. Маро ба курсие нишониданд. Ман арз намудам, ки:

– Мехостам аз куҷо будани ин ҳама хароҷотро бидонам.

Малика гуфт:

– Падари ман подшоҳи ин вилоят буд, ҳафт духтар дошт. Як рӯз ҷашн кард ва гуфт: «Агар ман подшоҳ намебудам, шуморо кӣ малика мегуфт?». Ман дар он вақт ҳафтсола будам. Гуфтам, ки: «Ман худ малика мебошам!». Ин сухани ман ба подшоҳ бад расид. Фармуд, ки инро бараҳна карда, ба рӯйи намадпорчае шинонда, ба саҳро гузошта биёянд. Чокарҳо шабона маро ба саҳро монда баргаштанд. Чун субҳ шуд, бедор шуда дидам, ки бараҳна дар намадпорчае ҳастам. Ҳайрон шуда аз ҷо бархостам ва дар саҳро мегаштам, ки ба як марди фақир дучор шудам. Ӯ маро духтар гуфта (духтар хонда), дар саҳро нигоҳ дошт. Ҳар рӯз худаш ба шаҳр рафта, гадоӣ карда нон ёфта меовард. Як рӯз ба ман гуфт: – Камтар заминро канда хокро тӯда кун, ки девор созам. Чун заминро кандам, дарвозае пайдо шуд. Он дарро во кардам, дар миёни ҳуҷраҳои зеризаминӣ зари беинтиҳо баромад. Ман як мушт зарро бароварда пинҳон кардам. Вақте ки фақир омад, гуфтам ки «аз шаҳр рафта меъморонро биёред, ки иҳота созанд». Ӯ рафта меъморон ва мардикоронро овард ва иҳотаро тайёр карданд. Баъд аз он фармудам, ки дар ин ҷо боғ ва ободонӣ намоянд ва ин шаҳрро шаҳри Малика гӯянд. Чун иморатҳо, боғҳо ва гулзорҳо бино шуд, овоза шуда рафт, ки маликае аз мулки хориҷа омада иморат сохта ва раият обод кардааст. Ин хабарро шунида подшоҳ хабар фиристод, ки «Маликаро гӯянд, орзуи дидани шуморо дорам». Арз кардам, ки «Биёянд, хона хонаи шумост». Шабона тайёрии зиёфатро кардам.

Чун рӯз шуд, подшоҳ омад. Хони ҷавоҳирот пеш бурда, тасаддуқ кардам. Баъд худам ҳам омада салом додам ва бо адаби тамом истодам. Подшоҳ пурсид, ки «Малика аз кадом шаҳр меоянд?» Арз кардам, ки «Э падар, ман худам Малика мебошам!». Падарам бархоста, аз пешониам бӯсид ва ҳамроҳи худ гирифта, назди модарам овард. Падарам чун вафот кард, ман ба ҷойи ӯ ба тахт нишаста подшоҳӣ мекунам. Кайфият ин аст. Ҳоло бирав, зиёда аз ин дарди сар надеҳ!

Чун роҳӣ шудам, дар ҳеҷ манзиле наистодам. Муддати як сол пойи саломат бар санги маломат мезадам ва сахтии ранҷ мекашидам... то ки ба он вилоят расидам.

Шаҳрёро! Агар шарҳ диҳам, ки дар он роҳ чӣ дидам ва чӣ кашидам, боиси дарозии сухан мешавад. Боре, чун дохили он шаҳр шудам, мардуми он шаҳрро ба он сифат дидам, ки аз он мард дар Басра шунида будам. Чун моҳ нав шуд, рӯзи аввали моҳ ба дастури мазкур аз унос ва зукур (зану мард – ҳама) ба саҳро рафтанд. Ман ҳам бо онҳо будам ва тамошо мекардам. Ниҳоят, он ҷавони говсавор омад...

Аз дидани аҳволи он ҷавон ва шунидани сухан ва чолокии ҳаракати ӯ аз ҳуш рафтам. Чун ба ҳуш омадам, он ҷавон рафта буд ва халқ бармегаштанд. Боре, ноилоҷ шуда ба шаҳр баргаштам ва то муддате шабу рӯз мешумурдам ва ҳар нафасе ба соле баробар буд... Боре ба сад хориву зорӣ он моҳро ҳам ба охир расонидам. Дар рӯзи аввали моҳи нав ба саҳро рафтам ва он ҷавонро ба қоидаи мазкур дидам, ба ҳоли он дилсӯхта гиря кардам. То он ки баъд аз гиря карда шудан он ҷавон майли саворӣ намуда баргардид ва аз сафи халоиқ ҷудо гардид. Ман ба ақиби ӯ давидам. Ҳамон дам чанд нафар маро гирифта нагузоштанд. «Э аҷалрасида, – гуфтанд онҳо, – аз паси инчунин бало кӣ рафтааст? Магар ту аз ҳаёти худ сер шудаӣ?» Ҳарчанд хостам, ки раҳоӣ ёбам ва аз дунболи ӯ равам ва бинам, ки ба куҷо меравад; шояд ба як роҳе маълум карда тавонам, ки ӯ кист ва чикора аст? Аммо муяссар нашуд. Боз ба шаҳр баргаштам ва ғуссаи бисёре хӯрдам, тарки хобу хӯр кардам. То аввали моҳи дигар аз бемадорӣ чун ҳилол (чун моҳи нав) гаштам. Чун моҳро нав кардам, ба худ андешидам, ки фардо боз ҳамон муомила хоҳад буд. Фикри дуруст бояд кард, ки касе хабардор нашавад ва монеъ нагардад. Охир раъйам ба он қарор гирифт, ки дар шаб аз шаҳр берун омада ба миёни найистон, ки дар сари роҳи он ҷавон буд, рафта нишастам... Мунтазир нишаста будам, ки он ҷавон ба суръати тамом ба ҷойи муқаррарӣ рафт ва корҳои аз ин пеш кардагиашро карда бозгашт. Ман ҳам бархоста аз паси ӯ равон шудам. Ҷавон говро ба суръат метохт. Чун қадаме чанд аз паси ӯ рафтам, вай фаҳмид, ки аз ақиби ӯ касе меояд. Бинобар он ҷилав баргардонид. Чун маро дид, наърае зада дар хашм шуд ва кафк бар лаб оварда, шамшер кашида, говро ҷониби ман ронд. Ман бо худ гуфтам: «Кушта

шуданро омода бош, ки ҷойи гурез нест!..». Боз фикр кардам, ки «Кори девона чаппа аст. Аз зери теғи ӯ гурехтан хуб ва дуруст нест. Зеро ки далертар мешавад...». Боре қарор бар фирор[1] ихтиёр кардам ва аз кисаам ҷавзе – муносиби ҳоли дарвешон бароварда, ба кафи даст гирифтам ва пеш бурдам ва гардан баркашида, таслими теғи он шерсавлат гаштам. Ӯ бо тундӣ ва салобати тамом меомад. Ҳамин ки расид, маро ба он ҳол дид ва даст нигоҳ дошта гуфт:

– Э вой, дарвеш будаӣ! – ва теғро ба ғилоф карда гуфт: – лаънат ба шайтони гумроҳ!

Вай аз камараш ханҷарро кашида, ба сӯйи ман андохт ва гуфт:

– Э аҷалгирифта! Бигард, ки муфт кушта шуда будӣ!

Шаҳрёро! Гӯё маро сеҳр карда буданд, ки ёрои гуфтор ва пойи рафтор набуд. Он ҷавон боз ба роҳаш давом кард. Чун қадаре рафт, қариб буд, ки аз назар пинҳон шавад, ман якбора ба худ омада ва ба худ гуфтам, ки «акнун бармегардӣ? Ин камоли беҳимматӣ ва норасоист! Илоҷ ҷуз ин нест, ки боз аз дунболи мақсад равӣ. Ё кушта шавӣ, ё ба матлаб расӣ». Бо ин андеша аз паси он ҷавон равон шудам:

Ҳарчанд даруни парда роҳат надиҳанд,
Навмед мебошу ҳалқае бар дар зан!

Он ҷавон боз аз ман хабардор шуда, ба навъе говро ба ҷониби ман тохт ва шамшер ба қасди ман андохт, ки маргро аён дар дами ӯ дидам ва гуфтам:

– Э марди мардон! Зарби шамшери худро аз ман дареғ надор. Маро аз ин ғаму ғусса ва биёбонгардӣ халос кун, бахилӣ накун!

Ин суханро шунида, ба сӯйи ман бо ғазаб нигоҳ карда сар ҷунбонид ва гуфт:

– Э золими бемурувват! Чаро мехоҳӣ, ки хун бар гардани ман гузорӣ... тарки ҷаҳл карда баргард, ки ин бор ҳам ҳуҷҷат бар ту тамом кардам.

Боз ҷилав баргардонида говро бо суръат ронда рафт. Ман боз аз дунболаш равон шудам ва ин мазмунро вирди забон сохтам:

---

[1] *Фирор* – гурехтан. Қарор бар фирор ихтиёр кардан, яъне нагурехтан ва истодан, қарор додан.

Меравам то инони шаҳ гирам,
Кунам аз дасти хубрӯён дод.
Ақл гӯяд, марав, ки натвонӣ,
Ишқ гӯяд, ки ҳар чӣ бодо бод!

Он ҷавон дар арзи роҳ ҳарчанд маро аз гӯшаи чашм дид ва дида нодида ангошт ва худро бад-он надошт. Қариб ду фарсанг роҳ гаштем, ки девори боғе намудор шуд. Он ҷавон чун ба дари боғ расид, аз ҷигар чунон наъра кашид, ки он ҳисор ва атрофи он ларзид. Дари боғро кушоданд, он ҷавон говро ба дарун тохт. Ман дар берун мутафаккир ва ҳайрон истода будам, ки ғуломе берун омад ва маро пеш талабида гуфт:

– Э аҷалгирифта! Аз куҷо дучори ин девонаи хунхор шудаӣ?

Гуфтам: – Қисмат чунин буд.

Гуфт:

– Ҳоло биё, ки туро металабад. Худо раҳмат (ба ту раҳмат) кунад ва аз шарри ин заҳмат нигоҳ дорад.

Чун ба дарун рафтам, боғе дидам хуррам ва ободон... Шаҳрёро! Забон аз таърифи он оҷиз аст. Дар миёни боғ иморати олибино дидам, ки шарафаш бо турфаи моҳ баробарӣ мекард. Дар он ҷо шаҳнишини васее буд; он ҷавон бо дили ғамгин дар он шаҳнишин нишаста, дар пешаш натъ[1] паҳн карда, авзори заргарӣ ба рӯйи натъе рехта мартабони дигар дар он буд... Он ҷавон як-як зумуррад дар миёни мартабон ба кор мебурд. Ғулом маро ишора ба нишастан кард. Нишастам ва хомӯш мондам. Он ҷавон ба сохтани мартабон машғул шуда ба касе аҳамият намедод, то ин ки рӯз ба охир расид; даст аз кор кашид ва сар бароварда чунон бадард хурӯшид, ки тамоми он боғ биларзид. Ғуломон ва парасторон ба ҳар тараф гурехтанд. Бар даври шаҳнишин ҳуҷраҳои бисёр буд. Ман ҳам, чун чунон дидам. Ба ҳуҷрае хазидам. Он ҷавон дарҳоро як-як баст ва ғурришкунон аз имораг ба зер равон шуд. Ҳуҷрае, ки ман дар он ҷо будам, даре ба тарафи боғ дошт. Дар ақиби он ҳуҷра панҷарае буд, як чӯби он пӯсида афтода, чунон буд, ки аз он ҷо касе берун баромада метавонист, ман ба худ гуфтам, ки

[1] *Натъ* – бисот ва фарши чармин.

«мебояд аз пайи ин ҷавон рафт ва донист, ки ба куҷо ва аз барои чӣ меравад...», бинобар он баромадам. Аз кунҷи боғ нола ва фарёди гов ва садои чӯб заданро шунидам. Ба миёни дарахтон рафтам, ки касе маро набинад. Ҳамин ки наздик расидам, дидам ки он ҷавон чӯб кашида бар пушту паҳлуи гов мезанад, гов нола мекунад. Ҷавон баъд аз он ки ба танг омад, чӯбро ба дур андохт ва аз киса калид бароварда, ба сӯйи иморате, ки дар он ҷо буд, равон шуд ва қуфли онро кушода, худро ба тариқи мадҳушон ба дарун афканд. То аз шаб ним соат гузаштан дар он ҷо буд, гиря ва нола мекард, қурбон ва садқа мешуд. Ман ҷуръати пеш рафтан надоштам. Баъд аз он ки берун баромад, пеши гов рафта сару чашми онро бӯсид ва ба ӯ чун ба инсон узрхоҳӣ намуд; дасту пояшро пок карда, алафи бисёре пеш оварда партофт ва ба сӯйи иморат равона шуд. Ман аз миёни дарахтон худро ба ҳуҷра расонидам ва дар гӯшае хобидам. Он ҷавон чун ба иморат омада даромад, дарҳоро як-як кушода фарёд кард:

– То кай мехобед, берун бароед!

Ғуломон берун давиданд, чароғ афрӯхта ба маҷлис оварданд. Вай боз фарёд карда гуфт:

– Он дарвеши золим дар куҷост?

Ман берун давидам. Чун ба наздаш расидам, ишора ба нишастан кард. Хизматгорҳо таом оварданд, дастурхон партофтанд. Вай маро пеш талабида таклифи таом хӯрдан кард... Куҷо таом аз ҳалқи ман фурӯ мешуд?! Аммо ба ҳар тариқ, ки буд, чанд луқма хӯрдам. Чун дастурхонро бардоштанд, ғуломонро рухсат дод. Вақте ки маҷлис хилват шуд, рӯ ба ҷониби ман карду гуфт:

– Э мард! Барои Худо, бигӯй матлаби ту чист? Чаро ба абас[1] ҳалокати худро мехоҳӣ ва ба чӣ сабаб аз паси ман меойӣ? Медонам, ки то касеро корд ба устухон нарасад, маргро ба зиндагӣ намегузинад[2]. Маълум шуд, ки ту ҳам ба ватираи[3] ман беморӣ ва аз барои маслиҳате дар ин роҳ

[1] *Абас* – беҳуда.

[2] *Гузидан* – интихоб кардан, хоста гирифтан. Намегузинад – интихоб намекунад.

[3] *Ватира* – роҳ, тариқ, ҳол, тарз, равиш. Ба ватираи ман – дар ин ҷо ба маънои ба ҳоли ман.

қадам мондаӣ, ки ин сар дар ақиби ман гузоштаӣ, албатта, муддаое дорӣ. Ба мардони олам қасам, ки агар рост гӯйӣ ва агар матлаби ту ба дасти ман бошад, барорам ва то ҷон дорам, ҳамроҳӣ кунам. Агар дурӯғ гӯйӣ ва аз дари ҳила даройӣ, ба ҷон амонат надиҳам.

Чун ин шунидам, ҷуръат карда тамоми саргузаштамро гуфтам. Чун сухани хоҳиш ва тааштукро дид, монанди абри навбаҳор гирист, биҷӯшид ва бихурӯшид ва бехуд гардид. Сарашро ба канор гирифтам ва бо нармиву мулоимат ба ҳуш овардам. Чун ба ҳуш омад, гуфт:

– Э мард, ту наёмадаӣ, магар ба харобии бунёди сабру ороми ман, омадаӣ, ки маро аз биёбоннавардон кунӣ! Қасам ёд кардаам, ки мақсади туро раво кунам ва ба ҷон музояқа накунам[4]. Агар туро маҳрум гузорам, ҷавоби султони ишқро чӣ гӯям? Зеро ки қадри парешон парешон донад! Хуб, аввал ту ба мақсади худ рас, то бинам, ки оқибати ман ба куҷо расад...

– Э бародар, бидон ва огоҳ бош, ки ман писари подшоҳи ин шаҳрам. Падарам ба ғайр аз ман фарзанде надорад. Маро ҳам солҳо умед ва орзу карда ёфтааст. Ба муждаи зойида шудани ман се сол хироҷ аз раият бармедорад ва коҳинон ва мунаҷҷимонро талабида, аз толеъ ва аҳволи ояндаи ман мепурсад. Онҳо баъд аз гирифтани иртифоъ[2] ва фикри бисёр арз мекунанд, ки «ин писарро то ба охири синни чордаҳсолагӣ қироне дар толеъ аст[3] ва он қирон ва рӯъяти[4] офтоб ва моҳтоб тавонад буд. Ағлаби гумон он аст, ки то аз синни вай чордаҳ сол нагузарад, бояд офтоб ва моҳтобро набинад Агар ин қирон аз вай гузарад, басо комрониҳо кунад. Ва илло ранҷҳо кашад ва мумкин аст, ки девона шавад, хун бисёр бирезад, аз одамон гурезад...». Э мард! Падаре, ки ба он ҳама орзу фарзандро мебинад, аз шунидани ин хабар чӣ мешавад? Ҳамон дам маро бо дояҳо ба зери замин мефиристад. Баъд аз он некандешон ва кор-

---

[1] *Музояқа накардан* – яъне дареғ надоштан.

[2] *Иртифоъ* – баландӣ, нуқтаи баланд. Дар ин ҷо иртифоъ гирифтан ба маънии баландиро санҷидан.

[3] *Қироне дар толеъ будан* – ба маънии хушбахтӣ, ё бадбахтӣ дар толеъ будан.

[4] *Рӯъят* – ба чашм дидан ва донистан.

пардозон машварат мекунанд, ки «будани ин тифл то чордаҳ сол дар зери замин дуруст нест». Баъд аз маслиҳат ба он қарор медиҳанд, ки дар беруни шаҳр боғи нав тартиб дода, ниҳоли бисёре мешинонанд ва деворашро бағоят баланд мекунанд, баъд болои боғро бо чорчӯбаҳо пӯшида, ба онҳо шишаҳои ғафси соф мегузаронанд. Аз болои он ҳам ба намадмолон намади махсус молонда мепартоянд, аз ҳар тараф домони онро маҳкам мекунанд. Баъд маро бо доя ва марде, ки адиби комил ва муҳандиси соҳибтабъ буд, ба он боғ мефиристонад.

Муддати ҳафт сол маро дар он ҷо парвариш мекунанд. Чун ба синни ҳаштсолагӣ расидам, он мард ба ман хондан ва навиштанро таълим дод. Ҳар моҳе як дам ғоиб мешуд. Ман намедонистам, ки ба куҷо меравад. Ва ҳол он ки вай ба назди падарам ба овардани озуқа мерафтааст.

Боз муддати панҷ соли дигар бо дарсхонӣ ва баҳс гузашт. Доно шудам, аз маънии китобҳо бохабар шудам. Аммо чун ба ғайр аз муаллим ва доя касе ва сивои он боғ ҷоеро надида будам, он маконро биҳишт ва онҳоро Одаму Ҳаво медонистам.

Ҳар рӯз аз аввали рӯз дар боғ мегаштам, гули бисёр мечидам ва ба иморат мепошидам. Баъд ба мутолиа машғул мешудам. То он ки муаллим ба таълими ман менишаст.

Дар баҳори сенздаҳум, аввали рӯз ба дастури мазкур ба гул чидан рафтам. Гул чида гашта будам, ки ногоҳ дар канори боғ гули аҷиберо дидам, ки ҳаргиз ба он рангу бӯ гул надида будам. Даст бурдам ва нишастам, ки онро бичинам, аммо вай ғоиб шуд. Ҳайрон шудаму қад рост кардам, дида бар он гул дӯхта ва дил аз оташи ҳайрат сӯхта будам. Ҳар замон он гул бузургтар мешуд. Маро аз дидани он шӯру шавқе дар дил пайдо шуда, маҳви тамошо гардида будам, намедонистам, ки он чист. Ногоҳ аз боло овозе шунидам, ки ханда мекард. Сар боло кардам, ки бинам кист ва сақфи боғ шикофта шудааст. Ба иловаи он ниҳоли санавбар саркаш гашта, он намадро пора карда буд. Он гул, ки маро ба тааҷҷуб оварда буд, шуълаи офтоб будааст, ки ман ҳаргиз надида будам. Дар он дам тахте дар ҳаво дидам, ки ба дӯши чор нафар буд ва овози ханда аз болои тахт меомад. Онҳо ба тарафи замин мефуромаданд. Ман чашмамро аз

онҳо наканда нигоҳ кардам. То ин ки ба замин расиданд, тахтро ба замин гузоштанд ва ба канор истоданд. Нозанинсанаме бар он тахт нишаста дидам, ки аз ҳуснаш боғ равшан мешуд.

Сарвқад, хушадо, камонабру,
Маҳҷабин, симғабғабу гулрӯ.
Шӯхи бедодгар, паризоде,
Нигаҳ оҳуфиреб сайёде.
Ҷодуаш фитна, ғамзааш хунрез,
Мижа қаттолу зулф ғолиябез.
Гесувонаш каманди гардани дил,
Оҳувонаш ба кор бурдани дил.
Ғабғабаш ҷонишини оби ҳаёт,
Шаккарин пистааш чу ҳабби набот.
Даҳанаш ҳамчу ҳуққаи ёқут,
Намакин бӯсааш равонро қут.
Хол дар кунҷи он лабон чун қанд,
Буд аз баҳри захми чашм испанд.
Лаби лаълаш чу ғунчаи хандон,
Силки гавҳар мисоли он дандон...

Нимтоҷи ҷавоҳиркорӣ ба сар ниҳода, ба тамкин ва виқор бар он тахт нишаста, минои мурассаъ[1] ва ҷоме аз як дона лаъл дар пеш дошт. Вақте ки маро ҳайрон дид, чун гули сероб хандид ва якбора намак бар ҷароҳатам пошид ва аз рӯйи меҳрубонӣ маро пеш талабид. Саросемавор пеш давидам, пояи тахти ӯро бӯсидам. Он нозанин дасти мани ҳазинро гирифта, дар пеши худ нишонид ва аз мино ҷоме пур карда нӯшид ва ҷоме ҳам аз он май ба ман бахшид ва рӯямро бӯсид.

Баъд аз ғояти дилрабойӣ гуфт:

– Ҳайф, ки одамизодро вафо нест. Вагарна дил ба меҳри ту мебастам...

Ман ёрои дам задан надоштам. Ҳамчунин он нозанин ду ҷоми дигар нӯшид ва ба ман дод. Ба ман ҳолати ғариб ва қуввати аҷиб рӯй дод. Наздик буд, ки аз хурсандӣ ва нишот ҷомаи ҷон фано кунам ва худро гум карда будам.

[1] *Минои мурассаъ* – шишаи мурассаъ, шишаи майи рангин ва зарнигор.

Соате шуд, ки ман мегиристам, ӯ табассум мекард ва рӯйи маро мебӯсид. Ногоҳ чанд нафар аз ҷинси онҳо аз ҳаво расиданд ва бо забони худ чизе гуфтанд. Он санам афрӯхта шуд, боз аз рӯйи ман бӯсид ва маро аз тахт бар замин гузошт ва гуфт:

– Эй ёри азиз! Мехостам даме бо ту бошам, аммо рӯзгор нопойдор мебошад...

Рафтему доси ҳаҷри ту бурдем ёдгор,
Бар ёди мо ту ҳам дили моро нигоҳ дор.

Боре, фаромӯш накун ва ҷоми бевафоӣ нӯш макун.

Забони ман ҳамин қадар ёрӣ кард, ки гуфтам:

– Э қиблаи дилу ҷон! Туро куҷо талаб кунам ва суроғи ту аз кӣ пурсам?

Вай гуфт: – Ин кор аз ту дур аст, бори дигар мулоқот миёни мову ту амри маҳол аст ва одамизодро қуввати дарёфтани мо нест...

Гуфтам: – Боре гӯй, ки гуле аз гулистони кистӣ ва сарве аз бӯстони чистӣ?

Гуфт: – Подшоҳзодаи париёнам! – дар ин дам тахти ӯро ба ҳаво бурданд ва ман ба он маҳв гардидам. Ҳамин ҳисси босираам ба ҷо монда буд, ки он ҳам бар асари ӯ мебуд. Боқӣ ҷон монда буд, ки он ҳам бар ӯ медавид. Дигар дасту по, ақлу ҳуш ва забону гӯш аз кор монд.

Ақлу ҳушу хирадам рафт, чу дилдор бирафт,
Дастам аз кор фурӯ монд, дил аз кор бирафт!

– Э дарвеш! Чӣ гӯям, аз ҳоли худ, ки надонам ба кадом забон тақрир кунам. Монанди тани беҷон, ошуфта ва парешон бар хок афтодам ва сиришк аз дида кушодам.

Доя ва муаллим баъди кофтукови бисёр маро ба он ҳоли зор ёфтанд. Ҳарчанд муаллим бо ман сухан кард, аммо маро сари гуфтугӯ ва ҷавоб набуд. Лекин ашки ғаммоз[1] ҳама ҷо ҳоли дил ба рӯям боз мегуфт.

---

[1] *Ғаммоз* – ғайбаткунанда, гӯянда, сиркушоянда. Ашки ғаммоз ҳама ҷо – ашки сиркушоянда ҳама ҷо...

8 – 17-594

Муаллим гуфт, ки албатта, ўро ҷин зарар расондааст. Дуову таъвиз[1] бар сарам хонд, аммо ба ҳоли ман суде надошт. Он рўзу шабро бад-он тариқ гузаронидам. Чун он дардро чорае надиданд ва тамаъ аз ман буриданд, муаллим ба назди падарам рафт ва сурати ҳолро гуфт. Падарам инро шунида саросема ба боғ давид, маро ба он ҳол дид ва дар бар кашид, рухсорамро бўсид. Ҳарчанд сухан мекард, аз ман ҷавобе намешунид. Дар охир амирҳо, вазирҳо, аркони давлат ва ҳукамо, фузало ва табибҳо даромаданд. Падарам аз ғояти изтироб ба онҳо зорӣ, беқарорӣ, ваъда, мужда ва таҳдид ва он чи бояд ва шояд, намуд... Боре чун кор аз даст рафта буд, маро ба шаҳр бурданд. Ман аз он вақт боз, ки гули офтобро дида будам, ҳар лаҳза аҷоиби дигар медидам. Аз ин боз ҳам ҳайронтар мешудам ва аз гиряву оҳ намеосудам, шабу рўз дар ғусса ва ранҷ будам; рўз ба рўз зору низортар мешудам. Ҳакимҳо, табибҳо ба даво шарбат, уламо ва шайххо ба дуо ва таъвиз меафзуданд. Аммо онҳо саъйи беҷо ва бефоида менамуданд... Ҳеҷ кадомашон воқиф аз ҳоли дили ҳайрон ва дидан гирёни ман набуданд. Ман, худам забони гуфтугў надоштам. То он ки се сол гузашт. Дар ин муддат шабу рўз падарам ба андўҳ буд. Дар ҳар вилоят, ки мешунид, ҳакиме ё марди доное ҳаст, ба ҳар тариқ, ки буд, ҳозир менамуд, аз онҳо талабгори давои мани зор ва хостгори илоҷи дили бемор мешуд. Баъди давокунии бисёр, чун бўйи асар намешунид, ба ноком ва ночор маъюс мегардид...

Баъд аз се солу ним ба ин вилоят як тоҷир, ки ҷаҳонгашта ва аксар умр дар сафар гузаронида буд, омад. Азбаски одами машҳур буд, туҳфае чанд ба назди падарам ба расми армуғон (савғо) овард. Падарам аз вай ҳакими ҳозиқро ҷўё шуд. Вай гуфт, ки «дар Ҳиндустон як ҷазираи хушобу ҳаво ҳаст, ки ҷазираи Ҳаким меноманд. Зеро ҷўгие дар он ҷазира боғе сохтааст, ки девори он ба фалак мерасад, ҳеҷ касро маҷоли ба он даромадан нест. Соле як бор табобат мекунад. Азбаски овозаи ў ба кулли Ҳиндустон ва Чину Хутан ва тамоми дигар мамлакатҳо паҳн

[1] *Таъвиз* – тўмор. Ба дуо ва таъвиз меафзуданд – ба дуо ва тўмор меафзуданд.

шудааст, ҳар ҷо беморе, ки табибҳо аз илоҷи ӯ оҷиз шаванд ва дастрасӣ бурдан ба он ҷазира дошта бошанд, аз яксола роҳ (ҳам бошад), ба он ҷазира мебаранд. Дар рӯзи ид дар баробари боғи Ҷӯгӣ, агар сад, агар ҳазор ва даҳ ҳазор нафар бемор бошанд, дар паҳлуи ҳам мехобонанд. Ҷӯгӣ чун аз оббозӣ фориғ шавад, як-як беморонро бар башара нигоҳ мекунад ва бе он ки набз гирад, ё аҳвол пурсад, нусха навишта ба канораш меандозад ва мегузарад. Чун ба нусхаи ӯ амал кунад, бемор сиҳҳат меёбад. Гумон дорам, ки агар шоҳзодаро ба он ҷо фиристанд, шифо ёбад. Банда метавонам, ки дар шаш моҳ шоҳзодаро ба он ҷо барам.

Падарам аз ин мужда хурсанд шуда, яке аз вазирҳои худро, ки соҳибақл ва ба кифоят буд, бо сад нафар хизматгор ва корвони сафаркаш ба тоҷире[1] ҳамроҳ намуда, ба далолати он марди ҷаҳондида ба он ҷазира равон кард. Муддати шаш моҳ порае дарё, порае саҳро мепаймудем. То он ки ба он макон расидем. Аз он ҷойи хушобу ҳаво бӯйи фараҳ ва шодӣ ба димоғи ҷонам расид.

То қосиди хушхабар зи ҷонон омад,
Аз файзи ҳаво-ш дар танам ҷон омад.
Бо дил гуфтам, ки, эй асири ғаму дард,
Хуш бош, ки шоми ғам ба поён омад.

Чун ба ҷазира расидам, фараҳ ва осудагӣ ба дилам ҷо шуд. Аммо забонам ёрои гуфтугӯ надошт ва ашк беихтиёрона аз чашмам мерехт. Дар он ҷазира қариб панҷсад бемор ҳозир шуд. Чун бист рӯз гузашт, мардуми дар он ҷо ҷамъшуда шодӣ кардан гирифтанд. Онҳо мегуфтанд, ки «фардо рӯзи иди мост!». Он шаб то рӯз бемордорон, ки дусе ҳазор нафар буданд, хурсандӣ мекарданд. Чун рӯз равшан шуд, ҳамаи беморонро ба дастури муқаррарӣ дар макони махсус ба тартиб шинонданд ва парасторон худ ба канор рафтанд. Ду соат аз рӯз гузашта буд, ки дари боғ кушода шуд, писари ҳиндуи жӯлидамӯе бо тани урён пешқабзае[2] баста, китобе дар даст ва қаламдони мурассаъ дар бағал аз боғ берун омад. Вай рост ба канори дарё рафта,

[1] *Тоҷир* – бозаргон.

[2] *Пешқабза* – ханҷар (азбаски ханҷарро ба пешкамар мебанданд, онро чунин номидаанд).

худро шуста, камтар сайр карда, хиромон-хиромон ба ҷониби беморон омад ва ҳамон тавр, ки тоҷир гуфта буд, аз дасти рост як-як беморонро нигоҳ мекард ва нусха менавишт, баъд нусхаро ба канори онҳо гузошта мегузашт. То ки ба ман расид. Чун маро дид, мутафаккир гардиду баръакси дигарон ба сару пойи ман бисёр мулоҳиза ва тааммул кард. Баъд дасти маро гирифта ишораи бархостан кард ва рост истодам, вай мулоҳизаи бисёр кард, даст бари ман гузошта, фикри бисёр кард ва бе он ки нусха диҳад, ё ҳарфе занад, гузашта рафт ва ба дидани дигаре сар кард, ин ҳолро дида вазири падарам ва ёрони дигар малул шуданд, аз дармони дарди ман маъюс гашта гиристанд ва зориву фиғон мекарданд. Чун ҳаким аз дидани дигарон фориғ шуд, назди ман омаду аз дастам гирифта ба боғ бурд.

Дар миёни боғ иморати чорсуфае (айвоне) воқеъ буд. Дар як суфа (айвон) аз замин то ба сақфи он китобҳои илми ҳакимӣ, табиӣ, риёзӣ ва дигар илмҳо бо хатти арабӣ, юнонӣ, сурёнӣ ва ҳиндӣ чида шуда буданд. Дар суфаи дигар зарфҳои тиллову нуқра, либос ва чизҳои нафис буд. Дар суфаи дигар мартабонҳо, сандуқчаҳо, қуттиҳои пур аз даво ва маъҷунҳо, шарбатҳо, доруҳо буд. Дар суфаи дигар чизе набуд. Аммо дар миёни он дарё буд, ки он дар ба даҳлезе кушода мешуд. Ҳаким маро ба он чорсуфа нишонид ва худ дари даҳлезро кушода ба дарун рафт ва дарро баст, ба ман чизе нагуфт.

Дарвеши азиз! Ҳамин ки он рӯз гузашт, дилам андаке сокит гашт, гиря кам шуд, майли хӯрду хӯрок кардам ва димоғам андаке рутубат пайдо кард. Ҷӯгӣ рӯзи чилум берун баромад. Чун маро хушвақт дид, табассум кард ва гапе, ки ба ман гуфт, ин буд:

– Сайри боғ кун ва ҳарчи мевае, ки рағбат дорӣ, бихӯр!

Инчунин қуттиеро намуда, гуфт:

– Рӯзе ба қадри як нахӯд аз ин маъҷун майл кун.

Баъд аз ин суханҳо боз ба он макон рафт. Ман бо дастури вай нишон додагӣ амал мекардам ва рӯз ба рӯз қувват ва ҳолат пайдо мекардам, аз заифӣ берун мешудам. Аммо ишқи он санам фаромӯш намешуд. Рӯзҳо барои машғулӣ китобе бардошта мехондам. То ин ки ба аксари илмҳои ғариба моҳир шудам, бо хосияти ҳамаи гул ва гиёҳ ва фи-

лизот ва ҷавоҳирот ва бо мизони онҳо, бо нафъу зарари онҳо шиносо гардидам. Инчунин ба кор бурдани чизҳои дигар, сохтани таркибҳо ва дигар доруҳоро донистам. Аммо шунидан кай бувад монанди дидан! Чун надида будам, худ тааҷҷуб мекардам, ки ин давоҳо кадом аст.

Сухан мухтасар, то муддати як сол дар он макон будам. Дар ин муддат ҷӯгиро ҳамон як бор дида будам. Аз он ҷониб дар рӯзе, ки ҷӯгӣ маро бо худ мебарад, ёрон ва парасторонам ҳайрон ва саргардон дар он ҷазира мемонанд. Мардуми дигар беморҳои худро бардошта, ба вилояти худ мебаранд. Парасторони ман дар он як сол ба меваҳои тар ва хушки он ҷазира қаноат карда рӯз мегузаронанд. Ҳамин ки рӯзи иди ҷӯгӣ расид, вай аз хилват берун бaромаду қаламдону коғаз ба дасти ман дод ва гуфт:

– Бо ман биё!

Аз ақиби ӯ равон шудам. Вақте ки дари боғро кушода берун баромадам, дидам, ки мардуми бисёре ҷамъ омада буданд. Чун ёронам маро сиҳат ва саломат бо ҷӯгӣ диданд, фарёд кашида нидои хурсандӣ баланд карданд. Ҷӯгӣ табассум менамуд. Аммо ман намедонистам, ки инҳо киёнанд ва он шӯру ғавғо барои чист. Чун ҷӯгӣ аз оббозӣ фориғ гашт, ба дидани беморон омад. Аз ман коғаз талабид, ман зуд ба ӯ коғаз додам ва қаламдон дар даст, аз рӯйи адаб ба пушташ истодам. Ӯ ба нусха навиштан сар кард. Ман нигоҳ карда донистам. ки ҳар беморе чӣ дард дорад. Қариб ҳамаро тамом карда буд, ки ба як ҷавони зеборӯ расид. Он ҷавон офтобрӯ, мушкинмӯ бошад ҳам, аз заъф бисёр бетавон ва бетоб шуда афтода буд. Чашмҳо фурӯ рафта. Ранги рӯяш зард гашта буд. Чун ҳаким ба ӯ нигоҳ кард, нусхае навишт ва даво нафармуд, аз ӯ даргузашт. Чун аз ҳама фориғ гашт, ба сӯйи боғ равон шуда, ба ман фармон дод, ки он беморро биёр. Амрашро ба ҷо оварда, он ҷавонро ба зӯр бардоштам ва ба боғ даровардам. Онро ҷӯгӣ ба даруни хилват бурд ва дарро баст. Ман мутафаккир шудам, ки бо ӯ чӣ хоҳад кард?

Ниҳоят тоқат накарда ба боми иморат баромадам. Аз он ҷо сӯрохие ба ҳуҷра буд. Оҳиста назар кардам, дидам, ки

---

[1] *Табоҳ* – вайроншуда, беҳударафта, бар абас талафшуда.

ӯро беҳуш кард ва ба чормех кашида гирдогирди косахонаи сари ӯро бурида, бо ҳикмати тамом устухонро ҷудо карда, ба канор гузошт. Дар як сӯ оташе афрӯхта буд. Ба он оташ анбӯрро гузошта гарм кард. Чун онҳоро дидам, дарди ҷавонро фаҳмидам, зеро китобе аз китобҳои ӯ хонда будам, ки агар ҳазорпо ба гӯши касе равад, ба косаи сар ҷо мегирад, ва одам рӯз ба рӯз аз зӯрии дарди сар аз хӯрду хӯрок ва қуввату тоб меафтад ва мекоҳад. Оқибат мағзи сар табоҳ[1] ва сиёҳ мешавад ва ӯро мекушад. Илоҷи он ҳамин аст, ки устухони сари ӯро ба ҳикмат ҷудо кунанд ва бо анбӯри нимгарм он ҳазорпоро бардоранд. Агар анбӯр гарм набошад, ҳазорпо поҳояшро ба пардаи димоғ банд мекунад ва парда медарад. Агар анбӯр пургарм бошад, парда месӯзад. Баъд аз дур кардани ҳазорпо устухони фарқи сарро ба ҷо гузошта, бо фалон равған ва доруҳо захми ӯро беҳ кунанд. Дигар илоҷ надорад.

Дар ин дам ҷӯгӣ анбӯрро бардошт ва хост, ки ҳазорпоро дур кунад. Ман донистам, ки ғалат мекунад ва он ҷавон кушта мешавад. Бинобар он тоб наёвардам, фарёд кардам, ки:

– Э устод, анбӯр гарм аст.

Чун овози маро шунид, сар боло карда маро дид. Қаҳраш омад ва анбӯрро ба дур андохт ва сару синазанон дарро кушода ба кунҷи боғ рафт. Ман аз бом ба зер омадам ва ба дарун даромадам. То он вақт анбӯр ширгарм шуда буд, онро гирифта бо дилпурӣ ҳазорпоро баргирифтам, аз таъсири гармии анбӯр ҳазорпо поҳояшро ба худ кашид. Ман ҳам ӯро аз мағзи сари ӯ бардошта ба дур андохтам. Баъд фарқи он бечораро ба ҷойи худ гузошта, дору, марҳам ва равған, ки ҷӯгӣ ба он ҷо ҳозир карда буд, ба ҷароҳати ӯ молидам ва маҳкам бастам ва аз ӯ хотирҷамъ шуда берун баромадам ва ба кофтукови ҷӯгӣ машғул шудам. Баъд аз ҷустуҷӯйи бисёр дидам, ки худро бо мӯйи сари худ аз дарахте ба ҳалқ кашида, аз ғояти ҷаҳл ва таассуб худро куштааст. Сабаби ин худкушӣ ҳамин, ки чаро ман диниста ва фаҳмидам, ки ӯ чӣ мекунад.

Борҳо таассуфи бисёре хӯрда аз дарахт ҷудо кардам ва дар он ҷо чуқурие канда хостам, ки ӯро гӯр кунам. Дар он дам аз миёни мӯҳои ӯ ду калид ёфтам. Онҳоро гирифта ба

киса андохтам. Баъд ӯро гӯр карда ба иморат омадам ва ба хилвати ӯ рафтам. Аввалан аз бемор хабар гирифта хотирҷамъ шудам. Баъд ба маконе, ки нишемани ҷӯгӣ буд, рафтам. Дар он ҷо як дари қулф кардашударо дидам. Калидро ба он қулф андохта кушодам ва даромада дидам, ки дар он хона зару зевари бисёре рехта шуда буд. Дар он байн сандуқчаи мурассаеро ёфтам, ки калид ба он рост омад. Қуфли онро кушода дидам, ки як китоби ҷилдмурассаъ истодааст. Китобро кушода хондам, ки дар он тамоми доруҳо, исми аъзам ва дастури чилла нишастан ва тасхири ҷин, арвоҳ ва афсунот навишта шуда буд. Чун онро дидам, аз шодӣ наъра зада беҳуш гардидам. Баъд ба худ омада, бо ғайрати ҳар чӣ тамом ба нигоҳубини он ҷавон кӯшидам, то ки ҷароҳати вай сиҳат ёфт. Баъд аз гузаштани ҳашт рӯз бо он ҷавон аз боғ берун баромадем. Ёрони ҳар ду тараф ба саломатии мо шукр карданд...

Вазири падарам, марди тоҷир ва боқӣ парасторон масрур ва хуррам аз он ҷазира озуқа ҷамъ намуда, бо асбоб ва амволи бисёр ва зару ҷавоҳире, ки дар ҷӯгӣ буд, ба киштӣ даромада, равонаи вилоят шудем. Он ҷавон низ амирзода буд, вай ҳам бо ёрони худ ба мамлакаташ рафт.

Вақте ки сиҳат ва саломат аз дарё ба канор омадем, ба назди падарам қосиде равона карданд ва муждаи саломатӣ бурданд. Худамон кӯч бар сари кӯч омадем. То ки ба ин мавзеъ расидем. Аз он ҷониб, чун хабари саломатӣ ба падарам расид, шаҳрро оинабандӣ ва чароғон фармуда, худ бо умаро ва вузаро ба истиқбол берун омад, мо дар ин мавзеъ рӯ ба рӯ шудем, Ман азбаски аз бисёрии мардум ваҳшат доштам, ба падар гуфтам, ки:

– Ман ба шаҳр намедароям. Дар ҳамон хона ва боғ зиндагӣ мекунам.

Падарам гуфт, ки:

– Э нури дида! Чун ба ту дард аз он боғ рӯй дода буд, ман фармудам, ки он боғро хароб кунанд.

Ин суханро шунида, аз асп худро партофтам ва ба хок ғелида ба гиря даромадам. Ҳарчанд падарам хост, маро тасаллӣ дода, ба шаҳр барад, ризо надодам. Дар охир маслиҳат чунон диданд, ки ба ҷиҳати ризоҷӯйии ман дар ҳамон макон боғе созанд.

Ҳамон рӯз ба банноён[1], муҳандисон ва деҳқонон фармон доданд ва ҳамин боғро дар андак рӯз обод намуданд. Иморатеро, ки мебинӣ, ба дилҳои (?) тамом карданд. Баъд сад нафар ғулом ва хизматгор муқаррар фармуданд ва худ аз ислоҳи ман маъюс гашта, бо сад дареғ ва афсӯс ба шаҳр рафтанд. Ман ба хилват нишаста ба хондан сар кардам. Чил рӯз тарки таомҳои ҳайвонӣ ва ғайра намудам. Ҳар рӯз ва ҳар шаб аҷоиби беандоза медидам ва машаққати бисёр мекашидам. Аммо ба умеди он ки шояд домани васли ӯ ба чанг ояд, аз ҳеҷ чиз натарсидам, дар шаби чилум баъд аз соиқа ва тӯфон ва ғурриши раъд ва тапиши замин ва овозҳои аҷиб ва ҳавлнок, аз ҳаво тахте пайдо шуд. Чун ба замин расид, дидам, ки пирамарде бар сар тоҷи мурассаъ ва либоси марвориддӯзӣ дар бар ба болои тахт нишастааст. Ба вай салом додам. Гуфт:

– Э ҷавон! Чӣ аз ҷони ҷинниён мехоҳӣ? Ҳоло бас аст, наздик шуд, ки тамоми моро бисӯзонӣ. Боре матлаб чист? Бигӯ, то ҳосил кунам. Агар мақсади қатли ом дошта бошӣ, ихтиёр бо туст.

Гуфтам:

– Агар қасам ёд кунӣ, макр ва ҳила накунӣ ва дурӯғ нагӯйӣ, мақсадамро мегӯям.

Он мард қасам ёд кард. Ман гуфтам, ки:

– Дар паси парда духтаре дорӣ. Агар ба аҳд вафо кардани бошӣ, мехоҳам, ки муроди маро ҳосил кунӣ ва духтаратро ба ҷиҳати таскини дили ман ҳозир кун!

Он мард хандид ва гуфт:

– Матлаби ту ҳамин аст?

Гуфтам:

– Кадом матлаб аз ин азимтар аст? Ин шарафи давлат ва иқбол ва мададгории бахти мани бечораи саргашта ва ҳиҷронрасидааст, ки як бори дигар дидаи ғамдида мунаввар кунам, як бори дигар қурбон шавам, то ки сар андар қадамаш бозам ва ҷон пешкаш созам...

Ӯ гуфт:

– Э ҷавон! Духтари ман қобили суҳбати ту нест. Мо ҷинниён аз тоифаи сиёҳем. Ҳамаи мо сиёҳ ва қавиҳайкалем.

---

[1] *Банно* – бинокор.

Гуфтам:

– Узр ва макрро бигузор!

Ӯ гуфт:

– Шарт ҳамин, ӯро дида аз озори мо даст мекашӣ.

Гуфтам:

– Бале, чунин аст!

Ҷинҳо рафта зуд тахтеро оварданд. Нигоҳ карда бинам, бачаи ифрите дар он нишаста, ки забон аз таърифи ӯ оҷиз аст. Як чизи сиёҳ, бадафт ва аҷиб, аммо дар миёни дурру гавҳар ғӯта зада буд. Чун ӯро дидам, ба падараш гуфтам:

– Э пири сангдил! Ин чӣ найранг аст? Чӣ тавр дилат шуд, ки он суратро ба ин ҳайат мубаддал кунӣ ва қасам ёд кардӣ, ки ғадр (хиёнат) накунӣ...

Аммо вай боз қасамҳои бисёр хӯрд, ки:

– Духтари ман ҳамин аст ва ҳайати ӯ ҳамон аст.

Донистам, ки рост мегӯяд. Боз ӯро қасам дода, аз матлаби худ нишон талабидам.

Гуфт:

– Он подшоҳзодаи Уммон аст. Агар онҳоро тасхир карда тавонӣ, шояд вай ба даст афтад. Э ҷавон! Ба ростӣ, ки аз сари ин муддао бархезӣ, беҳтар аст. Занни[1] ман он аст, ки аз ин кор ҷуз ранҷу бало чизе нахезад... Обу оташро куҷо улфат ҳосил мешавад?

Ӯ боз насиҳати бисёр кард. Лекин ба ман асар накард. Ошиқ куҷо насиҳати мардум шунидааст!

Боре аҳд кардам, ки дигар эшонро наёзорам. Баъд аз ин ӯро рухсат додам. Боз ба нияти тасхири ҷинниёни вилояти Уммон ба хондани китобча сар кардам. Дар шаби охирӣ бӯйи роҳат ба машоми ҷонам расид. Дидам, ки як-як аз бузургони ҷинниёни он вилоят меомаданд. То он ки падари он симинбар дар рӯйи тахти мурассаъ аз рӯйи ҳаво пайдо шуд ва фуруд омад. Баъд аз салом ва таслимшавӣ гуфт:

– Э ҷавони одамизод! Манзури ту чист, ки бо ин ҳама саъю ғайрат ин дуогӯйро ҳозир кардӣ?

Ман баъд аз шароити таъзим ва эҳтиром ӯро қасам додам ва гуфтам:

– Э малик! Муддатҳост, ки ба ишқи духтари киромии шумо гирифтор ва аз фурқати он сарвқад беорому беқаро-

[1] *Занн* – гумон.

рам. Хоҳиши онро дорам, ки марҳамат намуда ин фақири шикастаҳолро ба зулоли висоли он фархундамаол[1] расонӣ. Ва маро ва худро аз ин машаққат бираҳонӣ.

Ӯ гуфт:

– Э ҷавон! Ту одамизод ва мо ҷамоати ҷинниён ҳастем. Наздикии одамӣ ба ҷин ғайримумкин ва аз ақл дур аст.

Ҳарчанд ӯ мамониат менамуд, ман зиёдтар мепурсидам. То ин ки дар байни ман ва ҷинниён аҳду паймон шуд, ки он подшоҳи мулки хубӣ дар пеши ман бошад, ба шарти он ки ба назари шаҳват ба ӯ нигоҳ накунам. Ман ҳам қабул намудам.

Ӯ гуфт:

– Ҳоло мегӯйӣ, аммо куҷо ба шарт вафо хоҳӣ кард?!

Гуфтам:

– Аз чӣ донистӣ?

Ӯ гуфт:

– Одамизодро вафо набувад!

> Ман он шарти балоғ[2] аст, бо ту мегӯям,
> Ту хоҳ аз суханам панд гир, хоҳ малол.

Ҳоло вақт ҳаст, ба ту мегӯям, ки агар иродаи ту аз рӯйи шаҳват набошад, ӯ дар хизмати ту бандавор хоҳад буд. Ман ҳам аз ҳаводорони туам. Агар бо ӯ мубошират, хуфтухоб кунӣ, боиси марги ӯ хоҳад шуд. Марги ӯ боиси меҳнат ва машаққати ту хоҳад буд...

Гуфтам:

– Э малики аъзам, ту он санамро як назар ба ман бинамо ва ҳар балое, ки расад, маро роҳат аст.

Ниҳоят баъд аз муоҳида...

> ...Ман тарки ҷон гирифтаму дилдор ёр шуд,
> Шукри Худо, ки мавсими бӯсу канор шуд.
> Он ёри дилнавоз, ки сабрам рабуду рафт,
> Миннат Худойро, ки ба ман боз ёр шуд.

---

[1] *Фархундамаол* – охираш нек, охираш босаодат. Дар ин ҷо ба маънои амалаш нек – босаодат.

[2] *Балоғ* – расонидан, расониш (хабаре ё супоришеро ба касе), шарти балоғ – адокунии вазифаи расониши ягон маълумот, ё супориши чунон ки бояд. Дар адабиёт балоғ ба маънои панд кор фармуда мешавад ва шарти балоғ – адои вазифаи панддиҳӣ, чунон ки бояд.

Якбора он зебонигор аз дар даромад. Инони дили шайдо аз кафам даррабуд. Баъд аз муддате боз дидаи ҳиҷрондидаро аз нури ҷамолаш зиё ва нур, дили меҳнаткашидаро нишот ва сурур рӯй намуд. Чун ҷон дар бар кашидам ва қадамаш бӯсидам. Он нозанини маҳҷабин меҳрубонӣ ва дилҷӯйӣ ва изҳори муҳаббат аз вафодории ман мекард.

Муддате бо якдигар дар ин иморат, ки дар кунҷи боғ воқеъ аст, ба сар мебурдем. Он ороми ҷон ба ман мегуфт, ки:

– Э ҷони азиз! Ту ғофил аз худ мабош, ки ҷинниён дар камини ту мебошанд. Ва аз китоби худ бохабар бош, ки мабодо надузданд. Соҳироне дар миёни ҷинниён ҳастанд, ки агар лаб бар ҳам зананд, оламеро барҳам мезананд.

Боре, дар шаб, дар вақти мастӣ шайтон ғалаба кард, хостам, ки даст дар гардани он нигор дарорам. Дар он дам овозе шунидам, ки мегуфт: «Китобро ба ман деҳ, ки ҳама исми аъзам аст ва хуб нест, ки дар чунин вақт бо ту бошад!». Ман чун маст будам, тафтиши соҳиби овоз накардам ва китобро аз бағали худ берун бароварда ба ӯ додам ва рӯ ба мақсад ниҳодам. Он нозанин ба ман бонг зад, ки:

– Э золим! Насиҳати маро фаромӯш кардӣ, кор аз даст рафт.

Бо ин суханон вай бехуд шуда афтод. Ман ба ақиби ӯ нигоҳ кардам, пири ифрите дидам. Хостам озор диҳам, дигарашро дидам, ки китобро аз вай рабуда гурехт. Ман он қадар ёд доштам, аз афсунҳои он китоб якеро хонда дамидам ва он ифритро ба сурати гов даровардам. Он соҳири дигар ба соҳирӣ дуоҳоро аз хотирам маҳв кард ва худаш гурехт. Чун ба болини он нозанин омадам, ӯро беҳуш ва хомӯш ёфтам. Аз он рӯз боз он сарви ноз ба ҳамон ҳолати рӯзи аввал аст. Ман яқин медонам, ки ин аз асари сеҳр аст. Говро ҳама рӯз аз қаҳр ва хашм шаллоқ мезанам ва айш ба ғам мубаддал шуд. Инак тарки мардум карда, дар кунҷи боғ, ба сад дарду доғ рӯз мегузаронам. Сохтани ниҳоли зумуррадин барои машғулӣ ва рафъи савдост. Ҳар моҳ як бор ба он макон рафтан ва ниҳоли мартабонро бурдан ва ба халқ намудан ва шикастан, инчунин ғуломро куштан барои он аст, ки халқро дил ба ҳоли ман бисӯ-

зад. Шояд дардманде дар ҳаққи ман дуои бериё кунад, то ки ба он васила пеши роҳам кушода шавад ва ба мақсадам бирасам... Э дарвеш, ҳоли ман ҳамин аст!

Ҷавон баъд аз тамом кардани саргузашташ наърае кашиду кафк бар лаб оварда, гиребон пора намуд ва зорию беқарорӣ намуда, ба шитоб роҳи биёбон пеш гирифт.

Шаҳрёро! Оташи ӯ дар дилам чунон асар кард, ки худро фаромӯш кардам. Қасам хӯрдам, ки то ӯро комрон набинам, ба мақсади худ нашитобам. Бинобар он сар дар биёбон ниҳода, ба ҷустуҷӯйи анҷоми кори ӯ машғул шудам. Сарупо бараҳна то панҷ сол гаштам. Дар ҳар ҷо дарвеш ва дардманде ва поктинатеро бинам, аз вай давои он дард ҷустам. Дар охир ба ҳамон пирмарди обид вохӯрдам, ки дарвешонро ба Қустантания далолат карда буд. Вай маро ҳам, монанди онҳо ба ин тараф фиристод. Гуфт, ки:

– Дар роҳ ба се дарвеш вомехӯрӣ, ки ҳар кадомашон матлаби бузурге доранд. Шумо ҳар чор ба назди подшоҳ меравед, ӯ низ матлабе дорад. Дар он ҷо матлаби ҳамаи шумо ҳосил мешавад...

Бинобар он банда ба ин савб (ҷониб) равона шудам. Ҳоло ду нишони он мард гуфтагӣ зоҳир шуд. Умед он аст, ки подшоҳ ба мақсадаш расад ва мо бечорагон низ ба орзуи худ расем.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Чаро номи асар «Чор дарвеш» ниҳода шудааст?*
2. *«Чор дарвеш» ба қалами кӣ нисбат дода мешавад?*
3. *Нахустин нашри асари мазкур кай ба вуқӯъ пайвастааст?*
4. *Дар бораи сужети асар фикратонро гӯед.*
5. *Қисмҳои асарро номбар кунед ва гӯед, ки дар шаклгирии он чӣ аҳамият доранд.*
6. *Сухани Айниро оиди аҳамияти асар ба хотир оред.*
7. *Кадом хислати Ҳотам водор кард, ки дарвеши сеюм ба саховатмандӣ рӯй орад?*
8. *Чӣ омил сабаб шуд, ки дарвеши сеюм ба саройи маликаи Басра рафт?*
9. *Дарвеш пеш аз ба висол расидан иҷрои чӣ кореро пеши худ мақсад гузошт?*

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ
## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ПОВЕСТ

Повест калимаи русӣ буда, маънояш ривоят, гуфтор, қисса мебошад. Дар истилоҳ яке аз жанрҳои эпикӣ мебошад, ки дар он задухӯрд ва низоъҳои ҳаётӣ дар атрофи роҳи тайкардаи қаҳрамони асосӣ пайдарпай ва батадриҷ ва гоҳо серзиддияту тезу тунд тасвир меёбанд.

Повест нисбат ба ҳикоя ва новелла ҳаҷман калонтар мебошад. Зеро дар ҳикоя ё новелла як воқеа тасвир ёбад, дар повест чанд воқеаи пайдарҳами саргузашти касе инъикос меёбад. Аз ин рӯ, сужет низ дар повест нисбат ба ҳикояву новелла мураккабу муфассал аст. Зиддияти повест ҳам мураккаб ва дуру дароз мебошад. Азбаски сужету зиддияти повест мураккаб асту миқдори воқеаҳояш зиёд, дар он персонажи зиёд амал мекунад. Одатан ин персонажҳо дар атрофи қаҳрамони асосии асар гирд меоянд. Ҳамин тавр, тасвири ҳаёт дар повест нисбат ба ҳикоя мураккабтар, вале гуногунии характерҳо ва воқеаҳо нисбат ба роман камтар мебошанд.

Дар повест портрет – тасвири зоҳирӣ, сару либос ва қиёфаи персонажи марказӣ равшан кашида мешавад. Гоҳо нависанда ба мақсади ба моҳияти образҳо сарфаҳм рафтани хонанда қиёфаи зоҳирии ӯро бо олами ботиниаш мувофиқ мегардонад. Тасвири барҷастаи портрет дар повести «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ дида мешавад. Нависанда қиёфаи ғайритабиии Қорӣ-Ишкамбаро ин тавр шавқовар тасвир кардааст: «Ӯ як одами миёнақади сергӯшти гарданкӯтоҳ буд. Ғафсии сару рӯяш ҳам ба дараҷае буд, ки аз ғафсии шикамаш қариб фарқ надошт. Агар риши ғулии паҳн ва дарози ин одамро бо мӯйсари баландрасидааш тарошида партоянд ва либосҳояшро ҳам аз танаш кашида гиранд, сару тани ин одам дар якҷо ба шикамбаи шутур монандӣ пайдо мекард.

Ғояташ ин ки аз вай калонтар, рангаш сурхчатар менамуд ва бо хуки фарбеҳи бордори пашмрехта «як себу ду тақсим» шуда мемонад».

Дар повест характерҳои барҷаста офарида мешавад. Характер маҷмўи хислатҳои инсонӣ аст, ки вай бо онҳо аз дигарон фарқ мекунад. Адиб тамоми паҳлуҳои характери персонажи марказии худро намоиш медиҳад. Дар ин ҷараён чӣ тавр шакл гирифтани характер ва омилҳои чигунагии онро ҳам тасвир мекунад. Чунончи, дар повести «Ривояти суғдӣ»-и С.Улуғзода, ки воқеаҳои таърихии асри VIII – истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи арабҳо ва муборизаи шадиди мардуми ин сарзамин дар роҳи озодӣ мавриди тасвир қарор гирифтааст, характерҳои барҷаста офарида шудаанд. Характерҳои Виркан, Наниманча, маликаи Бухоро Хотун, Молик ибн-ур-Райб аз ҳамин қабиланд. Дар характери қаҳрамони асосӣ Виркан, ки «шери суғдӣ» лақаб гирифта буд, хислатҳои ҷасурӣ, ватандўстӣ, озодихоҳӣ, якравӣ ва ғайра ба ҳам омадаанд.

Дар повест характери маликаи Бухоро Хотун аз дигар персонажҳо муфассалтар ва амиқтар тасвир шудааст. Характери вай гуногунпаҳлу буда, зиддиятҳои сахтеро соҳиб мебошад.

Нависанда ақли расо, иродаи қавӣ, устувориву дурандешиҳои ин зани соҳибҷамолро таъкид намудааст. Вале малика бо вуҷуди ин ҳама ақлу заковат ва истеъдод лашкари арабро нигоҳ дошта наметавонад. Вай аз ҷумлаи он сиёсатмадорон аст, ки дар шахсияташон қуввату беқувватӣ, хуштадбириву ноустуворӣ ба ҳам омадааст.

Сотим Улуғзода дар сустиҳои малика сабабҳои ҷиддии иҷтимоиро нишон додааст. Инак, малика наздиконашро ҷамъ карда, масъалаи «ҷанг ё сулҳ«-ро ба муҳокима мегузорад. Вай мехост, ки мардвор ҷанг сар кунад, аммо охиран ба қароре меояд, ки аз ҷанг худдорӣ кунад. Чаро? Чунки малика маҷбур буд, ки иродаи наздикони худ – Моҳбудон, Нуфарн ва дигарҳоро ба назар гирад. Аммо инҳо аз молу мулки худ тарсида, сулҳро ихтиёр мекунанд. Дар натиҷаи ин тарсончакӣ сарлашкари Суғд Вғашфарни далер мағлуб мешавад, вале на аз дасти арабҳо, балки аз сустии иродаи ҳамватанони худ.

Ҳамин тавр, дар «Ривояти суғдӣ» характери барҷастаи маликаи ҷасуру хирадманди Бухоро бо тамоми паҳлуҳояш тасвир ёфтааст, ки пеши рӯйдодҳои таърих оҷизу нотавон мебошад.

Дар байни ҳикояю повест ва повесту роман ҳудуд гузоштан баъзан мушкил аст. Ҳикояҳо баъзан калон ҳам мешаванд («Қисмати инсон»-и М.Шолохов). Повестҳои Н. Гогол «Хиёбони Нева», «Шинел» ҳаҷман хурд буда, повести А. Пушкин «Духтари капитан» аз романи Ю. Лермонтов «Қаҳрамони даврони мо» калонтар мебошад. Дар ин фарқият мезони асосӣ на ҳаҷм, балки мавҷудияти воқеаҳо, амалиёти образҳо ва таркиби сужет мебошад.

Дар адабиётшиносии тоҷик ба маънои повест баъзан истилоҳи «қисса», «достон» ва «ривоят» кор фармуда мешавад. (Масалан, «Ривояти суғдӣ»-и С.Улуғзода). Дар дохили тамоми романҳои халқӣ ва асарҳои калонҳаҷми насри бадеии давраи гузашта қиссаҳо, ривоятҳо, нақлҳо, ҳикояҳо андар ҳикояҳои сершумор мавҷуданд, ки аксари онҳо асосан мувофиқи қонунҳои имрӯзаи жанри повест эҷод шудаанд. Масалан, «Абӯмуслимнома», «Чор дарвеш», «Анвори Суҳайлӣ», «Самаки айёр», «Тӯтинома», «Ҳазору як шаб» чунин хусусиятҳо доранд.

Дар адабиётшиносии тоҷик истилоҳи повест ба воситаи адабиёт ва адабиётшиносии рус ва халқҳои дигар баъди солҳои бистуми асри XX маъмул ва машҳур гардид. Асари «Ҷаллодони Бухоро»-и С.Айнӣ намунаи аввалини повест дар адабиёти тоҷик мебошад. Услуби воқеанигории ин асар асосан мувофиқи қонунҳои бадеии қиссаҳои ривоятӣ ва халқии замони пеш сурат гирифтааст. Минбаъд дар адабиёти тоҷик повестҳои «Одина», «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ, «Тирмор», «Зӯҳра» ва «Ман гунаҳкорам»-и Ҷ. Икромӣ, «Субҳи ҷавонии мо», «Ёрони боҳиммат» ва «Ривояти суғдӣ»-и С.Улуғзода, «Ҷавонӣ» ва «Тобистон»-и П. Толис офарида шуданд.

Солҳои охир жанри повест дар адабиёти тоҷик хеле пеш рафт. Повестҳои «Одамони куҳна», «Дар он дунё», «Шоҳии япон», «Варта»-и Фазлиддин Муҳаммадиев, «Авроқи рангин», «Иншо дар мавзӯи озод»-и Ҷумъа Одинаев, «Духтаре, ки ҷустуҷӯяш мекунам», «Мунира», «Балоғат», «Осмо-

ни соф»-и Юсуф Акобиров, «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх», «Камони Рустам»-и Саттор Турсун, «Косаи давр»-и Абдулҳамид Самадов, «Ҳам кӯҳи баланду ҳам шаҳри азим»-и Ӯрун Кӯҳзод, «Шабе дар Кабудҷар»-и Кароматулло Мирзоев ва чандин повестҳои М. Наҷмиддинов, А. Шукӯҳӣ, Б. Фирӯз, Б. Ортиқзода, Сорбон ва дигарҳо ганҷинаи насри бадеии тоҷикро ғанӣ гардонидаанд.

Дар адабиёти тоҷик барои бачагон низ повестҳои ҷолиби диққат офарида шудаанд. Ба воситаи асарҳои «Об аз куҷо меояд?», «Асад ва Самад»-и Аминҷон Шукӯҳӣ, «Таътил», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор», «Қиссаи мӯмиё», «Дурдонаҳои Зарафшон»-и Болта Ортиқзода, «Қаймоқи гирди коса», «Гирдоб»-и Абдумалик Баҳорӣ, «Рӯзномае, ки бояд навишта мешуд»-и Насим Раҷабов ва дигарҳо повести тоҷик такмил ёфта, ба жанри дӯстдоштаи бачагон табдил шуд.

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Фарқи повестро аз ҳикояву новелла бо мисолҳо фаҳмонед.*

*2. Оиди повестҳои «Марги судхӯр»-и устод С. Айнӣ ва «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзода чиҳо медонед?*

*3. Жанри повест дар адабиёти тоҷик чӣ андоза пеш рафтааст? Кадом повестҳои машҳурро медонед ё хондед?*

*4. Фарқ ва умумияти повестро бо қиссаву достонҳои адабиёти классикӣ нишон диҳед.*

# АДАБИЁТИ ТАСАВВУФӢ

## ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ АДАБИЁТИ ТАСАВВУФӢ

Адабиёти тасаввуфӣ дар асоси эҳтиёҷи маънавии мардум ба вуҷуд омада, барои рушду равнақи адабиёти классикии тоҷик заминаи қавӣ гузошт. Ба ин муносибат аз оғози асри XI дар осори адибон мазмунҳои диниву ирфонӣ ва фалсафӣ ворид гардиданд. Намояндагони тасаввуф дар ин давра ба шеъру шоирӣ ва таълифи осори насрӣ рӯй овარданд, зеро барои густариши таълимоти онҳо, ки ғояи тарбияи инсони комил дар маркази он қарор дошт, ин восита хеле созгор менамуд. Ба ин хотир, аввалин касе, ки шеъри тоҷикиро ба минбар овард, Абӯсаиди Абулхайр буд.

Оиди мафҳуми калимаи «тасаввуф« фикрҳои зиёде гуфта шудааст. Гурӯҳе аз муҳаққиқон даъво доранд, ки тасаввуф аз калимаи «суф« гирифта шуда, маънои пашмро дорад ва сӯфӣ шахси пашминапӯшро гӯянд. Дар таърифи он низ суханҳои зиёд оварда шудааст, аз ҷумла, Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» аз қавли Абӯҳафси Ҳаддод меорад: «Тасаввуф ҳама адаб аст». Дарвоқеъ, тасаввуф бо одобу ахлоқи нек худро зиннат додан аст. Дар бобати аввалин сӯфӣ низ баҳсҳои зиёд ба вуқӯъ пайвастааст, ҳатто баъзеҳо ба сифати нахустин сӯфӣ Шис алайҳиссаломро медонанд. Аммо аввалин касе, ки бо номи сӯфӣ машҳур шудааст, Абӯҳошими Сӯфӣ буд.

Бинобар нишондоди манбаъҳо тасаввуф аз чор марҳила иборат аст, ки солики роҳ бояд ҳамаи ин марҳилаҳоро тай кунад. Марҳилаҳо ба чунин тартибанд: шариат, тариқат, маърифат, ҳақиқат. Баъзеҳо онро аз се марҳила иборат медонанд.

Чунончи Маҳмуди Шабистарӣ мегӯяд:

Шариат пӯст, мағз омад ҳақиқат,
Миёни ину он бошад тариқат.

Дар ин марҳилаҳо инсон бояд маънавияти худро такмил диҳад. Нахуст илмҳои расмиро меомӯзад, дар марҳилаи дуввум қалби худро аз ҳар гуна кина, ҳавову ҳаваси ношоиста, бухлу ҳасад тоза мекунад, сипас худро мешиносад, яъне, ба маърифати худӣ ноил мегардад, пас метавонад, ки ба марҳилаи ниҳоӣ – ба ҳақиқат бирасад. Ин марҳилаҳо, чунонки дида мешавад, такомули рӯҳии инсонро дар бар мегиранд. Фаридуддини Аттор зинаҳои камолоти рӯҳӣ ва пок кардани қалбро аз ҳафт водии маънавӣ иборат медонад: талаб, ишқ, маърифат, тавҳид, ҳайрат, фақру фано. Чунонки дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр» ишора кардааст:

Ҳаст водии талаб оғози кор,
Водии ишқ аст аз он пас беканор.
Водии саввум аз они маърифат,
Ҳаст чорум водӣ истиғносифат.
Ҳаст панҷум водии тавҳиди пок,
Пас шашум водии ҳайрат саъбнок.
Ҳафтумин водии фақр асту фано,
Баъд аз ин водӣ равиш набвад туро.
Дар равиш афтӣ, равиш гум гардадат,
Гар бувад як қатра, қулзум гардадат.

Румӣ ба ҳамин ҳафт водии Аттор ишора карда мегӯяд:

Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.

Бо зуҳури адабиёти тасаввуфӣ истилоҳҳои махсуси орифона аз қабили ринд, хамр, муғбача, харобот, дайри муғон, май, ҷом, соғар ба вуҷуд омаданд, ки дар осори намояндагони он такроран истифода мешуд.

Ҳарчанд аввалин намунаҳои шеъри сӯфиёна ба Боязиди Бастомӣ мансуб дониста мешавад, вале ташаккули он ба эҷодиёти Саноӣ вобастагӣ дорад.

Бо вуҷуди он ки ба назму насри сӯфиёна Абӯсаиди Абулхайр ҳиммат нишон дод, ба сифати шоири соҳибдевони адабиёти тасаввуфии форсу тоҷик Бобо Кӯҳӣ эътироф гардидааст. Абдуллоҳи Ансорӣ бошад, асосгузори насри мусаҷҷаи сӯфиёна ба шумор меравад.

Бо таъсири тасаввуф дар адабиёт шохаи наве ба вуҷуд омад, ки аз ҳар ҷиҳат нисбати адабиёти пештара бартарӣ дошт. Зеро ин адабиёт аз зиндагии мардум ҷудо набуд, масоили иҷтимоии ҷомеаро низ дар худ инъикос мекард.

Бо файзи адабиёти сӯфиёна дар адабиёт қасидаву ғазалҳои тамҳидӣ, наътӣ ва муноҷотӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳамчунин, мақомот, маноқиб ва тазкираҳо пайдо шуданд. Дар мазмун ва мундариҷаи қасидаву ғазал таҳаввулоти ҷиддӣ рух дод. Таркиби маснавиҳо аз мазмунҳои ирфонӣ ғанӣ гардид. Дарҳақиқат, он боиси густариши доираи мавзӯъҳои адабиёт гардида, намунаҳои олии асарҳои бадеӣ падид омад, ба ҷойи мадҳҳои хушку холӣ адибон бо баён кардани андешаҳои фалсафиву тасаввуфӣ машғул гардиданд.

Бояд қайд намуд, осори намояндагони адабиёти классикӣ мисли Муҳаммад Ғаззолӣ, Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Аҳмади Яссавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Бедил, Бобораҳим Машраб ва дигарон аз мазмунҳои тасаввуфӣ саршор буда, намунаи беҳтарини тарғиби ахлоқи ҳамида мебошад. Ҳар қадар, ки осори онҳо мукаммал омӯхта шавад, ҳамон андоза ба комёбиҳои маънавиву ахлоқӣ ноил мегардем. Зеро дар адабиёти тасаввуфӣ асосан, баҳс дар бораи сабру қаноат, худшиносӣ, тазкияи нафс, башардӯстӣ, халқпарварӣ барин хислатҳои неки инсонӣ меравад.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Дар бораи калимаи тасаввуф ва маънои он фикратонро гӯед.*
2. *Аввалин шоири соҳибдевони адабиёти тасаввуфии тоҷик кист?*
3. *Ҳафт водиро номбар кунед ва аҳамияти онҳоро гӯед.*
4. *Боз кадом намояндаҳои бузурги адабиёти тасаввуфиро медонед?*
5. *Адабиёти тасаввуфӣ дар тарбияи инсони комил чӣ нақше дорад?*



# САНОИИ ҒАЗНАВӢ
# (1080–1141)

Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ соли 1080 дар шаҳри Ғазна таваллуд шудааст. Номи аслияш Маҷдуд буда, Саноӣ тахаллуси адабияш мебошад ӯст. Унвони Ҳакимро гирифтани шоир ишора ба ашъори ҳакимона сурудани ӯст. Соли 1141 дар ҳамон ҷо аз дунё гузаштааст.

Саноии Ғазнавӣ аввалин нафарест, ки ба достони орифона оғоз бахшида, шеъри ирфониро баъди Абӯсаиди Абулхайр, Бобotoҳири Урён, Бобо Кӯҳӣ идома дод ва ба мақоми назаррас расонид. Пас аз ӯ дар адабиёти форс-тоҷик ҷасторе нав падид омад, ки боиси шукӯҳу шаҳомат ва таъсиргузор шудани ин адабиёт гардид.

Дар такомули шеъри ирфонӣ вуҷуди пурбаракати се нафар – Саноӣ, Аттор, Мавлоно аҳамияти калон дорад, яъне, Саноӣ достоннависии ирфониро поягузорӣ кард, Аттор дар маснавиҳои худ онро идома бахшид ва Мавлоно ба авҷи аъло расонид.

## МЕРОСИ АДАБИИ САНОӢ

**Девони Саноӣ.** Девони Саноӣ на танҳо бо ҳаҷм ва гуногунии навъҳои шеър, балки бо тозагии худ дар мазмуни шеър аз девонҳои шоирони дигари пешин фарқ дорад. Бинобар нашри Мударриси Разавӣ девони ӯ 13346 байтро дар бар мегирад ва аз 310 қасида, 7 таркиббанд, тарҷеъбанду мусаммат, 376 ғазал, 184 қиъа, 432 рубоӣ ва 2 фард иборат аст. Саноӣ дар сурудани қасидаву ғазал маҳорати хос до-

рад. Девонашро аксаран қасидаҳо ташкил медиҳанд ва дар ғазалҳояш муҳаббати инсонӣ инъикос ёфтааст. Хоқониву Анварӣ ва Мавлавӣ ба Саноӣ пайравӣ кардаанд. Ҳарчанд, ки ғазалҳояш аз ҷиҳати миқдор аз ғазалҳои Аттору Мавлавӣ камтар аст, валекин дар онҳо мазмунҳои хуби ишқиву иҷтимоӣ ва ирфониро устокорона ғунҷоиш додааст, ки махсусан, дар инъикоси масъалаҳои ирфон шоҳбайтҳои олӣ дар он ӯ ба назар мерасад.

**Маснавиҳои Саноӣ.** Аз Саноӣ осори арзишманди ахлоқӣ, ирфонӣ ва фалсафие ба ёдгор мондааст, ки тавоноиву истеъдоди фавқулоддаи ӯро дар масири адабиёти тасаввуфӣ муайян мекунад. Бузургтарин шоҳкори ӯ «Ҳадиқа» дар ҳаҷми 10 ҳазор байт буда, фарогири муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиву таълимӣ аст. Ин асар дар байни соликон ба асари хонданӣ табдил ёфта буд, ба ин маъно, ки донишмандон бисёр масъалаҳои муҳимми тариқатро дар байтҳои он пайдо намуда, ба муридон талқин менамуданд. Асар бо номҳои «Илоҳинома» ва «Фахринома» низ машҳур будааст. Ҷалолиддини Балхӣ дар «Маснавӣ» аз ин асар бо номи «Илоҳинома» ёдовар мешавад. Саноӣ дар охири умр бо тасҳеҳу такмили «Ҳадиқа» машғул буд, аммо натавонистааст, ки тасҳеҳи охирини онро ба анҷом расонад.

Маснавии дигари Саноӣ «Сайр-ул-ибод илал-маод» аст, ки аз сафари рӯҳонии солик иборат мебошад. Фахриддини Розӣ бар ин асар шарҳе ҳам навиштааст. Монандиҳои ин асар бо «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Алигйери Данте ҳам муайян гардидааст. «Сайр-ул-ибод» як навъ сафари рӯҳонии шоир ба шумор рафта, 23 бобро фаро мегирад.

Ба ҷуз «Ҳадиқа»-ву «Сайр-ул-ибод» маснавиҳои «Тариқат-ут-таҳқиқ», «Корномаи Балх», «Таҳримат-ул-қалам» низ ҳосили қалами Саноии Ғазнавӣ аст, ки фарогири мазмунҳои фалсафиву ахлоқӣ мебошанд ва дар ҳар як маснавӣ мазмунпардозиҳои ҳакимонаи муаллиф ба хубӣ эҳсос мегардад. «Корномаи Балх» маҳсули аҳди ҷавонии шоир аст, яъне, нахустин маснавии ӯ ба шумор меравад.

Ба қавли адабиётшинос Худоӣ Шарифов: «Агар ду маснавии мансуб ба Носири Хусрав, ки онҳо аз мазмуни ирфонӣ хориҷанд, сарфи назар кунем, касе ба ин равия то

Саноӣ ба ин зиёдӣ асар нанавиштааст... Ё дар маснавиҳои худ аз мазмунҳои достонӣ ва ахлоқии адабиёти форс-тоҷик истифода накарда, дар мавзӯъ ва шакл равиши тамоман тозаеро пеш гирифтааст, ки нишонаҳои асосии он ба қарори зайл аст: 1. Тарзи ҷаҳонфаҳмии замони худро аз офариниш гирифта, то маротиби ҳастӣ, мақоми инсон ва сайри ақл дар асарҳояш инъикос намудааст; 2. Бо ин восита аз роҳи анъанаҳои холиси адабӣ дур шуда, худро ба домани баҳсҳои фалсафӣ, ирфонӣ ва динӣ задааст; 3. Маснавиҳо аз гузориши масъалаҳои гуногун иборат буда, дар маҷмӯъ як системаи ҷаҳонфаҳмии фалсафиро ба вуҷуд овардаанд; 4. Овардани рамзу тамсилот дар дохили асарҳо аз хусусияти муҳимтарини шакли бадеии онҳо мебошад; 5. Дар баъзе маснавиҳо хотири муаллиф бештар ба тасаввуф майл карда («Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»), дар дигарҳо ба ҳикмату фалсафа моил будааст («Сайр-ул-ибод-илал-маод»)...».

Саноӣ асари насрие ҳам дорад, ки бо номи «Мактуботи Саноӣ» машҳур аст. Дар он чордаҳ номаи шоир фароҳам омадааст. Аз ҷумла, се нома ба унвони Умари Хайём навишта шудааст, ки робитаву алоқаи шоирро бо Умари Хайём тасдиқ мекунад.

## МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ АШЪОРИ САНОӢ

Осори Саноиро ба ду давра тақсим кардан мумкин аст, ки яке замони дар дарбор будан, дигаре даврони узлатнишинии ӯро дар бар мегирад. Пурмуҳтавотарин ашъори ӯ дар давраи дуввум эҷод шудаанд, аз ҷумла, «Ҳадиқа»-ро дар ин замони умр дар хонаи як дӯсташ бо номи Аҳмади Теша, ки барои вай асбоби маишат муҳайё намуд, то девони худро тартиб диҳад, таълиф кардааст. Барои Саноии шоир ин беҳтарин имконият буд, беҳтарин фасли рӯзгораш буд, бо истифода аз ин фурсати ғанимат тавонист, навиштаҳои парокандаашро ба низом оварад.

Дар мавриди Саноӣ ва осори ӯ дар рисолаву тазкираҳои бисёре маълумот фароҳам шудааст, ки аз ӯ ба сифати як шоири неруманд дар баёни масъалаҳои шариат ва тариқат сухан меронанд.

Баъзеҳо аввалин ғазали орифонаро ба Саноӣ нисбат медиҳанд, ки хатост. Ҳамчун ташаккулдиҳандан он бояд эътироф карда шавад.

Забони асарҳои шоир мисли забони шеъри Аттор сода нест, аммо қавист. Вазни асарҳояш бошад, аксар дар вазни хафиф аст. Қариб ҳамаи маснавиҳояш шомили ин баҳранд.

Дар оғоз шеърҳои мадҳӣ мегуфт, аммо бинобар гузашти вақт ва такмили ҷаҳонбинии худ дарк намуд, ки аз ин гуна суханбофиҳо ба ҷомеа манфиате намерасад, пас ба сурудани ашъори таълимӣ шурӯъ намуд.

Андешаҳои Саноӣ асосан, аз оёту аҳодис ва суханони машоих маншаъ мегиранд. Бинобар ин, фикрҳояш амиқ ва устуворанд. Аммо дарки байҳои ӯ мушкилӣ эҷод мекунад. Ба ин боис зарурати шарҳи байтҳои душворфаҳм ба вуҷуд меояд. Мавлавӣ дар чанд ҷо суханҳои Саноиро шарҳу тавзеҳ дода, мақоми ӯро хеле баланд арзёбӣ мекунад, аз ҷумла мегӯяд:

Тарки ҷӯше кардаам, ман нимхом,<br>Аз Ҳакими Ғазнавӣ бишнав тамом.

Пай мебарем, ки Саноӣ дар баёни андешаҳои худ бештар аз мактаби фикрии Муҳаммад Ғаззолӣ таъсир пазируфта ва афкорашро дар партави ҷаҳонбинии Ҳуҷҷатулислом музайян кардааст.

Дар «Ҳадиқа» бо вуҷуди он ки мазмуни хубу олиеро инъикос мекунад, дар баъзе масъалаҳо тундгӯӣ ҳам дорад. Гуфтан мумкин аст, ки ин гуна тундрафторӣ дар калом натиҷаи муҳити зиндагонии шоир мебошад.

Бисёр афкори орифонаи машоих аз тариқи Саноӣ ба осори Аттору Мавлавӣ роҳ ёфтааст ва роҳкушои шоирони адабиёти тасаввуфӣ будани ӯ дар адабиёти классикӣ худ бузургтарин хидмат дар таърихи адабиёти беш аз ҳазорсолаи мост.

Ӯ ишқро бартарин мақом медонад, ки дар ҳеҷ ҷо омӯхта намешавад. Бо ин ақида гуфтанист, ки ишқ як ҷавҳари ботинист, ба қадри он бояд расид. Онро бояд эҳтиёт ва ҳифз кард.

Дар ҳикоятҳои «Ҳадиқа» шахсиятҳои бузурги фарҳанги халқамон чун намунаи ибрат нишон дода мешаванд, ки ҳам аз ҷиҳати ахлоқ, ҳам аз ҷиҳати донишу биниш пешқадамони рӯзгори худ буданд. Саноӣ то оғози «Ҳадиқа» таҷрибаи зиёди шоирӣ дошт, ба ин хотир, амиқтарин мазмунҳои таълимиро дар либоси шеър ифода карда тавонист. Ҳар як масъалаи муҳимми тасаввуфиро дар либоси шеър ифода кардан, он ҳам дар қолаби назм, ки масъулияташ дар риояи вазни арӯз ва дигар қоидаҳои шеърӣ аст, меҳнати зиёд талаб мекунад ва аз ҷониби дигар, ба омма душворӣ меорад. Дар натиҷаи он шарҳҳои «Ҳадиқа» ба вуҷуд омад, ки яке аз онҳо шарҳи Абдуллатиф ибни Абдуллоҳи Аббосӣ мебошад.

Саноӣ ба хидмати шайх Абӯюсуфи Ҳамадонӣ камари ҳиммат баста, ба мартабаи камол мерасад. Таърифу ситоиши Нуъмон ибни Собит дар осори ӯ равшан инъикос ёфтааст, ки муҳаббату самимияти бепоёни ӯро нисбати ин шахсияти бузург нишон медиҳад.

Абулмаҷд Саноӣ ба муқобили сӯфиёни риёкор баромада, онҳоро мазаммат ва танқид мекунад, ки то худро дарнаёбӣ, аз тасаввуф набояд дам занӣ:

Эй он ки туро дар ту туе нест тасарруф,
Он беҳ, ки нагӯӣ ту суханро зи тасаввуф...
Роҳест ҳақиқат, ки дар ӯ нест такаллуф,
Зинҳор макун дар раҳи таҳқиқ тавaққуф.

Саноӣ дар осори худ фақат бо даҳолат ба масъалаҳои ахлоқ ва ирфон кифоя намекунад, балки муаммоҳои ҳалталаби иҷтимоиро низ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ҳамчунин, ба муқобили гурӯҳҳои хурофотпараст ва риёкор рӯирост мубориза бурда, ба моҳияти ҳар як масъала амиқ назар меафканад.

## ПОРЧАҲО АЗ ОСОР

### Қитъаҳо

Аз ҷавобу суоли нодоне
Шояд ар зираке фурӯ монад.
Гарди гуфти муҳолро чӣ аҷаб,
К-ойина(й) ақлро бипӯшонад.

З-он ки хуршедро зи бешу зи кам
Заррае абр тира гардонад.

Манишин бо бадон, ки суҳбати бад
Гарчи покӣ, туро палид кунад.
Офтоб арчи равшан аст, варо
Порае абр нопадид кунад.

Чун хок бош дар ҳама аҳвол бурдбор,
То чун ҳаво-т бар ҳама кас қодирӣ бувад.
Чун об нафъи хеш ба ҳар кас ҳамерасон,
То ҳамчу оташат зи ҷаҳон бартарӣ бувад.

Чун ту шудӣ пир, баландӣ маҷӯй,
К-он, ки зи нав зод, баланд он шавад.
Рӯз набинӣ, ки ба охир расад,
Сояи ҳар чиз дучандон шавад.

Азиз умр чунон магзарон, ки охири кор
Чу офтоби ту ногоҳ зери меғ ояд,
Ҳар он ки бишнавад аҳволи ту дар он соат,
Ба хайр бар ту дуо гуфтанаш дареғ ояд.

Зи ҷумла неъмати дунё чу тандурстӣ нест,
Дуруст гардадат ин, чун бипурсӣ аз бемор.
Ба корат андар чу нодурустие бинӣ,
Чу тан дуруст бувад, ҳеҷ дил шикаста мадор.

Касеро, к-ӯ насаб покиза бошад,
Ба феъл андар наёяд з-ӯ дуруштӣ.
Касеро, к-ӯ ба асл андар халал ҳаст,
Наёяд з-ӯ ба ҷуз кажжию сустӣ.
Мурод аз мардумӣ озодмардист,
Чӣ марди масҷидию чӣ кунириштӣ.

Ҳамакнун аз ҳам акнун дод бистон,
Ки акнун аст бешак зиндагонӣ.
Макун ҳаргиз ҳаволат сӯйи фардо,
Ки ҳолу қиссаи фардо надонӣ.

## Аз «Тариқат-ут-таҳқиқ»

Умр зоеъ макун ба бехирадӣ,
Дур шав, дур, аз сифоти дадӣ.
Бо даву дед чанд ҳамнафасӣ?
Илм омӯз, то ба Ҳақ бирасӣ.
Ҳар ки аз илми Ҳақ нашуд огоҳ,
Дар биёбони ҷаҳл шуд гумроҳ.
Чист илм? Аз ҳаво раҳонанда,
Соҳибашро ба ҳақ расонанда.
Ҳар ки бе илм рафт дар раҳи ҳақ,
Хонадаш ақл кофари мутлақ.
Агарат ҳаст орзуи қабул,
Рав, ба таҳсили илм шав машғул.
Ҳикмат омӯз, то ҳаким шавӣ,
Ҳамраҳу ҳамдами Калим шавӣ.
Ту агар неки некӣ, ар бади бад,
Баду неки ту бо ту бошад х(в)ад.
Чун бадӣ, пас бидон, ки бехирадӣ,
Ки хирад нест раҳнамуни бадӣ.
Ҳар кӣ парвардаи хирад бошад,
Кай дар ӯ феъли деву дад бошад?

## Аз «Ҳадиқа»

Суҳбати аблаҳон чу деги тиҳист,
Аз дарун холӣ, аз бурун сияҳист.
Дӯстии аблаҳон зи тақлид аст,
Н-аз раҳи ақлу дину тавҳид аст.
Санг дар зарфи шиша натвон бурд,
Набувад дӯст бо аъробии курд.
Чангу нояст дар сифат нодон,
Тангдил бошаду фарохдаҳон.
З-он ки аблаҳ чу бошадат дилҷӯй,
Оби туҳмат давонад андар ҷӯй.
То бувӣ вай тандурус ҳукм равон
Дорадат хешу дӯст чун тану ҷон.
Чун шавад мӯе аз ту дигаргун,
Он шавад Мӯсӣ, ин дигар Қорун.

Сӯзи бенур бинӣ аз хешон,
Рост ҳамчун чароғи дарвешон.
Ёри доно чу шуд туро ҳамроҳ,
Пас, дарозии роҳ шуд кӯтоҳ.
Чун кам ояд ба роҳ тӯшаи ту,
Нангарад дар кулоҳгӯшаи ту.
На бародар бувад ба нарму дурушт,
Ки барои шикам бувад ҳампушт.
Дили ту бо Худою халқ, эй хар,
Чун ҷав аст, эй зи ним ҷав камтар.
Ки яке дона баҳри зар бошад,
Бори як хона баҳри хар бошад.
Аз харии харон табарро кун,
Дили худ бо Худои якто кун.
То дилат маъдани ниёз кунад,
Дари дил пеши ҷон-т боз кунад.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Ҳаким Саноӣ кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?*
2. *Дар девони Саноӣ чӣ қадар қасидаву ғазал мавҷуд аст?*
3. *Ғазалҳои Саноӣ асосан дар кадом мавзӯъ эҷод гардидаанд?*
4. *Кадом маснавии шоир ба «Мазҳакаи илоҳӣ»-и А. Данте шабоҳат дорад?*
5. *Дар бораи асари «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» маълумот диҳед.*
6. *Боз кадом маснавиҳои шоирро медонед? Онҳо дар эҷодиёти Саноӣ чӣ аҳамият доранд?*
7. *Осори Саноӣ ба чанд давраи зиндагии ӯ тақсим карда мешавад?*
8. *Саноӣ дар хидмати кӣ ба камол расидааст?*
9. *Қитъаи «Касе, к-ӯро насаб покиза бошад»-ро таҳлил кунед.*
10. *Чанд байт аз осори Саноӣ аз ёд кунед.*
11. *Ашъори ӯро киҳо шарҳ додаанд?*

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ
## ДОСТОНИ ЛИРИКӢ

Достони лирикӣ калонтарин жанри лирика ҳисоб меёбад. Дар он таассуроти том ва маҷмӯи андешаҳои торафт якдигарро пурқувваткунандаи қаҳрамони лирикӣ ифода меёбад. Яъне, достони лирикӣ асари нисбатан калонҳаҷме буда, ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқи аҳли замон бахшида мешавад, воқеият дар он бештар на ба воситаи нақлу ҳикояти яклухт, балки ба воситаи таассурот ва фикру андешаҳои қаҳрамони лирикӣ ба қалам гирифта мешавад.

Ин ҷо таъкид кардан ба маврид аст, ки шоир таассуроташро аз воқеаю ҳодиса, предметҳо ё ин ки андешаю мулоҳизаҳояшро доир ба предмети тасвир аз забони худ баён мекунад. Бинобар ин, дар асари лирикӣ, аз ҷумла дар достони лирикӣ ҳам, хонанда хоҳу нохоҳ бо шахси муаллиф дучор меояд, ки вайро қаҳрамони лирикӣ мегӯянд.

Достонҳои лирикӣ аз ҷиҳати ҳаҷм нисбат ба достонҳои эпикӣ хурдтар мебошанд. Шоир дар достони лирикӣ бештар ба фикру андеша, ба монологи ботинӣ ва тасвири ҳолату вазъият ва олами рӯҳию маънавӣ эътибор медиҳад. Доираи мавзӯъҳои достонҳои лирикӣ ҳам бой ва васеъ буда, дар он рӯйдодҳои гуногуни зиндагӣ ва воқеият ба тасвир гирифта мешавад. Шоир ҳамаи инро аз фикри хаёлангез, дили пуртуғёну ҳассоси худ гузаронида, ба онҳо бештар рангу ҷилои лирикию субъективӣ медиҳад. Аммо ҳамаи ин дар умумияти эҳсосоти қаҳрамони лирикӣ зуҳур меёбад. Забону оҳанги достонҳои лирикӣ бештар ба мусиқӣ наздикӣ дошта, онҳо асосан ба таъсирбахшӣ, бедор намудани эҳсосот майл доранд. Дар достони лирикӣ назари қаҳрамон ба одам ва оламу ҳодисаҳо нигаронида мешавад.

Достони лирикӣ, ба монанди баъзе жанрҳои маъмули лирикаи тоҷик, шакли конкрет надорад. Дар асрҳои миёна он дар шакли маснавӣ ба назар мерасад. «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ мисоли барҷастаи ин аст. Ин маснавӣ аз 2260 байт иборат буда, аз ҷиҳати ғоявӣ як навъ тазмин ба асари шоири сӯфии асри XI-XII Саноии Ғазнавӣ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» мебошад. «Махзан-ул-асрор» аз бист мақолат иборат буда, мисли ҳамаи маснавиҳо сужети ягона надорад ва аз масъалаҳои ҷудогонаи ақидавӣ иборат аст.

Масалан, мақолати аввал дар баёни санъати офариниши олам, мақолати дуюм дар муҳофизати адл ва нигоҳ доштани инсоф, мақолати чорум дар хислатҳои золимӣ ҳамчун хислати номардӣ ва ҳоказо. Шоир дар ин мақолатҳо аз хусуси масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ахлоқи аҳли замон сухан карда, дар бораи онҳо мулоҳизаю андешаҳои худро пешниҳод намудааст. Чунончи, мақолати чордаҳум дар огоҳонидан аз ғафлат номгузорӣ шуда, дар он хислатҳои беғамӣ, бепарвоӣ, бедонишӣ, пурхӯрӣ, мағрурӣ, худситоӣ ва дигар хислатҳои бади инсонӣ, ки ӯро дар ғафлат ва нодонию бехабарӣ мегузорад, сухан рафтааст:

Эй шуда хушнуд ба якборагӣ,
Чун хару гове ба алафхорагӣ.
Фориғ аз ин маркази хуршедгард,
Эмин аз ин доираи лоҷувард.
Бар сари хор ой, чаро гуфтаӣ?!
Кор чунон кун, ки пазируфтаӣ.
Маст чӣ хусбӣ, ки камин кардаанд,
Коршиносон на чунин кардаанд.
Гар шарафи ақл набудӣ туро,
Ном кӣ бурдӣ, ки сутудӣ туро?!

Шоир ин мақолатро ба тариқи панд ба тавсифи ростӣ ва ростгӯӣ ба анҷом мерасонад.

Ростӣ он ҷо, ки алам барзанад,
Ёрии ҳақ даст ба ҳам дарзанад.

Низомӣ дар ин мақолат дурустии фикру андешаҳои худро оиди ғафлат, ғофилонро бо панд ва ростгӯӣ огоҳ кардан бо ҳикояти подшоҳи золим ва зоҳиди ростгӯй исбот менамояд. Ин ҳикоят ҳам монанди ҳикоятҳои дигаре, ки дар мақолатҳо барои тасдиқи фикру андешаи шоир оварда шудааст, сужети ягонаю яклухти ба воқеаи нав оваранда надорад.

Хулоса, «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ аз ҷиҳати жанр аз достонҳои дигари ӯ фарқи куллӣ дошта, дорои мазмуни баланди фалсафӣ, панду ахлоқӣ мебошад.

Достони лирикӣ дар назми садаи XX ва давраи минбаъдаи халқи тоҷик низ мавқеи калонро соҳиб мебошад. «Чароғи абадӣ», «Садои Осиё»-и Мирзо Турсунзода, «Сурӯши Сталинград», «Мавҷҳои Днепр»-и Муъмин Қаноат намунаҳои беҳтарини достонҳои лирикианд.

Дар ҳақиқат, дар фаъолияти достоннависии Мирзо Турсунзода тамоюли достони лирикӣ барҷаста ба мушоҳида мерасад. Достонҳои «Садои Осиё», «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин»-и ӯ намунаҳои хуби ин жанри адабӣ мебошанд. Ин достонҳо ба масъалаҳои асосии ҳаёт – ҷанг ва сулҳ, озодию истиқлолият, мавқеи шахс дар ҷамъият бахшида шудаанд.

Мазмуни достони лирикии «Чароғи абадӣ»-ро ду факти тарҷимаиҳолии шоир: таваллуди фарзанд ва вохӯрӣ бо сарвари адибони тоҷик – устод Айнӣ ташкил медиҳад. Устухонбандии асар ҳам аз ҳамин ду мулоқоти шоир таркиб ёфтааст. Дар достон фалсафаи ҳаёт ба воситаи мушоҳидаҳои дақиқона ва андешаҳои шоирона маънидод карда мешавад. Воқеаҳо бевосита ва батафсил нақл карда нашуда, образҳо дар амалиёт, тараққиёт тасвир наёфта, балки барои ба тарзи амиқ ва дар мавзӯи муайян ифода гардидани ҳиссиёту тафаккури қаҳрамони лирикӣ истифода шудаанд. Таъсири сухани шоир аз болиғии тафаккур, самимияти эҳсосот, ҷиддияти муҳокима ба миён омада, гоҳо бо манзараю лавҳаҳои дилнишин ороиш меёбад. Ин ҳолат дар боби якуми достон – «Интизорӣ» басо назаррас ифода ёфтааст. Ин боб як навъ ибтидои лирикиест, ки хонандаро ба пурра хондани достон завқманд мегардонад. Ин боб аз он сабаб «Интизорӣ» номида шудааст, ки қаҳрамони

лирикӣ дар яке аз шабҳои баҳор ду рӯйдоди ҳаёти худро умедворӣ мекашад ва ба ин муносибат парешонхотирии худро тасвир менамояд:

Шабе, ки то саҳар бедор будам,
Мушавваш,
тангдил,
ночор будам.
Нахуфтам,
доштам уммедворӣ,
Диламро мефишорид интизорӣ.
Гирифта дуди тамоку гулӯям,
Хамида мӯйи сар то чашму рӯям.
Задам гӯгирд, кардам боз хомӯш,
Папирос даргиронда рафт аз ҳуш.
Қаду бар хонаро гаштам,
нишастам,
Гирифтам хома бо ларзанда дастам.
Нишастам, лек чизе ҳам нагуфтам,
Ҳама хуфтанд,
танҳо ман нахуфтам.

Дар тавсифҳои ин порчаи шеърӣ ҳаяҷону изтироби қаҳрамони лирикӣ хеле зебо ва боварибахш ифода ёфтаанд. Дар дигар бобҳо ҳам доманаи тафаккур ва эҳсосоти қаҳрамони лирикӣ ба андозае фарох аст, ки аз як давраи таърихӣ ба давраи дигари таърихӣ, аз як лаҳзаи ҳаёт ба лаҳзаи дигари ҳаёт, аз замони ҳозира ба замони гузашта, аз замони гузашта ба замони имрӯзаю оянда нигаронида мешавад.

Ҳамин тавр, дар достони «Чароғи абадӣ» шоир ягон лаҳзаи хурду муҳимми воқеа ва ё манзараи аниқро ба назм оварда, бештар мазмуну моҳияти онро ба андеша мегирад. Аз ин рӯ, хонанда образи устод Айниро ҳам на ба воситаи амалиёту ҳаракати ӯ, балки ба воситаи чеҳраю қиёфаи маънавии вайро тафаккур кардани қаҳрамони лирикӣ мешиносад. Аз ин ҷост, ки дар достон ба ҷуз образи шоир, яъне қаҳрамони лирикӣ, образи дигаре нест, ки воқеиятро, гузаштаю имрӯзаи халқро, шаҳомати фарзанди бузурги он

Садриддин Айниро, зебоии табиат ва алоқамандии онро бо инсон дарк намояд. Қаҳрамони лирикӣ кулли воқеиятро дарк менамояд, тамоми рӯйдодҳои зиндагӣ дар оинаи дили ӯ аксандоз мешавад, мо ҳамаи онро бевосита не, ба воситаи ҳиссиёту тафаккури ӯ мебинем ва мешиносем. Ҳамаи ин падидаҳо аз қонунияти ҷинси лирика сар задааст.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Нишонаҳои жанрии достони лирикиро гӯед.*
2. *Барои чӣ «Махзан-ул-асрор»-ро достони лирикӣ ҳисоб мекунанд?*
3. *Дар бораи фарқи достони лирикӣ аз достони эпикӣ маълумот диҳед.*
4. *Дар бораи хусусиятҳои жанрии достони «Чароғи абадӣ»-и М. Турсунзода фикратонро гӯед.*
5. *Ба ғайр аз «Ҳадиқа»-и Саноӣ боз кадом асарҳоро достони лирикӣ гуфтан мумкин аст?*



# АТТОРИ НИШОПУРӢ
## (1145 – 1216)

Ба шарофати истиқлолияти кишвар халқи мо ба омӯзиши осори ниёгони худ имконият пайдо намуд, ки ба пешрафти тамаддуни имрӯза ва ислоҳот дар соҳаи таълиму тарбия мусоидат мекунад.

Фаридуддин Аттори Нишопурӣ бо таълифи осори пурмуҳтавои худ дар рушду такомули адабиёт мақоми алоҳида касб намудааст ва осораш то ҳол дасти ба даст гардида, барои соликони роҳи тариқат ва ташнагони чашмаи маърифат чун манбаи муҳим дар хидмат аст. Ӯ ба сифати давомдиҳандаи ашъори орифона дар адабиёти ирфонии Шарқ мақоми сазовор касб менамояд. Таҳлилу таҳқиқи ашъори шоир барои фаҳмиши ғояҳои ахлоқиву ирфонӣ, фалсафиву иҷтимоии ӯ роҳ мекушояд. Аз замони таълиф то имрӯз ашъори пурмуҳтавои Аттор мавриди омӯзиши пайваста қарор дорад. Бузургтарин шоирони адабиёт мисли Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Алишер Навоӣ худро шогирду пайрави Аттор дониста, бузургиву шуҷоати ӯро дар эҷоди асарҳои қиматбаҳои адабиву ирфонӣ эътироф кардаанд. Аз ҷумла, Маҳмуди Шабистарӣ мегӯяд:

Маро аз шоирӣ худ ор н-ояд,  
Ки дар сад қарн чун Аттор н-ояд.

Алишер Навоӣ бо осори Аттор алоқаи фаровон доштааст, ки аз хурдӣ «Мантиқ-ут-тайр»-и шоирро пайваста мутолиа мекард ва дар натиҷа дар охирҳои умр дар пайравии он асари «Лисон-ут-тайр»-ро ба риштаи таҳрир даровардa-

10 – 17-594

аст. Зеро дар рушди эҷодиёти Алишер Навоӣ асосан, ду асари пурқимати ӯ «Мантиқ-ут-тайр» ва «Тазкират-ул-авлиё» саҳми сазовор доранд.

Айни замон омӯзиши осори Аттори Нишопурӣ барои ҳар як хонанда лозим аст, зеро осори тамсиливу таълимии шоир барои худшиносӣ, огоҳӣ аз ғановати фарҳангу адабиёти ниёгон мусоидат мекунад. Аттори Нишорпуриро аксари мардум чун муаллифи асари «Мантиқ-ут-тайр» мешиносанд, аммо ӯ дар баробари ин асари тамсилӣ даҳҳо асари дигар дорад, ки дар ташаккули адабиёти ирфонӣ саҳми босазо доранд.

## МЕРОСИ АДАБИИ АТТОР

**Девони Аттор.** Аз Аттори Нишопурӣ осори зиёде боқӣ мондааст. Аз ҷумла, девони ашъори ӯ беш аз 873 ғазалро дар бар мегирад. Дар ғазалҳояш шӯру ҳаяҷони ишқ намоён буда, «асрори ваҳдат»-ро дар худ таҷассум мекунанд. Аттор берун аз девон наздики чаҳор ҳазор рубоӣ суруда, аз онҳо ҳазортояшро ихтисор ва боқимондаашро аз рӯйи мавзӯъ табақабандӣ карда, «Мухторнома» ном ниҳодааст.

**Маснавиҳои Аттор**. Чаҳор маснавии машҳури ӯ, ки зубдаи[1] ҷаҳонбинии ирфонияш мебошанд, дар адабиёти ирфонӣ мақому манзалати хоса доранд. Чунонки худ онҳоро номбар мекунад:

«Мусибатнома» зоди раҳравон аст,
«Илоҳинома» ганҷи хусравон аст.
Ҷаҳони маърифат «Асрорнома»-ст,
Биҳишти аҳли дил «Мухторнома»-ст.
«Мақомоти туюр» аммо чунон аст,
Ки мурғи ишқро меъроҷи ҷон аст.

Дар ин ҷо «Мақомоти туюр» гуфта, асари «Мантиқ-ут-тайр» дар назар дошта шудааст. Асари мазкур хулосаи осори ирфонии шоир ба шумор меравад, дар он ақидаҳои таълимии Аттор аз забони мурғон гуфта мешавад ва мурғон баъ-

---

[1] *Зубда* – саршир; қисми беҳтарини ягон чиз, саракарда.

ди тай кардани ҳафт водӣ дар охир ба дидори Симурғ мерасанд. Аттор дар асари мазкур ғояи ваҳдати вуҷудро ифода намудааст, ки мурғон аз касрат (бисёрӣ) ба ваҳдат (ягонагӣ) мерасанд. «Илоҳинома» маснавии дигари ирфонии Шайх Аттор буда, аз 7000 байт иборат аст. Дар асар оиди мубоҳисаи падар ва шаш нафар писарони ӯ баҳс меравад. Фикрҳои шоир дар доираи 22 мақола дар он гирдоварӣ шудааст.

«Мусибатнома» низ аз маснавиҳои пурбори Шайх Аттор буда, дар он 40 мақола ба назар мерасад ва ҳаҷми асар аз 7350 байт иборат аст. «Асрорнома» бошад, нисбат ба се маснавии болоӣ аз ҷиҳати банду баст фарқ мекунад, зеро дар он сужети ягона вуҷуд надорад. Аз баъзе ҷиҳатҳо ба сохтори «Маснавӣ» монандӣ дорад. Ин маснавӣ дар 12 мақола тақсимбандӣ гардида, оиди мавзӯъҳои муҳимми таълимӣ баҳс мекунад. Ба ғайр аз ин, асарҳои «Хусравнома», «Булбулнома», «Шарҳ-ул-қалб», «Ҷавҳар-уз-зот», «Футувватнома» ва ғайра ба қалами Аттор тааллуқ дорад.

Аттор ба сифати шоири достоннавис беҳтарин намунаҳои ҳикояти ирфониро ба вуҷуд овард, аввалин касест, ки услуби қисса дар қиссаро дар адабиёти тасаввуфии тоҷик бо офаридани маснавиҳои худ ба роҳ монд. Дар чаҳор маснавии машҳур ва «Тазкират-ул-авлиё»-и ӯ ҳикоят ва тамсилҳои зиёде оварда шудааст, ки дар адабиёти форс-тоҷик ба ин андоза шояд ҳеҷ шоире достоннигорӣ накарда бошад.

Аттор на танҳо дар сурудани маснавӣ маҳорати том дошт, балки дар ғазалу рубоӣ ва қасидаҳояш низ қудрати тахайюл ва тафаккури ӯ баръало намоён аст.

Аз мутолиаи осори Шайх Аттор бармеояд, ки афкорашро асосан, таҳти ақидаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ ба низом даровардааст. Ғояи ваҳдати вуҷуд аз ҳар як асари ӯ ҳувайдост ва ба сифати шоири сӯфимаоб шеърро василае барои баёни афкори орифонаи худ медонад, ки баёни ақидаҳои нозуки тариқат ба ин васила таъсиргузор мегардад. Дар мавриди шеъру шоирӣ фикрҳои барҷастаи шоир дар асари «Илоҳинома» баён гардидааст, ки боберо махсус дар бобати шеър бахшидааст.

Аттор шоири сермаҳсул аст, шояд ба ҳамин хотир аст, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» осори назмии ӯро наздик ба 250 ҳазор байт медонад. Навоӣ

дар «Насоим-ул-муҳаббат» таъкид мекунад, ки ашъори ӯ тахминан ба 120 ҳазор байт мерасад. Дар байти зерин дар мавриди дар эҷод сермаҳсул будани Аттор ишора шудааст:

Касе, к-ӯ чун манеро айбҷӯй аст,
Ҳамин гӯяд, ки ӯ бисёргӯй аст.

Аммо миқдори умумии ашъоре, ки то ба мо дастрас гардидаасту нисбаташ ба Аттор ҳеҷ ҷои шубҳа надорад, 44732 байтро ташкил медиҳад, ки ба гуфтаи Лутфалибеки Озар дар тазкираи «Оташкада» наздик мебошад. Оиди зиндагӣ ва эҷодиёти Шайх Аттор дар беш аз 60 тазкира маълумот фароҳам шудааст, табиист, ки дар ҳар яке аз онҳо маълумоти гуногун оварда шудааст, масалан, Давлатшоҳи Самарқандӣ миқдори таълифоти Шайхро 40 адад донад, Ризоқулихони Ҳидоят таъкид мекунад, ки 190 асар доштааст.

Метавон гуфт, ки осори Аттор дар худшиносӣ ва омӯзиши мероси бузурги фарҳангиву ирфонии мардуми мо аҳамияти хоса дошта, дар рушди адабиёти ахлоқиву ирфонии Шарқ таъсири зиёд дорад, ба ин хотир, тарҷумаву таҳқиқ ва тадқиқи ашъори бузургҳаҷми шоир барои густариши адабиёти тасаввуфӣ заминаи мусоид фароҳам меорад ва омӯхтани онҳо айни муддаост.

## «ТАЗКИРАТ-УЛ-АВЛИЁ» ВА ТАРКИБИ ОН

Атторро дар адабиёт асосан, ба сифати сарояндаи шеъру достонҳои орифона мешиносанд, аммо дар тазкиранигорӣ низ дастоварди хубе дорад ба номи «Тазкират-ул-авлиё», ки ҳам мақоми Атторро дар тазкиранигорӣ муайян мекунад, ҳам далели насри содаву равони ӯст.

Мегӯянд, яке аз машоихи тариқат пайравони худро ба мутолиаи «Тазкират-ул-авлиё», «Маснавӣ»-и Мавлавӣ, «Эҳёул-улум-ад-дин» ва «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ ташвиқ менамудааст, то ки матолиби асарҳои номбурдаро сармашқи рӯзонаи худ қарор диҳанд.

Аттор воқеан шоири тадқиқгари продон аст, ки тамоми масъалаҳои таълимиву ирфониро ба забони содаи омиёнаву тамсилҳои пурмуҳтаво баён мекунад.

«Тазкират-ул-авлиё» аз муқаддима ва ду қисмат иборат аст. Пас аз муқаддимаи кӯтоҳе ба забони арабӣ шоир муқаддимаи муфассале ба тоҷикӣ навишта, сабабҳои таълифи асарро қайд мекунад. Қисмати аввали китоб бо Ҷаъфари Содиқ оғоз гардида, бо Мансури Ҳаллоҷ ба поён мерасад. Қисмати дуввум бо Иброҳими Хаввос шурӯъ шуда, бо Имом Муҳаммади Боқир анҷом ёфтааст. Маълум мешавад, ки қисмати дуввумро баъди чанд муддат дигарон таҳти рукни «Дар зикри мутааххирон» илова кардаанд. Дар қисмати аввал дар бораи мақому ҳолот ва суханони 72 нафар, дар қисмати дуввум бошад, роҷеъ ба рӯзгор ва фаъолияти 25 нафар авлиё маълумот дода шудааст, ки дар маҷмӯъ 97 нафар мешавад ва дар байни онҳо зикри як нафар зан – Робияи Адвия низ ҳаст.

Сохтори ҳар як боби асар тақрибан чунин аст: аввал чанд ҷумла бо насри мусаҷҷаъ оиди мақому дараҷаи шахсоне, ки боб ба номи онҳо ихтисос дорад, оварда мешавад. Сипас, таърифи ҳолот ва мақомоти авлиё, дар зимн нақлу ривоятҳои ба рӯзгори онҳо вобаста дарҷ меёбад. Сухану ривояти дигарон нисбати онҳо пас аз он ҷой мегирад ва ниҳоят ҳикмату андарзҳояшон ба тариқи намуна баён мегардад.

Ба тариқи насри мусаҷҷаъ шурӯъ кардани зиндагиномаи орифон дар тазкираҳои собиқ низ дида мешавад. Ин усул аслан ба хотири зебову ҳадафрас ифода кардани рӯзгори орифон кор бурда шудааст.

Ҳаҷми ривоятҳо гуногун буда, аксари онҳо достони минималӣ ба ҳисоб мераванд, ки аз ин қабил ҳикоятҳо дар адабиёти ниёкон намунаҳои зиёд дорем.

Ҳеҷ шоиреро дар адабиёти форсӣ наметавон суроғ гирифт, ки ба дараҷаи Аттор зиёд қиссабофӣ карда бошад. Он ҳам қиссаҳои содаву равон, мӯҷаз ва дорои мазмуни ирфониву иҷтимоӣ, ки ҳамаи қишри ҷомеа ба дарку фаҳмиши он имкон дорад. Чунонки мебинем, дар «Тазкират-ул-авлиё» 988 ҳикоят мавҷуд буда, ҳар яке дорои мазмуни таълимиву тарбиявӣ мебошанд ва дар зеҳну рӯҳи хонанда майлу иштиёқро нисбат ба ҳимматбаландиву худшиносӣ ва ватандӯстӣ падид меоранд. Дар баробари ин, беш аз 2860 ҳикмати орифони вораста дар

он ҷой дорад, ки дараҷаи шуур ва тафаккури баланди авлиёро дар он нишон медиҳад.

«Тазкират-ул-авлиё» асари машҳури ирфонӣ буда, ба забонҳои дигар низ баргардон ва чоп шудааст, аз ҷумла, дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ се маротиба ба забони ӯзбекӣ тарҷума гардидааст. Дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон беш аз 50 нусхаи асари мазкур мавҷуд буда, қадимтарини он соли 1399 мелодӣ аз ҷониби Муҳаммад Шодӣ рӯбардор шудааст.

Муаллиф сабабҳои навишта шудани асарро дар муқаддима баён мекунад:. «... чун баъд аз Қуръону аҳодис беҳтарин суханҳо сухани эшон (машоих) дидам, худро бад – ин шуғл дарафкандам, то агар аз эшон нестам, боре худро ба эшон ташаббӯҳ (монанд) карда бошам.» Ва сухани эшонро «натиҷаи кору ҳол ..., на самараи ҳифзу қол (гуфтор)» медонад. Азбаски бисёр асарҳо бо забони арабӣ навишта шудаанду барои мардуми омма дастрас набуд, адиб онро ба забони фасеҳу равони форсии тоҷикӣ тасниф намудааст. Дар баробари ин, Аттор аз кӯдакӣ меҳру муҳаббате нисбати ин тоифа доштааст, ки бо шунидани сухани онҳо дилаш хурсанд мегардид. Аз ин рӯ, «Ҳар рӯз ҳашт варақ хондани сухан»-и онҳоро сармашқи кори худу дигарон қарор медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои тазкира дар ин аст, ки муаллиф дар он тариқи эҷоз ва ихтисорро дастури кори худ намудааст, зеро дарозии сухан боиси малоли дигарон мегардад.

«Тазкират-ул-авлиё» чун дигар осори ирфонӣ барои тақвияти бовари мардум, тарбияи инсони комил, ки нуқтаи авҷи тасаввуфро ташкил медиҳад, маърифати шахсияти авлиё, фаҳмиши моҳияти ирфон таълиф гардидааст. Ҳикоятҳои он дорои маъниҳои бузурги таълимиву тарбиявӣ мебошанд, ки барои ташаккули маънавияти баланд дар зеҳни инсон таъсири амиқ хоҳад гузошт. Аз тазкираҳои пешин зоҳиран бо овардани аҳвол ва намунаи осори мухтасари авлиё фарқ мекунад, ки муаллиф ба шарҳи истилоҳоти ирфонӣ, ҳолатҳои рӯҳии машоих намепардозад ва ишора мекунад, ки касе агар тавзеҳи онҳоро бихоҳад, ба асарҳое чун «Шарҳ-ул-қалб», «Кашф-ул-асрор» ва «Маърифат-ун-нафс-вар-Раб» муроҷиат намояд.

Дар қатори дигар орифони баландовозаи олами ирфон зикри машоихе мисли Абӯтуроби Нахшабӣ, Абдулҳусайни Нурӣ, Ҳакими Тирмизӣ ва ғайраҳо, ки дар кишвари мо зиндагӣ ва фаъолият намудаанд, низ дар он дарҷ аст.

Ҳикматҳое, ки дар асар аз қавли орифон оварда шудааст, инсонро ба худшиносиву маърифатдӯстӣ, ахлоқи неку ҷавонмардӣ, сабру қаноат ва шукри неъмат даъват мекунанд, масалан, Сарии Сақатӣ мегӯяд: «Адаб тарҷумони дил аст». Воқеан, тамоми хусусиятҳои дохилии инсон дар адаби ӯ зоҳир мегардад, аз ин дидгоҳ ҳар кас, ки ботине зишт дорад, пас дар рафтору муомилаи ӯ соя меандозад. Ҳамчунин, аз гуфтаҳои Сарӣ оиди шукронагузорӣ дар китоб зикр намудааст: «Ҳар кӣ қадри неъмат надонад, завол ояд аз он ҷо, ки надонад». Ё он ки аз қавли Робия меорад: «Кор ба сурат нест, ба ният аст». Дар замони имрӯз ин гуфтаҳо монанди тиллое, ки зери хок афтодаасту бо расидани нури офтоб аз нав медурахшад, ҷилои нав меёбанд, зеро дар онҳо айнан ахлоқу одоби ҷомеаи асри ҳозир ифода мегардад.

Ҳикояҳои тазкира аз ҳар ҷиҳат дилкашу намакин буда, касро ба ҳимматбаландиву ҷавонмардӣ ва маърифати худӣ ҳидоят мекунанд. Чунонки оварда шудааст: «Нақл аст, ки ҳамёне зар аз яке бурда буданд. Он кас дар Содиқ овехт, ки: Ту бурдӣ! Ва вайро нашинохт. Содиқ гуфт: Чанд буд? Гуфт: Ҳазор динор. Ӯро ба хона бурд ва ҳазор динор ба вай дод. Баъд аз он он мард зари худ бозёфт. Зари Содиқ бозбурд ва гуфт: Ғалат карда будам. Содиқ гуфт: Мо ҳар чи додем, бознагирем. Баъд аз он мард аз яке пурсид, ки: Ӯ кист? Гуфтанд: Ҷаъфари Содиқ. Он мард хиҷил шуд ва бирафт».

Бояд зикр кард, ки асари мазкур дар рушди адабиёти ирфонии форс-тоҷик, махсусан, ҷараёни тазкиранигории орифона бо таъсирпазирӣ аз «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абулҳасани Ҳуҷвирӣ, «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ нақши босазо гузоштааст. Дар пайравии он минбаъд асарҳои «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Насоим-ул-муҳаббат»-и Алишер Навоӣ, «Сафинат-ул-авлиё»-и Дорошукӯҳ ба миён омаданд.

## АТТОРШИНОСӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоири пуриқтидори форс-тоҷик Фаридуддин Аттори Нишопурӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Ӯзбекистон пас аз истиқлолият ташаккул ва ривоҷ ёфт. Бояд гуфт, ки омӯзиши амиқи осори Аттор барои фаҳмиши осори халафи ӯ аз ҳар ҷиҳат зарур ва айни муддао мебошад. Ба ин боис нашр ва тарҷимаву таҳқиқи осори Аттор дар Ӯзбекистон аз корҳои муҳимме аст, ки барои тарғиб ва густариши адабиёти классикии Шарқ замина фароҳам меорад. Маснавиҳои «Мантиқ-ут-тайр», «Илоҳинома», «Асрорнома», «Панднома», «Булбулнома», «Уштурнома» аз ҷониби Ҷамол Камол ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр гардидааст, ки дар ҳаёти маънавии мардуми Ӯзбекистон рӯйдоди муҳим гардид. Як қисми маснавии «Илоҳинома»-ро адабиётшинос Наҷмиддин Комилов дар баёни насрӣ баргардон намуда, ҳамроҳ бо тадқиқоти «Тавҳид асрори» ба нашр расондааст. Маснавии «Мантиқ-ут-тайр» бо кӯшиши Н. Комилов ва М. Маҳмудов ба забони ӯзбекӣ баргардон шудааст, ки барои фаҳми мазмуни асари мазкур роҳи хонандагонро хеле ҳамвор кард. Ягона асари насрии шоир «Тазкират-ул-авлиё» аввал интихобан, сипас ба таври пурра тарҷума ва нашр гардид. Бадеаи шоир ва тарҷумони уйғур Азизӣ таҳти унвони «Фаридуддини Аттор» аввал дар шумораи 12-уми «Жаҳон адабиёти» (2009), сипас, ба шакли китоби алоҳида аз нашр баромад, ки дар шиносоӣ бо осори Аттор аз аҳамият холӣ нест. Соли 2013 «Атторшунослик» ном асари профессор Акмал Саидов аз тариқи нашриёти «Шарқ» чоп гардида, ба дасти хонандагон расид, ки дар он оиди зиндагӣ, осор, шуҳрати ҷаҳонӣ ва фикрҳои дигарон дар мавриди Аттори Нишопурӣ дар ҳафт боб маълумоти фаровон оварда шудааст.

И. Ҳаққул дар пешгуфтори тарҷумаи «Илоҳинома» ривоятеро меорад, ки дар бузургдошти Аттори Нишопурӣ аз аҳамияти хоса бархурдор аст: «Нақл мекунанд, Ҷалолиддин тахминан дар синни 5-солагӣ хоб мебинад, ки як мӯйсафеди нуронӣ барояш як гули 6-навдагӣ ҳадя мекунад. Вақте ин хобро ба падараш Муҳаммад Баҳоуддин Валад нақл ме-

кунад, ӯ мегӯяд, ки «ин ишора ба як китоби шашҷилда навиштани туст». Аҷоибаш ин ки худи мӯйсафед ҳам «То ба гули 6-навдагӣ расидан ин китобро мутолиа кун» гуфта, ба Ҷалолиддин китобе ҳам дода буд. Аз байн чанд сол гузашта, Ҷалолиддин вақте ки бо аъзои оила ҷилои ватан мекунанд, дар роҳ бо ҳамон мӯйсафед рӯбарӯ шуда, аз дасти ӯ китобро ҳам мегирад. Ин шахс Шайх Фаридуддини Аттор буд, китоб бошад, «Асрорнома»-и ӯст.» («Илоҳийнома», саҳ. 8)

Ҳар касе, ки мехоҳад, бо адабиёти гаронбаҳои форс-тоҷик аз наздик шинос шавад, минҷумла, аз шеъри ирфонӣ ва таҳаввули он дар асрҳои миёна хабардор гардад, бояд ки осори қиматбаҳои Шайх Атторро амиқ биёмӯзад. Ҳамчунин, гуфтанист, ки барои дарки мазмунҳои ирфониву таълимии осори Румиву Ҳофиз, Навоиву Бедил маснавиҳои тамсилии шоир кӯмак мерасонанд. Зеро осори Аттор яке аз сарчашмаҳои муҳимми эҷодиёти онҳо ба ҳисоб меравад, ки ба шарҳу баёни водиҳои тариқат, тавҳид, фақр, зуҳд (парҳезгорӣ), тақво, риёзат ва ғайраҳо бахшида шудааст.

## «ФУТУВВАТНОМА»-И АТТОР

Ало, эй ҳушманди хубкирдор,
Бигӯям бо ту рамзе чанд з-асрор.
Чу дониш дориву ҳастӣ хирадманд,
Биёмӯз аз футувват нуктае чанд.
Ки то дар роҳи мардон раҳ диҳандат,
Кулоҳи сарварӣ бар сар ниҳандат.
Агар хоҳӣ шунидан, гӯш кун боз,
Замоне бош бо мо маҳрами роз.
Чунин гуфтанд пирони муқаддам,
Ки аз мардӣ задандӣ дар миён дам.
Ки ҳафтоду ду шуд шарти футувват,
Яке з-он шартҳо бошад мурувват.
Бигӯям бо ту як-як ҷумлаи роз,
Ки то чашмат бад-ин маънӣ шавад боз.
Нахустин, ростиро пеша кардан,
Чу некон аз бадӣ андеша кардан.

Ҳама касро биёрӣ доштан дӯст,
Нагуфтан: он яке мағзу дигар пӯст.
Зи банди нафси бад озод будан,
Ҳамеша пок бояд чашму доман.
Агар аҳли футувватро вафо нест,
Ҳама кораш ба ҷуз рӯю риё нест.
Касе, к-ӯро ҷавонмардист дар тан,
Бибахшояд дилаш бар дӯсту душман.
Ба ҳар кас хостӣ, мебояд онат,
Агар хоҳӣ ба худ, набвад зиёнат.
Макун бад бо касе, к-ӯ бо ту бад кард,
Ту некӣ кун, агар ҳастӣ ҷавонмард.
Забонро дар бадӣ гуфтан маёмӯз,
Пушаймонӣ хӯрӣ ту ҳам яке рӯз.
Туро он гаҳ беҳ ояд мардиву зӯр,
Ки бинӣ хештанро камтар аз мӯр.
Магӯ ҳаргиз, ки хоҳам кардан инкор,
Агар дастат диҳад, мекун ба кирдор.
Касе, к-ӯро ба хашм андар ризо нест,
Футувват дар ҷаҳон ӯро раво нест.
Футувват дор, чун бошад дилозор,
Набошад дар ҷаҳонаш ҳеҷ кас ёр.
Дар ин раҳ хештанбинӣ нагунҷад,
Ба ҷуз хокиву мискинӣ нагунҷад.
Футувват, эй бародар, бурдборист,
На гармии ситеза, балки зорист.
Бидеҳ нон, то бароям номат, эй дӯст,
Чӣ хуштар дар ҷаҳон аз номи некӯст?
Забону дил яке кун бо ҳама кас,
Чунон, к-аз пеш бошӣ, бош аз пас.
Макун чизе, ки диданро нашояд,
Агар гӯйӣ, шуниданро нашояд.
Чу андар табъ бисёре надорӣ,
Мазан дам аз тариқи бурдборӣ.
Тариқи порсоӣ варз модом,
Ки некӯ нест фосиқро саранҷом.
Макун бо ҳеҷ кас тазвиру дастон,
Ки ҳилат нест кори зердастон.
Дарунро пок дор аз кини мардум,

Ки киндорӣ нашуд ойини мардум.
Чу хондандат, бирав, зинҳор мепеч,
В-арат ҳам бими ҷон бошад, магӯ ҳеҷ.
Ба ҷон гар боз монӣ андар ин роҳ,
Набошад аз футувват ҷонат огоҳ.
Димоғ аз кибр холӣ дор пайваст,
Зи шайтонӣ чӣ гирӣ, узри барда-ст.
Тавозеъ кун, тавозеъ бар халоиқ,
Такаббур ҷуз Худоро нест лоиқ.
Такаббур – хирагӣ, худро маранҷон,
Ки афзунии ҷисм аст коҳиши ҷон.
Сухан нарму латифу тоза мегӯй,
На берун аз ҳаду андоза мегӯй.
Магӯ рози дилат бо ҳар касе боз,
Ки дар дунё наёбӣ маҳрами роз.
Ҳасадро бар футувват раҳ набошад,
Ҳасуд аз роҳи Ҳақ огаҳ набошад.
Ахиро[1] чун тамаъ бошад ба фарзанд?
Бибур зинҳор аз вай меҳру пайванд.
Агар гуфтӣ зи рӯй, онро ба ҷо ор,
В-агар худ меравад сар бар сари дор.
Ба худ ҳаргиз марав роҳи футувват,
Ба худ рафтан куҷо бошад мурувват?
Риёзат каш, ки марди нафспарвар
Бувад аз гову хар бисёр камтар.
Марав нохонда, то хорӣ набинӣ,
Чу рафтӣ, ҷуз ҷигархорӣ набинӣ.
Ба чашми шаҳват андар дӯст мангар,
Ки душманком гардӣ, эй бародар.
Зи каҷбинон футувват рост нояд,
Ки каҷбинӣ футувватро нашояд.
Ба коми худ манеҳ зинҳор як гом,
Ки эмин нест доим марди худком.
Мурувват кун ту бо аҳли замона,
Ки то номат бимонад ҷовидона.
Ҳазорон тарбият гар ҳаст ахиро,
Надорад дӯст з-эшон ҷуз сахиро.

---

[1] *Ахӣ* – бародар.

Мадоро кун ту бо пирони мискин,
Бибахшо бар ҷавонони бадойин.
Мазан лоф, эй писар, бо дӯсту душман,
Ки бошад марди лофӣ камтар аз зан.
Футувват чист? Доди халқ додан,
Ба пойи дастгире истодан.
Ҳар он кас, к-ӯ ба худ мағрур бошад,
Ба фарсанг аз мурувват дур бошад.
Адабро гӯш дор андар ҳама ҷой,
Макун бо беадаб ҳаргиз муҳобой.
Ба хидмат метавон ин раҳ буридан,
Бад-ин чавгон тавон гӯе рабудан.
Баиззат бош, то хорӣ набинӣ,
Чу ёрӣ кардӣ, ағёрӣ набинӣ.
Гар ояд аз дарат селоби хун боз,
Бипӯшонаш даруни пардаи роз.
Мабар номи касе ҷуз бо накӯӣ,
Агар андар футувват ном ҷӯӣ.
Ба исён дармаяфган хештанро,
Маҷӯ охир балои ҷону танро.
Ҳавои нафси худ бишкан, худоро,
Мадеҳ раҳ пеши худ соҳибҳаворо.
Чунон кун тарбият пиру ҷавонро,
Ки хиҷлат барнаяфтад ину онро.
Насиҳат дар ниҳонӣ беҳтар ояд,
Гираҳ аз ҷону банд аз дил кушояд.
Либоси худ мадеҳ ҳар носазоро,
Ба гӯши ҷон шунав ин моҷароро.
Миёни тарбият з-он рӯй мебанд,
Ки бошад дар канорат ҳамчу фарзанд.
Футувват ҷӯй, гар дорад қаноат,
Ҳама олам баранд аз вай бизоат.
Ба тоат кӯш, то диндор гардӣ,
Ки бединро назебад лофи мардӣ.
Парастиш кун Худои ҷовидонро,
Мутеи амр кун танрову ҷонро.
Қадам андар тариқи нестӣ зан,
Ки ҳастӣ барнамеоӣ аз ин фан.
Чу сахтӣ пешат ояд, кун сабурӣ,

Дар он ҳолат макун аз сабр дурӣ.
Ба неъмат дар, ҳамекун шукри Яздон,
Чу меҳнат даррасад, сабр аст дармон.
Чу меҳмон даррасад, ширинзабон шав,
Ба сад алтоф[1] пеши меҳмон шав.
Такаллуф[2] аз миён бардору аз пеш
Биёвар он чи дорӣ, аз каму беш.
Ба эҳсону карам дилҳо ба даст ор,
К-аз ин беҳтар набошад дар ҷаҳон кор.
Чу эҳсон аз ту хоҳад марди ҳушёр,
Чу мардон роҳи худ чолок биспор.
Агар шукронае гӯяд, магӯ: кай?
Бибояд гаштанат таслим дар вай.
Футувватдор чун шамъ аст дар ҷамъ,
Аз он сӯзад миёни ҷамъ чун шамъ.
Туро бо ишқ бояд сабр ҳамроҳ,
Ки то гардӣ аз ин аҳвол огоҳ.
Ба гуфтор ин суханҳо рост н-ояд,
Туро гуфтор бо кирдор бояд.
Чу чашмат рӯйи он ҳастӣ бибинад,
Суханҳои манат дар ҷон нишинад.
Макун зинҳор аз ин маънӣ фаромӯш,
Ҳамекун панди ман чун ҳалқа дар гӯш.
Гар ин маънӣ ба ҷо орӣ, туро беҳ,
Ба шарт ин роҳ биспорӣ, туро беҳ.
Агар хоҳӣ, ки ин маънӣ бидонӣ,
«Футувватнома»-и Аттор хонӣ.
Худо ёри ту бошад дар ду олам,
Чи мардона дар ин раҳ мезанӣ дам.

## Ҳикоят

Рафт шайхи Басра пеши Робия,
Гуфт: Эй дар ишқ соҳибвоқеа.
Нуктае, к-аз ҳеҷ кас нашнидаӣ,
Бар касе не хондаӣ, не дидаӣ.

---

[1] *Алтоф* – ҷамъи лутф.
[2] *Такаллуф* – ба зимма гирифтани ранҷи зиёдатӣ, худнамоӣ.

Он туро аз хештан равшан шудаст,
Боз гӯ, к-аз ишқ ҷони ман шудаст.
Робия гуфташ, ки: Эй шайхи замон,
Чанд пора ришта будам ресмон.
Бурдаму бифрӯхтам, хушдил шудам,
Ду дурусти сим з-ӯ ҳосил шудам.
Ҳар ду нагрифтам ба як даст он замон,
Ин дар ин дастам будиву он дар он.
З-он ки тарсидам, ки чун шуд сим ҷуфт,
Роҳзан гардад, фурӯ натвон нуҳуфт.
Марди дунё ҷону дил бар хун ниҳад,
Сад ҳазорон дом дигаргун ниҳад.
То ба даст орад ҷаве зар аз ҳаром,
Чун ба даст орад, бимирад вассалом.
Ворисӣ ӯро бувад он зар ҳалол,
Ӯ бимонад дар ғами зар дар вубол.
Эй ба зар симурғро бифрӯхта,
Дил зи ишқи зар чу шамъ афрӯхта.
Чун дар ин раҳ менагунҷад мӯй дар,
Нест касро орзуи симу зар.
Гар қадам дар раҳ ниҳӣ ту ҳамчу мӯр,
Аз сари як мӯй гирандат ба зӯр.
Чун сари мӯе муҳобо рӯй нест,
Ҳеч касро заҳраи ин кӯй нест.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Оиди ҳаёт ва фаъолияти Аттори Нишопурӣ чиҳо медонед?*
2. *Дар бораи таркиби девони Аттор маълумот диҳед.*
3. *«Мухторнома» чӣ гуна асар аст?*
4. *Кадом маснавиҳои машҳури Атторро медонед?*
5. *Алишер Навоӣ дар пайравии кадом маснавии Аттор асар навиштааст?*
6. *Дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр» дар бораи чӣ баҳс меравад?*
7. *Дар «Тазкират-ул-авлиё» дар бораи киҳо нақлу ривоят оварда шудаast?*
8. *Кадом асарҳои Аттор дар Ӯзбекистон тарҷума ва чоп шудаанд?*
9. *Аз мутолиаи «Футувватнома»-и Аттор чӣ гуна баҳраҳо гирифтед?*
10. *Аз «Футувватнома» бо интихоби омӯзгор порчаи шеърӣ аз ёд кунед.*
11. *Дар «Футувватнома»-и Аттор дар бораи чанд шарти футувват сухан рафтааст? Аҳамияти онҳоро гӯед.*



# ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ (1207–1273)

Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ аз худ мероси гаронбаҳои илмиву адабие ба ёдгор гузошт, ки то имрӯз ҷаҳониён аз он ба таври шоиста истифода мебаранд ва шуҳрату маҳбубияташ байни намояндагони миллату халқиятҳои гуногун афзунтар мешавад. Ӯ соли 1207 дар Балх ба дунё омада, дар синни кӯдакӣ ё наврасӣ бо Аттори Нишопурӣ вомехӯрад ва баъд аз сафар ба Қуния то охири умр дар ҳамон ҷо зиндагӣ карда, соли 1273 вафот кардааст.

## МЕРОСИ АДАБИИ МАВЛОНО

**«Девони Шамс».** «Девони Шамс» шомили ашъори лирикии Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, ки аз ғазалу қитъаву тарҷеъот ва рубоиҳо фароҳам омадааст. Дар он дар асоси даҳ нусхаи сад соли аввали пас аз марги Мавлавӣ рӯбардоршуда, ки бо тасҳеҳи устод Бадеуззамон Фурӯзонфар ба нашр расидааст, 3229 ғазал ва 1983 рубоӣ ҷой дорад, ки маҷмӯан 40326 байтро ташкил медиҳад. Ғазалҳои Румӣ бо тахаллусҳои Хомуш, Хомӯш, Хамуш, Шамс, Шамсиддин, Шамси Табрезӣ ба итмом расидаанд, аммо дар девон ғазалҳое, ки бо номҳои Салоҳиддин ва Ҳисомиддин хатм шуда бошанд, низ ҷой доранд.

**«Маснавии маънавӣ».** Ҷалолиддини Румӣ ин асари худро дар давоми 12 сол эҷод намуда, дар баъзе ҷойҳо онро худ «Ҳусоминома» ҳам мегӯяд. «Маснавӣ» шомили шаш дафтар буда, ҳаҷми умумии он 25685 байтро дар бар мегирад. Муқаддимаи он «Найнома» унвон дорад. Пеш аз таклифи Ҳисомуддини Чалабӣ, ки аз Мавлоно хоҳиш меку-

над, то асаре ба мисли «Ҳадиқа»-и Саноиву «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор иншо намояд, дар ҳаҷми 18 байт навишта шуда буд. Дар он ҳикояту ривоят, панду ҳикматҳои зиёде оварда шудааст, ки хонандаро саргарми мутолиа медорад. Дафтари шашум, ки охирин дафтари «Маснавӣ» аст, нотамом менамояд, ба ин хотир, баъд аз марги Мавлоно дафтари ҳафтуми он низ аз ҷониби дигарон илова карда шудааст.

**Асарҳои насрии Мавлоно.** Ҷалолиддини Балхӣ се асари насрӣ ҳам дорад, ки бо номҳои «Маҷолиси сабъа», «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Мактубот» машҳуранд. «Маҷолиси сабъа» пеш аз шиносоии Мавлоно бо Шамси Табрезӣ навишта шудааст ва ҳафт хитобаро дар бар мегирад, ки нишонаи гуфторҳои минбарии ӯст. «Фиҳӣ мо фиҳӣ» аз намунаҳои беҳтарини насри ирфонӣ буда, дар он ба бисёр масъалаҳои таълимӣ равшанӣ андохта шудааст. Ин асар барои дарки мазмуну моҳияти ҳикоят ва ҳикматҳои «Маснавӣ» як андоза кӯмак мерасонад. Аммо асари мазкур аз ҷониби писари ӯ Султон Валад ё яке аз шогирдонаш фароҳам оварда шудааст, ки аз суханҳои ба муносибатҳои гуногун гуфтаи Ҷалолиддини Румӣ иборат аст. «Мактубот» аз номаҳои ба шахсони гуногун навиштаи муаллиф гирд омадааст, ки миқдори онҳо наздик ба 150 адад мебошад.

## «ДЕВОНИ КАБИР» ВА ТАРКИБИ ОН

Соли 1244 мелодӣ дарвеше аз пеши роҳи Мавлоно Ҷалолиддини Балхии 37 сола баромаду бар иловаи дигар суолу ҷавоб ин байти Саноиро ба забон овард: «Илм, к-аз ту туро набистонад, ҷаҳл аз он илм беҳ бувад сад бор». Ва бо ҳамин ӯро маҷзуби ишқи худ намуд, ки пас аз он муддати 16 моҳ ҳарду ҳамсуҳбат буданд. Ин дарвеш Шамси Табрезӣ буд.

Мавлавӣ пас дар ҷавоби шуълаи ишқе, ки Шамс дар вуҷуди ӯ афрӯхт, тамоми девонашро ба номи устоду пири худ сабт кард ва бо ин роҳ номи ӯро дар олами адаб зиндаву ҷовид сохт. Бузургтарин ҳадяи як муриду шогирди содиқ нисбати устоди худ дар ҳамин ҳад мешавад.

«Девони Шамс» яке аз ду асари бузургҳаҷми манзуми Ҷалолиддини Балхист, ки ҷойгоҳи ӯро дар адабиёти

ҷаҳон ба сифати шоири нотакрор ва офарандаи мазмунҳои тоза муайян мекунад. Агар дар «Маснавӣ» асосан, афкори таълимии шоир ифода гардида бошад, дар асари мазкур тамоми бардоштҳои ӯ аз зиндагӣ, табиат ва муҳити атроф инъикос шудааст. Он чиро, ки дигар орифони тариқат ба сифати нуктаҳои илмӣ баён мекарданд, Мавлавӣ дар шакли асари бадеӣ ифода намудааст, ки ин саъю кӯшиш дар навбати худ чанд баробар қуввату иқтидор талаб мекунад.

Сазовори зикр аст, ки девони Мавлавӣ на бо бузургии ҳаҷм, балки бо забони тозаву услуби дилнишин ва мазмуни гуногуни адабиву ирфонӣ байни мардуми ҷаҳон маҳбубият пайдо кардааст. Қолабшиканӣ дар жанри ғазал низ яке аз дастовардҳои бузурги Мавлоност.

Мавлавӣ пайрави мактаби адабии Саноиву Аттор мебошад ва ин нуктаро худи ӯ дар осораш, аз ҷумла девон зикр менамояд ва аз онҳо бо некӣ ёд мекунад. Аммо чунин ба назар мерасад, ки шоири орифмаслак ҳам дар достонсароӣ ва ҳам дар сурудани ашъори ғиноӣ аз устодони худ пештар рафтааст.

Дар сурудани ғазал, ки бо вуҷуди душворнавис будан дар адабиёти форси – тоҷик маҳбубияти зиёд дорад, касе ба дараҷаи Мавлавӣ ин қадар тозакориҳо нишон надодааст. Ӯ тамоми масъалаи вобаста ба ишқу ирфон ва эҳсоси инсони орифро вориди шеър намуд.

Дар адабиётамон асосан, ду девони бузург эътироф шудааст ва пайваста мутолиа карда мешавад, ки яке «Девони Шамс» ва дигаре «Девони Ҳофиз» мебошад. Мавлавӣ ва Ҳофиз аз пешқадамтарин шоирони ғазалсарои адабиёти мо ба шумор рафта, дар сурудани ғазал ба дастовардҳои чашмгире ноил гардидаанд. Бо вуҷуди он ки андешаву афкорашон аз як сарчашма об мехурад, дар эҷоди шеър ҳар яке услуби хоси худро доранд. Мавлавӣ ҳар чиро дар олами атроф мебинад, ба образ табдил медиҳад ва аз одитарин ҳолатҳои зиндагӣ мазмунҳои амиқи фалсафиву ирфонӣ меофарад. яъне, сухани Мавлоно ифодаи зиндагии рӯзмарраи ӯст, ки ба худ тобиши дигари бадеӣ гирифтааст. Ҳофиз бошад, ба ҳар як ҷузъиёт бо нигоҳи амиқ менигарад, андешаҳояшро бо дарназардошти ҳамаи қишрҳои ҷомеа рӯи ко-

ғаз меорад, аз ин ҷост, ки навиштаҳои ӯ духӯрагии маъно касб кардааст, дар ҳоле, ки хонанда то вориди дунёи андешаву ҳаяҷони рӯҳии Мавлавӣ нагардад, аз моҳияти ғазалҳои ӯ чизеро пай намебарад ва намедонад, ки мухотаби ашъор кист, намефаҳмад, ки ин шоири шӯрида дар асл чӣ гуфтан мехоҳад. Мавлавӣ баҳрест нопайдоканор, эҳсосаш, ки ба туғён омад, онро ба қолаби калимаҳо меандозад. Ба ибораи Абдулкарими Суруш: «Мавлавӣ дурр мепошид, Ҳофиз дурр метарошид».

Яке аз бартариятҳои ғазали Мавлавӣ идома ва такмили ғазали ривоӣ мебошад, дар ин раванд ҳеҷ шоиреро наметавон ба ӯ баробар донист. Қиссаҳои тамсиливу рамзиро дар ин қолаб зиёд истифода мебарад, дар ҳар як ғазал ҳатто дусе достони минималиро ғунҷоиш дода, ба онҳо мазмуни нав бахшидааст.

Ӯ мазмунро дар ғазал асосан, бо ду роҳ ифода мекунад, яке бо такя ба афкору қолабҳои сохтаи шоирони пешина, ки дар сурати пайравӣ ҳатман он мазмунҳоро идома дода, ба камол мерасонад. Дигар он ки мазмунҳои нав меофарад, ки пеш аз ӯ каси дигар нагуфтааст. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Алии Даштист, ки ҷавонмардона маҳорати шоирии Мавлавиро эътироф мекунад: «Нуқтаи ҳассос дар «Девони Шамс» ин аст, ки як ғазал дар он намеёбед, ки барои гуфтани ғазал ва такрори мазомини[1] дигарон гуфта бошад».

Дар адабиёти куҳанбунёди форси-тоҷикӣ- шоиреро ёфтан маҳол аст, ки аз ашъори пурмазмуни Мавлавӣ бебаҳра монда бошад, яъне, дар давоми 800 соли охир осори адабии Мавлоно ба тамоми минтақаҳои адабиёти форсӣ таъсиргузор будаву ҳаст.

Дар «Девони Шамс» ба забонҳои арабиву туркӣ ва юнонӣ низ байтҳо оварда шудааст. Таркибу ибораҳои арабиву туркӣ истифодаи фаровон доранд. Масалан, мегӯяд:

Ман куҷо, шеър аз куҷо,
лекин ба ман дармедамад,
Он яке турке, ки ояд, гӯядам: ҳай, кимсан?

[1] *Мазомин* – ҷамъи мазмун.

Мавлавӣ аз мусиқӣ огоҳии комил дошт, ҳатто рубоб менавохт, ба ин хотир, аксари ғазалҳояш ба суруди дилкашу рӯҳафзо табдил ёфтаанд, «даруни сина мусиқор доштан» имкон додааст, ки беҳтарин қолабу оҳангҳоро барои ибрози андешаву бардоштҳояш рӯи коғаз биёрад. Ӯ аз санъати саҷъ фаровон истифода мебарад ва ҷумлаҳоро дар ҳолати табиияшон вориди вазну қофия месозад.

Санъати радиф беш аз ҳар шоире дар ғазалиёти мансуб ба Шамси Табрезӣ корбасти чашмгир дорад. Равониву салосат ва зебоиву мусиқоии каломро таъмин намудааст. Чунки санъати радиф дар адабиёти форсӣ ҷойгоҳи алоҳида дорад, ки ба ин андоза дар адабиёти ягон халқи дигар мавриди истифода нест.

Тасаввур кунед, шоире, ки наздик ба 70 ҳазор байти обдор дораду на танҳо дар адабиёти Шарқ, балки дар адабиёти ҷаҳон касе ба ӯ баробарӣ карда наметавонад, ба шеър чӣ гуна муносибат дорад:

Шеър чӣ бошад бари ман, то ки аз он лоф занам?
Ҳаст маро фанни дигар ғайри фунуни шуаро.

Бо вуҷуди он ки Аттору Мавлавӣ ду чеҳраи барҷастаи адабиёти тасаввуфӣ буданд ва асрҳои зиёд боз назарияи хоси таълимиву ирфонии онҳоро соликони тариқат ҳамчун дастур истифода мекарданд, дар муносибат бо шеъру шоирӣ ҳар яке мавқеи махсуси худро доштанд. Аттор қофияро тоҷи сухан медонаду ба шеър беҳтарин номро қоил аст, Мавлавӣ бошад, бо он қадар иқтидору тавоноие, ки дар сурудани шеър дораду андешаҳояшро бе ягон мамониат беҳтар аз дигарон вориди қолаби сухани мавзун мекунад, аз қолабҳои хушк дилгир аст, ки чеҳраи мазмунро хира медоранд ва баръало таъкид менамояд:

Қофияву мағлатаро гӯ, ҳама селоб бибар,
Пӯст бувад,
пӯст бувад дархури мағзи шуаро[1].

[1] *Шуаро* – шоирон.

Набояд фаромўш кард, ки ғазалҳои шоир ҳама бозгўи дили ҳассосу ишқи баландпарвоз мебошанд. Шоир дар таҳти ҳар ғазал чандин мазмуни амиқи ирфонӣ ифода кардааст, онро танҳо касе дарк мекунад, ки аз олами андешаҳои Мавлоно воқиф ва тамоми бурду бохти ишқро дар рўҳи худ таҷриба карда бошад. Бе огоҳӣ аз сарчашмаҳои муҳимми адабиву ирфонӣ ва фалсафӣ моҳияти ғазалҳои «Девони кабир»-ро сарфаҳм рафтан ба ҳамагон даст намедиҳад.

Дар адабиёт назарияе мавҷуд аст, ки мувофиқи он шеър ба ду гуна ҷудо мешавад: яке шеърест, ки дар заминаи шавқу шўр ба вуҷуд меояд, дигарӣ шеърест, ки қасдан рўи коғаз оварда мешавад. Ашъори Мавлоно ҳамагӣ натиҷаи шўру шавқанд, ки ҳар гоҳ аз нигори хеш меандешаду қалбашро як ҳиссиёти бепоён фаро мегирад, рўи коғаз меоянд. Аз ин рў, таъкид менамояд:

Ту мапиндор, ки ман шеър ба худ мегўям,
То ки ҳушёраму бедор, яке дамназанам.

Бояд гуфт, ашъори Мавлавӣ мисли дарёст, ки ба ҳар тараф ҷорӣ мешавад, ҳеҷ қолабу шакле намешиносад, доим дар ҷараён аст. Ҳар касе аз он ба андозаи фаҳмиши худ чизе мегирад. Аммо ташнаи ин дарё ҳеҷ гоҳ сер нахоҳад шуд.

## «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ» ВА МАЗМУНУ МУНДАРИҶАИ ОН

Дар адабиёти форсии тоҷикӣ чор китоби муқаддас эътироф карда мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ мебошад. Ин асари оламшумул аз замони таълиф то ҳол боиси мутолиаву тадқиқоти фаровон қарор гирифтааст. На ҳар асаре метавонад боиси таваҷҷўҳи ҳамаи қишрҳои ҷомеа қарор гирад, зеро ҳар як қишри он ҷаҳонбиниву маънавияти гуногун дорад. Аз ин рў, интихоби асарҳои бадеиву илмӣ ҳам ба дараҷаи ҷаҳонбинии онҳо вобаста аст.

Аммо вақте ба сари осори Мавлавӣ меоем, воқеа ранги дигар мегирад. Осори ўро ҳама пиру барно, турку арабу

тоҷик, насрониву мусалмон мехонанд ва ҳар яке ба таври худ аз он бархурдор хоҳанд гашт. «Маснавӣ» ба ҷиҳати он ки мазмунҳои фаровони илмиву фалсафӣ ва таълимиву динӣ дорад, китоби рӯимизии бештаре аз донишмандони олам қарор гирифтааст. Имрӯз асари мазкур ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудаву оламиён аз он ташнагии маънавии худро рафъ хоҳанд кард. Қудрати тахайюл дар ҳама даврахои таърих боиси пешрафт ва тараққиёт гардидааст, дар навбати асарҳои Румӣ ҳам ин нуктаро метавон тасдиқ намуд.

Ҷалолиддини Румӣ, пеш аз ҳама, намояндаи бузурги тамаддуни мардуми Шарқ аст, ки бо пеш бурдани ғояи инсонгароии худ намояндагони миллатҳои турку тоҷик ва арабу форсро бо ҳам пайванд бахшидааст, онҳоро дар рӯҳияи башардӯстӣ тарғибу ташвиқ менамояд.

«Маснавии маънавӣ» ҷомеъи андешаҳои Мавлоно буда, баъд аз таҷрибаи тӯлонии фикрӣ муаллиф онро рӯи коғаз овардааст, ки барои дарки моҳияти Ҳастӣ, Ишқ, Худо, Инсон аз аҳамият холӣ нест.

Бояд зикр намуд, ки барои навиштани чунин асари бузургҳаҷм ва пурбори тасаввуфӣ Мавлоно ҳам аз ҷиҳати фикрӣ ва ҳам аз ҷиҳати таҷрибаи шоирӣ аз пеш омода буд, ки ин гуфтаро зиндагинома ва фаъолияти эҷодии ӯ собит мекунад.

Дар ин ҷо нахустин байти асарро, ки боиси мунозиравy муҳокимаи зиёд гардидааст, аз назар мегузаронем:

> Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
> В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

Қобилияти шунидан аз ҳама боло гузошта мешавад, зеро ба воситаи гӯш аз сухан ва мусиқа баҳраманд шудан мумкин аст. Румӣ ин ду унсурро дар муштаракӣ тарғибу ташвиқ менамояд. Сомеа, яъне ҳисси шунавоӣ як намуди ҳисси панҷгона аст, ки ба воситаи он донишу маълумоти фаровон ба даст меояд. Маънавияти бузургро аз тариқи шунидан ва дидан ҳосил мекунанд. Бо майли хотир шунидан ва корбасти гуфтаҳои устод шогирдро ба мақсад мерасонад. Тифл ҳам то забон баровардан фақат гӯш ме-

кунад. Баъд аз он ки тамоми суханҳоро фаро гирифт, ба гуфтугӯ медароянд.

Дар таълиму тарбия қувваи сомеа аҳамияти калон дорад. Зеро ғизои рӯҳ, ки маънавияти баланд аст, бештар аз тариқи сомеа ҳосил мешавад. Аз ин хотир, шунидан аз гуфтан афзал дониста мешавад. Чунки вақти гуфтор энергия сарф мешавад, ҳангоми шунидан бошад, энергия захира мегардад. Бояд гуфт, шунидан ва хондан ду омили асосии фарогирии дониш мебошанд, ки донишомӯз бояд ба онҳо эътибори ҷиддӣ диҳад. Зеро шунидану хондан инсони ноқисро комил мегардонад. Назди Мавлавӣ ва ҳамаи донишмандони ҷаҳонӣ шунидан мақоми баланд дорад.

Хомӯшӣ баҳр асту гуфтан ҳамчу ҷӯ,
Баҳр меҷӯяд туро, ҷӯро маҷӯ.

Най то аз дохил тоза нашавад, садои хубу марғуб аз он ба гӯш намерасад. Инсон низ пас аз ба риёзату машаққат тоб оварда, дохили худро аз хӯроки бисёр ва кибру ҳасаду кина холӣ кардан аз умқи ҷонаш навоҳои дилнавоз берун меояд. Баробари аз ҳирсу ҳаво холӣ шудан бароя ш ҳолати дигар кашф мегардад ва дар ҳамин ҳолат ӯро шинохти худӣ даст медиҳад.

Най рамзи инсони огоҳу бедордил ва аз олами ботин хабардор аст.

Дар ин байт ҳар як калима символ шуда омадааст: найнавоз – Худо, маъшуқи азал; най – инсони комил, муршид; мухотаб – солик, ошиқи дидор.

Байти мазкур ба сифати калиди андешаҳо ва ҷаҳонбинии ирфонии Мавлавӣ хидмат мекунад, ки муаллиф ҳам дар «Девони кабир», ҳам дар «Маснавӣ» борҳо дар хусуси «бонги ной» суҳбат ба миён оварда, онро ба услуби хос талқин месозад.

«Маснавӣ» яке аз серхонандатарин китобҳои адабиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки чанд сол пеш дар Амрико бо тиражи 250000 нусха ба нашр расида, дар кӯтоҳтарин фурсат харидорон аз дӯконҳо харида гирифтаанд.

Мазмуни ирфонӣ дар «Маснавӣ» ба ҳадди лозимии худ инъикос гардидааст. Асареро пайдо кардан душвор аст, ки

бо забони назм то ин андоза масъалаи баҳсбарангези тасаввуфиву фалсафӣ дар он таҳлил шуда бошад. Дар он ҳикояту ривоятҳои зиёде оварда шудааст, ки ба воситаи мазмуни онҳо душвортарин ва печидатарин масъалаҳои вобаста ба тасаввуф таҳлил гардидааст. Ба сифати намуна ҳикояти «Шағол ва хумми ранг»-ро аз назар мегузаронем: Шағоле ба хумми ранг даромад. Баъди як соат бо пӯсти рангиншуда аз он берун омад ва даъво намуд, ки ман товуси биҳиштиям. Дар офтоб рангҳои пашмаш ҷило медоданд. Худро ба рангҳои сурху сабзу сафеду зард дида, ба шағолон арз намуд, ки маро минбаъд товус гӯед. Шағолон гуфтанд: Туро чӣ ҳол аст, ки дар сарат ҳар гуна фикр мепарварӣ? Чаро мутакаббирона аз мо дурӣ ихтиёр мекунӣ? Аз ҷумла, шағоле пеш омаду ба ӯ гуфт: Ҳилаҳо месозӣ то аз ҷумлаи хушдилон бошӣ.

Бо макр мехоҳӣ, ки ба минбар баромада, лоф заниву дигарон ҳасрат хӯранд. Аммо ин амали ту ғайри бешармӣ чизи дигаре нест. Шағол ба гӯши маломатгар гуфт, ки дар ману ранги ман як бор наззора намо, ки чун ман касе зебо набошад. Ту маро саҷда кун, ки гулистонҳои садрангро дидаам. Ба карру фарри ман эътибор деҳ ва маро фахри дунёву рукни дин эълон намо. Пас, рӯ ба ҳамҷинсони худ овард: Эй шағолон, маро дигар шағол нахонед, зеро шағолон чунин зебо нестанд. Шағолон ҳама ҷамъ омада гуфтанд, ки пас, бигӯ, мо туро чӣ гӯем? Гуфт: Маро товус гӯед. Онҳо гуфтанд, ки товусон дар гулситон ҷилва мекунанд, оё ту ҷилва кардан метавонӣ? Гуфт: Не! Чун товус бонг кардан метавонӣ? Гуфт: Не! Гуфтанд: Пас, ту товус нестӣ. Хилъати товус аз осмон меояд, ту бо даъвову рангбозӣ товус шуда наметавонӣ.

Ин ҳикоят монанд ба тамсиле мебошад, ки Эзоп дар асараш овардааст. Шағол тамсили оноҳест, ки худро ҳамсафи шахсиятҳои бузург медонанд ва ба ҷиҳати ҳамин зоҳирнигарӣ миёни халоиқ шарманда мешаванд.

Бо вуҷуди он ки дар «Маснавӣ» товус дар аксар маврид чун тамсили зоҳирпарастон истифода мешавад, дар ин достон тамсили инсонҳои комил аст, ки аз онҳо таҳти унвони «товусони ҷон» ёдоварӣ мешавад. Пас, товус баръакси шағол қарор гирифтааст, дуввумӣ мехоҳад ба ҷиҳати ранг кар-

дани пашми худ монанди товус бошад ва болонишин гардад. Аммо ин тавр намешавад. Баръакс шағол назди дӯстони худ бадном мешавад, ки ба кори берун аз тавону истеъдоди худ даст задааст. Бинобар таъкиди донишмандон хилъати ҳар кас аз рӯзи азал муайян шудаву ба иродаи Худованд вобастагӣ дорад. Бояд гуфт, ончунонки шағол бо даромадан ба хумми ранг товус намешавад, одамони ғофил низ бо даъвоҳои пуч ва манманӣ ба мақоми инсони комил намерасанд.

Дар байти зерин ҳамин мазмун ифода ёфтааст:

> Тавфиқ рафиқ аст, ба ҳар кас надиҳанд,
> Зеро пари товус ба каргас надиҳанд.

Азбаски шағол даъвои беҷо кард, аз ҳамҷинсон ҷудо шуда, шармсор гардид. Дар мисоли ин сужет чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки ҳеҷ гоҳ «сурма ба чашмони кӯр» суд намебахшад.

Сурмаро ба чашми бино кашидан лозим. Шағол ҷаҳд намуд, то товус бошад, аммо пар, ки надорад, ҷилва кардан наметавонад. Зеро ӯро барои ҷилва наофаридаанд. Аттор бамаврид мегӯяд, ки:

> Ҳар киро аз баҳри коре сохтанд,
> Меҳри онро дар дилаш андохтанд.

Ҳар ҳунаре роҳу равиши алоҳида дорад. Аз ин рӯ, зоҳиророи асоси комёбӣ нест. «Нақши шер» бо «ахлоқи сагона» мувофиқат намекунад.

Саъю талош барои инсон зарур аст, бе ҳаракат пешравӣ вуҷуд надорад. Лекин коре, ки натиҷа намебахшад, ба он даст назадан беҳтар аст. Ҷаҳди бехирадона инсонро ба зиллату шармандагӣ расонида, ба рӯяш дари омадро мебандад.

Рангҳои «Хумми ранг» иборатанд аз шаҳват, мол, ҷоҳ, обрӯ, шуҳрат. Инсон бо доштани ин рангҳо наметавонад комил шавад. Онҳое, ки дар ин хум даромада, аз рангҳои он баҳравар шудаанд, мепиндоранд, ки тамоми қобилият аз онҳост ва худро «инсони беҳтарин» мешуморанд. Ҳол

он ки барои ба камоли инсонӣ расидан аввал истеъдод лозим аст, ки оламу одамро бо чашми таҳқиқ мушоҳида намуда, ба рози ҳастӣ пай барад.

«Товусони ҷон» инсонҳои донишманду огоҳ мебошанд. Онҳо тариқи ҷилва карданро медонанд ва парҳои онҳо аз рангҳои гуногуни маърифат иборат аст. На ҳар касе метавонад аз роҳи тақлид ба дараҷаи онҳо расад.

Ҳар нафар бояд кори худро анҷом диҳад, ончунонки парвоз хоси парранда аст, ҷилва кардан ҳам фақат ба товус хос аст.

Ин достон ҷиҳатҳои иҷтимоии хеле таъсирбахш ҳам дорад, ки баъзе аз инсонҳо мехоҳанд, аз тариқи имтиҳону мусобиқа ба онҳое, ки донишу фитратӣ азалӣ доранд, сабқат ҷӯянд. Аммо ин гуна имтиҳонҳо комёб набудани онҳоро собит мекунад.

Тамсили мазкур дар тақвияти қиссаи Мӯсо (а) ва Фиръавн оварда шудааст, ки Фиръавн даъвои худоӣ намуд, аммо ба он комёб нашуд. Зеро кӯшиши боғаразона дошт. Ӯ мехост Мӯсо (а)-ро мағлуб кунад, лекин худ бо қавмаш сарнагун гардид.

Ҳар як халқу маҳал расму ойини худро дорад. Нигоҳ доштани урфу одатҳои миллӣ инсонро ҳам назди дигарон ва ҳам назди аҳли худ муҳтарам месозад. Он ки аз қавму қабила, дину миллати хеш дурӣ меҷӯяд, мисли шағол саргум хоҳад монд. Аз ин нуқтаи назар дар образи шағол онҳое тасвир ёфтаанд, ки ба расму ойини аҷдодии худ хат кашида, ба корҳое даст мезананд, ки худ лаёқати иҷрои онро надоранд.

Натиҷаи достон ин аст, ки набояд касони беистеъдод даъвои донишмандӣ карда, ба шахсони нобиға худро баробар гузоранд, ки аз рӯи инсоф нест. Баъзеҳо бо ҳавасҳои сарсарӣ тарки ҳамҷинсу ҳамдил мекунанд, ин чиз оқибати хуб надорад, чунки он тоифае, ки онҳо орзу мекунанд, расму ойин ва урфу одати дигар дорад.

## НАМУНА АЗ ОСОР

# МУТТАҲАМ КАРДАНИ ЛУҚМОН

Буд Луқмон пеши хоҷай хештан,
Дар миёни бандагонаш хортан.
Мефиристод ӯ ғуломонро ба боғ,
То ки мева оядаш баҳри фароғ.
Буд Луқмон дар ғуломон чун туфайл,
Пурмаъонӣ, тирасурат, ҳамчу лайл[1].
Он ғуломон меваҳои ҷамъро
Хуш бихӯрданд аз наҳиби тамъро.
Хоҷаро гуфтанд:
«Луқмон хӯрд он»,
Хоҷа бар Луқмон туруш гашту гарон.
Чун тафаҳҳус[2] кард Луқмон аз сабаб,
Дар итоби[3] хоҷааш, бигшод лаб.
Гуфт Луқмон:
«Саййдо, пеши Худо
Бандаи хоин набошад муртазо.
Имтиҳон кун ҷумламонро, эй карим,
Серамон дардеҳ ту аз оби ҳамим[4].
Баъд аз он моро ба саҳрое калон,
Ту савора, мо пиёда медавон.
Онгаҳон бингар ту бадкирдорро,
Сунъҳои кошифуласрорро».
Гашт соқӣ хоҷа аз оби ҳамим
Мар ғуломонрову хӯрданд он зи бим.
Баъд аз он мерондашон дар даштҳо,
Медавиданд он нуфар таҳту уло.
Қай дарафтоданд эшон аз ано,
Об меовард з-эшон меваҳо.
Чунки Луқмонро даромад қай зи ноф,
Мебаромад аз дарунаш оби соф.

---

[1] *Лайл* – шаб.
[2] *Тафаҳҳус* – ҷустуҷӯ.
[3] *Итоб* – маломат; ғазаб.
[4] *Оби ҳамим* – оби гарм.

## ДОСТОНИ АНГУР

Чор касро дод марде як дирам,
Он яке гуфт: «Ин ба ангуре диҳам».
Он яке дигар араб буд, гуфт «Ло[1],
Ман инаб[2] хоҳам на ангур, эй даға!»
Он яке турке буду гуфт: «Ин банум,
Ман намехоҳам инаб, хоҳам узум».
Он яке румӣ бигуфт: «Ин қилро
Тарк кун, хоҳем истофилро».
Дар танозўъ[3] он нафар ҷангӣ шуданд,
Ки зи сирри номҳо ғофил буданд.
Мушт барҳам мезаданд аз аблаҳӣ,
Пур буданд аз ҷаҳлу аз дониш тиҳӣ[4].
Соҳиби сирре, азизе, садзабон,
Гар будӣ он ҷо, бидодӣ сулҳашон.
Пас бигуфтӣ ў, ки ман з-ин як дирам
Орзуи ҷумлатонро медиҳам.
Чунки биспоред дилро бедағал,
Ин дирамтон мекунад чандин амал.
Як дирамтон мешавад чор, алмурод
Чор душман мешавад як з-иттиҳод.
Гуфт: «Ҳар яктон диҳад ҷангу фироқ,
Гуфти ман орад шуморо иттифоқ.
Пас шумо хомўш бошед, анситу,
То забонтон ман шавам дар гуфтугў».

## ҒАЗАЛҲО

Дило, назди касе биншин, ки ў аз дил хабар дорад,
Ба зери он дарахте рав, ки ў гулҳои тар дорад.
Дар ин бозори атторон, марав ҳар сў чу бекорон,
Ба дукони касе биншин, ки дар дуккон шакар дорад.
Тарозу гар надорӣ пас, туро з-ў раҳ занад ҳар кас,
Яке қалбе биёрояд, ту пиндорӣ, ки зар дорад.

---

[1] *Ло* – не.
[2] *Инаб* – ангур.
[3] *Танозўъ* – бо ҳам низоъ кардани ду кас ё ду чиз.
[4] *Тиҳӣ* – холӣ.

Туро бар дар нишонад ӯ ба таррорӣ, ки меоям,
Ту маншин мунтазир бар дар, ки он хона ду дар дорад.
Ба ҳар деге, ки меҷӯшад, маёвар косаву маншин,
Ки ҳар деге, ки меҷӯшад, дарун чизи дигар дорад.
На ҳар килке шакар дорад, на ҳар зере забар дорад,
На ҳар чашме назар дорад, на ҳар баҳре гуҳар дорад.
Бинол, эй булбули дастон, азеро нолаи мастон
Миёни сахраву хоро асар дорад, асар дорад.
Бинеҳ сар гар намегунҷӣ, ки андар чашмаи сӯзан
Агар ришта намегунҷад аз он бошад, ки сар дорад.
Чароғ аст ин дили бедор, ба зери доманаш медор,
Аз ин боду ҳаво бигзар, ҳавояш шӯру шар дорад.
Чу ту аз бод бигзаштӣ, муқими чашмае гаштӣ,
Ҳарифи ҳамдаме гаштӣ, ки обе бар ҷигар дорад.
Чу обат бар ҷигар бошад, дарахти сабзро монӣ,
Ки мевай(и) нав диҳад доим даруни дил сафар дорад.

* * *

Эй растахези ногаҳон в-эй раҳмати бемунтаҳо,
Эй оташи афрӯхта дар бешаи андешаҳо.
Имрӯз хандон омадӣ, мифтоҳи зиндон омадӣ,
Бар мустамандон омадӣ чун бахшишу фазли Худо.
Хуршедро ҳоҷиб туӣ, уммедро воҷиб туӣ,
Матлуб туӣ, толиб туӣ, ҳам мунтаҳо, ҳам мубтадо.
Дар синаҳо бархоста, андешаро ороста,
Ҳам хеш ҳоҷат хоста, ҳам хештан карда раво.
Эй рӯҳбахши бебадал в-эй лаззати илму амал,
Боқӣ баҳонасту дағал, к-ин иллат омад в-он даво.
Ин сукр бин, ҳил ақлро в-ин нуқл бин, ҳил нақлро,
К-аз баҳри нону бақлро чандин нашояд моҷаро.
Хомуш, ки бас мустаъҷилам, рафтам сӯи пои алам,
Коғаз бинеҳ, бишкан қалам, соқӣ даромад, ассало

* * *

Баҳор омад, баҳор омад, баҳори мушкбор омад,
Нигор омад, нигор омад, нигори бурдбор омад.
Сабӯҳ омад, сабӯҳ омад, сабӯҳи роҳу рӯҳ омад,
Хиромон соқии маҳрӯ ба исори уқор омад.
Сафо омад, сафо омад, ки сангу рег равшан шуд,

Шифо омад, шифо омад, шифои ҳар низор омад.
Ҳабиб омад, ҳабиб омад, ба дилдории муштоқон,
Табиб омад, табиб омад, табиби ҳушёр омад.
Самоъ омад, самоъ омад, самои бесудоъ омад,
Висол омад, висол омад, висоли пойдор омад.
Рабеъ омад, рабеъ омад, рабеи бас бадеъ омад,
Шақоиққову райҳонҳову лолай хушузор омад.
Касе омад, касе омад, ки нокас з-ӯ касе гардад,
Маҳе омад, маҳе омад, ки дафъи ҳар ғубор омад.
Диле омад, диле омад, ки дилҳоро бихандонад,
Майе омад, майе омад, ки дафъи ҳар хумор омад.
Кафе омад, кафе омад, ки дарё дур(р) аз ӯ ёбад,
Шаҳе омад, шаҳе омад, ки ҷони ҳар диёр омад.
Куҷо омад? Куҷо омад? К-аз ин ҷо худ нарафтаст ӯ,
Валекин чашм гаҳ огоҳу гаҳ беэътибор омад.
Бубандам чашму гӯям шуд, гушоям, гӯям ӯ омад
Ва ӯ дар хобу бедорӣ, қарину ёри ғор омад.
Кунун нотиқ
Хамуш гардад,
кунун хомуш ба нутқ ояд,
Раҳо кун ҳарфи бишмарда,
ки ҳарфи бешумор омад.

* * *

Чу ғуломи офтобам, ҳам аз офтоб гӯям,
На шабам, на шабпарастам, ки ҳадиси хоб гӯям.
Чу расули офтобам ба тариқи тарҷумонӣ,
Ба ниҳон аз ӯ бипурсам, ба шумо ҷавоб гӯям.
Ба қадам чу офтобам, ба харобаҳо битобам,
Бигурезам аз иморат, сухани хароб гӯям.
Ман агарчи себи шебам,
зи дарахти бас баландам,
Ман агар харобу мастам, сухани савоб гӯям.
Чу дилам зи хоки кӯяш, бикашидааст бӯяш,
Хиҷилам зи хоки кӯяш, ки ҳадиси об гӯям.
Бигушо ниқоб аз рух, ки рухи ту аст фаррух,
Ту раво мабин, ки бо ту зи паси ниқоб гӯям.
Чу дилат чу санг бошад, пур аз оташам чу оҳан,
Ту чу лутфи шиша гирӣ, қадаҳу шароб гӯям.

Чу зи офтоб зодам, ба Худо, ки Кайқубодам,
На ба шаб тулӯъ созам, на зи моҳтоб гӯям.

* * *

Ишқро бе маърифат маъно макун,
Зар надорӣ, мушти худро во макун.
Гар надорӣ дониши таркиби ранг,
Байни гулҳо зишт ё зебо макун.
Хуб дидан шарти инсон будан аст,
Айбро дар ину он пайдо макун.
Дил шавад равшан зи шамъи эътироф,
Бо кас ар бад кардаӣ, ҳошо макун.
Эй ки аз ларзидани дил огаҳӣ,
Ҳеҷ касро ҳеҷ ҷо расво макун.
Зар ба дасти тифл додан аблаҳист,
Ашкро назри ғами дунё макун.
Пайрави хуршед ё ойина бош,
Ҳар чи урён дидаӣ, ифшо макун.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Оиди шуҳрати ҷаҳонии Ҷалолиддини Румӣ чиҳо медонед?*
2. *Дар бораи асарҳои насрии Мавлоно маълумот диҳед.*
3. *«Девони кабир» ба кӣ бахшида шудааст?*
4. *Дар «Девони кабир» чӣ қадар ғазалу рубоӣ оварда шудааст?*
5. *«Маснавӣ» аз чанд дафтар иборат аст ва Мавлавӣ онро бо хоҳиши кӣ навиштааст?*
6. *Дар «Маснавӣ» най ба кадом маъно истифода шудааст?*
7. *Аз таҳлили ҳикояти «Шағол ва хумми ранг» чӣ натиҷа гирифтед?*
8. *Ду ғазал аз Мавлоно аз ёд кунед.*
9. *«Достони ангур»-и шоирро таҳлил кунед ва гӯед, ки мазмуни он дар шароити имрӯза чӣ гуна аҳамият дорад.*

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ
## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҒАЗАЛ

«Ғазал» калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш изҳори ишқу муҳаббат кардан аст. Дар истилоҳ шеърест, ки ба тараннуми ишқу муҳаббат бахшида шудааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки мавзӯи аслии ғазал, машҳуртарин жанри адабиёти мумтози форс-тоҷик ишқу муҳаббат будааст.

Аммо дар давраҳои аввали тараққиёти адабиёти форс-тоҷик (асрҳои IX-XII), ки шеър асосан бо дарбори подшоҳон вобаста буд, ғазал ҳамчун жанри алоҳидаи назм чандон ривоҷ надошта, дар таркиби қасида меомад. Вай як қисми таркибии қасида, жанри асосии назми дарборӣ ҳисоб мешуд. Вай қисми муқаддимавии қасидаро ташкил мекард, ки онро насиб мегуфтанд. Шоирони дарбор дар қасидаҳои ба мадҳу ситоиши подшоҳ ва бузургони давлат бахшидаи худ аз рӯи расму қоидаи қасидасароӣ пеш аз он ки ба мавзӯи асосии қасида – мадҳ гузаранд, аввал дар қисми муқаддимавии он – насиб ё ташбиб аз ишқу ошиқӣ ё маю майгусорӣ ё манзараҳои зебои табиат сухан мегуфтанд. Ғазал, ки онро тағаззул, яъне васфи ишқ ва маъшуқ ҳам меноманд, яке аз ҳамин мавзӯъҳои муқаддимавии қасидаро ташкил мекард.

Дар дохили қасида, вобаста ба ин жанр арзи вуҷуд кардани ғазал монандии онро ба қасида дар шакли зоҳирӣ муайян кардааст. Ғазал баъди аз қасида ҷудо шуда, ба сурати мустақил даромадан ҳам ба ҳамон вазнҳои маъмул ва тарзи қофиябандии қасида аа – ба – ва ва ғайра навишта мешуд. Ғазали мустақил дар ҳаҷми худ ҳам асосан дар ҳудуди ҳамон миқдори байтҳои тағаззули қасида қарор дошт.

Тобеи қасида ва чун як мавзӯи таркибии ин жанр намоён будани ғазал дар эҷодиёти шоирони дарбор муддати дарозе тараққиёти онро чун жанри мустақили шеърӣ боз дошта омада буд. Ин ҳол ғазалро на танҳо дар таркиби қасида аз ҷиҳати шакл маҳдуд карда буд (ҳадди охирини он аз 5–6 байт намегузашт), балки ба пурра намоён гардидани ҳунар ва маҳорати эҷодии шоирон дар ғазалсароӣ имкон намедод. Аз ин рӯ, ғазалҳои шоирони дарбори он давраҳо аз ҳар ҷиҳат – ҳам аз ҷиҳати шакл ва мазмун, ҳам аз назари санъат ва ифодаи ҳиссиёти ошиқона дар муқоиса бо ғазалиёти шоирони давраҳои баъд хира ва камарзишанд.

Бинобар шаҳодати худи шоирони дарбори он давраҳо фақат ду суханвари бузурги асри X Шаҳиди Балхӣ ва Рӯдакии Самарқандӣ дар ғазалсароӣ маҳорати фавқулодда нишон дода будаанд. Ду шоири барҷастаи дарбори аввали асри XI Фаррухӣ ва Унсурӣ ба ғазалҳои Шаҳид ва Рӯдакӣ баҳои баланд додаанд. Агар Фаррухӣ дар васфи маҳбуба ӯро дар «диломомию нағзӣ» ба ғазалҳои Шаҳид монанд карда бошад («Аз диломомию нағзӣ чун ғазалҳои Шаҳид»), Унсурӣ аз он ки ғазалро чун Рӯдакӣ некӯ ва барҷаста гуфта наметавонад, афсӯс хӯрдааст:

Ғазал Рӯдакивор некӯ бувад,
Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест.

Аммо афсӯс, ки ғазалҳои Шаҳид ва Рӯдакӣ дар қатори дигар осори ин ду шоири бузург аз байн рафтаанд. Ду-се ғазали нисбатан пуррае, ки аз Рӯдакӣ боқӣ мондааст, зоҳиран аз ҷумлаи беҳтарин ашъори ошиқонаи шоир ба шумор намераванд. Чунки онҳо на аз назари санъати бадеӣ ва на аз ҷиҳати баёни ҳиссиёти пурҷӯши ошиқона, ба он дараҷаи баланде нестанд, ки Унсурӣ ғазалҳои Рӯдакиро сифат кардааст. Се байти як ғазале, ки ба Рӯдакӣ нисбат дода мешавад, чунин аст:

Бар рухаш зулф ошиқ аст чу ман,
Лоҷарам ҳамчу манаш нест қарор.
Ману зулфайни ӯ нагунсорем,
Ӯ чаро бар гул асту ман бар хор?

Ҳамчу чашмам тавонгар аст лабаш,
Он ба лаъл, ин ба лӯълӯи шаҳвор.

Азбаски ба ҳамин ғазал нисбат доштани боз чор байти боқи мондаи он шубҳанок аст, аз зикри онҳо худдорӣ кардем.

Дурустии баҳои баланди Унсурӣ дар бораи иқтидори беназири Рӯдакӣ дар ғазалсароӣ аз чанде байтҳои парокандаи ошиқонае, ки мансуб ба ғазалҳои аз байн рафтаи ӯ мебошанд, тасдиқ мегардад. Масалан, дар ин байт шоир дар ифодаи ҳиссиёти пазмонии худ нисбати дилбари дур афтодааш образи барҷастаи нотакроре эҷод кардааст, ки бо тозагӣ ва латофати худ дар ғазалсароии мумтози форс-тоҷик мислу монанде надорад: шоир барои зудтар ба дидори ёр расидан хаёл кардааст, ки кош санги фалахмон шаваду касе ӯро ба сӯи ёраш партояд ва дар рӯ ба рӯи ӯ рафта афтад:

Гар кас будӣ, ки зи туам бифкандӣ,
Хештан андар ниҳодаме ба фалохан.

Дар байти дигар шоир дар ҳиҷрони ёр обу адо шудани худро чунин баён кардааст:

Оташи ҳаҷри туро ҳезум манам,
В-оташи дигар туро ҳезум пада.

Ин гуна байтҳои алоҳидаи беназир ва нотакрор, ки чун дурдонаҳое аз ганҷинаи сухани «султони шоирон» ба назар мерасанд, дар ҳақиқат аз устоди беҳамто будани ӯ дар ғазалсароӣ гувоҳӣ медиҳанд. Аммо аз Шаҳиди Балхӣ на ягон ғазали пурра ва на байтҳои ҷудогонаи ишқие, ки ба устодии ин шоир дар ғазалсароӣ далел шуда тавонад, боқӣ намондаанд. Аз ғазалҳои ба мо расидаи дигар шоирони давраҳои қадим як байтеро, ки дар бадеият ва тозагию латофат ҳамсанги ду байти мазкури устодонаи Рӯдакӣ бошад, пайдо кардан душвор аст. Аз шоирони он даврахо Фаррухӣ дар ғазалсароӣ як дараҷа маҳорат нишон додааст. Бо вуҷуди ин, ғазалҳои ӯ бо байтҳои ошиқонаи Рӯдакӣ ва ғазалҳои

шоирони асрҳои сонӣ қобили муқоиса нестанд. Яке аз ғазалҳои беҳтарини Фаррухӣ ин аст:

Ба ман бозгард, эй чу ҷону ҷавонӣ,
Ки талх аст бе ту маро зиндагонӣ.
Ман андар фироқи ту ночиз кардам
Ҷамолу ҷавонӣ, дареғо, ҷавонӣ.
Дареғо, ту, к-аз пеши рӯям ҷудоӣ,
Дареғо, ту, к-аз пеши чашмам ниҳонӣ.
Чӣ гӯӣ, ба ту роҳ ҷустан тавонам?
Чӣ гӯям: ба ман боз гаштан тавонӣ?
Дили ман зи меҳри ту гаштан нахоҳад,
Диле дидаӣ ту бад-ин меҳрубонӣ?
Гирифтам, ки ман дил зи ту баргирифтам,
Дили ман кунад бе ту ҳамдостонӣ?
Ман аз рашки қадди ту дидан наёрам
Сиҳӣ сарви озодаи бӯстонӣ.

Имтиёзи ин ғазал дар соддагӣ ва табиӣ будани тарзи ифодаи эҳсосоти ошиқона аст, ки ин хусусиятро қариб дар тамоми ғазалҳои шоирони он давраҳо мушоҳида мекунем. Аммо дар онҳо ҳиссиёти ошиқона чуқур ва таъсирбахш ифода нагардидааст. Дар онҳо шӯрангезию ҳиссиётпарварӣ ва сӯзу гудози ошиқонаи ғазалиёти шоирони давраҳои баъд дида намешаванд. Шоирони асрҳои X–XII ҳиссу ҳаяҷони ошиқ, ҷунбишҳои қалбии ӯро рӯякӣ, бе маҳорати баланди бадеӣ ба қалам овардаанд.

Ҳамаи инҳо инкишоф наёфтани ғазал, мавқеи асосӣ пайдо накардани онро дар эҷодиёти шоирон ва умуман, назми он асрҳо нишон медиҳанд. Аз ҳамин сабаб аст, ки дар девонҳо (маҷмӯаҳо)-и боқимондаи шоирони он асрҳо ғазалҳои ба таври мустақил, яъне берун аз доираи қасида эҷодшуда миқдори ночизеро ташкил мекунанд. Фақат дар нимаи дуюми асри XII омада, дар девонҳои баъзе шоирон, аз қабили Анварӣ ва Сайид Ҳасани Ғазнавӣ миқдори ғазалҳо андак афзудааст. Ин ғазалҳои мустақил аз ягон ҷиҳат аз тағаззулоти таркиби қасидаҳо фарқ намекунанд. Дар девонҳои шоирони асрҳои XI–XII ҷой доштани як миқдори ками ғазалҳои мустақил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин жан-

ри лирикӣ дар он давр ҳанӯз дар марҳилаи пайдоиш буда, ба роҳи тараққиёт надаромадааст.

Хомӯш шудани ҳаёти адабӣ дар доираи дарбор ва равнақи он дар муҳити шаҳр дар асри XIII ва баъд дар инкишофи ғазал такони бузурге гардид. Дар доираҳои шаҳр қасида ҳамчун жанри асосии адабиёти пешинаи дарборӣ харидор пайдо накарда, аҳамияти худро аз даст дод. Ба ҷои он ғазал ба мавқеи аввал гузашта, аҳамияти бесобиқае пайдо кард. Ба завқи доираҳои шаҳр на қасидаҳои мадеҳавии баландпарвози ба дурӯғ асосёфта, балки ғазалҳои ошиқонае, ки бо ҳиссиёти гуворои қалбии инсон алоқаманд мебошанд, мувофиқ буданд. Агар қасида дар доираи танги дарбор ривоҷ гирифта ва ба манфиатҳои гурӯҳи хурди синфи ҳукмрон хидмат карда омада бошад, ғазал бо мавзӯи ишқу муҳаббати умумиинсонии худ ба талаботи маънавии тамоми аҳли ҷомеа ҷавоб медод, бо дарду доғ, ҳиссу ҳаяҷон ва орзуву ҳавасҳои тамоми мардум алоқаманд буд. Хулоса, доираи истифодаи ғазал дар муҳити шаҳр хеле васеъ буд. Илова бар ин, соддагии забони ин жанри лирикӣ онро барои ҳама фаҳмову наздик мекард. Аз ин рӯ, ғазал шеъри дӯстдоштаи мардум, жанри маъмул ва маъруфу машҳури адабиёти шаҳр гардид.

Ғазал аз доираи танги дарбор берун баромада ва аз тазйиқи қасида, жанри ҳукмрони адабиёти дарборӣ халос шуда, ба роҳи тараққиёти пурвусъат даромад ва дере нагузашта ба жанри асосии адабиёт табдил ёфт. Ғазалсароӣ машғулоти эҷодии ҳамешагии қариб тамоми шоирон гардид. Агар дар давраҳои пеш аз истилои муғул шоирон девони қасидаҳо тартиб дода бошанд, акнун девони ғазалиёт тартиб медоданд. Суханварони бузурги ғазалсарое монанди Саъдии Шерозӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ба майдон омаданд, ки на як, балки се-чор ва зиёда аз ин девони ғазалиёт ба вуҷуд оварданд. Ҳамаи инҳо аз болоравии мақоми ғазал дар адабиёт гувоҳӣ медод.

Ғазал дар эҷодиёти шоирони асри XIII на танҳо микдоран афзуда, мавқеи асосӣ гирифт, балки ҳамчун жанри шеърӣ низ аз ҳар ҷиҳат такомул ёфт. Хусусан, дар эҷодиёти Саъдӣ вай ба такомули пурраи жанрӣ расид. Саъдиро барои ғазалро аз ҳар ҷиҳат – ҳам аз ҷиҳати шакл ва бадеи-

ят, ҳам аз ҷиҳати мазмун ба дараҷаи баланди тараққиёт расонданаш асосгузори ин жанр ҳисоб кардаанд. Ҳатто дар гузашта як қитъаи шеърие шуҳрат ёфта буд, ки дар он Саъдӣ «пайғамбари ғазал» дониста мешуд:

Дар назм се тан паямбаронанд,
Ҳарчанд ки ло-набия баъдӣ.
Авсофу қасидаву ғазалро
Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

Асосгузори ғазал донистани Саъдӣ ба маънои эҷодкунанда ва ба вуҷуд оварандаи ин жанр будани ӯ нест. Саъдӣ барои он асосгузори ғазал ҳисоб карда шудааст, ки ин жанрро аз ҳолати номукаммалӣ ва мавқеи ночизи дар назм доштаи он берун оварда, ба он мукаммалию тамомӣ бахшидааст. Саъдӣ ғазалро ба шакли мукаммал дароварда, аввалан миқдори байтҳои онро афзудааст, расми дар байти охири ҳар ғазал зикр кардани тахаллуси шоирро низ ҷорӣ намудааст. Аммо хидмати асосии Саъдӣ дар инкишофи ғазал на аз такмили шакли зоҳирии жанр, балки аз мазмун ва тарзи баёни ҳиссиёти ошиқона намоён мешавад.

Ғазалиёти Саъдӣ аз ҷумлаи шӯрангезтарин ва пурэҳсостарин ғазалҳои мумтоз ба шумор мераванд. Дар ин бобат камтар шоире аз ҷумлаи ғазалсароёни бисёри форс-тоҷик бо ӯ баробар шуда метавонанд. Ғазалҳои Саъдӣ аз таҳти дил, самимӣ ва ниҳоят табиӣ суруда шуда, бинобар ин хеле таъсирбахш ва ҳаяҷонангезанд. Дар ғазалҳои ӯ ҳиссиёти ошиқона, кайфияти ҳолатҳои рӯҳии ошиқ хеле чуқур ва ҷонгудоз ба қалам оварда шудаанд. Ин хусусияти ғазалҳои шоир аз ҷумла дар ин ғазали машҳури ӯ барҷаста намоён аст:

Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад,
В-он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад.
Ман мондаам маҳҷур аз ӯ, бечораву ранҷур аз ӯ,
Гӯӣ, ки неше дур аз ӯ дар устухонам меравад.
Гуфтам ба найрангу фусун пинҳон кунам рози дарун,
Пинҳон намемонад, ки хун дар остонам меравад.
Маҳмил бидор, эй сорбон, тундӣ макун бо корвон,

К-аз ишқи он сарви равон гӯӣ равонам меравад.
Ӯ меравад доманкашон, ман заҳри танҳоӣ чашон,
Дигар мапурс аз дил нишон,
к-аз дил нишонам меравад.
Баргашт ёри саркашам, бигзошт айши нохушам,
Чун миҷмари пуроташам, к-аз сар духонам меравад.
Бо он ҳама бедоди ӯ в-ин аҳди бебунёди ӯ,
Дар сина дорам ёди ӯ ё бар забонам меравад.
Боз ою дар чашмам нишин, эй дилситони нозанин,
К-ошӯбу фарёд аз замин бар осмонам меравад.
Шаб то саҳар менағнавам в-андарзи кас менашнавам,
В-ин раҳ на қосид меравам, к-аз каф инонам меравад.
Гуфтам бигирям, то ибил чун хар фурӯ монад ба гил,
В-ин низ натвонам, ки дил бо корвонам меравад.
Сабр аз висоли ёри ман, баргаштан аз дилдори ман,
Гарчи набошад кори ман ҳам кор аз онам меравад.
Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,
Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.
Саъдӣ, фиғон аз дасти мо лоиқ набуд, эй бевафо,
Тоқат намеорам ҷафо, кор аз фиғонам меравад.

Саъдӣ чун устоди бузурги ғазал дар ифодаи ҳиссу ҳаяҷони ошиқона ба тори дили инсон нохун мезанад, онро ба ҷӯш меорад, ба вай олам-олам завқ мебахшад. Тараннуми ишқ дар ғазалиёти ӯ он қадар чуқур, самимона ва ҷиддӣ аст, ки дар пеши он ғазалҳои шоирони пешинаи дарбор дар васфи ишқ гуфтугӯҳои ҳавасбозона, сохта ва рӯякӣ садо медиҳанд.

Самимият ва сидқу сӯзи ғазалиёти Саъдӣ дар тараннуми ишқу ошиқӣ то дараҷае вобаста ба он аст, ки ӯ чун шоири мутасаввиф ва шайхи тариқати тасаввуф дар ғазалиёти худ ишқи илоҳиро сурудааст. Сӯзу гудози ӯ дар ишқи «маҳбуби ягона» (Худо) аст, ки бинобар таълимоти тасаввуф ҳусну малоҳати он дар симои зебосанамҳои заминӣ акси худро андохтааст. Аз ин рӯ, «маҳбуби ягона» дар ғазалиёти Саъдӣ ва умуман лирикаи ишқии сӯфиёна дар образи маҳбубаи заминӣ намоён мегардад ва бинобар ин ишқро дар талқини шоирони сӯфӣ ба маънии ишқи заминии байни инсонҳо фаҳмидан мумкин аст.

Чун маҳбуб тасаввур шудани зоти Худованд дар назари аҳли тасаввуф боиси ба вуҷуд омадани лирикаи ишқии сӯфиёна ва зуҳури шоирони намоёни мутасаввифи ғазалсарое гардид, ки бузургтарини онҳо Саъдӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ маъруф ба Мавлавии Румӣ мебошанд. Дар эҷодиёти шоирони мутасаввиф, хусусан, Саъдӣ ва Мавлавӣ ғазал ба шеъри ишқии пурэҳсос ва дилошӯбе табдил ёфт. Яке аз ғазалҳои шӯрангези Мавлавӣ ин аст:

Кор надорам ҷуз ӯ, коргаҳу корам ӯст,
Лоф занам, лоф ман, з-он ки харидорам ӯст.
Тӯтии гӯё шудам, чун шакаристонам ӯст,
Булбули гӯё шудам, чун гулу гулзорам ӯст.
Пар ба малак барзанам, чун пару болам аз ӯст,
Сар ба фалак барзанам, чун сару досторам ӯст.
Ҷону дилам сокин аст, чунки дилу ҷонам ӯст,
Қофилаам эмин аст, қофиласолорам ӯст.
Бар масали гулситон ранги зарам ҳусни ӯст,
Бар масали офтоб теғи гуҳарборам ӯст.
Хонаи чашмам чаро саҷдагаҳи халқ шуд?
З-он ки ба рӯзу ба шаб бар дару деворам ӯст.
Дар рухи ҳар кас, ки нест доғи ғуломии ӯ,
Гар падари ман бувад, душману ағёрам ӯст.
Даст ба дасти ҷуз ӯ менасупорад дилам,
З-он ки табиби ғами ин дили беморам ӯст.
Чун ки ту муфлис шудӣ, санг ба дил барзадӣ,
Моя зи ман хоҳ, аз он-к махзану анборам ӯст.
Шоҳ маро хондааст, чун наравам пеши шоҳ?
Мункири ӯ чун шавам, чун ҳама иқрорам ӯст.
Гуфт: Хамӯш, чанд лоф, на туву на гуфти ту
Ман чӣ кунам, эй азиз, гуфтани бисёрам ӯст.

Дар эҷодиёти шоирони чи мутасаввиф ва чи дунявии он давраҳо ғазал дар доираи мавзӯи аслии худ – ишқу муҳаббат маҳдуд буд. Ғазалиёти Шайх Аттор, Саъдӣ, Амир Хусрав, Мавлавӣ, Носири Бухорӣ ва дигарон ба ин гувоҳанд, ки дар онҳо, ба истисноҳои нодир сухан фақат аз ишқу ошиқӣ рафта, ба дигар мавзӯъҳо дахл карда намешавад. Ба ин маҳдудӣ ва якрангии мавзӯи ғазал Хоҷа Ҳофизи Ше-

розӣ (вафоташ 1388), бузургтарин ғазалсарои форс-тоҷик хотима дод. Ҳофиз дар эҷодиёти худ ғазалро аз як мавзӯъ – тараннуми ишқу муҳаббат берун оварда, дар он гуногунмавзӯиро ҷорӣ кардааст. Яке аз дигаргуниҳои ҷиддии дар мазмуни ин жанр ворид кардаи ӯ дар ҳамин аст. Агарчи дар ғазалиёти Ҳофиз мавзӯи аслии жанр – ишқу муҳаббат умуман мавқеи асосии худро нигоҳ дошта, бисёр ғазалҳои шоир саросар ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд, аммо дар ҳамин ҳол ӯ боз бисёр ғазалҳое ҳам дорад, ки дар онҳо ғайр аз мазмунҳои ишқӣ, мазмунҳои дигар ҳам гузориш ёфтааст. Ин мазмунҳои дигари ғайриишқӣ ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ, ирфониву тасаввуфӣ, динӣ, фалсафӣ, риндӣ ва ғайра оид мебошанд. Ба туфайли мавзӯъҳои гуногун ғазалҳои Ҳофиз гуногунрангу пурҷило ва мазмунан бой гардидаанд. Ба тариқи мисол, мавзӯъҳои як ғазали шоирро аз назар мегузаронем:

Дил меравад зи дастам, соҳибдилон худоро
Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.
Даҳрӯза меҳри гардун афсона асту афсун
Некӣ ба ҷои ёрон фурсат шумор, ёро!
Киштинишастагонем, эй боди шурта, бархез,
Бошад, ки боз бинем он ёру ошноро.
Эй соҳиби каромат шукронаи саломат,
Рӯзе тафаққуде кун дарвеши бенаворо!
Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.
Дар кӯи некномӣ моро гузар надоданд,
Гар ту намеписандӣ, тағйир кун қазоро.
Гар мутриби ҳарифон ин порсӣ бихонад,
Дар рақсу ҳолат орад пирони порсоро.
Хубони порсигӯ бахшандагони умранд.
Соқӣ, бидеҳ башорат риндони порсоро.
Ҳофиз ба худ бипӯшид ин хирқаи майолуд,
Эй шайхи покдоман, маъзур дор моро!

Шоир дар байти аввал ба соҳибдилон, яъне онҳое, ки дилашонро аз даст надодаанд, муроҷиат намуда, ба тариқи афсӯс гуфтааст, ки дили худро бой дода, рози пинҳони ошиқ

буданаш ба ҳама ошкор ва маълум хоҳад шуд. Пас ин маънӣ сирф ошиқона аст. Аммо дар байти дуюм ба мухотаб – одамон мурочиат карда, ин дунёи даҳрӯза (ё дурӯза)-и гузарон ва меҳри он мисли афсонаест, бинобар ин умри кӯтоҳи худро барои ёру дӯстон некӣ кардан фурсате ҳисоб кунед гуфтани шоир аз маънии ошиқонаи байти аввал дур шуда, мазмуни пандомӯзонаро дар хусуси ғанимат шумурдани умр ва сарф кардани он ба хизмати мардум дар бар кардааст. Дар байти сеюм шоир худаш ва кулли одамонро дар ин дунё мисли сарнишинон (роҳравон)-и киштие тасаввур кардааст, ки он шикаста ва ба ҳалокат дучор шудааст.

Дар ҳамин ҳол шоир орзу кардааст, ки кош боди шурта (мувофиқ) хезаду киштии шикастаи онҳоро ба соҳили баҳр расонад, то ба дидори ёру дӯстони худ муяссар шаванд. Мазмуни ин байт доир ба ҳақиқати ин дунё ва ҳаёти инсон дар он буда, ранги фалсафӣ гирифтааст. Дар байти чорум, шоир ба ҳамон ғояи накӯкорӣ дар ҳаққи одамон, ки дар байти дуюм дидем, боз гашта, онро идома ва инкишоф медиҳад: вай ба одамони соҳибкарам, онҳое, ки молу сарват ва имкони караму саховат карданро доранд, таъкид кардааст, ки ба шукронаи зиндагии некӯҳолона ва саломат гаштани худ дар ин дунё ақаллан як рӯз ҳоли каси дарвешу бенаворо пурсанд, ба онҳо мададе расонанд. Мазмуни байти панчум ба ҳикмати амалии зиндагии инсон асос ёфтааст: дар он ёдовар шудааст, ки осоиши зиндагии инсонро ҳам дар ин дунё ва ҳам дар он дунё бо ду ҳарф (калима ё ибора) – ба дӯстон лутфу меҳрубонӣ ва бо душманон мадоро (созиш) кардан ифода намудан мумкин аст. Дар байти шашум, шоир ақидаи маъруфи риндонаи худро дар бораи гӯё аз азал навишта шудани номаи сиёҳи бадномии ринд такрор карда, ба мухолифони худ – аҳли салоҳу тақвои некном ба тарзи пичинг гуфтааст, ки агар бадномии мо – риндон ба шумо маъқул набошад, аз дастатон ояд, қазо (тақдир)-и моро дигар сохта, моро ба салоҳ оваред. Ҳамин тавр, мазмуни ин байт ба масъалаи фалсафаи динии сарнавишти инсон оид аст. Байтҳои ҳафтум ва ҳаштум аз маҷлисҳои айшу тараби ҳаётдӯстонаи риндон ҳикоят мекунанд. Дар байти охирин ринди Ҳофиз аъмоли бади мастию

майпарастии худро ба салоҳу тақводории зоҳирии арбоби дин зид гузошта, онҳоро масхара кардааст.

Чунон ки дида мешавад, дар ин ғазал фақат байти аввал мазмуни ишқӣ дошта, боқӣ ҳашт байти дигар бо мавзӯи ишқу ошиқӣ бевосита алоқаманд нестанд. Онҳо ба масъалаҳои мухталифи оламу одам, зиндагии инсон ва тариқаи риндӣ оид мебошанд. Ин ҳол рангорангӣ, вусъати мавзӯъ ва ғановати мазмуни ғазалро ба вуҷуд овардааст, ки каму беш дар бисёр дигар ғазалҳои Ҳофиз низ дида мешавад. Ба ин тариқа, ғазал дар эҷодиёти ин шоир аз доираи мавзӯи ишқу ошиқӣ берун рафта ва масъалаҳои басе гуногуни зиндагии инсонро фаро гирифта, аз шеъри сирф ишқӣ ба шеъри лирикии мазмунан пурвусъате табдил ёфтааст, ки ҳар байти он як суруди зиндагӣ, як шеъри тамом, як нуктаи барҷастаи ҳаётӣ мебошад. Ғазали Ҳофиз ба он маънии танги пешинаи истилоҳии худ набуда, ба маънии васеъ шеър аст. Девони Ҳофиз хазинаи бузурги нуктаҳои пурҳикмати шоиронаанд, ки маъниҳои олии ҳаётиро талқин менамоянд. Ҳофиз шоири лирики нуктапарвар аст, ки ҳар нуктаи ӯ як олам маънӣ дорад. Бисёрмавзӯӣ ва ғановату гуногунрангие, ки Ҳофиз дар мундариҷаи ғазал падид овард, баъд аз ӯ дар ғазалсароӣ давом мекард. Ғазали мумтози форсу тоҷик ба туфайли Ҳофиз на танҳо шеъри ишқӣ, балки дар айни замон шеъри ахлоқӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ҳатто сиёсӣ ҳам буд. Шоирон тамоми дарду доғи инсонӣ, андешаю омол ва муносибати худро доир ба масъалаҳои гуногуни ҳаёт дар қолаби жанри ғазал рехтаанд. Бинобар ин, образи «ман»-и лирикии ғазал фақат инсони ошиқ нест. Вай ҳамчун инсони вобастаи ҳаёт, ҳамчун фарди ҷамъиятӣ ҳам намоён мегардад. Барои исботи ин фикр ба як ғазали Сайидои Насафӣ муроҷиат мекунем:

Бе гуфтугӯй ризқ муҳайё намешавад,
Ин қуфл бе забони талаб во намешавад.
Кай меравад зи паҳлуи мунъим гурусначашм?
Гирдоб дур аз лаби дарё намешавад.
Рангинии қабо накунад пирро ҷавон,
Барги хазон баҳори тамошо намешавад.
Беморро ғизои мувофиқ кунад накӯ,

Бе тарбият заиф тавоно намешавад.
Хулқи хушу наҷобати зотист муҳтарам,
Ҳанзал ба рангу бӯ гули раъно намешавад.
Афтидааст номи сахо аз забони халқ,
Ин хайма умрҳост, ки бар по намешавад.
Гирдоб чун садаф нашавад соҳиби гуҳар,
Ҳорис ба саъй молики дунё намешавад.
Нодон ба гуфтугӯ нашавад соҳиби сухан,
Ҷуғз аз ҳазор оина гӯё намешавад.
Занҷиру қуфл нест ба девона садди роҳ,
Мавҷи ҳубоб монеи дарё намешавад.
Эҳроми Каъбаро ба тасаввур макун тамом,
Ин роҳ қатъ бе мадади по намешавад.
Аз бадниҳод чашми накӯӣ тамаъ мадор,
Кӯри зи модар омада бино намешавад.
Маъшуқро муҳаббати ошиқ диҳад ривоҷ,
Юсуф чаро ба коми Зулайхо намешавад?
То ғунчаи даҳон-ш пур аз зар намекунанд,
Аз ҳеҷ боб роҳи сухан во намешавад.
Ту барқи бемурувват у ман кишти бесамар,
Охир миёни мову ту савдо намешавад.
Рухсори худ дареғ мадор аз нигоҳи мо,
Аз боғ мева кам ба тамошо намешавад.
Дилгир нест синаам аз оҳ, Сайидо,
Маҷнун ғубори хотири саҳро намешавад.

Дар ин ғазали мазмунан бой ва рангоранг андешаҳои басе гуногуни шоир инъикоси худро ёфтаанд. Дар он хаёли эҷодии шоир аз як паҳлу ба паҳлуи дигари воқеият меҷаҳад, аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар мегузарад. Ба Сайидо низ дар эҷоди ғазал кӯшиши фаро гирифтани «ҳама чиз», мудохила ба масъалаҳои мухталифи зиндагӣ ва инъикос намудани паҳлуҳои гуногуни воқеият хос аст, ки мундариҷаи ғазалиёти ӯро мураккаб, пурмаънӣ ва пурҷило гардондааст.

Чунин аст моҳияти гуногунмавзӯӣ ва «беназмии лирикӣ», он инқилобе, ки аз тарафи Ҳофиз дар мундариҷа ва сохти ғазал ба амал оварда шуда буд ва он дар давраҳои минбаъда дар ғазалиёти бисёр шоироне аз қабили Сайидо

давом дода шуд. Ин чунин маънӣ надорад, ки Сайидо дар ғазалсароӣ ба Ҳофиз пайравӣ карда бошад. Сайидо суннати дар ғазал ҷорӣ кардаи Ҳофизро пайгирӣ намудааст. Дигар ғазалҳои Сайидо ҳам бо доираи васеи мавзӯъҳои худ таваҷҷӯҳи моро ба худ мекашанд. Хонанда аз фарохии чашмандози шоир ба воқеият, аз ҷаҳишҳои фикрии ӯ, аз боигарию рангорангии мундариҷаи ғазалиёти ӯ ба шавқ меояд. Дар ғазали мазкур шоир чунон саргарми масъалаҳои зиндагӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ гардидааст, ки мавзӯи аслии ғазал – ишқу ошиқиро фаромӯш кардааст ва танҳо дар сатрҳои охирини ғазал ин мавзӯъро ба хотир оварда, чанд калима дар бораи маҳбуба гуфтааст.

Мақоми Ҳофизро дар ғазалсароии форс-тоҷик, албатта, танҳо гуногунмавзӯӣ ва саршории ғазалҳои ӯ аз нуктаҳои ҳаётӣ муайян намекунанд. Мақоми олии Ҳофиз дар ғазалсароӣ боз бо он муайян мегардад, ки ӯ дар ин жанр ғояи ҳаётдӯстиро устувор карда, образи ринди ҳаётдӯст ва дар айни ҳол озодандешу исёнгар ва ботинан покро бар зидди салоҳу тақвои риёкорона ва олудагиҳои ботини арбоби дин ба вуҷуд овард.

Чунонки инро аз ҷумла дар ғазали поини шоир мебинем:

Айби риндон макун,
эй зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд навишт!
Ман агар некам, агар бад, ту бирав, худро бош!
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.
Ҳама кас толиби ёранд, чи ҳушёр чи маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чи масҷид чи куништ.
Сари таслими ману хишти дари майкадаҳо,
Муддаӣ гар накунад фаҳми сухан, гӯ: сару хишт.
Ноумедам макун аз собиқаи рӯзи азал,
Ту чӣ донӣ, ки паси парда кӣ хуб асту кӣ зишт?
На ман аз хонаи тақво бадар афтодаму бас,
Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт
Боғи фирдавс
латиф аст, валекин зинҳор
Ту ғанимат шумар ин сояи беду лаби кишт.

Ҳофизо, рӯзи аҷал гар ба каф орӣ ҷоме,
Яксар аз кӯйи хароботи барандат ба биҳишт.

Ғазалсароии баъд аз Ҳофиз образи нави риндро аз ӯ мерос гирифта, мавқеи онро мустаҳкам нигоҳ дошт. Ҳофиз умуман роҳу равиши ғазалсароии минбаъдаро муайян кардааст. Анъанаи ӯ дар ғазалсароӣ хеле устувор буд. Дар давоми асрҳо шоирон анъанаи ӯро давом додаанд, ба вай пайравӣ карда, ғазалҳои ҷавобия ва татаббӯъ менавиштанд. Масалан, дар асри XV аз шоирони дуюмдараҷа то сухансароёни бузурге чун Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ пайваста ба гуфтани татаббӯъ ва ҷавоби ғазалҳои Ҳофиз машғул буданд.

Анъанаи Ҳофиз дар ғазалсароии асрҳои XVII–XIX, ки услуби ба ном ҳиндӣ ва бедилӣ дар шеър ҷорӣ ва устувор гардид, ҳамчунон зинда буд. Ҷорӣ шудани ин услуб дар ғазалсароӣ бисёрмавзӯии онро аз байн набурда, балки баръакс ба он боз ҳам вусъат бахшид.

Услуби ҳиндӣ ғазали мумтози тоҷикро ба марҳалаи нави тараққиёт ворид кард. Дар ғазалиёти ин услуб назокату латофат ва рангиниву диққати хаёли шоирона бештар буд. Шоирони пайрави ин услуб бо роҳи нозукравиҳо ва диққати хаёл мазмунофаринӣ мекарданд. Ин услуби нави шеърӣ ба мазмунофаринӣ асос ёфта буд.

Мазмунофаринӣ ба маънии эҷоди маъниҳои бадеӣ ё образи шоирона аст. Аз ин рӯ, ҷорӣ шудани услуби нави шеърӣ тафаккури бадеии шоиронро бештар ба ҳаракат оварда, онҳоро пайваста ба ҷустуҷӯ ва бозёфти мазмунҳои тозаи бадеӣ водор менамуд. Аммо бояд гуфт, ки ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XVII аз давраи аввали паҳн шудани услуби ҳиндӣ дар шеъри тоҷик баъзе пайравони ин услуб дар роҳи нуктапардозиву мазмунбандӣ ва нозукадоӣ ғазалро ба хаёлбофӣ табдил дода буданд. Ин ҳол бо паҳн шудани услуби бедилӣ боз бештар гардид.

Намояндагони равияи мушкили услуби ҳиндӣ ва бедилӣ шеъри лирикӣ – ғазалро ба як навъ муаммо табдил дода буданд, ки дарки маънии он мисли кушодани муаммо диққату андешаро талаб мекард. Ҳамаи ин боиси аз ҳаёт дур шудани мазмуни ғазал гардид.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Ғазал чӣ гуна жанр аст ва чӣ тавр ба вуҷуд омадааст?*
2. *Саъдӣ дар рушгди жанри ғазал чӣ хидмат кардааст?*
3. *Чаро бо вуҷуди он ки ғазал аз давраи Рӯдакӣ маълум буд, Ҳофизро «пайғамбари ғазал» мегӯянд?*
4. *Ғазали зерини Соиби Табрезиро байт ба байт маънидод кунед ва мавзӯъҳои онро муайян намоед:*

*Ғубори ҳусн зи соҳибназар шавад пайдо,*
*Ки қимати гуҳар аз дидавар шавад пайдо.*
*Диҳад самар зи рагу решаи дарахт хабар,*
*Нуҳуфтаҳои падар аз писар шавад пайдо.*
*Ба ранги зард қаноат кун аз риёзи ҷаҳон,*
*Ки ранги сурх ба хуни ҷигар шавад пайдо.*
*Машав ба муҳри хамӯшӣ зи безабонон амн*
*Ки барқи теғ аз абри сиях шавад пайдо.*
*Ту шишадил надиҳӣ тан ба сахтии айём,*
*В-агарна лаъл зи кӯҳу камар шавад пайдо.*
*Зи ҳирси дона дар ин киштзор наздик аст,*
*Ки ҳамчу мӯр туро болу пар шавад пайдо.*
*Маҷӯ зи ҳар дили афсурда маънии равшан,*
*Ки дил чу об шавад, ин гуҳар шавад пайдо.*
*Зи ҳамраҳон раҳи дур аст умри ҷовидон,*
*Сафар хуш аст, агар ҳамсафар шавад пайдо.*
*Ба сими қалб нагиранд, Соиб, аз ихвон*
*Дар ин замона азизе, агар шавад пайдо.*



## АДАБИЁТИ ЎЗБЕК

# ЗАҲИРИДДИН МУҲАММАД БОБУР (1483–1530)

Заҳириддин Муҳаммад Бобур аз чеҳраҳои намоёни сиёсату фарҳанги Шарқ ба шумор меояд, ки дар умри кӯтоҳи худ ҳам ба сифати шоҳ, ҳам ба сифати шоир шинохта шудааст.

Дар ташаккули адабиёту фарҳанги халқи ўзбек пас аз Лутфиву Навоӣ саҳми бузург гузошта, ба тарғибу ташвиқи он комёб гардидааст.

Бобур 14 феврали соли 1483 дар Андиҷон ба дунё омадааст. Дар синни 12-солагӣ аллакай соҳиби тахт шуда буд. Дар синни 16-солагӣ бо эҷоди бадеӣ машғул мегардад. Эҳсоси адабиётдӯстӣ ўро водор мекунад, ки осори шоирони форс-тоҷик ва ўзбекро мукаммал омӯхта, дар пайравии онҳо машқи шеър кунад.

Дар натиҷа тавонист, ки дар давоми зиндагии худ ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва ўзбекӣ дуто девон тартиб диҳад. Мутаассифона, аз девони форсӣ-тоҷикии шоир айни замон мадраке дар даст надорем.

Дар бобати шахсият ва осори Заҳириддин Бобур суханҳои зиёд гуфта шудааст, ки таваҷҷӯҳи аҳли фарҳангу сиёсатро нисбати корҳои анҷомдодаи ў нишон медиҳад. Аз ҷумла Ҷавоҳирлаъл Неҳру дар китоби «Кашф кардани Ҳиндустон» меорад: «Бобур шахси диққатҷалбкунанда аст. Ў шахси ҳукмдор, мард ва соҳибкори типикии давраи Эҳё буд, санъат, адабиёт, ҳаётро дўст медошт». Худи ҳамин нуктаҳо гувоҳи он аст, ки Бобур ба зиндагӣ бо чашми ҳавас нигариста, нисбати адабиёту санъат эътибори алоҳида нишон медодааст.

Бобур соли 26 декабри соли 1530 дар Агра дар чорбоғи бинокардаи худ вафот кардааст. Баъдтар чаберааш Шоҳиҷаҳон хоки ӯро ба Кобул оварда, ба болояш мақбара месозонад. Аз мероси адабии Бобур он чи ки то ба мо омада расидааст, аз 119 ғазал, 1 шеъри маснӯъ, 209 рубоӣ, беш аз 10 туюқ ва қитъа, беш аз 50 муаммо ва зиёда аз 60 фард иборат аст. Дар таркиби девони шоир 8 маснавӣ низ дар ҳаҷми 270 байт мавҷуд аст.

Адабиётшинос Шафиқа Ёрқин аз шуъбаи дастхатҳои туркии Китобхонаи Донишгоҳи Истанбули Туркия 5 ғазал, 9 қитъа, 5 рубоӣ, беш аз 40 фард, як қатор шеърҳои маснӯъ, 1 тарҷеъбанди маснӯъ, 2 нома ба забони ӯзбекӣ, 1 ғазал, 10 рубоӣ, 4 қитъа, 12 фард ва 1 нома ба забони тоҷикӣ ва ғайраро, ки дар маҷмӯаҳои нашршуда дохил нагардидаанд, эълон кард. Бобур ба ғайр аз осори лирикӣ оид ба назарияи арӯз асари «Муфассал», оид ба ақидаҳои шаръӣ «Мубаййин»-ро навишта, рисолаи «Волидия»-и Хоҷа Аҳрорро тарҷима кардааст.

Бо мақсади осон ва сода кардани навишт, ба мезонҳои талаффуз ва забони туркӣ мутобиқ кунондани он «Хатти Бобурӣ»-ро ихтироъ кардааст. Оиди санъати мусиқӣ ва ҳарб ҳам рисолаҳо навиштааст, аммо то имрӯз аз ин асарҳо нусхае дар даст нест.

Асари машҳури ӯ «Бобурнома» мавриди эътибори ҷаҳониён қарор гирифтааст, ки дар он муаллиф дидаву шунидаҳои худ, воқеаҳои дар охири асри XV ва ибтидои асри XVI дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Афғонистон ва Ҳиндустон содиршударо ифода намудааст. Олими Венгрия Вамберри ин асарро дар қатори шарҳҳои Юлий Сезар гузошта, ба он баҳои баланд медиҳад.

## МАҲОРАТИ ШОИРИИ БОБУР

Бобур шоири лирик аст. Дар эҷодиёти ӯ қолабҳои шеърии рубоӣ, ғазал мавқеи алоҳида доранд.

Мавзӯи ашъори Бобур гуногун аст, аз ҷумла, дар рубоиҳояш ин гуногунрангии мавзӯъ баръало эҳсос мегардад. Дар мавзӯъҳои ишқ, шикоят аз замона, мусофириву ғарибӣ, дониш, одоб у ахлоқ ва ғайра қаламронӣ кардааст.

Масалан, дар бобати вафодорӣ мегӯяд:

Ҳар кас, ки вафо кунад, вафо мебинад,
Ҳар кас, ки ҷафо кунад, ҷафо мебинад.
Ҳар кас, ки накӯ, бадӣ набинад ҳаргиз,
Ҳар кас, ки бадӣ кунад, ҷазо мебинад.

Ин рубоӣ масали тоҷикиро ба хотир меорад:

Аз мукофоти амал ғофил машав,
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Дар баъзе рубоиҳо аз усулҳои суханбозӣ истифода мекунад. Масалан, дар рубоии зерин бо ихтисор ё иваз кардани як ҳарф таркиби се мисраъ дигар шудааст:

Шоҳам, ба ту маълум нашуд, ман чӣ кунам?
Оҳам ба ту маълум нашуд, ман чӣ кунам?
Ман абрӯву рӯ гӯяму ту бадру ҳилол,
Моҳам,
ба ту маълум нашуд, ман чӣ кунам?

Ё он ки ҳангоми офаридани қофия аз санъати таҷнис бомаҳорат истифода мебарад:

Қаддимни фироқ меҳнати ё қилди,
Кўнглум ғаму андуҳ ўтиға ёқилди.
Ҳолимни сабоға айтиб эрдим, эй гул,
Билмон, санга шарҳ қилмади ё қилди?

(Мазмун: Меҳнати фироқ қадди маро хам кард, дилам дар оташи ғам сӯхт, ҳоли худро ба шамол гуфта будам, эй гул, намедонам, ки ба ту шарҳ дод ё не).

Дар ғазалҳои Бобур шиддати эҳтирос ба назар мерасад ва дар онҳо мавзӯъҳое мисли ишқ, дурӣ аз ватан, умеди васл дар доираи марказӣ қарор доранд:

Шуд айёми баҳорон, фурсати аҳли ҷавон бошад,
Шароби ноб деҳ, соқӣ, ки ишратро замон бошад.

Гаҳе домони саҳро мешавад аз лолаҳо гулгун,
Гаҳе саҳни чаман аз чеҳраи гул арғувон бошад.
Зи ранги гул мунаққаш мешавад боз ин чаманзорон,
Магар наққоши олам рангро дар имтиҳон бошад?
Рухат, эй сарв, бошад лолазори гулшани ҷонам,
Қадат, эй гул, ба боғи умри ман сарви равон бошад.
Ба ҳар ҷо боши̅, эй гул, ҷони Бобур низ ҳаст он ҷо,
Ғарибатро тараҳҳум менамо, дар он чу ҷон бошад.

Аз ин ғазал баръало намоён мегардад, ки шоир ба ҳусну бо пазмони̅ пешвоз мегирад, қаҳрамони лирикии шоир шахси ҳаётдӯст ва зебоипарвар мебошад.

Бобур дар пайравиву татаббӯи Лутфиву Навои̅ ғазалҳо навиштааст, ки нисбати онҳо самимияту эҳтиром доштани шоирро собит мекунад. Аз ҷумла, дар татаббӯи Навои̅, ки бо радифи «кошки̅» навишта шудааст, меорад:

Худ намедидам ҷамоли оламоро, кошки̅,
То намегардидам андар даҳр расво, кошки̅...

Дар санъати лаффу нашр низ ғазале дорад, ки ба тариқи хеле зебо тасвир шудааст:

Хатат ва рӯю кокулат ба ҳам, эй ҷон,
Бунафша асту ёсуман, дигар районҳон.
Такаллум ар намояд забону дандон, лаб,
Яке ақиқу дигар инҷу, савум райҳон.

Гуфтан мумкин аст, ки Бобур бо эҷодиёти худ дар рушду такомули адабиёти классикии ӯзбек саҳми бузург гузошта, тавонистааст, ки аз имкониятҳои ин забон ба таври шоиста истифода барад ва забони ғаниву саршор аз вожаҳои гуногун будани онро дар амал нишон диҳад.

13 – 17-594

Зи нав дар дидаам маъво намудӣ,
Бар ин кошонаи дил ҷо намудӣ.
Нигоро, боз аз он савдои зулфат
Маро ошуфтаву шайдо намудӣ.
Диҳам ҷон аз ғамат ҳам, ғам надорӣ,
Ту худро аз чӣ бепарво намудӣ?
Бияндозӣ чу тирам то зи абрӯ,
Чу моҳи нав ту абрӯ ё намудӣ.
Равад аз дида ашк, эй баҳри сад лутф,
Сиришки дидаро дарё намудӣ.
Нашуд пазмони ҷаннат ҳеҷ Бобур,
Ба қалбаш то ки ту маъво намудӣ.

* * *

Мисли ту маро ёри ҷафодор набошад,
Чун ман ба ту як зору вафодор набошад.
Монанди парӣ бошӣ бад-ин шаклу шамоил,
Дар байни башар ҳеҷ ба миқдор набошад.
Агёр ба пеши назару ёр набинам,
Хори ғамаш андар дилу ғамхор набошад.
Эй гул, манамо зор, ки дар боғи ҷамолат
То мижжа ба ҳам барзанӣ, гулзор набошад.
Бобур, мададе бахш, ки гуфтаст чунин ёр,
Бар он ки ба дунё набувад, ёр набошад.

* * *

Зи ҳаҷри зулфи шабрангат парешон рӯзгоре ҳаст,
Дар ишқи рӯйи зебоят куҷо сабру қароре ҳаст?

Зи лаълат сина пурхун шуд,
зи чашмам хун давид охир,
Чаро афгор шуд ҳолам? Саволе интизорӣ ҳаст.

Насибам гарчи ғам бошад, зи мардум гар алам бошад,
Бувад садҳо чунин, кай ғам, ки чун ту ғамгусоре ҳаст.

Агар муслеҳам, ар муфсид, в-агар муштоқ ё обид,
Чӣ коре дорӣ, эй зоҳид, маро чун ихтиёре ҳаст?

Зи булбул нола афзун шуд, вале аз банда бепарвост,
Басе, Бобур, аз он гул дар таҳи дил хорхоре ҳаст.

* * *

Бобур, то кай даҳр маро зор кунад,
Сабрам каму дарду ранҷ бисёр кунад?
То ҳаст ҷаҳон, ҳамеша расмаш ин аст,
Аз ёр ҷудо намудаву хор кунад.

Эй боди сабо, сӯйи Хуросон бигузар,
Бар ёри парешон бибар аз банда хабар.
То чанд сафар ба майли дил месозӣ?
Бинмой зи баҳри мо бад-ин сӯй сафар.

Шуд чанд замон, ёру диёрам набувад,
Як лаҳзаву як нафас қарорам набувад.
Ин сӯй ба майли хештан омадаам,
Лек аз пайи рафтан ихтиёрам набувад.

Дай гарчи замони манқалу оташ буд,
Ин дай ба диёри Ҳинд бас дилкаш буд.
Ҳангоми нишоту бодаи беғаш буд,
Гар май набувад, ҳамин маъҷун хуш буд.

Не хеш зи ман хушдилу не бегона,
Не ғайр ризо аз ману не ҷонона.
Ҳарчанд ба некӯӣ намоям афсун,
Бо бад шудаам миёни халқ афсона.

Ин дида зи рӯйи ӯ мусаввар гардид,
Қалбам ба чунин ваҷҳ мунаввар гардид.
Сад шукр, ки дар ишқ ба мисли Бобур
Ҳар чиз, ки хостам, муяссар гардид.

Дар ишқи ту дил хароб шуд, ман чӣ кунам?
Аз ҳаҷри ту дида об шуд, ман чӣ кунам?

Дар ҷисм, ки печутоб шуд, ман чӣ кунам?
Дар ҷон басе изтироб шуд, ман чӣ кунам?

Дар ҳаҷри ту чанд нома таҳрир кунам?
Бо хомаи хеш ҳол тақрир кунам.
Бе восита бо ту ҳарф гӯям, чӣ хуш аст,
Ту дар ину ман дар он, чӣ тадбир кунам?

Аз сидқ ҳар он касе, ки ошиқ бишавад,
Бар дидани рӯйи дӯст лоиқ бишавад.
Бешак ёбад муроди худ назди мурод,
Ҳар як нафаре муриди содиқ бишавад.

Дунё ҳамагӣ ба ман муяссар гардад,
Дар кори бақо Илоҳ ёвар гардад.
Аз Ҳақ бувад ин талаб маро дар ду ҷаҳон:
Ҳар чи талабам, ҳама муяссар гардад.

Рафтору қади варо равонам садқа,
Бар як нигаҳаш ҳарду ҷаҳонам садқа.
Сарфи даҳану миён кунам, ҳар чи, ки ҳаст,
Бар чашму лабони ӯст ҷонам садқа.

Ёри ту илоҳо, ки «Таборак» бошад,
Ҳам туъмаи душманат палорак[1] бошад.
Бо хотири ҷамъ шав шаҳи мулк ҳаме,
Ин шоҳиву мулки ту муборак бошад.

Дар водии ҳиҷрони ту то шуд манзил,
Аз сурат агарчи дур шуд ин бедил.
Валлоҳ, ки, эй ёр, зи ёди рухи ту
Ҳар лаҳзаю ҳар нафас набошам ғофил.

Дил дода ба зулфи ӯ, парешон гаштам,
Чашм аз рухи ӯ гирифта, ҳайрон гаштам.
Бобур, ба ту гар рост бигӯям, дар ишқ
Ҳар кор, ки кардаам, пушаймон гаштам.

[1] *Палорак* – шамшер, теғи ҷавҳардор.

Бишнида сифоти ҳусни ту, зор шудам,
Нодида ба ишқи ту гирифтор шудам.
Мепурс маро, ки ғусса беҳолам кард,
Бингар, ки зи ҳиҷрони ту бемор шудам.

Аъдои[1] туро даҳр забардаст кунад,
Чанде ба майи нахвати худ маст кунад.
Бар чарх расонад сари ту, ғам чӣ хӯрӣ?
Охир ба мисоли ин замин паст кунад.

Омад рамазону ман шудам бодапараст,
Шуд ид, кунам зикри май ин ҷо пайваст.
Солону маҳон на рӯза дорам, на намоз,
Рӯзону шабон бо майи маъҷун шуда маст.

Не баҳри нишот шуд майи ноб маро,
Не баҳри ибодат аст меҳроб маро.
Не ҳаст барои фисқ асбоб маро,
Не дар сари зуҳд тоқату тоб маро.

То кард маро ба дуриям ёд ҳабиб,
Бинмуд дили бадардро шод ҳабиб.
Гар васл нашуд, чӣ кор созам, Бобур?
Фарёд ҳабибу оҳу фарёд ҳабиб.

Ҳар кас, ки вафо кунад, вафо мебинад,
Ҳар кас, ки ҷафо кунад, ҷафо мебинад.
Инсони накӯ рӯйи бадӣ кай бинад?
Ҳар кас, ки бад аст, ӯ ҷазо мебинад.

Шоҳам, ба ту маълум нашуд, ман чӣ кунам?
Оҳам ба ту маълум нашуд, ман чӣ кунам?
Ман абрӯву рӯ гӯяму ту бадру ҳилол,
Моҳам, ба ту маълум нашуд, ман чӣ кунам?

Бо сад ҳавас омадам ба сӯят, эй моҳ,
Лекин биравам надида рӯят, сад оҳ.

[1] *Аъдо* – ҷамъи адӯ, душманон.

Ҳамсуҳбату ҳамроҳ дар ин раҳ чӣ кунам?
Дардат шуда ҳамсуҳбату ишқат ҳамроҳ.

Эй дил, ту зи ҳар зулф парешон нашавӣ,
Бар ҷумлаи чеҳра зору ҳайрон нашавӣ.
Гӯям ба ту: Тарки ишқ бинмо, лекин
Коре бинамо баъд пушаймон нашавӣ.

Дар хонаи ғам гузар ту, эй ҷон, накунӣ,
Ин айшгаҳат кулбаи эҳзон накунӣ.
Чун зулф дили маро парешон манамо,
Чун лаъли худ ин сина пур аз хун накунӣ.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Чаро Бобурро шоҳ ва шоир мегӯянд?*
2. *Бобур дар чандсолагияш ба тахт нишастааст?*
3. *Дар бораи зиндагонии Бобур боз чиҳо медонед?*
4. *Дар «Бобурнома» ҳодисаву воқеаҳои кадом давр инъикос шудааст?*
5. *Дар бораи таркиби девони Бобур маълумот диҳед.*
6. *Чанд ғазалу рубоии Бобурро ҳифз кунед.*
7. *Рубоии «Ҳар кас, ки вафо кунад, вафо мебинад»-ро таҳлил карда биёед.*
8. *Дар ашъори шоир кадом мавзӯъҳоро мушоҳида кардед, чаро бештар дар бораи мусофирӣ сухан мегӯяд?*



# НОДИРА
## (1792 – 1842)

Дар адабиёти мумтоз дар баробари шоирони боистеъдод шоираҳое низ буданд, ки бо қалами сеҳрофарини худ барои пешбурди адабиёт хизматҳои шоиста анҷом додаанд. Дарвоқеъ, зиндагӣ аз нигоҳи зан рангу таровати дигар дорад. Шояд он чизҳоеро, ки як нафар зан эҳсос мекунад, барои мардҳо куллан бегона бошад. Чунки худи ӯ олиҳаи зебоӣ аст. Ба ҷиҳати он ки адабиёт зебоиро мепарастад, ба майдони сухан омадани занони суханвар боиси хушнудӣ аст.

Яке аз бонувони эҷодкор, ки бо байтҳои ноби худ адабиёти ду халқ – тоҷику ӯзбекро шодоб гардондааст, Нодира мебошад. Ӯ шоираи зуллисонайн аст, аз ин рӯ, ашъорашро ба ду забон эҷод намудаву дар ҳар ду забон ҳам ба комёбиҳо ноил шудааст.

Номи аслияш Моҳларойим буда, соли 1792 дар Андиҷон дида ба дунё кушод. Завҷаи Умархон аст, ки бо тақозои тақдир дар сисолагияш аз шавҳари худ абадӣ ҷудо мешавад. Бештари умри Нодира дар Қӯқанд гузаштааст. Баъди марги шавҳари худ маҷбур мешавад, ки бар зимми эҷод як муддат бо корҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ сару кор гирад.

Дар ҷавонӣ хату савод бароварда, бо мароқи баланд ашъори шоирони мумтози адабиёти форс-тоҷик ва ӯзбек Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Зебуннисо, Фузулӣ, Лутфӣ ва Алишер Навоиро мукаммал меомӯзад ва ба ин восита ба олами адабиёт, алалхусус, шеъру шоирӣ ворид мегардад.

Аз Нодира то ба мо дар ҳудуди 10000 мисраъ ашъор омада расидааст, ки онҳо аз ғазал, мухаммас, мусаддас,

мусамман, тарҷеъбанд, таркиббанд ва фироқнома иборатанд. Бинобар маълумотҳо шоираҳои баъдина ба ӯ бо эҳтиром пайравӣ мекарданд, ҳатто шоираҳое мисли Дилбар ва Анбар Нодираро дар суханварӣ устоди худ эътироф мекунанд.

Моҳларойим соли 1842 аз ҷониби хони Бухоро амир Насрулло ҳангоми истилои Қӯқанд ҳамроҳи ду писараш қатл карда мешавад. Ӯ ашъори ӯзбекияшро бо тахаллуси Нодира эҷод карда бошад, дар ашъори форсии тоҷикӣ худро Макнуна ном мебарад. Тахаллуси Комиларо низ дар ашъори ӯзбекии худ истифода кардааст.

Дарвоқеъ, пас аз хондани ашъори Нодира пеши назар шоирае боиқтидор ҷилвагар мешавад. Мавзӯи асосии ашъори Нодира ишқ аст, ишқи поку беолоиш. Ба дигар мавзӯъҳо низ аз ҳамин равзана ворид мешавад ва ҳамаи масъалаи мавҷударо ба василаи муҳаббату матонат ҳал кардан мехоҳад. Он ҷо, ки худ гуфтааст:

Чун мо нахонда Вомиқу Маҷнун зи дарси ишқ,
Хатм аст гуфтугӯйи муҳаббат ба номи мо.

## МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ АШЪОРИ НОДИРА

Шоира эҳсосоти худро бо назокату таровати занона пешкаши умум месозад. Дар шеърҳояш бештар аз дарди дил гуфтугӯ мекунад. Аммо ин дарди диле, ки ӯ дар назар дорад, ифодаи ормону орзу ва ҳасрату хоҳишҳои ҳар як нафар, ҳар як зан аст, ки дар ҷомеа мехоҳад сухани ӯ, фиғони ӯ низ фарёдрасе дошта бошад. Шеъри ӯро низ ҳамин дардҳо, ормонҳои фардӣ нишонрас кардаанд ва хонанда бо мароқ мутолиа кардан мехоҳад.

Шеъри ман, Макнуна, таъсири дигар дорад ба дил,
Нест ғайр аз дарди дил маънӣ суханҳои маро.

Нодира аз он дар эҳтирос аст, ки «соқии қисмат» барояш дарду алам ва ҳаҷру интизориро эҳдо намудааст. Аммо ӯ мехоҳад, ки дунё боре ҳам, агар имкон бошад, ба майли

мӯ дар гардиш ояд, то ба муроди дили худ – дидори ёр бирасад.

Нодира дар ғазалсароӣ маҳорати баландро соҳиб будааст, ки инро аз ғазалҳои тоҷикиву ӯзбекияш баръало фаҳмидан мумкин аст. Ифодаҳояш нишонрас, зебо ва мӯъҷаз баромадаанд. Қаҳрамони лирикии ашъори ӯ ҳамеша бо ҳаёт, бо ҳиҷрон дар мубориза буда, як нафас ҳам аз пешравӣ ва талош сокин намемонад. Ғарибӣ барои ӯ мафҳуми бегона нест, бо вуҷуди он ки дар Ватан аст, дурӣ аз ёр, дурӣ аз ҳамдилу ҳамнафас барояш ғарибистонро мемонад. Аз ин рӯ, чун зани бесарпараст аз доғи ҷудоии ёри хеш нола мекунад:

Расму оини ғарибӣ ёд гир аз офтоб,
Субҳдам танҳо баромад,
шоми ғам танҳо нишаст.

Худи ҳамин байт гувоҳ мешавад, ки ӯ ба зиндагӣ бо чашми ботин менигарад.

Ғазалеро, ки ӯ бо радифи «қалам» сурудааст, аз тасаввурот ва бардоштҳояш дар мавриди қалам дарак медиҳад, ки бо муҳаббат фикрҳояшро нисбати он рӯйи коғаз меоварад. Дар байти аввали ин ғазал ҳамдамии эҷодкор бо қалам ва натиҷаи онро ба таври возеҳ иброз мекунад, дарвоқеъ, ӯ ин ҷо ҳолати илҳоми шоирро пеши назар меоварад.

Кист фаҳмад нуктаи рамзи ҳуруфи Кофу Нун,
То нагардад ҳамчу маънӣ маҳрами рози қалам?

Шунидани байтҳое чунин дилошӯбро, он ҳам дар мавриде, ки як нафар зани мотамзада гуфтааст, аз ҳар эҷодкоре наметавон интизор дошт. Яке аз ҷасорати адабии Нодира дар он аст, ки ӯ тавонист бо ду забон эҷод карда, барои эҷодкорони минбаъда дар ин самт роҳ кушояд. Ашъори ӯзбекияш, ки асосан, дар пайравии Алишери Навоӣ суруда шудаанд, фарогири мазмунҳои иҷтимоиву ишқӣ ҳастанд ва хеле самимӣ суруда шудаанд.

Нодира аз табиат ва ҷузъиёти он баҳраҳои зиёд бардоштааст, ба ин хотир, тасвири манзараҳои табиат дар осораш

аҳамияти алоҳида доранд. Ҳатто ғазале ҳам дорад бо радифи «табиат», ки дар он ҳисси табиатдӯстии шоира баён шудааст. Аз ин ғазал пай бурдан душвор нест, ки ӯ дар замони худ «озор»-у «бор»-и табиатро ба хубӣ пайхас намуда, ба даргоҳи Худованд илтиҷо мекунад, ки аз гардиши давр ва беэътибории аҳли ҷомеа табиатро аз вазъи вайрон шудан дар паноҳи худ нигоҳ дорад ва ин пешгӯии шоира расо дар замони мо ба воқеият расидааст, ки аз вайрон шудани муҳити экологӣ ҳаёти одамон дар зери хатар мондааст:

Аз чархи ҷафопеша насозӣ ту, Илоҳӣ,
Ҳамчун гули оташкада бемори табиат.

Муносибати хайрхоҳонаи ӯро бо табиат аз дигар шеърҳояш низ мушоҳида кардан душвор нест.

Ашъори лирикии Нодира фарогири мазмунҳои ҳаётшиносӣ, инсондӯстӣ аст, ки одамонро ба дарки мафҳуми зиндагӣ, зебоӣ, ишқ, айшу роҳат, ғаму ғусса ҳидоят мекунад, то бо ҷасорат ба мақсадҳои деринаи худ ноил гарданд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки шоира дар замони худ розу ниёзи занонаро рӯйи коғаз овард, ки бо мутолиаи ашъори ӯву ҳамасронаш аз чигунагии аҳволу омоли зан-модар дар асри Нодира огоҳии басанда гирифтан мумкин аст. Зеро рӯҳияи ашъори ин ё он шоир аз гирумонҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давр шаҳодат медиҳад.

Нодира дар байтҳои зер мавзӯи тавозӯъро бо нигоҳе шоирона ва мӯшикофии занона таҳлил менамояд. Дар ин ду байт, ки оғози ғазал аст, ҳам тасвир, ҳам ташбеҳ, ҳам ифода ва ҳам мазмун бамаврид ва пурмазмун баромадааст. Албатта, ин байтҳо то имрӯз вирди забони мардум мебошанд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ одамон ба ашъори Нодира низ рӯ меоваранд:

Хоксорӣ Исми аъзам буд, бар дилҳо нишаст,
Санг чун шуд сурма, андар дидаи бино нишаст.
Мардумиро аз тавозӯъ мешавад қадраш баланд,
Дар бисоти ҳусн абрӯ аз ҳама боло нишаст.

Дар мисраъҳои дуввуми ҳар ду байт санъати ирсоли масал оварда шудааст, ки чун анъана ба тақвияти фикри аввал меояд.

Чунонки медонем, ин санъат ва ин равишҳои адабӣ хоси сабки ҳиндӣ мебошад, ки Бедил пештози он аст. Ба ашъори Нодира таъсири сабки ҳиндӣ аз он ҷост, ки ба ашъори Бедил дар қатори дигар шоирони адабиёт дилбастагии хоса дошт.

Хоксориро ба ҳадди Исми аъзам боқадр донистани шоира ташбеҳи зебоест, бар замми ин, Исми аъзам ба ҳар кас ҳам муяссар намешавад. Нодира ба ин восита мехоҳад, ки шахсро барои хоксор ва дур аз кибру манманӣ шудан даъват намояд.

Барои тақвияти фикри мазкур ба сурма табдил додани сангро мисол меорад, ки ба ақидаи ӯ инсони фурӯтан метавонад ҳам дар байни халқ, ҳам назди Кирдугор дараҷаву мартаба пайдо кунад.

Дар байти дуввум ҳамин фикр идома меёбад, аммо бо мисолҳои дигар, то тавонад мақоми фурӯтаниро дар ҷамъият мушаххастар нишон диҳад. Одамӣ агар ботавозӯъ бошад ва бо мардум аз сари лутфу карам муносибат намояд, байни ҷомеа қадраш баланд мешавад.

Тавозӯъро ба фикри ӯ аз абрӯ бояд омӯхт, ки бо вуҷуди ҳамеша дар ҳолати хам, яъне тавозӯъкорона истодан дар чеҳраи инсон аз ҳама боло ҷой гирифтааст. Чунки ҳамеша аз такаббур худро нигоҳ медорад. Ин ақида дар манбаъҳои арзишманд низ вуҷуд дорад, ки ҳар касе худро фурӯтан гирад, Худованд ӯро ба дараҷаҳои баландтар ноил мегардонад.

Бояд гуфт, суханҳои Нодира пур аз самимият, муҳаббат ва матонат буда, худи ӯ ба сифати як зани ҷабрдидаи айём, ки бо вуҷуди захмҳои паёпайи рӯзгор ба рӯҳафтодагӣ сар нафуроварда, бар зидди камбудиҳои замони хеш мубориза мебарад ва дарду доғи дили худро ба рӯйи коғаз меорад, пеши назар намоён мегардад.

## ҒАЗАЛҲО

## НАМУНА АЗ ОСОРИ ТОҶИКӢ

Хоксорӣ Исми аъзам буд, бар дилҳо нишаст,
Санг чун шуд сурма, андар дидаи бино нишаст.
Мардумиро аз тавозӯъ мешавад қадраш баланд,
Дар бисоти ҳусн абрӯ аз ҳама боло нишаст.
Аҳли табъе ҳаст, дар зиндони ғам дидам асир,
Дар қафас тӯтӣ зи гуфтори суханоро нишаст.
Соф кун оинаосо аз кудурат[1] синаро,
Аз ғубори дилсиёҳӣ лола дар саҳро нишаст.
Саркашӣ хоҳӣ, туро хоҳад намудан поймол,
Шуд ба боло оташу охир ба зери по нишаст.
Аз лаби шаккарфишони ёри ширин нуктааш
Бар димоғи ҷони ман чун нашъаи саҳбо нишаст.
Расму оини ғарибӣ ёд гир аз офтоб,
Субҳдам танҳо баромад,
шоми ғам танҳо нишаст.
Синаи Макнуна дар кунҷи ғарибӣ сӯхта,
Оби чашмаш ҳамчу гавҳар дар дили дарё нишаст.

Соф аст рухи оинакирдори табиат,
Як зарраи ғам мешавад озори табиат.
Аз санг кашад шиша ҳама дарди таваҳҳум[2],
Ҳамсуҳбати ноаҳл бувад бори табиат.
Дар лафз ниҳон гашта рухи дилбари маънӣ,
Аз бахти сиёҳ сохта девори табиат.
Дар боғ гул аз боди баҳор омада сарсабз,
Хуррам зи насиме шуда гулзори табиат.
То хат накунад ҷилва, куҷо сафҳа кунад гул?
Аз сурмаи ӯ дидаи бедори табиат.
Аз чархи ҷафопеша насозӣ ту, Илоҳӣ,
Ҳамчун гули оташзада бемори табиат.
Аз баҳри дилаш мавҷ зада гавҳари маънӣ,
Макнуна бувад маҳрами асрори табиат.

---

[1] *Кудурат* – тирагӣ; малол.
[2] *Таваҳҳум* – воҳима; ваҳм; гумон.

Кор дигар, лофи ҷуръат дигар аст,
Мардро осори ҳиммат дигар аст.
Тоҷу тахту боргоҳу қаср нест,
Шоҳро асбоби давлат дигар аст.
То кунад арзу шукӯҳи карру фар,
Подшоҳиро аломат дигар аст.
Дар миёни ҷумлаи гарданкашон
Рутбаи аҳли каромат дигар аст.
Шӯру ғавғои ҷунуни ман дигар,
Ғулғули рӯзи қиёмат дигар аст.
Нағмаи мутриб намеояд ба кор,
Лаззати оҳу надомат дигар аст.
Шуъла зад теғи забон Макнунаро,
Ҷавҳари шамшери ғайрат дигар аст.

## НАМУНА АЗ ҒАЗАЛҲОИ ЎЗБЕКӢ

Ту макун зинҳор изҳор эҳтиёҷ,
Менамояд халқро хор эҳтиёҷ.
Ҳеҷ кас дар даҳр фориғбол нест,
Ҳар киро бошад ба миқдор эҳтиёҷ.
Деҳ закоти ганҷи ҳуснатро ба ман,
Ту ғанӣ, дар банда бисёр эҳтиёҷ.
Чашми ман дорад рухатро орзу,
Чунки дорад чашм дидор эҳтиёҷ.
Мустамандам кард муҳтоҷӣ кунун,
Кард ҳоҷатмандат, эй ёр, эҳтиёҷ.
Гар бихоҳӣ обрӯ бо дӯстон,
Худ макун зинҳор изҳор эҳтиёҷ.
Ҳоҷати ошиқ раво кун доимо,
Машнав аммо арзи ағёр эҳтиёҷ.
Як тараҳҳум гар намоӣ, хуш бувад,
Кард бар ҳуснат маро зор эҳтиёҷ.
Ман висоли ёр хоҳам, Нодира,
Ин диламро кард афгор эҳтиёҷ.

## Азми майхона

Роҳати рӯҳ бувад нашъаи роҳ,
Боданӯшӣ кунед, эй аҳли салоҳ.
Ошиқонрост ба як фатвии ишқ
Мастӣ лозим ва бувад бода мубоҳ.
Ҳар қадар соф кунад дил зоҳид,
Бода нохӯрда кай ёфт салоҳ?
Шуд ҷудо аз хати рухсорат чашм,
Тира бар дида шавад шому сабоҳ.
Баҳри ташреҳи[1] рухат мебояд
Аз варақҳои замон сад алвоҳ[2].
Ёр чун шуд зи назарҳо ғойиб,
Чашми ман,
гиря бикун субҳу равоҳ.
Носеҳо, ҷумла насиҳат бигузор,
Панд кай кард ҷунунро ислоҳ?
Комила, азм ба майхона кунам,
Бикушо дар бари ман, ё Фаттоҳ!

## Кӯйи ҷонон

Таҳаммул баргузашт аз ҳад, ки афғон карданам бояд,
Ва хотирҳои мардумро парешон карданам бояд.
Гиребон чок, дил овораву сад фикр андар сар,
Ба ин ҳолат ман азми кӯйи ҷонон карданам бояд.
Ба кӯйи ишқ ҳайронӣ бувад ночории ошиқ,
Варо хокистару оина сомон карданам бояд.
Ғараз иди висоли туст дар дил, эй ҳилолабрӯ,
Ба моҳи рӯ-т ҷони хеш қурбон карданам бояд.
Дар ин шаб рехт ҳиҷрон сояи зулмат, шаби тораш
Намуда ёди ту, з-ашкам чароғон карданам бояд.
Мани муштоқро тири маломат бар сарам омад,
Ғами худ,
Нодира, аз халқ пинҳон карданам бояд.

---

[1] *Ташреҳ* – шарҳ додан.
[2] *Алвоҳ* – ҷамъи лавҳ.

## Орзу

Булбули дил ғунчаи гулзор дорад орзу,
Тӯтии ҷон лаъли шаккарбор дорад орзу.
Хун нанӯшида кӣ созад шарбати лаълат умед?
Чӣ касе худ наргиси бемор дорад орзу?
Лол ногашта, кӣ аз дидори ту гӯяд калом,
Хок ногашта чӣ кас рафтор дорад орзу?
Менабинад дар лаби кавсар ҷамоли дилрабо,
Кӣ лаби лаъли маҳи рухсор дорад орзу?
Ашк ноборида н-ояд лаъли серобат ба каф,
Хун нанӯшад кас, чӣ сон дидор дорад орзу?
Иштиёқи бода карда чеҳраҳоро заъфарон,
Соқиё, дил он майи гулнор дорад орзу.
Фохта шамшод ҷӯяд, чеҳраи гул андалеб,
Нодира инак, қаду рухсор дорад орзу.

## Ҷамоли оламоро

Рухат фаррух, ҷамолат рӯҳафзо,
Хатат Хизру лаби лаълат Масеҳо.
Маро девона созад иштиёқат,
Ба сар аз занҷири мӯйи ту савдо.
Бихондам Мусҳафи дидори покат,
Варо бисмиллаҳи абрӯст туғро.
Дами теғат ба ман вақти шаҳодат
Бувад албатта, аз шарбат гуворо.
Малоҳатнок рӯят – моҳи анвар,
Ҷамолат офтоби оламоро.
Бувад айши ҷаҳон чанде ғанимат,
Вафо кай кард бар кас мулки дунё?
На Ширин монд дар олам, на Фарҳод,
Куҷо Юсуф? Куҷо рафт он Зулайхо?
Машав, эй дил, ба ишқаш бетаҳаммул,
Миёни васлу ҳиҷрон кун мадоро.
Бароям, Нодира, қисмат ҳамин шуд,
Ки аз рӯзи азал шуд ишқ пайдо.

## Домани ёр

Эй рухат қиблаи арбоби сафо,
Бар сари кӯйи ту дил қибланамо.
Каъбаи кӯйи ту шуд такягаҳам,
Ашки чашмон шуда замзам ҳама ҷо.
Хоки пойи ту чу кухле бошад,
Дод бар дидаи торик зиё.
Тӯтиё шуд бари ман накши қадам,
Ки маро дида аз он ёфт ҷило.
То бувад умри ҳаётам боқӣ,
Надиҳам сар даме домони вафо.
Дӯстон шод ба айшанду нишот,
Гашт душман ҳадафи тири бало.
Ҳар кӣ аз рутбаи худ лоф занад,
Шуд мақоми ту дар ин ҷо аъло.
Домани ёр бирафт аз дастам,
Нодира, пираҳанам гашт қабо.

## Сад нола

Рафтӣ зи нигоҳам, эй паризод,
Аз бандаи худ намекунӣ ёд.
Аз ҳаҷр зи шиддати ҷудоӣ
Сад нолаву сад ҳазор фарёд.
Хунин ба дил аст мадди оҳам,
Он сон ки ба боғ сарви озод.
Аз наргиси ту ба мижжа, эй шӯх,
Хунрезӣ намуд пеша ҷаллод.
Кӯҳ аст зи оҳи банда ҳамвор,
Теша шуда кунд назди Фарҳод.
Фарёд, ки тундбоди ҳиҷрон
Дода ҳама айшу нӯш барбод.
Аз Нодира гашт дин мукаммал,
Иқбол рафиқу мулк обод.

## Оинаи гетинамо

Ба ман з-он сарвқад пайғом, эй боди сабо, овар,
Ғубори макдамашро баҳри чашмам тӯтиё овар.

Зи қонуни вафо савту тараннум соз кун, мутриб,
Ба ёди дӯстон дар базми муштоқон наво овар.
Бар он мулки Сабо ногаҳ гузорат афтад, эй ҳудҳуд,
Сулаймонро зи кӯйи Билқис инак, марҳабо овар.
Бигардад рӯзгорам мисли дайҷури шабон тира,
Ба ман, эй меҳри тобон, муждаи субҳи сафо овар.
Бувад тоҷи мурассаъ боиси дарди сар, эй Маҷнун,
Ту аз мӯйи парешон шонаи боли ҳумо овар.
Ду чашми қалби худ,
эй Нодира, аз ишқ равшан кун,
Зи доғи ишқ пас оинаи гетинамо овар.

## Ҳар шабе

Меравад базми касон он моҳи тобон ҳар шабе,
Сӯзад аз аҳволи ман шамъи шабистон ҳар шабе.
Халқ агар ҳар сол як курбонӣ созад моҳи ид,
Ман кунам сад ҷон барои дӯст қурбон ҳар шабе.
Менамоӣ базми ғайр аз ҳусн равшан, аз ҳасад
Шамъсо дар дил маро доғи намоён ҳар шабе.
Аз паёми субҳи рӯят хотирамро ҷамъ дор,
Мекунад чун зулфи ту ҳолам парешон ҳар шабе.
Бо мани маҳҷур агарчӣ риштаи улфат намонд,
Шукр, ки ёдат бувад дар сина меҳмон ҳар шабе.
Ту бинӯшӣ бодаву хурсанд дар базми нишот,
Мисли най ман мекунам фарёду афғон ҳар шабе.
Воқиф аз дарди дилам кай бошӣ, эй исонафас?
Дорам аз ҳаҷрат талоши мондани ҷон ҳар шабе.
Чанд муддат шуд, ки аз саҳбои лаъли ту ҷудост,
Нодира хун гиря месозад зи чашмон ҳар шабе.

## Ҷумла абас

Бевафо ҳаст ҷаҳон, суду зиён ҷумла абас,
Ки бувад айши баҳорону хазон ҷумла абас.
Нашавӣ ҳеҷ ба андешаи ӯ саргардон,
Аз ғами ҳастиву ло ваҳму гумон ҷумла абас.
Гар насозад ба шараф даргаҳи дилдор қабул,
Рӯйи ин оҳу алам шӯру фиғон ҷумла абас.

14 – 17-594

Нангарад шоҳ чу бар ҳоли халоиқ, бар ӯ
Ҳашмату салтанату рифъату шон ҷумла абас.
Шаҳ касе, ки ба раият ба тараҳҳум нигарад,
В-арна ин қоидаи амну амон ҷумла абас.
Нодира, гар набувад таъсири ин оташи ишқ,
Ҳаст бар замми алам доғи ниҳон ҷумла абас.

## Ошӯби ҳиҷрон

Соқиё, субҳи нишотам тира шуд, овар шароб,
Ҷоми май бошад ба шоми ҳаҷр мисли офтоб.
Эй маҳи тобони ман, ҳар лаҳза ёд орам туро,
Дуд аз оғӯшам равад, он сон ки бар оташ кабоб.
Бастаӣ дилро ба зулфат, гӯӣ озодаш кунӣ,
Мисли парвози паранда баста дар пояш таноб.
Кошкӣ, аз боди оҳам дар тапиш ояд нигор,
Чунки дар рухсори худ аз барги гул созад ниқоб.
Шуд бало ошӯби ҳиҷрон, баски аз ташвиши он
Ҳамчунон симоб дил афтад ба ҳоли изтироб.
Шод буд бо васли он шоҳи замон хотир маро,
Лек дар даврони айшам кард гардун инқилоб.
Чун касони бевафо ҳаргиз фаромӯшат накард,
Нодира ёди ту созад то дами явмулҳисоб[1].

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Нодира кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?*
2. *Чаро шоира дар ашъори худ бештар аз фироқ менолад?*
3. *Нодира бо кадом тахаллусҳо шеър навиштааст?*
4. *Ғазали «Соқиё, субҳи нишотам тира шуд овар шароб»-и Нодираро таҳлил кунед.*
5. *Ду ғазал аз Нодира аз ёд кунед.*
6. *Нодира асосан, ашъори киҳоро бомароқ мутолиа мекард ва дар ашъори ӯ таъсири кадом шоирон бештар эҳсос мегардад?*
7. *Комёбии Нодира дар ашъараш дар чӣ намоён мешавад?*

---

[1] *Явмулҳисоб* – рӯзи ҳисоб; рӯзи маҳшар.

## ҶЕК ЛОНДОН
## (1876–1916)



Яке аз намояндагони машҳури адабиёти Америка Ҷек Лондон мебошад. Вай 22 январи соли 1916 дар Сан-Франсиско ба дунё омадааст. Ба ҳаёти мустақилона хеле барвақт қадам монда, бисёр азобу машаққатҳо кашидааст. Баъд ба Донишгоҳи Калифорния дохил мешавад, аммо пас аз андак муддат таҳсилро тарк мекунад. Соли 1893 ӯ аввалин маротиба ба сафари баҳрии соҳилҳои Япония ба сифати матрос рафтааст. Соли 1894 дар ба Вашингтон кӯчидани бекорон ширкат варзидааст.

Нашри нахустин очерки ӯ дар яке аз рӯзномаҳои Сан-Франсиско 12 ноябри соли 1893 воқеъ гардида буд, ки оғози фаъолияти эҷодияш ба ҳисоб меравад. Дар синни 23 бештар бо адабиёт машғул гардид, нахустин ҳикояҳои «шимолӣ»-и ӯ соли 1899 нашр гардид, соли 1900 аллакай китоби нахустинаш – маҷмӯаи ҳикояҳои «Бачаи гург» ба чоп расид.

Дар асарҳои ӯ мисли «Бачаи гург»(1900), «Фарзандони сармо»(1902), «Духтари барфҳо»(1902), «Шарораи ҳаёт (1907), «Одиссеяи Шимолӣ» (1910), «Боварӣ ба инсон»(1914), «Мисли баҳрнавардони қадимӣ» (1917), «Одами захмӣ»(1900), «Дараи тиллоӣ»(1905), «Гулхан афрӯхтан» (1910), «Қисса дар бораи зимистон»(1904) мавзӯъҳои гуногун ба риштаи тасвир кашида шудаанд. Романҳои машҳури ӯ «Гурги баҳрӣ»(1904), «Мартин Иден»(1909), «Се қалб»(1920) аз серхонандатарин асарҳои дунё ба шумор меравroutand. Мавсуф дар давоми фаъолияти эҷодии 16 солаи худ

19 роман, 18 маҷмўа (152 ҳикоя), 3 песа, 8 асари дорои хусусияти тарҷумаиҳоливу публитсистӣ навишт. Ҷек Лондон кўшидааст, ки дар ҳикояҳои худ матонату иродаи инсон ва муҳаббати беолоиши ўро ба тасвир гирад ва ба он муваффақ ҳам шудааст. Ў баъди хондани романи «Фома Гордеев»-и М. Горкий таҳти таъсири ин адиби рус чанд асари худ, аз ҷумла, «Мартин Иден»-ро менависад. Ҷ. Лондон дар синни 40-солагӣ соли 1916 вафот кардааст. Дар ин умри кўтоҳ, аммо пурсамар тавонистааст, ки бар замми азобу машаққатҳои ҳаёт дар олами адабиёт чун нависандаи тавоно ва боиқтидор муаррифӣ шавад.

Дар ташаккул ва таҳаввули ҳикояи реалистӣ дар адабиёти Америка саҳми муносиб гузоштааст. Қаҳрамонони ҳикояҳои шимолии адиб бо матонату иродаи қавӣ амал карда, самимияту муҳаббати беолоиши худро дар рафти воқеаҳо нишон медиҳанд. Ҷек Лондон кўшидааст, ки шахсияти инсонро дар асарҳояш хуб арзёбӣ карда, қудрату нерўи ботинии ўро ба риштаи тасвир кашад.

Яке аз романҳои машҳури нависанда «Мартин Иден» як навъ асари автобиографӣ ба ҳисоб меравад, ки ба тарзу услуби хос навишта шудааст. Мартин Иден ва муаллифи асар бисёр монандиҳо доранд, аз ҷумла, нависанда мисли қаҳрамони асари худ аз оилаи мардуми камбизоат мебошад ва бо саъю талоши худ ба олами адабиёт ворид гардидааст. Дар симои Мартин нависанда тавонистааст, ки қисматҳои гуногуни зиндагӣ, фаъолиятҳои адабии худро баён намояд. Дар романи мазкур Мартин Руф ном духтари сарватмандро аз таҳти дил дўст медорад, тамоми ҳусну малоҳатро дар симои ў мебинад, маҳз, ба хотири ин муҳаббати худ бисёр чизҳоро меомўзад, аммо дар интиҳо пай мебарад, ки нобаробариҳои иҷтимоӣ байни қишрҳои ҷомеа фосила эҷод мекардаанд. Дарк мекунад, ки арзишҳои барои духтар муқаддас ба Мартин бегона мебошад ё баръакс. Ҳамчунин, дар асар бо чи қадар талошу кўшиши худ ба олами адабиёт ворид гардидани қаҳрамони асар нишон дода шудааст, ки дарҳақиқат, танҳо дар натиҷаи меҳнатҳои пайдарпай ва сабру матонат кас метавонад ба коре комёб шавад.

«Дар талоши ҳаёт» низ аз асарҳои хонданибоби адабиёти ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки дар он иродаи қавӣ доштани

инсон тасвир гардидааст. Дар симои қаҳрамони ҳикоя адиб кӯшидааст, ки дар муқобили ҳама гуна мушкилиҳо тобовар будани инсонро нишон диҳад. Қаҳрамони ҳикоя шахсест, ки аз ҳамроҳи худ ҷудо шуда мемонад ва ҳар ҷо, ки равад, Билл гӯён вайро ҷустуҷӯ мекунад, аммо ёфтани ӯ барояш даст намедиҳад, магар вақте ки устухонҳо ва халтачаи тангаҳои тилло доштаашро пайдо мекунад. Муаллиф дар ин ҳикоя эҳтиёткориву сарфакории инсонро дар мисоли 67 доначаи гӯгирд, ки гаштаву баргашта шуморида, дар се баста гузошта, пинҳон карда мешавад, нишон додааст. Бо вуҷуди он ки гуруснагӣ ниҳоят, аз пой афтондааст, мадори роҳравӣ надорад, меъдаву асабҳояш карахт шуда, дигар ҳатто гуруснагиро ҳис намекунанд ва медонад, ки то марг як қадам роҳ аст, боз ҳам ба душмани худ сар намефурорад, туъмаи ӯ шудан барояш нафратовар аст.

Чунонки дар асар оварда шудааст: «Акнун ӯ на аз он тарс дошт, ки аз бехӯрокӣ, аз гуруснагӣ мемурад, балки аз он метарсид, ки пеш аз ин ки охирин шарораи иштиёқманди ҳаёт дар ҳастии ӯ аз гуруснагӣ хомӯш гардад, туъмаи даррандагон хоҳад шуд». Ӯ ҳангоми набард бо гурги бемор дар худ неруи ботинӣ пайдо карда, тавонист аз болои он ғолиб ояд.

Ҷек Лондон ҳикояро бо услуби ҷолиб ва марҳила ба марҳила мушкилоти пешорӯи қаҳрамонашро баён кардааст, ки аз зӯри гуруснагӣ моҳиву паррандаҳоро хомохом мехӯрад, устухонҳои гавазнро гирифта мехояд, дарди пояш дар назди дарди шикам бетаъсир шуда монданашро ҳис мекунад.

Фақат неруҳои ботинии ӯ боис мешавад, ки дар ҳар ҳолате худро ҳифз кунад ва зинда монад. Муҳаббати ҳаёт ҳамеша дар дилаш ҷӯш мезанад, ана ҳамин эҳсоси аҷиб ӯро ба самти наҷот мебарад.

## «ДАР ТАЛОШИ ҲАЁТ»

Онҳо лангон-лангон аз канори нишеби шаҳр поин мефуромаданд ва оне ки пешопеш мерафт, якбора ба санге пешпо хӯрда калавида монд. Ҳарду хаставу монда ва аз мадор рафта буданд ва дар чеҳраи онҳо он аломати ба тақ-

дир тандиҳӣ, ки дар оқибати азият ва тангиҳои зиёде пайдо мешавад, нақш баста буд. Ҳар кадоме дар пушти худ халтаи вазнини пур аз чизҳои гуногун дошт, ки бо тасмаҳо баста шуда буд. Дар дасти ҳар яке яктогӣ милтиқ буд. Онҳо бо қоматҳои хамида ба поин сар андохта ва чашм ба замин дӯхта роҳ мерафтанд.

– Чи хуб мешуд, агар аз он тирҳое, ки дар ниҳонгоҳи худ руст карда монда будем, ақаллан ду донаашро ҳозир дар даст медоштем, – гуфт яке аз онҳо.

Ӯ бепарвоёна гап мезад ва овозаш хушки беобу ранг буд ва ҳамроҳаш, ки нав ба оби шир барин сап-сафеди дар рӯйи харсангҳо кафккунанда пой монда буд, ба сухани вай ҷавобе нагуфт.

Дуюмин низ аз паси вай ба об даромад. Онҳо пойафзорҳои худро накашиданд, об чунон хунук буд, ки пойҳояшон ва ҳатто ангуштони пойҳояшон аз хукунӣ карахт шуданд. Дар баъзе ҷоҳо об то зону мерасид, ҳардуяшон ҳам дар ҳар қадам такон мехӯрданд ва ба зӯр ба по меистоданд.

Касе, ки аз ақиб мерафт, дар рӯйи санги тахте ғеҷида, қариб буд ғалтад, лекин тамоми қувваташро ба як ҷо ғун карда ба по истод ва аз зӯрии дард сахт фарёд зад. Зоҳиран сараш гашт, ки калавиду дасти холиашро ба ҳаво бардошт, гӯё мехост бо ин ҳаракати худ такягоҳе дар ҳаво ба даст дарорад. Қомати худро рост карда, ба пеш қадам партофт, лекин боз калавид ва боз бо азобе худро аз афтидан боздошт. Он гоҳ вай боз истода, ба он касе, ки пешопеш рафта ва боре ҳам рӯ ба тарафи ӯ нагардонда буд, назар андохт.

Дақиқае дар ҷойи худ беҳаракат истод, гӯё бо худ маслиҳат мекард, дар охир фарёд зад:

– Ҳой, Билл, гӯш кун, поям баромадагӣ барин.

Аммо Билл ба роҳи худ давом карда, ҳамчунон аз байни оби шир барин сафед лангон-лангон қадам мемонд. Ӯ ягон бор ҳам ба ақиб баргашта нигоҳ накард. Дуюмӣ дур шуда истодани ӯро дида чашм аз ӯ намеканд ва ҳарчанд чеҳрааш монанди пештара чизеро ифода намекард, вале акнун чашмони ғамгинаш чашмони оҳуеро мемонд, ки маҷрӯҳ гашта буд.

Билл ба он канори дарё баромада, ҳамчунон пеш рафтан мегирифт. Дуюмин, ки ҳанӯз дар даруни об буд, аз қафои ӯ нигоҳ карда истод. Лабонаш сахт меларзиданд ва мӯйлаби дурушти зардаш ҳам боло ҷаҳидан гирифт. Лабони хушкшудаашро бо нӯги забонаш тар кард:

– Билл! – гӯён бонг зад.

Ин фарёд фарёди имдодҷӯёнаи шахсе буд, ки гирифтори фалокат шудааст, вале Билл нигоҳ накард. Рафиқаш хеле вақт чашм ба пайи Билл дӯхт, ки вай бо қадами ноҳамвор пешпо хӯрда-пешпо хӯрда лангон-лангон аз нишебӣ ба фароз баромада, ба сӯйи хатти норавшани уфуқ, ки рафта-рафта гӯё бо тали пасте мепайваст, мерафт. Ӯ то даме нигоҳ карда истод, ки Билл аз теғаи тал гузашта, аз назар ғоиб гашт.

Дар ин дам вай рӯяшро гардонда, он қисми оламро, ки ӯ пас аз рафтани Билл дар он яккаву танҳо монда буд, аз назар гузаронд.

Дар канори уфуқ офтоб хира-хира метофт ва гирди онро ғубор ва тумани ғализи вазнин пардавор печонда гирифта буд. Вай ба як пойи сиҳаташ такя карда, соаташро аз киса баровард. Соат ҳозир чор буд. Ду ҳафтаи охир ӯ ҳисоби рӯзу моҳро гум карда буд: тахминан медонист, ки ҳоло ё охири моҳи июл аст ё аввали моҳи август; лекин ҳамин қадараш ба ӯ маълум буд, ки офтоб бояд дар шимоли ғарб бошад. Ба тарафи ҷануб нигоҳ карда, аз фикраш гузаронд, ки дар куҷое, дар паси ин талҳои ҳузнангез кӯли Хирси Калон воқеъ аст; инчунин, ӯ медонист, ки ба ҳамон сӯ аз миёни биёбони хушк ва урёни Канада роҳи ҳавлангези доираи қутби шимолӣ мегузарад. Ҷӯе, ки дар он истода буд, шохае аз наҳри Коппермайн буд, ки ин наҳр низ ба тарафи шимол ҷорӣ буда, оби худро ба халиҷи Коронатсия ва аз он ҷо ба уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ мерезад. Худаш ҳеҷ вақт дар он ҷойҳо набуд, лекин боре ҳамаи инро дар харитаи ширкати халиҷи Гудзон дида буд.

Он қисми оламро, ки дар он акнун яккаву танҳо монда буд, боз як бор аз назар гузаронд. Манзара манзараи ношоде буд. Пайваста ба уфуқ талҳои пасте кашол мешуданд, ки хатти якранги мавҷмонанде ташкил медоданд. На дарахте ба назар менамуд, на буттазоре ва на ақаллан

гиёҳе, – ғайр аз биёбони беканори ҳавлангез чизи дигар ба чашми вай намехӯрд – ба дилаш ваҳм афтида, дар чашмонаш тарсу ҳарос ҳувайдо гардид.

– Билл! Билл! – такрор мекард ӯ пичирросзанон.

Вай дар миёнаи оби лойолуди ҷӯй диккак нишаст, гӯё биёбони бепоён, ки дар атрофи ӯ воқеъ буд, бо як қувваи беандоза ӯро фишор дода, бо оромии пурҳайбати худ ба дили ӯ ваҳм андохта бошад. Ӯ табу ларз гирифтагӣ барин дарақ-дарақ ларзидан гирифт ва милтиқ аз дасташ шалапасзанон ба даруни об афтид. Ин садо ӯро ба ҳуш овард. Тарсу ваҳмро аз худ дур карда ба худ омад ва хам шуда даст-дасткунон милтиқро аз даруни об пайдо кард, баъд халтаро ба тарафи китфи чапаш кашид, то ин ки бор ба пойи дарднокаш камтар расад, ниҳоят оҳиста ва боэҳтиёт ҳар дам рӯяшро аз зӯри дард чин карда, ба тарафи соҳил ҳаракат кард.

Ӯ беист рафтан гирифт. Бо як қатъияти навмедонае, ба дарди пояш аҳамият надода, бо шитоб ба болои тал баромад, ба болои ҳамон тале, ки андаке пеш Билл аз он гузашта, нопадид шуда буд; гашти худи ӯ ҳам аз гашти Билл, ки лангида-лангида базӯр ба болои тал мебаромад, ба назараш боз ҳам хунуктар ва хандаовартар намуд.

Дар он тарафи тал дарае буд ва дар он ҷо ҳеҷ кас наменамуд. Ӯро боз тарсу ваҳм пахш кард, лекин ин дафъа ҳам онро аз худ дур карда, халтаашро ба китфи чапаш наздиктар кашида, лангон-лангон поин фаромадан гирифт.

Хоки таги тарма намнок буд, қабати ғафси ушна, ки рӯйи заминро ба тамом зер карда буд, ба худ обро ҷаббида, мағз андар мағзаш тар гашта буд. Дар сари ҳар қадам об аз зери пео чарахсазанон мепарид ва ушнаи тар дар таги по билҷ-билҷ мекард.

Раванда пайи Биллро гирифта, аз миёнаи ушназор, ки дар ҳар ҷо – ҳар ҷои он сангҳо менамуданд ва ин сангҳо дар он мисли ҷазираҳое ба назар метофтанд, аз санге ба санге гузашта, аз як кӯл ба кӯли дигар нигоҳ карда рафтан гирифт.

Танҳо монда бошад ҳам, медонист, ки роҳро гум накардааст. Ӯ медонист, ки агар бо ҳамин роҳ рафтан гирад, ба кӯлчае мерасад, ки гирдогирди ин кӯлчаро дарахтони заиф

ва қадпасте фаро гирифтаанд, ки ҳама хушкида ва гӯё мурдаанд; ин ҷойро ба лаҳҷаи маҳаллӣ «Титчинничили» мегӯянд, ки «Кишвари химчаҳои хурд» гуфтан аст; ба ин кӯл ҷӯйи майдае мерезад, ки обаш шаффоф аст. Дар лаби ин ҷӯй найзоре ҳаст, – ӯ инро хуб дар хотир дорад, аммо дар он ҷо дарахт нест; ӯ ҳам лаб-лаби ҷӯй ба тарафи боло равон шуда, то худи баландие, ки оби як наҳрро аз оби як наҳри дигар аз ҳам ҷудо мекунад, мерасад. Аз он баландӣ наҳри дигаре сар мешавад, ки ба тарафи ғарб ҷорӣ аст; ӯ лаб-лаби ин наҳр рафта, то дарёи Диз расида ва дар ин ҷо дар зери завраќи чаппакардашудае, ки ба болои он як тӯда санг партофта шудааст, паногоҳи худро меёбад. Дар ин паногоҳ тирҳои милтиқ, чанд чангаку шаст ва як тӯри хурди моҳидорӣ пинҳон карда шудаанд, хулоса, ӯ дар он ҷо барои ба худ пайдо кардани хӯроквори ҳама асбоби даркориро меёбад. Ғайр аз ин, дар ҳамон ҷо боз каме орд, як бурда гӯшти қоқ ва як қадар нахӯд ҳам ҳаст.

Билл дар он ҷо ба ӯ нигоҳ карда меистад ва онҳо ҳарду ба завраќ савор шуда, аз наҳри Диз то кӯли Хирси Калон поиннокӣ равон мешаванд ва аз кӯл гузашта, ба тарафи ҷануб, ҳамеша ба тарафи ҷануб ҳаракат мекунанд, то ба наҳри Макензӣ бирасанд. Онҳо ҳамчунон ба сӯйи ҷануб, ҳама вақт ба сӯйи ҷануб рафтан мегиранд ва он гоҳ аз таҳлука халос мешаванд; зимистон ҳарчанд аз пайи онҳо афтода, ба чанголи худ даровардани шавад, ҳарчанд об дар наҳр ях баста, рӯзҳо кӯтоҳтар ва ҳаво хунуктар шудан гирад ҳам, ин зӯри зимистон беҳуда ва ин кӯшишаш бефоида мемонад. Онҳо ба ҷануб, ба ягон истгоҳи гарми халиҷи Гудзон мерасанд, ки дар он ҷо дарахтони баланди бақувват мерӯянд ва хӯроквори ҳар чи қадар хоҳӣ, ёфт мешавад.

Чунин буд фикру хаёли одаме, ки базӯр-базӯр пеш мерафт. Ҳарчанд роҳ гаштан барои ӯ мушкил буд, вале аз ин ҳам мушкилтар худро бовар кунондан ба он буд, ки Билл ӯро напартофтааст ва, албатта, дар назди паногоҳ мунтазири ӯст. Ӯ ночор бояд чунин фикр мекард, набошад, тамоми ин талош ва талвосаи вай дигар маъно надошт ва барои ӯ фақат як чора мемонд, ки афтода дар ин ҷо хобида ҷон бидиҳад. Ва ҳангоме ки қурси хираи офтоб оҳиста-оҳиста дар шимоли ғарб пинҳон мегардид, вай ҳар қадами он ро-

ҳеро, ки ба тарафи ҷануб барои даргурез шудан аз ҳуҷуми зимистони оянда ӯю Биллро дар пеш аст, чандин бор ҳисоб карда баромад. Ӯ зоҳиран дар бораи озуқае, ки дар зери заврақ пинҳон карда буданд ва дар бораи захираи хӯрокворие, ки дар анбори ширкати халиҷи Гудзон мавҷуд аст, гаштаю баргашта хаёл мекард. Ду рӯз аст, ки ӯ чизе ба даҳон нагирифтааст ва хеле вақт боз то серӣ хӯрок нахӯрдааст. Ӯ дам ба дам ба замин хам мешуд ва аз буттаҳои пасте меваҳои ёбоиро канда, ба даҳон меандохт, онҳоро хоида фурӯ мебурд. Исту бисти ҳамаи ин меваҳои ёбоӣ ҳама об буду бас. Ба даҳон, ки мегирифт, об шуда мерафту фақат тухми сахт ва талхе ба рӯйи забонаш боқӣ мемонд. Ӯ нағз медонист, ки бо ин меваҳои ёбоӣ сер шудан мумкин нест, бо вуҷуди ин, пурсаброна онҳоро мехоид, ба умеди ин ки сер бишавад, ин умед зӯртар аз дониш буд ва ба таҷриба механдид.

Соати нӯҳ буд, ки нарангушти пояш ба санге бархӯрда лат хӯрду як калавиду аз беқувватӣ ва мондагӣ афтид. Хеле вақт якпаҳлу беҳаракат мехобид; баъд дастонашро аз банди ресмонҳои халта раҳо карда, бо азоб ба рӯйи замин нишаст.

Ҳаво ҳанӯз тамоман торик нашуда буд ва ӯ дар нимторикӣ байни сангҳоро даст-дасткнуон ба чидани хасу хошоки хушк машғул шуд. Як тӯда аз он ҷамъ карда, оташ даргиронд, ки хира месӯхт ва пайваста дуд мекард, – ба болои он дегчаи пури обро гузошт.

Халтаашро кушод ва даставвал гӯгирдҳояшро шумурдан гирифт. Гӯгирд ҳамагӣ шасту ҳафт дона буд. Барои он ки ба дурустии ҳисобаш қаноат ҳосил кунад, гӯгирдҳоро се бор пайи ҳам шумурд. Онҳоро ба се қисм ҷудо карда, ҳар кадомеро ба пергамент печонд; як бандчаро ба тамокудони холиаш, дигареро ба таги астари телпаки даридааш ва сеюмашро ба зери бағалаш пинҳон намуд. Пас аз ҳамаи ин корро карда шудан, ӯро як ҳавлу ҳароси мудҳише фаро гирифт – ӯ ҳар се бандчаро кушода, аз сари нав машғули гӯгирдшуморӣ шуд. Донаҳои гӯгирд пештара барин шасту ҳафтто буд.

Ӯ пойафзори тарашро назди оташ дошта, хушк кард. Мокасинҳояш тамом тика-така шуда, ҷӯробҳои аз кампал

дӯхташудааш ҷо-ҷо сӯрох гашта, поҳояш ҳам абгору хуншор шуда буданд. Буҷулаки маибаш лӯққас зада дард мекард ва ӯ бо диққат онро аз назар гузаронид; вай чунон варам карда буд, ки кам монда буд дар ғафсӣ баробари зону шавад. Аз ду канале, ки дошт, якеашро дарронда, як парчаи дарозро аз он гирифта буҷулаки пояшро сахт баст ва боз бо якчанд порчаи дигаре пойҳояшро печонд, то ин ки ин латта бараҳнагии поҳояшро панаҳ ва то як дараҷа хизмати ҷуроб ва мокасинро адо намояд. Ин корро ба охир, ки расонд, оби ҷӯш нӯшид, соатро тоб дод ва худро ба кампал печонида хоб рафт.

Ӯ мурда барин хоб рафт. Қарибии нисфи шаб ҳаво торик шуд, лекин ин торикӣ бисёр тӯл накашид. Офтоб аз ҳамон тараф сафед шудан гирифт, худи офтоб бошад, дар зери пардаи абрҳои хокистарранг пинҳон буд.

Расо дар соати шаш аз хоб бедор шуд, ки рӯ ба боло хобидааст. Вай ба боло, ба осмони тира нигоҳ кард ва ҳис намуд, ки сахт гурусна аст. Як паҳлу гашта, ба оринҷи худ такя дод ва каме нимхез шуда, ба ногоҳ садои баланди фирқ-фирқи ҳайвонеро шунид, гавазни калонеро дид, ки бо эҳтиёт ва ҳайрат ба ӯ нигоҳ мекард. Ҳайвон ҳамагӣ панҷоҳ қадам аз ӯ дуртар истода буд... Беихтиёр даст ба милтиқи бетираш бурда, нишон гирифт ва кулангашро пахш намуд. Гавазн бошад, зуд худро ба тарафе гирифт ва сумашро ба сангҳо кӯбонда, дартоз гурехта рафт.

Одам дашноме доду милтиқро ба як сӯ партофт ва нолиш карда ба по хестанӣ шуд. Ва ин ба ӯ пас аз зӯру машаққати зиёд муяссар шуд. Ҳама буғумҳояш гӯё занг зада буданд ва ҳар бор барои хаму рост шудан қувваи иродаашро ба як ҷо ҷамъ карданаш лозим меомад. Ниҳоят, ҳангоме ки ба по хест, боз якчанд дақиқа вақт лозим шуд, то қоматашро одам барин рост гирад.

Ӯ ба болои тали хурде баромада, ба атроф як назар андохт. На дарахте буд ва на буттае – ба ҳар тарафе, ки нигоҳ мекард, ба ғайр аз дарёи тираи ушназор ва якчанд харсанг, ботлоқ ва ҷӯйчаҳо, ки онҳо низ ҳама хокиранг буда, дар ҷо-ҷойи ин ушназор воқеъ буданд, чизи дигар ба чашм наменамуд. Осмон низ тира буд. Аз офтоб низ нишоне набуд. Ӯ акнун ҳеҷ намедонист, ки тарафи шимол куҷост

ва наметавонист ба хотир биёварад, ки имшаб ба ин ҷо аз кадом тараф омадааст. Вале бо вуҷуди ин, нағз медонист, ки роҳро гум накардааст. Ӯ ба наздикӣ ба Кишвари Химчаҳои хурд хоҳад расид. Вай медонист, ки ин кишвар дар қарибиҳо, дар тарафи дасти чап, шояд дар паси он теппаи паст воқеъ бошад.

Ӯ ба ҷойи худ баргашт, ки чизҳояшро ғундорад ва борашро баста, омодаи сафар шавад. Ӯ тафтиш карда дид, ки ҳар се коғазпечи гӯгирд дар ҷойи худ аст ё не ва аз сари нав шумурдани онҳоро салоҳ надид. Вале вақте ки чашмаш ба халтачаи пурбори аз пӯсти оҳу дӯхташуда афтод, қадре ба сари он истода, ба андеша фурӯ рафт. Халтача чандон калон набуд, вале 15 қадоқ вазн дошт ва ин баробари вазни чизҳои боқимондааш буд, ин ҳол боиси андеша ва ташвиши ӯ гашта буд. Ниҳоят, ӯ халтаро гирифта, ба сӯе гузошт ва боз ба ҷобаҷо кардани чизҳояш ва бастани бораш машғул шуд. Баъд ба халтача як нигоҳ карда, бо шитоб онро аз рӯйи замин бардошт ва бо хавотир ба атроф нигоҳ кард, гӯё биёбон тиллои ӯро аз дасташ рабуданӣ бошад. Ва ҳангоме ки ба по хеста, ба роҳ даромад, ин халтача боз дар пушташ дар қатори чизҳои дигар ҷо гирифта буд.

Ӯ ба тарафи чап гашт ва ҳар гоҳ бозистода хам шуда, аз буттаҳои ботлоқӣ меваҳои ёбоиро канда, ба даҳонаш меандохт. Пояш тамом карахт шуда буд, ӯ акнун бештар мелангид, аммо дарди пойи баромадагияш назар ба дарди шикамаш ҳеҷ буд. Азоби гуруснагӣ ба дараҷае расида буд, ки тоқат карда наметавонист. Шикамаш пайваста ҷиззас карда месӯхт ва ӯ акнун намедонист ба кадом тараф равад, то ки ба Кишвари Химчаҳои хурд расад. Дарди меъда аз хӯрдани меваҳои ёбоӣ сокин намешуд, аз онҳо фақат забону комаш ба сӯзиш медаромаданду бас.

Ӯ ба пастие фаромад, ки банохост аз он ҷо, аз болои сангҳо як села кабкҳои сафед болзанон ба ҳаво баланд шуданд ва пайваста «қақра, қақра, қақра»-кунон фарёд мезаданд. Вай ба сӯйи онҳо санг парронд, вале ба ҳеҷ кадоме аз онҳо нарасид. Халтаро ба рӯйи замин гузошта, ба тарафи онҳо монанди гурбае, ки аз пайи гунҷишк поида меравад, хазидан гирифт. Шалвораш аз сангҳои нӯгтез дарида ва аз зонуҳояш хун мечакид, азоби гуруснагӣ ҷисми ӯро карахт

карда буд ва ӯ ин дардро ҳис намекард. Ӯ ҳамчунон аз рӯйи ушназори тар гавак кашида мераф, либосаш нам гирифта ва баданаш аз хунукӣ дир-дир ларзад ҳам, ҳеҷ чизро ҳис наменамуд ва сараш фақат ба фикри хӯрок банд буд. Дам ба дам кабкҳои сафед аз пешаш парида ба ҳаво баланд мешуд, ниҳоят кор ба дараҷае расид, ки фарёди «қақра-қақра»-и онҳо ба назари ӯ монанди писханд ва истеҳзо менамудагӣ шуд ва онҳоро дашном дода, овозашро баланд карда, ба садои кабкҳо тақлидкунон фарёд кардан гирифт.

Як бор ҳатто гаваккашон ба кабке дакка хӯрд, ки вай дар хоб будааст. Ӯ худи кабкро ҳанӯз надида буд, ки вай якбора аз паногоҳаш тир барин ҷаста баромад. Кабк зуд ба ҳаво баланд шуда бошад ҳам, ӯ низ бо ҳамон тезӣ вайро даст гирифт, лекин дошта натавонист ва фақат се дона пари думи он дар дасташ монду бас. Ба парида дур шудани кабк нигоҳ карда, дар дили худ нисбат ба он чунон нафрате ҳис кард, ки гӯё ба сари ӯ фалокати мудҳишеро оварда бошад. Пас аз он баргашта, халтаро ба китфаш гирифта, ба роҳ даромад.

Қариби пешин ӯ ба дарае расид, ки чаранда ва паррандагон дар он ҷо бештар ба чашм вомехӯранд. Боре як гала гавазнҳо, бештар аз 20 сар аз паҳлуи ӯ чунон наздик гузашта рафтанд, ки гӯё тир надоштани милтиқашро донista, ӯро масхара мекараданд. Дар дилаш хоҳиши ваҳшиёнае пайдо шуд, ки пайи онҳо давад ва дар айни ҳол боварӣ дошт, ки метавонад ба онҳо расида, яке аз онҳоро ба даст дарорад. Рӯбоҳе низ аз пеши роҳи ӯ баромад, ки кабке дар дандон дошт. Ин фарёди даҳшатангезе буд. Лекин рӯбоҳ рамида ба тарафе гурехта бошад ҳам, паррандаро аз дандонаш сар надод.

Бегоҳӣ аз лаби ҷӯйчае мерафт, ки дар ҳарду тарафаш қамиши сарак рӯида буд ва обаш аз оҳак ғуборолуду шир барин сафед буд. Маҳкам аз танаи қамиш дошта, чизеро аз таги замин канда баровард, ки ба пиёзи баррае монанд буда, танаш ба мехи хурд шабоҳат дошт. Вай бисёр мулоим буд ва дар зери дандон дилфиребона шақар-шуқур садо медод. Вале маълум шуд, ки торҳои он бисёр сахт буда, худаш ҳам мисли меваҳои ёбоӣ сероб аст ва шикам аз он сер намешуд. Халтаро як сӯ партофт ва хазида-хазида ба даруни

қамиш даромад ва монанди ҳайвони алафхӯре, ки кавша карда истода бошад, хоидан ва лунҷ задан гирифт.

Ӯ бисёр хаста ва монда шуда буд ва дилаш мехост, ба рӯйи замин дароз кашида бихобад, вале орзуи ба Кишвари Химчаҳои хурд расидан ва аз ин ҳам зиёдтар, гуруснагӣ ба ӯ қарор у ором намедод. Ба даруни кӯлчаҳо даст андохта, қурбоққае меҷуст ва бо нохунҳояш заминро ханҷол карда мекофт, ки шояд кирме биёбад, ҳарчанд медонист, ки дар ин ҷойҳои дурдасти шимолӣ на кирм ҳаст ва на қурбоққа.

Ба ҳар кӯлмаке, ки аз пешаш мебаромад, даст андохта, ҷустуҷӯ мекард, вале кӯшишҳояш ҳама бенатиҷа мебаромаданд ва оқибат дар гашти рӯз дар яке аз чунин кӯлмакҳо моҳичае ба чашмаш афтод. Дасти росташро то сари китфаш ба об ғӯтонд, лекин моҳича аз дасташ ғеҷида бадар рафт. Он гоҳ ӯ онро бо ду дасташ доштанӣ шуда, обро лой кард. Дар доштани моҳича саргарм шуда, нохост пояш ғеҷида, ба даруни об рафт ва то миёнаш тар шуд. Об чунон лойолуд гашта буд, ки моҳӣ наменамуд ва маҷбур шуд то таҳшин шудани лой сабр кунад.

Ӯ боз ба кофтуков сар кард ва то он даме машғули ҳамин кор буд, ки об боз гилолуд шуд. Ӯ дигар ба сабр кардан на фурсат дошт, на тоқат. Ӯ сатилчаи тунукагиашро аз халта яла карда, ба бароварда партофтани об сар кард. Дар аввал ӯ ин корро чунон бо хашму ғазаб мекард, ки об ба худаш чаракхса карда, сар то пояш тар шуд ва обро ҳам ӯ наздики лаби кӯлмак мерехт, ки боз ба дарунаш гашта мерафт. Баъд худашро ба даст гирифта, саъй кард, ки оромона ва боэҳтиёттар кор кунад, дар ҳолате ки дилаш ҳанӯз сахт тапида ва дастонаш меларзид. Пас аз ним соат дар кӯлмак қариб ҳеҷ об намонд. Аммо моҳӣ ҳам ғоиб шуда буд. Ӯ дар миёни сангҳо сӯрохчае дид, ки маълум мешавад моҳӣ аз он ба кӯлмаки калонтаре гузаштааст; ин кӯлмаки дуюм чунон бузург буд, ки оби онро дар як рӯз ҳам хушк карда намешуд. Агар ин сӯрохчаро пештар медид, даставвал пеши онро бо санге мегирифт ва он гоҳ моҳӣ ба даст медаромад.

Бо як ноумедӣ ба рӯйи замини тар нишаста, гиря кард. Аввал оҳиста ва баъд бо овози баланд ҳунгос зада, ба гиристан даромад, гӯё бо садои гиряи худ биёбони бераҳмро, ки

аз чор тараф ӯро печонида гирифтааст, бедор мекард. Аъзои баданаш боз хеле вақт аз шиддати гиряи гулӯгири беовоз аз ларзиш намонд.

Ӯ хасу хошок ҷамъ карда, оташ гиронд, дар пеши он нишаста гарм шуд ва оби ҷӯши бисёре нӯшида, монанди шаби гузашта ба болои харсанге баромада, ҷойи хоб дуруст кард. Пеш аз хоб гӯгирдҳоро бароварда, тафтиш кард, ки мабодо нам нагирифта бошанд ва соаташро тоб дод. Кампалҳо ҳам намнок ва сард буданд. Пояш аз дард гӯё ки ба болои оташ монда бошад, ҷиззас зада месӯхт. Лекин ӯ фақат гуруснагиро ҳис мекард ва дар хоби нороҳаташ гоҳ ид ва базм ва гоҳе дастархонҳои пур аз неъматро медид.

Аз хоб бедор шуд, ки аз хунукӣ баданаш сахт меларзад ва ҳис кард, ки нотоб аст. Офтоб наменамуд. Замину осмон боз ҳам тиратар шуда буданд. Боди сахте мевазид ва барфи аввалин болои теппаҳоро сафед карда буд. Ӯ машғули даргирондани оташ ва ҷӯшондани об буд, ки ҳаво боз ҳам тиратар гашт. Барфи калон-калони тар боридан гирифт. Дар аввал зарраҳои барф ҳамин ки ба замин мерасиданд, дарҳол об мешуданд, вале барф торафт бештар борида, рӯйи заминро мепӯшонд ва ниҳоят, ҳамаи захираи хасу хошоки ҷамъкардааш нам гирифт ва оташи гулхан хомӯш шуд.

Ин барои ӯ чунин маъно дошт, ки халтаашро боз ба пушташ бандад ва боз ба роҳ даромада, лангон-лангон пеш равад, дар ҳолате ки куҷо рафтанашро худаш ҳам намедонист. Акнун ӯ на дар бораи Кишвари химчаҳои хурд фикр мекард, на дар бораи Билл, на дар бораи захираи худ, ки дар канори наҳри Диз дар зери завраҷи чаппа пинҳон карда буданд. Ҳастии ӯро фақат як чиз фаро гирифта буд, ки он ҳам хоҳиши чизе хӯрдан буд. Вай аз гуруснагӣ гӯё аз ақл бегона шуда буд. Вай дигар ба роҳ рафтани худ аҳамият намедод, акнун барои ӯ ба кадом тараф ва бо кадом роҳ рафтан фарқе надошт, фақат роҳаш ҳамвор бошад, мешуд. Вай аз рӯйи барфи намнок роҳ гашта, хам шуда аз таги барф меваҳои ёбоии обакиро меёфт ва танаҳои қамишро аз бехашон канда мегирифт. Лекин ҳамаи ин чизҳои бемаза ӯро сер намекард. Боре ӯ гиёҳи туршакеро ёфт ва ҳар чи аз он гиёҳ ёфта буд, хӯрд, вале он хеле кам буд, зеро ин гиёҳ

рӯ-рӯйи замин мерӯид ва аз таги барф ёфтан кори осон набуд.

Он шаб ӯ на гулхан дошт ва на оби грам. Бо бадани ларзон ва шиками холӣ ба таги кампал даромад ва ба хоби нороҳат рафт. Барф акнун ба борони сард мубаддал шуда буд. Ӯ дам ба дам аз хоб бедор шуда, аз оби борон тар шудани рӯйи кушодаашро ҳис мекард. Рӯз шуд, рӯзи тираю беофтоб. Борон монда буд. Ҳисси дардноки гуруснагӣ ҳам андаке паст шуда буд. Вай дар меъдааш фақат як дарди нимирғинҷеро ҳис мекард, вале ин дард чандон безобита наменамуд. Акнун майнааш аз банди гуруснагӣ озод шуда, дар бораи Кишвари химчаҳои хурд ва захираи назди наҳри Диз фикр кардан гирифт.

Вай боқимондаи яке аз кампалҳояшро пора-пора карда, поҳои хуншорашро бо он баста гирифт, баъд латтаи буҷулаки маиб ва варамкардаашро дигар намуда, ба рӯзи нави сафар ҳозир шуд. Назди халта омада, хеле вақт ба халтачаи пӯсти оҳугии пуропур нигоҳ карда истод, вале оқибат онро ҳам бо худ гирифт.

Борон барфро об карда буд ва фақат сари теппаҳо аз барф сафед менамуд. Офтоб намудор гашт ва ба ӯ муяссар шуд аз рӯйи он тарафҳои оламро муайян кунад; вай акнун яқин медонист, ки роҳро гум кардааст. Эҳтимол дорад, ки дар оворагардиҳои рӯзҳои гузашта ӯ бероҳа шудааст. Ҳоло тарафи ростро пеш гирифт, то ки ба роҳи дуруст барояд.

Азоби гуруснагӣ акнун на он қадар сахт буд, вале ӯ ҳис мекард, ки бисёр заиф ва бемадор шудааст. Вай ҳар дам маҷбур мешуд, ки аз роҳ бозистода дам гирад ва фурсатро ғанимат дониста, аз замин меваҳои ёбоӣ ва бехи қамишро канад. Забонаш хушк шуда, варам карда буд ва дар даҳонаш ҳам як навъ талхӣ ҳис карда мешуд. Вале бештар аз ҳама ӯро дилаш нороҳат менамуд. Дар сари ҳар чанд қадам дилаш сахт ба тапидан медаромад ва дам боло ҷаста, дам таҳ мерафт ва боз зуд-зуд задан мегирифт, ба ҳадде ки нафасаш танг мешуд ва сараш чарх мезад ва кам монда буд аз ҳуш биравад.

Дар нисфи рӯз дар кӯлмаки калоне дуто моҳичаи хурдеро дид. Об ин кӯлмакро берун рехта, хушк кардан ҳеҷ им-

кон надошт, вале ҳоло ӯ ором ва осуда шуда буд ва ба воситаи сатилчааш моҳичаҳоро дошта тавонист. Онҳо аз ангушти майдаи инсон калонтар набуданд, лекин акнун дилаш он қадар хӯрдан намехост. Дарди меъдааш торафт камтар мешуд, меъдааш гӯё пинак рафта буд. Ӯ моҳичаҳоро хомохом ба даҳон андохта, лунҷ зада, дурустакак хоида хӯрд ва ин кораш танҳо ба тақозои идрокаш буд. Дилаш чизе наметалабид, лекин вай медонист, ки барои зинда мондан бояд бихӯрад.

Бегоҳӣ боз се дона аз ин моҳичаҳоро дошта, дутоашро хӯрда ва сеюмашро барои ноштои рӯзи дигар нигоҳ дошт. Офтоб ҷо-ҷо ушнаҳоро хушк карда буд, вай оташ гиронда, об ҷӯшонд ва нӯшида гарм шуд. Он рӯз ӯ аз даҳ мил зиёдтар роҳ нагашт, вале рӯзи дигар, ки дилаш зуд-зуд ба тапидан даромада, намегузошт, бисёр роҳ гардад, ҳамагӣ панҷ мил пеш рафт. Аммо дарди меъда дигар ӯро безобита намекард ва меъдааш гӯё хоб карда буд. Ҷое, ки ҳоло аз он мегузашт, ба ӯ ношинос буд, гавазнҳо дар роҳ ба ӯ бештар вомехӯрданд, гоҳ-гоҳ гургон ҳам мегузаштанд. Баъзан аз дили биёбон, аз дуродур нолаи онҳо ба гӯшаш мерасид ва як бор се гургро дид, ки аз қарибии ӯ тозон гузашта рафтанд.

Боз як шаб гузашт, пагоҳӣ охир ба худ омада, ресмони сари халтачаи чарминро кушод ва чаппа кард. Аз даруни халтача зархока ва донаҳои калон-калони тиллоро ба рӯйи замин рехтан гирифт. Вай тиллоро ба ду ҳиссаи баробар тақсим карда, як ҳиссаашро ба латтапораи аз кампал канда гирифтааш печонда, ба даруни сӯрохи харсанге, ки аз ҷойи дур намоён мешуд, пинҳон кард ва ҳиссаи дигарашро боз ба даруни халтача андохт. Пас аз он кампали охиринашро пора-пора карда, поҳояшро бо он пораҳо печонида гирифт. Лекин милтиқашро напартофт, зеро дар лаби дарёи Диз, дар ниҳонгоҳ тирҳои милтиқ мавҷуд буд.

Рӯзе сертуман буд. Дар ҳамин рӯз гуруснагӣ боз ҳам ғалаба кард. Вай бисёр заиф ва беҳол буда, сараш чунон чарх мезад, ки чашмаш сиёҳ рафта, баъзан ҳеҷи чизро дида наметавонист. Ӯ акнун зуд-зуд пешпо хӯрда меғалтид, як бор ҳатто рост ба болои лонаи кабк афтид. Дар он ҷо чор чӯҷаи хурдакаки нав аз тухм баромадае нишаста буданд;

онҳо чунон хурд буданд, ки ҳар кадоме як луқма мешуданд. Ӯ бо ҳирси тамом онҳоро зинда ба зинда, яке аз паси дигаре ба даҳони худ тиққондан гирифт; онҳо дар зери дандонҳояш мисли пӯсти тухм қатар-қатар мекарданд. Аз куҷое кабки мода – модари чӯҷаҳо расида омада, бонгзанон дар болои сари ӯ парвоз кардан гирифт. Вай хост, ки бо сумби милтиқ онро зада маиб кунад, лекин парранда ба як сӯ ҷаста, аз зарба халос хӯрд. Он гоҳ ӯ ба тарафи кабк санг паррондан гирифт ва тасодуфан як боли онро шикаст. Кабк аз ӯ дур шуд ва бо боли шикастааш заминрӯбон ба тохтан даромад, лекин одам ҳам аз вай ақиб намемонд.

Чор чӯҷае, ки хӯрда буд, ӯро сер накарда, балки ба иштиҳо меовард. Вай ба тарзи бесулуқай хез зада – хез зада ва ба пойи дарднокаш лангон-лангон давида, ба вай санг мепарронд ва гоҳ бо овози хиррӣ бонг мезад ва гоҳ хомӯшона дар таъқиби худ давом мекард ва ҳар боре, ки пешпо хӯрда меафтид, ба азоб ба по мехест ва барои рафъи саргардӣ ва дилбеҳузурӣ бо дасташ чашмонашро мемолид.

Баъд аз муддате даводавӣ аз пайи кабк ӯ худро дар даруни пастии ботлоқзоре дид ва дар он ҷо дар рӯйи ушнаи тар чашмаш ба нақши пойи одам афтод. Ӯ дарк кард, ки ин нақши пойи худаш нест. Эҳтимол ин нақши пойи Билл бошад. Аммо ӯ бозистода наметавонист, чунки кабки сафед гурехта, торафт аз ӯ дур мешуд. Ба худ қарор дод, ки аввал кабкро дорад ва пас аз он баргашта, бо диққат ин нақши пойро аз назар гузаронад.

Ӯ кабкро ба ҷон расонда, худаш ҳам хаста ва аз ҳол рафта буд. Парранда ба як паҳлу хобида, сахт-сахт нафас мегирифт, худи ӯ ҳам ҳаш-ҳашзанон даҳ қадам аз вай дуртар ба паҳлу ёзида буд ва қудрат надошт, хазида пештар омада, вайро даст гирад. Вақте ки дам гирифта ба ҳол омад, парранда ҳам ҷон гирифта буд ва дар он лаҳзае, ки ӯ мехост даст дароз карда, онро қапида гирад, аз дасти ӯ бадар рафт. Таъқиб боз сар шуд. Вале ҳаво торик шуда монд ва парранда ғайб зад. Ӯ аз камоли хастагӣ пешпо хӯрда, халта дар пушт рӯнокӣ афтид ва рӯяш ба санг бархӯрда, хун ҷорӣ шуд. Муддате аз ҷояш наҷунбид, баъд паҳлу гашта соатро тоб дод ва дар ҳамин ҳолат то пагоҳӣ хоб рафт.

Ҳаво боз мисли дирӯза туман буд. Нисфи кампали охиринаш барои бастани пойҳояш сарф шуд. Ӯ нақши пойи Биллро пайдо карда натавонист, вале ин акнун барои ӯ аҳамияте надошт. Гуруснагӣ якзайл ӯро пеш меронд. Шояд Билл ҳам роҳро гум карда бошад? То нисфи рӯз ӯ тамом аз мадор рафта, бораш беандоза ба ӯ вазнин намуд. Ӯ боз тиллоро ду тақсим карда, ин дафъа нисфашро ба рӯйи замин рехт. Қарибии бегоҳӣ боқимондаи тиллоро партофта, ба худ фақат нисфи кампал, сатилчаи тунука ва милтиқро нигоҳ дошт.

Ӯро як фикр пайваста азоб додан гирифт. Аз чӣ сабаб бошад, вай боварӣ дошт, ки боз як тир дорад; ин тир дар тирхонаи милтиқ буда ва ӯ онро надидааст. Ва ҳол он ки худаш нағз медонист, ки тирдони милтиқ холӣ нест. Аммо ин фикр ҳеҷ аз сари ӯ дур намешуд. Чанд соат бо он дар талош шуда, охир маҷбур шуд ба тирхонаи милтиқ нигоҳ кунад ва қаноат ҳосил намояд, ки милтиқ ҳақиқатан тир надорад. Ин дақиқаи ноумедӣ чунон ба ӯ сахт расид, ки гӯё дар ҳақиқат ҳам аз он ёфтани тиреро чашмдор шуда бошад.

Вай тахминан ним соат роҳ гашта буд, ки боз ҳамон фикри шилқин ба сараш омада, ӯро нороҳат кардан гирифт. Ҳарчанд зӯр зад, ин хаёлро аз сараш дур кунад, фоидае набахшид, вай боз баргашт ва барои ин ки мушкили худро осон кунад, боз як бори дигар милтиқро кушода аз назар гузаронид. Гоҳо ақлаш тира шуда, ҳушаш парешон мегашт ва ӯ беихтиёр ба роҳи худ давом мекард; аз куҷоҳо тасаввурот ва хаёлоти аҷибу ғарибе пайдо шуда, мағзи сари вайро мисли кирм мекофтанд. Вале ӯ зуд ба ҳуш меомад, – неши сӯзишноки гуруснагӣ доим вайро ба олами воқеӣ бармегардонд. Боре аз чунин ҳол ӯ манзарае ба худ овард, ки аз даҳшати он қариб беҳуш шуда афтода буд. Вай як такон хӯрда, монанди масте ба ҳар тараф калавида монд ва зӯр зада худро аз афтодан нигоҳ доштанӣ мешуд Дар пеши ӯ асп истода буд. Асп! Ӯ ба чашми худ бовар намекард, пеши чашмашро тумани ғафсе panаҳ карда буд, ки дар он ду нуқтаи дурахшоне намудор мешуду тамом. Ӯ бо саросемагии хашмолуде чашмонашро молидан гирифт ва ҳангоме ки чашмаш боз қувваи биноӣ пайдо кард, на асп, балки

хирси калонеро дид, ки бо як кунҷковии душманона ба ӯ нигоҳ мекард.

Ӯ ҳамон лаҳза милтиқро ба даст гирифт, вале дарҳол ба хотираш расид, ки милтиқаш тир надорад. Онро поин кард ва аз даруни ғилофе, ки бо гарди хазина гулдӯзӣ карда шуда буд, корди шикориро баровард. Зеро дар пеши назари ӯ хӯрокӣ истода буд, хӯрокие, ки метавонист ҷони ӯро аз марг наҷот диҳад. Ӯ нарангушташро ба дами корд бурда, тезии вайро озмуданӣ шуд: дамаш бисёр тез ва бурро буд. Нӯги корд ҳам дар тезӣ аз дамаш монданӣ надошт. Ҳозир ба хирс дарафтида онро мекушам гуфта, ба худ қарор дод. Аммо дилаш нохост гуп-гуп ба задан даромада, гӯё аз хатар огоҳ мекард: аввал чанд бор сахт туқ-туққунон заду баъд якбора боло ҷаҳида, аз хонааш баромаданӣ шуда, боз тез-тез тапидан гирифт: пешониашро гӯё чамбараи оҳанине пахш кард ва чашмонаш сиёҳ зад.

Далерии навмедонаро мавҷи тарсу бим шуста бурд. Худ ба худ фикр мекард, ки агар хирс аввал ба ӯ ҳамла кунад, ҳоли ӯ чӣ мешавад? Бо ин ҳама, ӯ қоматашро то мумкин аст, рост гирифта, дастаи кордро маҳкам қапида ва чашм ба хирс дӯхта истод. Хирс як қадам пеш омада, ду пойи пешашро ба ҳаво бардошт ва ба таври мудҳиш ғурրише кард. Агар одам дар ин дам мегурехт, хирс аз пайи ӯ давида, ба ӯ дармеафтод. Вале одам аз тарс далер шуда, аз ҷояш наҷунбид; ӯ ҳам монанди ҳайвони даррандае бо хашму ғазаб ғуррид ва бо ин ғурриши худ тарсу ҳароси худро ифода кард, он тарсу ҳаросеро, ки бо ҳаёт сахт пайвастааст ва бо чуқуртарин решаҳои зиндагӣ ба ҳам печидааст.

Хирс таҳдидомезона як ғурриду аз ин махлуқи асрорангезе, ки ба ду по рост истода буд ва аз вай наметарсид, рамида ақиб рафтан гирифт. Аммо одам ҳаракате накард. Ӯ то дур шудани хатар ба замин мехкӯб шудагӣ барин аз ҷояш наҷунбида истод, лекин баъд мисли ин ки ӯро табу ларз гирифта бошад, дарақ-дарақ ларзида, ба рӯйи ушнаи тар парӯ афтод.

Дере нагузашта ба қувват омада, боз пеш рафтан гирифт, дар ҳолате, ки тарсу ваҳми нав ба дилаш ҷо гирифта буд. Акнун ӯ на аз он тарс дошт, ки аз бехӯрокӣ, аз гурус-

нагӣ мемурад, балки аз он метарсид, ки пеш аз ин ки охирин шарораи иштиёқманди ҳаёт дар ҳастии ӯ аз гуруснагӣ хомӯш гардад, туъмаи даррандагон хоҳад шуд. Дар атроф гургон мегаштанд. Аз ҳар тарафи ин биёбон нолаи гургон ба гӯш мерасид ва аз худи ҳавои атроф ҳам бӯйи таҳдид ва хатар меомад, ба ҳадде, ки ӯ беихтиёр даст ба пеш дароз карда, гӯё мехост бо ин ҳаракат хатари номаълумеро аз худ дур кунад.

Гоҳ-гоҳ гургон ду-ду, се-се аз пеши роҳи ӯ баромада гузашта мерафтанд. Аммо онҳо наздик намеомаданд. Гургон чандон зиёд набуданд ва ғайр аз ин ҳам онҳо ба шикори гавазнҳо одат карда буданд, ки одатан ба гургон ҳеҷ муқобилат намекарданд, лекин ин махлуқи аҷибе, ки бо ду пойи ақибаш роҳ меравад, эҳтимол дар вақти афтударафт ба онҳо муқобилат карда, онҳоро газад ва ханҷол кунад.

Гашти рӯз ӯ ба ҷое расид, ки як тӯда устухон ба ҳар тараф паҳну пароканда хобида буд. Маълум мешавад, гургон сайди худро дар ҳамин ҷо ба чанголи худ даровардa, нӯши ҷон кардаанд. Як соат пеш ин гавазни зиндае буда, чобукона ҷастухез мекард ва хушҳолона маос мезад. Одам ба ин устухонҳо нигоҳ мекард, ки тамом хоида шуда, суфта ва гулобиранг буданд, аз он ҷиҳат гулобиранг буданд, ки оташи ҳастӣ дар ҳуҷайраҳои онҳо ҳанӯз хомӯш нагашта буд. Наход ки аз худи ӯ ҳам пеш аз он ки ҳамин рӯз ба охир расад, фақат як тӯда устухон боқӣ монаду бас? Чунин аст зиндагӣ, зиндагии фонӣ ва гузарон. Фақат зиндагӣ ба кас дарду ранҷ меорад. Дар марг азоб ва уқубате нест. Мурдан мисли он аст, ки кас ба хоб равад. Марг, яъне ба охир расидани зиндагӣ, осудагӣ аст. Агар ин тавр бошад, пас чаро ӯ мурдан намехоҳад?

Вале ӯ ба чунин фикру андешаҳо бисёр ғарқ нашуд. Дере нагузашта дар рӯйи ушна ба зону нишаста, устухонеро ба таги дандонҳояш зер кард ва бо ҳавсалаи тамом онро хондан гирифт, гӯё мехост аз он боқимондаи ширaи ҳаётро, ки гулгунии ранги устухон аз он буд, макида гирад. Бӯю мазаи ширин ва нозуки гӯшт, ки ба зӯр ҳис карда мешуд, қариб буд ӯро аз ақл бегона кунад. Ӯ дандонҳояшро маҳкамтар зер карда, ба хоидани устухон сар кард. Гоҳе устухон мешикаст ва гоҳе дандонаш. Баъд ӯ санге пайдо карда,

устухонҳоро бо он кӯфта, майда карда фурӯ бурдан гирифт. Аз саросемагӣ чанд бор санг на бар устухон, балки ба ангуштонаш расид, бо вуҷуди он ки шитоб мекард, фурсат ёфта тааҷҷуб мекард, ки барои чӣ дарди зарби сангро ҳис намекунад.

Рӯзҳои мудҳиши барфу боронгарӣ фаро расиданд. Ӯ акнун намедонист, чӣ вақт барои хоб қарор мегирифт ва чӣ вақт ба роҳ медаромад. Шабу рӯз нагуфта, вақту новақт нагуфта роҳ мерафт, дар ҳар ҷое, ки афтида монад, дар ҳамон ҷо қарор гирифта, истироҳат менамуд ва ҳар боре, ки оташи хомӯшшавандаи ҳаёт дар ӯ андаке боло гирифта ва қадре равшантар сӯзад, бо зӯру машаққат ҳам бошад, пеш мерафт. Ӯ дигар мисли одамон муборизa намебурд. Фақат худи ҳаёт буд, ки нобуд шудан намехост ва пайваста ӯро ба пеш тела медод. Ӯ дигар азоб намекашид; асабҳояш акнун кунд, карахт ва беҳис шуда буданд, майна ва идрокаш бошад, ба манзараҳои аҷибу ғариб ва хобҳои ҳайратфазо ғарқ буд.

Ӯ дам нагирифта, устухонҳои гавазнбарраро, ки якто намонда аз рӯйи замин ғундошта, гард-гард карда, бо худ гирифта буд, мемакиду мехоид. Ӯ дигар ба талҳо набаромада ва аз шоҳҷӯйҳо нагузашта, балки беихтиёр аз лаб-лаби наҳри васее, ки аз дараи фарохе ҷорӣ буд, ҳаракат менамуд. Дар пеши чашмонаш фақат манзараҳои хаёлӣ ҷилвагар буданду бас. Ҷон ва ҷисми ӯ ҳамроҳ ва дар як ҷилд бошанд ҳам, ҷудо-ҷудо равон буданд – риштае, ки ин ҳардуро мепайваст, то ҳамин андоза нозук шуда буд.

Боре пагоҳӣ ба ҳуш омада, худро дар рӯйи харсанге рӯ ба боло хобида дид. Офтоби тобон нурпошӣ мекард. Аз дур садои маоси гавазнбаррагон ба гӯш мерасид. Борон, барф ва шамол хира-хира дар хотираш монда бошад ҳам, лекин нағз намедонист, ки ин шӯриши ҳаво чӣ қадар вақт давом кардааст – ду рӯз ё ду ҳафта.

Хеле вақт наҷунбида дароз кашид ва офтоби босаховат нури худро ба ӯ рехта, бадани оҷизи ӯро гарм менамуд. «Чӣ рӯзи хубест!» гуфта аз дилаш гузаронид. Эҳтимол акнун аз рӯйи офтоб тарафҳои оламро муайян кардан ба ӯ муяссар гардад. Бо зӯру азоби зиёд ба паҳлуи дигар гашт. Дар поён наҳри васее ба оҳистагӣ равон буд. Ин наҳр ба ӯ

ношинос буд ва ин ӯро ба тааҷҷуб андохт. Ӯ оҳиста-оҳиста ба рафти ҷараёни оби он нигоҳ кардан гирифт ва дид, ки вай аз миёни талҳои урён ва андуҳоваре, ки аз ҳамаи талҳои то ҳол дидааш боз ҳам ғамангезтар ва пасттар менамуданд, печутоб хӯрда мегузарад. Вай саросема нашуда, бепарвоёна, бе ҳеҷ ҳаяҷон ва ҳавасе рафти оби наҳри ношиносро то худи уфуқ таъқиб намуда якбора дид, ки вай рафта ба баҳри сафеди дурахшоне дохил мешавад. Ҳамин ҳам ӯро ба ҳаяҷон наовард. «Аҷабо, ин чӣ бошад, – гуфта аз фикраш гузаронд, – ин ё сароб аст ё манзараи хаёлӣ – самараи ақли парешон аст!» Ҳангоме ки дар миёни баҳри дурахшон киштии лангар партофтаро дид, дар ҳамин гумони худ боз бештар устувор шуд. Як дақиқа чашмонашро пӯшида, боз кушод. Аҷиб аст, ки сароб ғоиб намешавад! Зотан ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб нест. Ӯ медонист, ки дар дили ин биёбони урёни беҷон на баҳре ҳаст ва на киштӣ, чунонки дар милтиқи холиаш тире нест.

Ногоҳ дар қафои худ як навъ садои фиш-фише ба гӯшаш расид, ки ба оҳу воҳ ё сулфа монанд буд. Бо оҳистагии тамом дар ҳолате, ки дар ҳастии худ як лакотии аз андоза берун ва дар ҳама аъзои баданаш карахтӣ ҳис мекард, паҳлу гашт. Дар наздикии худ чизеро надид, вале бо сабр ба овоз гӯш дод. Боз ҳамон овози фиш-фиш ва сулфа ба гӯшаш расид ва дар миёни ду харсанг бист қадам дуртар аз худ каллаи хокиранги гурге ба чашмаш намудор гашт. Гӯшҳои он ба монанди гӯшҳои гургҳои дигар сих набуданд, чашмонаш хира ва пурхун, каллааш аз камоли оҷизӣ поин хамида буд. Гург зоҳиран бемор буд: вай ҳар дам атса мезад ва сулфа мекард.

«Ҳеҷ набошад, ана ҳаминаш чизи ҳақиқӣ аст» гуфта фикр кард ӯ ва боз ба дигар паҳлу гашт, то ки олами ҳақиқии акнун бо пардаи хаёлот панаҳнашударо бубинад. Вале баҳр ҳамчунон дар дуродур ба назар метофт ва киштӣ ҳам равшан намудор мешуд. «Шояд ин аз олами ҳақиқат бошад?» Ӯ чашм пӯшида, муддате ба фикр фурӯ рафт ва ниҳоят дар куҷо будани гапро фаҳмид. Маълум мешавад, ӯ роҳи худро гум карда, аз наҳри Диз хеле дур шудааст ва ба тарафи шимоли шарқ равон шуда, ба дараи дарёи Коппермайн афтида мондааст. Ин дарёи васее, ки оҳиста-оҳиста

ҷорист, дарёи Коппермайн аст ва ин баҳри дурахшон уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ мебошад. Ин киштӣ ҳам киштии наҳангсайдкунӣ аст, ки аз ғарб аз резишгоҳи дарёи Маккензи хеле дур ба тарафи шарқ рафта ва иттифоқан ба ин ҷоҳо афтида мондааст ва акнун дар халиҷи Коронатсия лангар партофтааст. Ӯ харитаи ширкати Гудзонро, ки як вақтҳо дида буд, ба хотир овард ва ҳамааш акнун барои ӯ равшан шуд.

Ӯ нимхез шуда нишаст ва дар бораи кору бор ва эҳтиёҷоти зарурии худ ба андеша фурӯ рафт. Парчаҳои кампал, ки ба поҳояш печонида буд, акнун тамом дарида ва фарсуда шуда ва поҳояш суп-сурх гӯшт гардида, хунчаккон шуда буданд. Кампали охиринаш ҳам масруф шуд. Милтиқ ва кордашро гум карда буд. Телпакаш ҳам гум шуда, бо он якҷоя як қисми гӯгирд, ки ба астараш пинҳон карда буд, низ аз даст рафтааст. Вале он ҳиссаи гӯгирд, ки дар даруни халтачаи тамоку коғазпеч буд, ҳанӯз дар ҷояш буда ва нам нагирифта буд. Ӯ ба соат нигоҳ кард. Соат ҳанӯз мегашт ва соати ёздаҳи пагоҳиро нишон медод. Маълум мешавад, ӯ ҳар рӯз тоб додани онро аз ёд намебаровардааст.

Ӯ ором ва ҳушаш дар ҷояш буд. Бо вуҷуди беҳолӣ ва хастагии аз андоза берун ӯ ҳеҷ дардро ҳис наменамуд. Дилаш ҳеҷ чиз намехост. Фикри хӯрок ба ӯ ҳатто нофорам буд ва ҳар чи, ки мекард, ба амри идроки худ мекард. Ӯ шалворашро то зону дарронда гирифта, кафи поҳояшро бо он баст. Аз чӣ сабаб бошад, ки сатилчаро напартофт: пеш аз он ки ба сӯйи киштӣ роҳ сар кунад, об ҷӯшонда нӯшиданаш лозим мешавад; ӯ пешакӣ медонист, ки ин роҳ роҳи бисёр сахт хоҳад буд.

Ҳама ҳаракатҳои ӯ оҳиста-оҳиста ва суст буд. Гӯё ки шал шуда бошад, ҳама аъзои баданаш меларзид. Қадре хасу хошоки хушк чиданӣ шуд, аммо ба по рост шуда натавонист. Ӯ чанд бор зӯр зада, ба по хестанӣ шуд, лекин натавониста охир гавак кашида рафтан гирифт. Боре ӯ хазида-хазида ба гурги бемор хеле наздик шуд. Гург забонашро ба зӯр ҷунбонда, фукашро лесида, дилу бедилон худро канор гирифта, роҳ дод. Одам дид, ки забони гург мисли забони гургони солим сурх набуда, балки ранги зардча дошта ва чирк дар рӯйи он карахш бастааст.

Оби ҷӯш нӯшида ҳис кард, ки акнун ба по рост истода ва ҳатто роҳ рафта метавонад, агарчанде дар поҳояш мадор намонда буд. Қариб ҳар дақиқа маҷбур мешуд, ки аз роҳ бозистода дам гирад. Ӯ бо қадами суст ва ноҳамвор роҳ мерафт ва гург ҳам аз пайи ӯ бо қадамҳои суст ва ноҳамвор кашола шуда меомад.

Имшаб, вақте ки баҳри дурахшон дар оғӯши торикӣ пинҳон гашт, одам фаҳмид, ки ба сӯйи он баҳр бисёр бошад, чор мил наздик омадааст.

Шаби дароз пайваста овози сулфаи гурги бемор ба гӯшаш мерасид ва гоҳ-гоҳе садои гавазнбарраҳоро низ мешунид. Дар атрофи ӯ зиндагӣ, зиндагии пурзӯр ва солим дар ҷӯшу хурӯш буд ва ӯ мефаҳмид, ки гурги бемор барои ҳамин аз пайи одами бемор кашола шуда меояд, ки ба пеш аз худ мурдани вай умедвор аст. Пагоҳӣ чашм кушода дид, ки гург ба ӯ бо чашми пурҳасрат ва гурусна нигоҳ мекунад. Гург сари худро поин андохта, думи худро зер карда истода буд ва дар ин ҳол ба саги хастаи бедимоғе монанд буд. Вай аз таъсири боди хунуки пагоҳонӣ дир-дир меларзид ва вақте ки одам бо овози пичирросии хиррӣ бо ӯ ба гап даромад, андуҳгинона дандонашро намоён кард.

Офтоби тобон баромада ҳама ҷоро мунаввар кард ва одам тамоми пагоҳӣ калавида-калавида ва афтону хезон ба сӯйи киштӣ, ки дар баҳри дурахшон намудор мешуд, ҳаракат мекард. Ҳаво бисёр нағз буд. Ин он фасли хомпази тирамоҳ буд, ки дар кишварҳои шимол бисёр кӯтоҳ мешавад. Ин фасл мумкин буд як ҳафта давом кунад, мумкин буд як ё ду рӯз истода, баъд барҳам хӯрад.

Дар нисфи рӯз ӯ ба нақши пое бархӯрд. Ин нақши пойи одами дигаре буд; маълум мешуд, ба по роҳ нарафта, балки гавак кашида-гавак кашида ҳаракат мекардааст. Ба хотирша расид. Ки ин шояд нақши пойи Билл бошад, вале дар ин бора бепарвоёна ва бе ҳеҷ як ҳаяҷон фикр кард. Барои ӯ фарқ надошт. Аслан ҳисси ҳаяҷон ва ҳайрат низ ӯро тарк карда буд. Ӯ дигар дардро ҳис наменамуд. Меъда ва асабҳояш тамоман карахт шуда буданд. Лекин ҳаётю ки дар ҳастиаш ҳанӯз кӯрдуд месӯхт, ӯро ба пеш рафтан вомедошт. Ӯ бисёр хаста ва бетоб шуда бошад ҳам, ҳаёт ба марг таслим шудан намехост; ва аз он ҷо, ки ҳаёт ба марг таслим шу-

дан намехост, одам ҳанӯз меваҳои ёбоии ботлоқиро чида ва моҳиҳоро дошта мехӯрд, оби ҷӯш менӯшид ва аз гурги бемор чашм намеканд.

Ӯ пайи он одамеро, ки қадам назада, балки гавак кашида мерафт, гирифта равон шуд ва дере нагузашта охири роҳи вайро дид, яъне, як тӯда устухонҳои ба тозагӣ хоидашудаеро дид, ки дар рӯйи ушнаи тар афтода мехобид ва дар гирдогирди онҳо нақши пойи гургони зиёде низ намоён буд. Ногоҳ чашмаш ба халтачаи аз чарми оҳу дӯхташудае афтод, ки дандонҳои тези гургон онро сӯрох-сӯрох карда буданд; ин айнан мисли ҳамон халтачае буд, ки пеш худаш ҳам аз он дошт. Онро аз рӯйи замин боло бардошт, гарчанде ки ангуштони бемадораш ин гуна чизи вазнинро нигоҳ дошта наметавонистанд. Маълум мешавад, Билл то дами охири ҳаёти худ аз тилло ҷудо нашуда будааст. Ҳо-ҳо! Ӯ боз ба Билл хоҳад хандид. Ӯ зинда мемонад ва ин халтачаи тиллоро гирифта бо худ ба киштие, ки дар миёни баҳри дурахшон истодааст, мебарад. Садои хандаи ӯ хиррӣ ва ҳавлангез буда, ба қар-қари зоғи сиёҳ монанд буд, гурги бемор ҳам ба ӯ ҳамовоз шуда, бо овози хиррӣ нӯла кашид. Одам якбора хандаашро қатъ карда, хомӯш шуд ва аз дили худ гузаронд: ӯ чӣ ҳақ дорад ва чӣ тавр метавонад, ки ба ҳоли Билл хандад, дар сурате, ки медонад ҳамаи он чи дар ин ҳаст, Билл аст ва устухонҳои покиза ва гулобиранги сафедча он аст, ки аз Билл боқӣ мондааст?

Ӯ рӯяшро ба тарафи дигар гардонд. Хайр, майлаш, Билл ӯро партофта рафта бошад ҳам, вале ӯ тиллоро намегирад ва устухонҳои Биллро намехояд. Аммо Билл дар ҷойи ӯ мебуд, андеша карда наистода, албатта, ин корро мекард, – гуфта худ ба худ фикр намуд ва лангон-лангон пеш рафтан гирифт.

Ӯ ба назди кӯлмаке омад. Дар ҷустуҷӯйи моҳичаҳо ба болои он хам шуда ва якбора чун моргазида худро ақиб кашид. Ӯ дар об акси рӯйи худро дида буд. Ин акс чунон даҳшатовар буд, ки ҳатто ҳуш ва идроки карахтшудаашро бедор кард. Дар даруни кӯлмак се моҳича шино мекарданд, вале кӯлмак бисёр калон буд ва ӯ онро холӣ карда наметавонист; моҳичаҳоро бо сатилчааш доштанӣ шуд, лекин дар охир аз баҳри ин фикр гузашт. Ӯ метарсид, ки аз камоли

бемаҷолӣ ба об афтида ғарқ мешавад. Аз ҳамин сабаб ҳам ҷуръат накард, ки ба болои яке аз чӯбҳое, ки дар канори регзори дарё хобида буданд, савор шуда, шинокунон ба рафти ҷараёни об равад.

Дар ҳамон рӯз ба сӯйи киштӣ се мил роҳ рафт. Рӯзи дигар фақат ду милро тай карда тавонист, зеро акнун ӯ монанди Билл гавак кашида мерафт. Дар охири рӯзи панҷум то киштӣ ҳанӯз ҳафт мил масофа монда буд, вай бошад, ақаллан, маҷоли рӯзе як мил роҳ гаштанро ҳам надошт. Ҳаво ҳанӯз гарм буд, ӯ бошад гоҳ гавак мекашид ва гоҳ беҳуш шуда меафтид ва аз пайи ӯ пайваста сулфакунон ва атсазанони гурги бемор кашола шуда меомад. Зонуҳо ва кафи поҳояш суп-сурх гӯшт шуда буданд ва агарчи вай аз куртаи худ чанд парча канда онҳоро латтабанд карда буд, бо вуҷуди он хун пайваста мечакид ва аз қафояш дар рӯйи ушна ва сангҳо изи хунолуд кашол мешуд. Як бор рӯй ба ақиб гардонида гургро дид, ки бо ҳирси тамом ин нақши хунолудро мелесид ва дарҳол равшан ба пеши назараш овард, ки агар худаш кори гургро тамом накунад, ӯро чӣ оқибат дар пеш аст. Ва он гоҳ муборизаи сахттарин сар шуд, ки мислаш дар зиндагӣ кам дида мешавад: аз як тараф одами бемор, ки гавак кашида меравад, аз тарафи дигар гурги бемор, ки лангон-лангон аз пайи ӯ равон аст, – ду махлуқи нимҷоне, ки дар биёбони урён бо зӯру машаққат пеш мераванд ва қасди шикори якдигар доранд.

Агар гург тандуруст ва солим мебуд, одам ин тавр муқобилат намекард, аммо аз фикри он ки ботини ин махлуқи нафратоварро, ки қариб аст ба лоша мубаддал гардад, бо ҷисми худ сер кунонад, нафраташ меомад. Аз ин фикри нафратовар дилаш беҳузур шуд. Вай ҳушашро бохта, боз ғарқи хаёлоти мавҳум гашт ва фосилаҳои кушоиши фикр ва дақиқаҳои ҳушёрӣ торафт кӯтоҳтар ва камтар мешуд.

Як бор ба ҳуш омад, ки касе ҳарсазанон дар худи пеши гӯшаш нафас мекашад. Ин гург буд, ки ақиб ҷаҳид ва аз бемадорӣ пешпо хӯрда афтид. Ин манзараи хеле хандаоваре буд, вале одам табассум накард. Ӯ ҳатто аз ин ҳол ҳеҷ наваҳмид. Тарс дигар барои ӯ вуҷуд надошт. Вале дақиқае ҳуши ӯ равшан шуд ва ӯ дароз кашида, саъй мекард ҳаво-

сашро ба як ҷо ғун карда, аҳволро мулоҳиза намояд. То ба киштӣ ҳоло бисёр бошад, чаҳор мил роҳ мондааст. Чашмонашро, ки пеши онҳоро гӯё пардае гирифта буд, бо дасташ молида, киштиро равшан дид ва ҳатто бодбони сафеди завраҷи майдаро низ дид, ки мавҷҳои баҳри дурахшонро бурида шино мекард.

Аммо ин чаҳор мили боқимондаро бо гаваккашӣ тай кардан аз қувваи ӯ берун аст. Ӯ инро медонист ва ба ин осуда ва бепарвоёна нигоҳ мекард. Ӯ медонист, ки ним милл ҳам хазида наметавонад. Бо ин ҳама ӯ зиндагӣ кардан мехост. Баъд аз ҳамин қадар азобу уқубате, ки аз сар гузаронидааст, ҳозир мурдан ба ӯ бемаъни менамуд. Тақдир ба ӯ беамон буд. Ҳатто дар ҳолате ҳам, ки дар дами марг буд, ба аҷал тан намедод. Шояд ки ин беақлӣ ва девонагии ҳақиқӣ буд, лекин бо ин ҳама гирифтори панҷаи марг бошад ҳам, ӯ ба он эълони ҷанг менамуд ва аз талош даст намекашид.

Вай чашмонашро пӯшида, бо камоли эҳтиёт ҳамаи қувваи худро ба як ҷо ҷамъ кард. Ӯ худашро устувор гирифта, саъй мекард, ба он ҳисси дилбехудшавӣ, ки мисли мадди оби баҳр тамоми ҳастии ӯро ба худ ғарқ карда буд, тан надиҳад. Ин ҳис монанди мавҷ баланд шуда, ҳушашро хира мекард. Гоҳе мешуд, ки ӯ дар ин дарёи бехудӣ ва беҳушӣ ғарқ мегардид ва дар мавҷҳои он дасту по зада ба рӯй баромаданӣ мешуд, лекин ба тарзе, ки чӣ хел шуданашро худаш нафаҳмид, боқимондаи иродааш ба ӯ мададгор мешуду ӯ боз ба рӯйи об мебаромад.

Ӯ беҳаракат рӯ ба боло хобида, пайваста овози хиррии нафаскашии гурги беморро мешунид, ки қадам ба қадам ба ӯ наздик мешуд. Вай торафт наздиктар ва наздиктар меомад, вақт бисёр ба оҳистагӣ мегузашт, аммо одам ягон бор ҳам ҳаракате накард. Ана овози нафаскашии гург аз пеши гӯшаш мебарояд. Забони дурушт ва хушки гург рӯйи ӯро мисли коғази ҷилбур харошид. Якбора дастонаш боло бардошта шуданд, – ҳеҷ набошад, ӯ дастонашро боло бардоштан мехост, – ангуштонаш мисли чанголи дарранда ба ҳам кашида шуданд, вале ӯ танҳо ҳаворо даст гирифту бас. Тезӣ ва чолокии ҳаракат қувват талаб мекунад, ӯ бошад, дигар мадоре надошт.

Гург пурсабр буд; аммо одам ҳам дар сабру тоқат аз вай монданӣ надошт. Нисфи рӯз ӯ наҷунбида ёзид, дар ҳолате, ки бо ҳуҷуми беҳушӣ мубориза мекард ва пайваста гургро мепоид, ки мехост ӯро бихӯрад, дар сурате, ки худаш ҳам агар метавонист, вайро мехӯрд. Гоҳ-гоҳ дарёи беҳушӣ ӯро ба худ ғарқ менамуд ва ӯ хобҳои дурударозе медид; лекин ҳам дар хоб ва ҳам дар бедорӣ нафаси хиррӣ ва расидани забони дурушти гургро поида меистод.

Овози нафаскаширо нашунида бошад ҳам, ногоҳ ба дасташ расидани забони шахшӯлро ҳис карда бедор шуд. Ӯ наҷунбида оқибати корро нигарон шуд. Ду дандони аввал ба сустӣ ва баъд сахттар ба дасташ халидан гирифтанд, – гург ҳар чи қувват дар ҳастиаш монда буд, зӯр мезад, то ба шикоре, ки ин қадар вақт боз аз пайи он мегашт, дандон халонад. Аммо одам ҳам бисёр интизорӣ кашида буд ва ӯ бо дасте, ки гург газида истода буд, лунҷи гургро зер кардан гирифт. Дар он вақте ки гург бо сустӣ ва бемадорона муқобилат мекард ва як дасти одам низ ҳамин тавр бо сустӣ лунҷи вайро зер мекард, дасти дигараш дароз шуда, аз гулӯи гург гирифт. Панҷ дақиқа баъдтар одам бо тамоми вазнинии худ бар болои гург афтида, вайро ба замин пахш кард. Барои буғӣ карда куштани гург қуввати дасташ намерасид, бинобар ин, одам рӯяшро ба гардани гург ҷафс кард ва дандонашро ба кор андохт ва ба андак вақт даҳонаш пур аз пашм шуд. Ним соат гузашт ва одам ҳис кард, ки ба гулӯяш қатра-қатра як чизи гарми обакӣ мерезад. Ин бисёр азобовар буд, гӯё ки ба меъдааш қӯрғошими об кардашудаеро рехта истода бошанд ва танҳо бо зӯри ирода худро ба тоқат кардани ин маҷбур менамуд. Баъд одам ба пушт гашту ба хоб рафт.

* * *

Дар киштии наҳангсайдкунӣ, ки «Бедфорд» ном дошт, чанд нафар аъзои экспедитсияи илмӣ нишаста буданд. Аз болои киштӣ онҳо дар канори баҳр махлуқи аҷиберо диданд. Вай дар рӯйи рег базӯр-базӯр хазида, ба сӯйи баҳр ҳаракат менамуд. Олимҳо чӣ махлуқ будани онро фаҳмида наметавонистанд ва азбаски аҳли илми табиатшиносӣ буданд, ба завраќе савор шуданду ба канори баҳр фурома-

данд. Онҳо махлуқи зиндаеро диданд, лекин вайро одам номидан маҳол буд. Вай ҳеҷ чизро намефаҳмид ва монанди кирми хориқулҷуссае дар рӯйи замин печутоб мехӯрд. Вай қариб ҳеҷ пеш намерафт, вале пас ҳам намегашт ва печутоб хӯрда, дар миёни як соат ҳамагӣ бист қадам пеш мерафт.

Пас аз се ҳафта одам дар яке аз ҳуҷраҳои киштии «Бедфорд» хобида, бо оби дида ҳикоят мекард. Ки ӯ кист ва чӣ ҳодисаҳоеро аз сари худ гузаронидааст. Ва боз ӯ аз модари худ, аз кишвари офтобии Калифорния, аз ҳавлии худ, ки дар миёни афлесунзор ва гулзор будааст, чизе бесарунӯг ва нимғурма нақл менамуд.

Чанд рӯз гузашт ва акнун ӯ дар қатори аъзоёни экспедитсияи илмӣ ва капитани киштӣ, дар сари як мизи хӯрокхӯрӣ менишастагӣ шуд. Аз зиёдӣ ва фаровонии хӯрокворӣ дар рӯйи миз хурсанд мешуд ва ҳар бор, ки медид аз ин хӯрокворӣ луқма-луқма дар даҳони дигарон ғоиб шуда меравад, хотираш парешон мегашт ва дар ин дамҳо дар чеҳрааш аломати таассуф намудор мегардид. Ақлаш ба ҷо ва солим бошад ҳам, дар дилаш дар вақти наҳорӣ нисбат ба ҳамаи ин хӯрандагон кинаву нафрат пайдо мешуд. Тарси ин ки хӯрокворӣ нарасида мемонад, дақиқае ҳам ӯро осуда намегузошт. Ӯ аз ошпаз ва дастёри ошпаз, аз худи капитани киштӣ ва аз ҳар касе, ки пеш ояд, дар бораи хӯрокворӣ пурсуҷӯ мекард. Ҳамаи онҳо хотирашро ҷамъ ва дилашро пур мекарданд, ки хӯрокворӣ зиёд аст ва ҳар қадаре, ки хоҳӣ, ёфт мешавад, лекин ӯ ба ҳеҷ кас бовар намекард ва рустӣ ба анбор рафта хабар мегирифт, то худ ба чашми худ дида, қаноат ҳосил кунад.

Аз назари ҳеҷ кас пинҳон намонд, ки вай ба ин зудӣ гӯшт гирифта, фарбеҳ шуда истодааст. Бадани ӯ рӯз ба рӯз ғафстар мешуд. Одамон сар ҷунбонида, дар ин бора ҳар гуна назарияҳо изҳор мекарданд. Ба вай камтар хӯрок медодагӣ шуданд, бо вуҷуди ин, бадани ӯ, хусусан, миёнаш торафт ғафстар ва сербартар мешуд.

Матросҳо зери лаб механдиданд. Зеро онҳо таги гапро медонистанд. Олимҳо ҳам вақте ки рафтори ӯро таҳти назорати худ гирифтанд, боиси ин фарбеҳшавиашро зуд фаҳ-

миданд. Онҳо диданд, ки баъд аз ношто ӯ поида-поида ба қисми пеши киштӣ мерафт ва гадоҳо барин ба ягон касе аз матросҳо даст дароз мекард. Матрос табассумкунон ба ӯ як бурда нони қоқи баҳрӣ медод. Одам нони қоқро ҳарисона қапида, ба он муддате, чун хасис ба тилло, нигоҳ мекард ва баъд ба бағалаш руст менамуд. Матросони дигар ҳам зери лаб хандакунон ба вай чунин садақа медоданд.

Олимон чизе нагуфтанд ва ӯро ба ҳоли худ гузоштанд. Вале онҳо рустӣ омада, ҷойи хоби ӯро аз назар гузарониданд. Зери каташ, даруни бистараш, хулоса ҳар гӯшаву сӯрохе аз нони қоқи баҳрӣ пур буд. Бо ин ҳама, ақлаш безиён ва дар ҷояш буд. Ҳама фаҳмиданд, ки бо ин кори худ ӯ фақат пешакӣ читораи эҳтимоли гуруснагиро мебинаду бас. «Ин васваса мегузарад!» гуфтанд олимон. Дарҳақиқат ҳам, гузашт ва ҳанӯз киштии «Бедфорд» омада, дар бандаргоҳи Сан-Франсиско лангар напартофта буд, ки ӯ аз ин васваса раҳоӣ ёфт.

**Савол ва супоришҳо:**

1. *Ҷек Лондон кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?*
2. *Кадом асарҳои Ҷ. Лондонро хондаед?*
3. *Дар бораи мероси адабии муаллиф маълумот диҳед.*
4. *Романи «Мартин Иден» дар кадом жанр навишта шудааст ва муаллиф дар он чиро тасвир кардааст?*
5. *«Дар талоши ҳаёт» чӣ гуна асар аст? Муаллиф дар асоси ин асар чиро нишон додан мехоҳад?*
6. *Оё қаҳрамони асар ҳангоми бархӯрд бо ҳайвонот дуруст рафтор мекунад?*
7. *Кадом омил боиси ғалабаи қаҳрамони асар гардид?*
8. *Аз хондани ҳикояи «Дар талоши ҳаёт» чӣ гуна таассурот гирифтед? Ба ҳамин мазмун ягон воқеаи дигар медонед?*



## АҲМАДИ ШОМЛУ
## (1925 – 2000)

Дар ибтидои асри XX шеъри нав дар баробари шеъри суннатӣ қарор гирифт. Он ҷараёни наве буд, ки бо саъю кӯшиши Нимо Юшиҷ дар адабиёти форсӣ ба вуҷуд омад ва рангу шакли хоси худро пайдо намуд. Нимо бо эҷоди манзумаи «Афсона» чорчӯбаи қолаби суннатиро шикаст ва таҷрибаҳои худро дар он самт пешниҳоди мардум кард. Минбаъд Маҳдии Ахавони Солис, Фурӯғи Фаррухзод, Аҳмад Шомлу, Нодири Нодирпур, Суҳроби Сипеҳрӣ ва чанд тани дигар ин ҷараёнро идома доданд. Дар ин миён Аҳмади Шомлу равияи тозаеро кашф намуд, ки бо номи шеъри сапед ё шеъри шомлуӣ имрӯзҳо дар Ирон шуҳрат дорад. Агар шеъри нимоӣ аз шикастани мисраъҳо ва тағйири ҷойи қофия иборат бошад, шеъри сапед аз вазну қофия холӣ буд ва танҳо калимаҳо метавонистанд мусиқиро биёфаранд. Ин навъи шеър аз адабиёти Аврупо ба адабиёти форсӣ гузаштааст.

Бо вуҷуди он ки мардуми форсизабон аз қадим бо вазну қофия одат карда ва сухани бевазну қофия дар рӯзгорашон аҳамияте надошт, шеъри сапеди Шомлуро дар андак муддат ба хубӣ қабул кард ва ин ҳолат боиси рушди қолаби мазкур дар байни шоирони насли баъд гардид.

Аҳмади Шомлу дар соли 1925 дар Теҳрон ба дунё омад. Давраҳои ҷавонияш дар шаҳрҳои гуногун гузаштааст. Баъди сабабҳои маълум таҳсилро тарк кард ва шуғли рӯзноманигориро пеш гирифт.

Шомлу ба сабаби он ки бо мактабҳои адабии Аврупо мисли сурреализм, символизм ва осори адабии намояндагони онҳо шиносоӣ дошт, тавонист, ки баъди мутолиаи

адабиёти қадими форсӣ ба халлоқиятҳои шоирии худ комёб гардад.

Дар оғози кор чун ҳар ҳунарманди дигар ашъори Аҳмади Шомлу низ аз тақлидҳо иборат буданд ва тозагиву таровате дар онҳо мавҷуд набуд. Аммо бо сурудани маҷмӯаи «Ҳавои тоза» собит намуд, ки ӯ метавонад дар ин роҳ ба тавфиқ бирасад. Дар ин маҷмӯа аввалин исёну эътирозҳои иҷтимоии шоир дар қолаби нав баён гардидаанд.

## МАҲОРАТИ АДАБИИ ШОМЛУ

Маҳорати адабии Шомлу асосан, дар ворид кардани навовариҳо дар қолаби шеър ба назар мерасад. Вақте вай пай бурд, ки Нимо Юшиҷ дар бунёди шеъри озод рисолати худро анҷом додааст ва агар ҳар қадар беш кӯшиш ҳам кунад, дар ин самт наметавон интизор ба комёбии дигар буд, пас бо шуҷоати хоси шоирона вазнро барҳам дод, дар ҳама ҳолат риояи қофияро коре нолозим шуморид ва шеъри мансури худро рӯи об овард. Бо вуҷуди он ки дар қолаби мазкур баъзе кӯшишҳо аз ҷониби дигарон пеш аз Аҳмади Шомлу низ амалӣ шуда буд, аммо танҳо ӯст, ки ба сифати як ҷараёни мустақил онро такмилу ривоҷ додааст.

Аҳмади Шомлу дар натиҷаи эҷоди пурмаҳсул маҷмӯаҳои шеърие аз қабили «Боғи ойина» (1960), «Ойдо дар ойина» (1964), «Ойдо, дарахту ханҷар ва хотира» (1965), «Қақнус дар борон» (1966), «Марсияҳои хок» (1969), «Шукуфтан дар меҳ» (1970), «Иброҳим дар оташ» (1973), «Таронаҳои кӯчаки ғурбат» (1980), «Мадоеҳи бесила» (1992), «Дар остона» (1997) ва ғайраро ба нашр расонид.

Шомлу аввалин дафтарашро таҳти унвони «Оҳангҳои фаромӯшшуда» мунташир дод. Ин маҷмӯа дар бисёр китобҳое, ки дар бораи шеъри муосир таълиф шудаанд, мавриди нақду таҳлил қарор гирифтааст, аз ҷумла метавон ба китобҳои зерин ишора кард: «Таърихи таҳлилии шеъри нав»-и Шамси Лангарудӣ, «Мусиқии шеър»-и Шафеии Кадканӣ, «Нақди осори Шомлу»-и Абдулалии Дастғайб, «Сафар дар меҳ«-и Тақӣ Пурномдориён, «Нишони зан дар осори Шомлу»-и Пӯрони Фаррухзод, «Шоири шабонаҳо ва ошиқонаҳо»-и Соҳиб Ихтиёрӣ, «Зиндагӣ ва шеъри Шом-

лу»-и А. Пошшоӣ, «Шинохтномаи Шомлу»-и Ҷаводи Маҷобӣ.

«Ҷомеаи навин тақозо мекард, ки шеър, каломи бадеъ оҳанги мутантан ва дикламатсия дошта, мувофиқи оҳанги гуфтор мисраъҳо пасту баланд, дарозу кӯтоҳ шавад, то ки фикр таъсирноктар ифода гардида, хубтару зудтар ба дили мардум роҳ ёфта, онҳоро ба сӯйи корнамоиҳо раҳнамун созад» – мегӯяд адабиётшинос Н. Саидӣ.

Ин гуна талаб аз шоир сохтани забони навро дар шакли нав тақозо мекард. Шомлу тавонист, ки барои баёни андешаҳои худ сохт ва қолаби наверо интихоб кунад. Ба далели он ки ӯ дар тарҷумаи осори адибони Аврупо дасти тамом дошт, назарияи шеъри навро ба хубӣ омӯхт ва онро амалан дар адабиёти форсӣ истифода кард.

Ҷараёнҳои шеъри нав боиси истиқболи хуб қарор гирифт, сабаб ба он шуд, ки бархе шоирон ба ҳамин сабку қолаби нав даст зананд. Дар як давраи муайян шеъри нав ба чанд шоха ҷудо гардид, аз қабили «шеъри нимоӣ» ё «арӯзи озод», «шеъри сапед», «шеъри мавҷи нав», «шеъри ҳаҷм» ва «шеъри мансур», ки аз ҳамдигар фарқиятҳои ҷузъӣ доранд.

Аҳмади Шомлу дар ҷараёни мазкур аз ситораҳои беғуруб ҳисоб мешавад, аз он сабаб, ки роҳҳои паймудаи ӯро дар шеъри муосири форсӣ ҳанӯз дигарон напаймуда буданд. Ӯ ба ҷойи вазну қофия дар шеър ритм ва зарбро муҳим донист. Маҳз, идоракунии сатрҳо ба воситаи зарб анҷом мегирифт. Чунонки оиди вазн нигоҳе дигар дорад: «Ман мутлақан ба вазн ба унвони як чизи ҳатмӣ ва зотии шеър эътиқод надорам. Ва баръакс, муътақидам, ки вазн зеҳни шоирро мунҳариф[1] мекунад.

Чун вазн мақодири маъдуде (миқдори каме) аз калимотро дар худ раҳо медиҳад ва ба рӯйи бисёре аз калимоти дигар дар мебандад».

Як хусусияти умдаи шеъри сапед аз дигар шохаҳои шеъри нав дар он аст, ки мусиқа калимаро не, балки тарзи ҷобаҷогузории калимаҳо мусиқаро меофарад. Ин ҷо ба як қитъаи Шомлу назар меафканем:

---

[1] *Мунҳариф* – аз роҳи рост баромада.

Ки мелодат нузули хуҷастаи борон бод,
Бар ташнагии хок
Ва тулӯи офтоб
Бар самоҷати зулмат,
Шукуфаи табассуме дар лабони дилтангӣ
Ва ҷилваи ситорае
Дар маҳи гирифтагии ин уфуқ.

Ба гуфтаи Шомлу калима дар шеър худи ашё аст, на мазҳари он. Ин нукта тасдиқ менамояд, ки дар кори сохтори шеър муҳим аз ҳама калима аст, вақте он ёфт шуд, дигар тахайюли шоир метавонад аз онҳо нақшҳои ҷовидона биёфарад. Абдулалии Дастғайб дар мақолаи «Таҳлиле аз шеъри нави форсӣ» дар мавриди шеърҳои мансури Шомлу чунин ақида дорад: «Ҷавҳари воқеии шеър дар ин гуна ашъор (шеъри мансур) ҷараён дорад ва аз шеърҳои мавзун каму касре надоранд ва агар мо шарти шеърро фақат вазну қофия надонем, дар шеър шумурдани ин қитъаот тардиде надоранд. Намунаҳои равшану дурахшоне аз ин навъ шеър дар китобҳои «Ҳавои тоза» ва «Боғи ойина»-и Шомлу дида мешавад.

Шомлу ба тамом аз тақлиду пайравӣ ба қолабҳои суннатӣ даст мекашад ва худ таъбиру тасвирҳои тозаеро эҷод мекунад. Ӯ кӯшидааст, ки ҳаётро аз даричаи чашми худ бинад ва натиҷаи онро дар сурати шеър инъикос намояд.

Таваҷҷӯҳи шоирон дар шеъри нав бештар ба тасвиргароӣ, тозагӯӣ ва бозёфтҳои шоирона равона карда мешавад. Такрорбинӣ ва обшустагии тасвир эътибор надорад. Дар ашъори Аҳмади Шомлу шоҳиди он мегардем, ки робитаи инсон бо ашё қавӣ буда, шоир тасвирҳои нобро зевари мазмун бахшидааст. Ӯ тавассути маҷмӯаҳои «Оҳангҳои фаромӯшшуда» ва «Ҳавои тоза» ба сифати шоири аз ҷиҳати забон, тафаккур ва тасвир ғанӣ эътироф гардида буд.

Парвизи Нотили Хонларӣ дар мавриди шеъри нав мегӯяд: «Агар шоире битавонад то таъсиреро, ки дар қофияи шеър вуҷуд дорад, ба василаи дигаре дар тадқиқи калимот эҷод кунад, ба тавре, ки шунаванда ё хонанда дар шеъри ӯ нуқсе (камбудие) идрок накунад ва ҷойи қофияро холӣ набинад, на танҳо ба ӯ хӯрда набояд гирифт, балки кораш

дорои арзиш аст». Маҳз, Аҳмади Шомлу бо ҷуброни қофияву вазн тавонист, ки шеъри бенуқсонро дар шакли шеъри сапед ба майдони адабиёт оварад. Сурудаҳояшро таҳти унвони «шеъри мансур» ҳам муаррифӣ мекунанд, вале дар нақди адабӣ  дар аксари ҳолат «шеъри сапед» номбар кардаанд. Дар қатори Шомлу пас аз Нимо Фурӯғи Фаррухзод ва Суҳроби Сипеҳрӣ тозакориҳои чашмрасе дар сохт ва мазмуни шеъри нав анҷом додаанд, ҳар яке аз онҳо мактаби хоси адабии худро ба вуҷуд оварда, то кунун барои наслҳои баъдӣ осорашон чун манбаи завқу илҳом дар хидмат аст.

Шомлу бо тахаллуси Бомдод шеърҳояшро месуруд. Ахавони Солис ва Нодири Нодирпур дар шеъри нимойӣ, яъне, арӯзи озод содиқ монданд, ашъорашон ҳолу ҳавои арӯзро бо худ нигоҳ дошт. Вале Шомлу куллан аз вазни арӯз дурӣ гирифт. Ба ҷиҳати он ки аз мусиқӣ ба таври комил огоҳ буд, барои худ масъалаи офаридани мусиқаро бо кӯмаки калим дар шеър пеш гузошт. Ин роҳро нерӯмандона тай кард ва то ҷои лозим шеъраш ба такомул ва ривоҷ рӯбарӯ  шуд.

Дар шеъри нав шоир бояд бо ашё алоқаи наздик дошта бошад, то битавонад, ки моҳияти онҳоро дарк карда, дар сурудаҳои худ мафҳум ва моҳияти онро ифода созад. Табиат бо хурдтарин ҷузъиёташ дар шаклгирии шеъри шоири муосир нақш мебозад. Шоире, ки бо табиат робитаи устувор надорад ва моҳияти физикии ашёро намедонад, шеъри ӯ дар майдони шеърият ҳеҷ гуна арзише надорад, гуфтан мумкин аст: шеъри ғайритабиӣ. Ин ҷо сухани шоири фаронсавӣ – Рембо ба хотир меояд, ки гуфта буд: «Ман ба василаи шеър мехоҳам ба ашё маънӣ ва мафҳум бидиҳам ва ба онҳо зоту ҷавҳар бубахшам». Вақте ба ашъори сапедгунаи Шомлу менигарем, калимаҳо чун ашё моҳияти физикӣ пайдо кардаанд, яъне, онҳо дар қолабе банд нестанд, метавонанд симобвор зиёду кам шаванд. Ашёро шахсият мебахшад шоир, ки ҳисомезии мӯътадили ӯ хонандаро саргарми мутолиа медорад.

Шомлу навъе шеърҳояшро месарояд, ки ба забони муҳовара шабоҳат дорад, дар он ҳашв ба назар намерасад ва корбандии ин гуна равишҳои адабӣ далел аст ба истеъдоди

фавқулодаву фитрии ӯ. Мисолан, ба ин қитъа чашм андозем:

Ба интизори тасвири ту
Ин дафтари холӣ
То чанд,
То чанд
Варақ хоҳад хӯрд,
Ҷараёни бодро пазируфтан
Ва ишқро,
ки хоҳари марг аст.
Ва ҷовидонагӣ
розашро
бо ту дар миён ниҳод.

Шоирони сабки нав пеш аз он ки қалам гирифтаву ба офаридани шеъре даст зананд, тафаккур, андеша ва «биниш»-и худро бо замон ва зиндагӣ мутобиқ месозанд. Шомлу шоире буд замоншинос ва зиндагидида. Ӯ ба шеър аз равзанаи замон менигарист, ҳоли худ ва одамони асрро бо забони замон тафсир мекард:

Ӯ шеър менависад,
Яъне ӯ
Даст мениҳад ба ҷароҳоти шаҳри пир.
Ӯ шеър менависад,
Яъне ӯ
Қисса мекунад ба шаб
Аз субҳи дилпазир.
Ӯ шеър менависад,
Яъне, ӯ ифтихорномаи
инсони асрро тафсир мекунад.

Шеъри нав бештар ҷанбаи тасвирӣ дорад. Шоирони ин ҷараён тасвиргароиро аз хусусиятҳои асосии шеъри нав медонанд. Чун дигарон Шомлу низ дар рушду нумӯи шеъри тасвирӣ саҳми босазои худро гузошт. Бо баёни мазмунҳои иҷтимоиву таърихӣ тасвирҳои тозаву нотакрор ва ҷолибро офарид, ки арзиши бадеии ашъори шоирро афзун мекунанд. Дар қитъаи зер Аҳмади Шомлу бодро ба хунёгар ташбеҳ дода, тасвири шоиронае офаридааст:

Хунёгарон[1] боду лекин
Саргарми қиссаҳои малўланд.
Хунёгарон боду лекин
Аз дардҳои хеш парешанд,
Онон сўзандагони оташи хешанд.

Тасвирҳои хаёл калиди раҳёбӣ ба дунёи зеҳнии шоир ва шинохти худи ў низ ҳаст, зеро агар шоир ё нависанда дар кори худ асолат дошта бошад, танҳо аз таҷриба ва қувваи тахайюли худ барои сохтани тасвирҳои хаёл баҳра мегирад ва он чӣ меофаринад, зодаи эҳсосу таҷриба ва дар натиҷа намоёнгари шахсияту тафаккур ва бардоштҳои ўст.

Шеъри Шомлу маҳсули эҳсосоти воқеии ўст ва на маҳсули қасду ғарази махсусе ба хотири мақсаде хос. Ба ҳамин сабаб дар шеърҳои вай чӣ онҳо, ки воқеан ва аз ҳар назар шеъранд ва чӣ онҳо, ки бештар насре шуста рафтаанд – ҳамвора ҷилваҳое аз самимият метавон эҳсос кард.

Шомлу он паёмеро, ки дар ботин эҳсос мекунад, кўшидааст, ки айнан рўи коғаз биёрад. Дуруст аст, ки агар дар шеърҳои сапеди ў тахайюл ва зарбу ритмро сарфи назар кунем, дигар фарқе байни шеъру наср намемонад. Аммо паҳлуи дигари ин масъаларо ҳам ба инобат гирифтан лозим аст, ки ҷавҳари асосии шеър тахайюл ва ё ба таъбири бархе хаёлангезӣ мебошад, пас, шеър хаёле зебост бо нигоҳи шоирона. Худи ў таъкид мекунад, ки ҳаргиз натавониста шеъреро қасдан ё маҷбудӣ рўи коғаз биёрад. Балки шеърҳояш зоидаи завқу табъи саршор мебошанд. Ў дар мавриди навиштаҳояш чунин гуфта буд: «Ман ба шеър даст ёфтаам ва дўсттар медорам, ки ғубори вазну қофия шаффофияти онро кадр накунад[1]. Кўза албатта, метавонад бисёр гаронбаҳо бошад, аммо ташнагии маро об аст, ки фурў менишонад, онҳо, ки ба нақши кўза меандешанд, ташна нестанд, ё кўзафурўшанд, ё иддаои ташнагиро дармеоваранд».

Масъулияти асосии шоирони навпардоз аз он иборат буд, ки бояд «қолабро дар калимот резанд, на калимотро дар қолаб». Зеро ин равиш метавонист «шеърҳои омада»-

---

[1] *Хунёгар* – овозхон, мутриб.

[2] *Кадр накунад* – барҳам назанад.

ро аз «шеърҳои оварда» ҷудо созад. Ҳамин қонуният дар ашъори Аҳмади Шомлу мавқеъ пайдо кард. Ӯ нисбати дигарон дар ин равиш чуқуртар назар андохт, то «ташнагиҳо»-и зеҳнии худро фурӯ нишонад. Барои ҷавонон ва эҷодкорони шеъри нав раҳнамоияш ин буд, ки бояд нахуст мусиқии дарунии калимаҳоро аз худ намоянд ва «дарку шинохти шеърро аз дуруст омӯхтани роҳи хондани он» иборат медонист.

## НАМУНА АЗ ОСОР

## ШЕЪРЕ, КИ ЗИНДАГИСТ

Мавзӯи шеъри шоири пешин
Аз зиндагӣ набуд.
Дар осмони хушки хаёлаш ӯ
Ҷуз бо шаробу ёр намекард гуфтугӯ.
Ӯ дар хаёл буд шабу рӯз,
Дар доми геси музҳаки маъшуқа пойбанд,
Ҳол он ки дигарон
Дасте ба ҷоми бодаву дасте ба зулфи ёр
Мастона дар замини Худо наъра мезананд.

Мавзӯи шеъри шоир
Чун ғайр аз ин набуд,
Таъсири шеъри ӯ низ
Чизе ҷуз ин набуд:
Онро ба ҷои митта[1] намешуд ба кор бурд
Дар роҳҳои разм,
Бо дасткори шеър,
Ҳар девсахраро
Аз пеши роҳи халқ намешуд канор зад.
Яъне асар надошт вуҷудаш,
Фарқе надошт буду набудаш.

---

[1] *Митта* – одатан, ки дурудгарон ба он чӯбу тахта сӯроҳ кунанд.

Онро ба ҷои дор намешуд ба кор бурд...
Мавзӯи шеъри имрӯз
Мавзӯи дигарест...

Имрӯз шеър ҳарбаи халқ аст,
Зеро ки шоирон
Худ шохае зи ҷангали халқанд,
На ёсамину сунбули гулхонаи фалон.
Бегона нест шоири имрӯз
Бо дардҳои муштараки халқ:
Ӯ бо лабони мардум лабханд мезанад,
Дарду умеди мардумро бо устухони хеш
Пайванд мезанад...

Акнун
Ҳангоми он расида, ки обирро
Шоир кунад муҷоб[1],
Бо мантиқе, ки хосаи шеър аст.
То бо ризову рағбат гардан ниҳад ба кор,
В-арна тамоми заҳмати ӯ меравад зи даст...

Хуб,
Ҳоло, ки вазн ёфта омад,
Ҳангоми ҷустуҷӯи луғот аст:
Ҳар луғат
Чандон ки бармеоядаш аз ном,
Дӯшизаест шӯху дилором...
Бояд барои вазн, ки чустаст,
Шоир луғоти дархури он ҷустуҷӯ кунад.
Ин кор мушкил асту таҳаммулсӯз,
Лекин гурез нест:
Оқои вазну хонуми ишон луғат агар
Ҳамрангу ҳамтароз набошанд, лоҷарам
Маҳсули зиндагонишон дилпазир нест,
Мисли ману занам.
Ман вазн будам, ӯ каламот (осаҳои вазн)
Мавзӯи шеър низ
Пайванди ҷовидонаи лабҳои меҳр буд...

[1] *Муҷоб* – пазиро.

Боре сухан дароз шуд,
В-ин захми дарднокро хуноба боз шуд...

Ин баҳси хушки маънии алфози хос низ
Даркори шеър нест...
Агар шеър зиндагист.
Мо дар таки сиёҳтарин ояҳои он
Гармои офтобии ишқу умедро
Эҳсос мекунем...

## МАРСИЯЕ БАРОИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

Ба ҷустуҷӯи ту
Ба даргоҳи кӯҳ мегирям,
Дар остонаи дарё ва алаф.

Ба ҷустуҷӯи ту
Дар маъбари[1] бодҳо мегирям,
Дар чорроҳи фусул[2].
Дар чорчӯби шикастаи панҷарае,
Ки осмони абролудро
қобе кӯҳна мегирад.
Ба интизори тасвири ту
Ин дафтари холӣ то чанд,
То чанд
Варақ хоҳад хӯрд?

Ҷараёни бодро пазируфтан
Ва Ишқро, ки хоҳари марг аст,
Ва ҷовидонагӣ розашро
Бо ту
Дар миён ниҳод.

Пас, ба ҳайати ганҷе даромадӣ:
Боиста ва озангез,
Ганҷе аз он даст,

[1] *Маъбар* – гузаргоҳ.
[2] *Фусул* – фаслҳо.

Ки тамаллуки[1] хокрову диёронро
Аз ин сон
Дилпазир кардааст.

Номат сапедадамест,
ки бар пешонии осмон мегузарад,
Мутабаррик[2] бод номи ту!
Ва мо ҳамчунон
Давра мекунем
Шабу рўзро,
ҳанўзро...

## ҒУБОР

Аз ғиреви деви тўфонам ҳарос,
В-аз хурўши тундарам андўҳ нест,
Марги мискинро намегирам ба ҳеҷ.

Устуворам чун дарахте побаҷой,
Печаки бехонумонеро бигўй,
Бесамар бар дасту пойи ман мапеч.

Модари ғам нест бе чизе маро:
Анбар аст ў, солҳо афрўхта дар миҷмарам[3].
Нест аз бадгўии номеҳрубононам ғаме,
Рафта муддатҳо, ки ман з-ин ёвагўиҳо карам.
Лек аз дарё чу мурғон қад кашанд,
Рўйи пулҳо, бомҳо, мурдорҳо
Побараҳна медавам дунболашон.
Вақте к-он сўйи уфуқ пинҳон шаванд,
Боз мегардам ба кўма[4] покашон.
Ҳалқа мебандад ба чашмон ашки ман
Гарчи дар сахтӣ ба сони оҳанам.
Ё агар дар кунҷи танҳоӣ маро

---

[1] *Тамаллук* – тасарруф, молик шудан.
[2] *Мутабаррик* – маймун ва муборак.
[3] *Миҷмар* – бухурдон, удсўз.
[4] *Кўма* – пушта, кулба, лона.

Мурғаки шаб нолае бардорад аз ақсои шаб,
Андӯҳе в-оҳе маро
Мекашад дар бар, чунон пероҳанам.
Ҳамчунон, к-аз гардиши ангуштҳо бар пардаҳо
В-аз танини дилкаши ноқус[1]
В-аз танини зангдори даштҳо
В-аз азони ношикебои хурӯс
В-аз убури[2] маҳ зи рӯйи бешаҳо
В-аз хурӯши зоғҳо
В-аз ғуруби барфпӯш –
Ашк мерезад дилам...
Гарчи бар ғавғои тӯфонҳо карам,
В-аз ҳуҷуми бодҳо бокем нест,
Гарчи чун пӯлод сарсахтам ба разм,
Ё худ аз пӯлодашон имони ман –
Гар бихонад мурғе аз ақсои шаб,
Ашки риққат[3] резад аз чашмони ман.

## БУДАН

... Гар бад-ин сон зист бояд пок,
Ман чи нопокам, агар наншонам аз имони худ чун кӯҳ
Ёдгоре ҷовидона бар тирози[4] бебақои хок.

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Аҳмади Шомлу кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?*
*2. Кадом маҷмӯаҳои шеърии Аҳмади Шомлуро медонед?*
*3. Оиди шеъри нав ва намудҳои он фикрҳоятонро гӯед.*
*4. Шомлу дар кадом навъи шеър ба комёбӣ расидааст ва рози он дар чист?*
*5. Қитъае аз ашъори шоир аз ёд кунед.*
*6. Оид ба шеъри сафед ва хусусиятҳои он дар мисоли ашъори Шомлу фикратонро гӯед.*
*7. Аз матни «Шеъре, ки зиндагист» чӣ фаҳмидед? Ҳадафи шоир чист?*

---

[1] *Ноқус – Зангӯлаи калони калисо.*
[2] *Убур* – гузаштан, тай кардан.
[3] *Риққат* – нармӣ, маҷозан ба маънии гиря.
[4] *Тироз* – зинат, ороиш, нақшу нигор.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА:


1. *Абӯтоҳири Тарсусӣ.* Абӯмуслимнома (роман). Китоби аввал ва дуюм. – Душанбе: Адиб, 1994; 1995.

2. *Аттор, Шайх Фаридуддин.* Мантиқ-ут-тайр. – Д.: Адиб, 2006.

3. *Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад.* Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Замон, 2003.

4. *Бобоев Ю.* Назарияи адабиёт. Қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1987.

5. *Зарринкӯб, Абдулҳусайн.* Бо корвони ҳулла. Маҷмӯаи нақди адабӣ. – Д.: Пайванд. 2004.

6. *Зеҳнӣ Т.* Санъати сухан. – Д.: Ирфон, 1967.

7. *Мирзозода Х.* Таърихи адабиёти тоҷик, китоби I (II). – Д.,1989.

8. *Мусулмониён Р.* Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ. – Душанбе: Маориф, 1987.

9. *Мусулмонқулов Р.* Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990.

10. *Отахонова Х.* Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1983.

11. *Салимов Ю.* Насри ривоятӣ (маҷм. мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1986.

12. Самаки айёр. Дар ҳафт ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 1967–1985.

13. *Саъдиев С., Самадов А.* Адабиёт (Китоби дарсӣ барои синфи X). – Тошканд: Ўзбекистон, 2005.

14. *Саъдиев, Садрӣ.* Мазмун ва шакли асари бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976.

15. *Унсурулмаолии Кайковус.* Қобуснома. – Душанбе: Маориф, 1979.

16. *Ҳаким Саноӣ.* Осори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1992.

17. Чор дарвеш. Бо муқаддимаи С. Айнӣ. – С.: 1961.

## МУНДАРИҶА

Нақши адабиёт дар ташаккули маънавият................................3

## АДАБИЁТИ ДИДАКТИКӢ

Мазмун ва моҳияти адабиёти дидактикӣ.................... 5
Абӯшакури Балхӣ...............................................................11
Порчаҳо аз «Офариннома»..................................................16
Назарияи адабиёт: Маълумот дар бораи маснавӣ......................19
Унсурулмаолии Кайковус....................................................23
Порчаҳо аз «Қобуснома»......................................................29
Назарияи адабиёт: Маълумот дар бораи ҳикоя......................38
Саъдии Шерозӣ...................................................................40
Порчаҳо аз «Бӯстон» ва «Гулистон».......................................49
Назарияи адабиёт: Маълумот дар бораи санъати саҷъ..............59

## АДАБИЁТИ ХАЛҚӢ

Мазмун ва моҳияти адабиёти халқӣ..................................63
Порча аз «Самаки айёр»......................................................73
«Чор дарвеш»....................................................................90
Порча аз «Чор дарвеш».......................................................92
Назарияи адабиёт: Маълумот дар бораи повест....................125

## АДАБИЁТИ ТАСАВВУФӢ

Пайдоиш ва ташаккули адабиёти тасаввуфӣ........................129
Саноии Ғазнавӣ...............................................................132
Намуна аз осор ..............................................................136
Назарияи адабиёт: Маълумот дар бораи достони лирикӣ........140
Аттори Нишопурӣ............................................................145
«Футувватнома»-и Аттор....................................................153
Ҷалолиддини Румӣ..........................................................159
Намуна аз осор ...............................................................170
Назарияи адабиёт: Маълумот дар бораи ғазал........................175

## АДАБИЁТИ ЎЗБЕК

Заҳириддин Муҳаммад Бобур........................................190
Ғазал ва рубоиҳо........................................194
Нодира........................................199
Ғазалҳо........................................204

## АДАБИЁТИ ҶАҲОН

Ҷек Лондон........................................211
«Дар талоши ҳаёт»........................................213
Аҳмади Шомлу. ........................................240
Намуна аз осор........................................247
Феҳристи адабиётҳои истифодашуда........................................252

**Sadri SADIYEV,**
**Xusrav Sadulloyevich HAMIDOV**

# ADABIYOT

*O‘rta ta’lim muassasalarining 10-sinfi uchun darslik*

*(Tojik tilida)*

*1-nashri*

Cho‘lpon nomidagi nashriyot-matbaa ijodiy uyi
Toshkent – 2017

*Муҳаррир* ***М. Хоҷаева***
*Муҳаррири бадеӣ* ***Н. Адилханова***
*Муҳаррири техникӣ* ***Е. Толочко***
*Саҳифабонди компутерӣ* ***Г. Азизова***

Рақами литсензияи нашриёт AI № 163. 09.11.2009. Ба чопаш 15 августа 2017 дода шуд. Андозаи $60\times90^1/_{16}$. Гарнитураи Times TAD. Кегель 11. Бо усули офсетӣ тарҳрезӣ шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 16,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 14,35. Адади нашр 7648 нусха. Шартномаи № 103–2017. Супориши № 17-594.

Макети оригиналӣ дар Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон тайёр карда шудааст. 100011, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30.
Телефон: (371) 244-10-45. Факс (371) 244-58-55.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»-и Агентии матбуот ва ахбори Ўзбекистон, 100011, Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30 чоп шудааст.

**Саъдиев, С.**
С 38 Адабиёт [матн]: китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таълими миёна/С. Саъдиев, Х. Ҳамидов. – Т.: Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чўлпон, 2017, – 256 саҳ.
ISBN 978-9943-05-989-4

**УЎК 821.222.8(075)**
**КБК 83.3(0)я721**

*Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда*

| Т/р | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

***Китоб ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтан ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:***

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| **Нағз** | Муқовааш яклухт, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| **Қаноатбахш** | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| **Ғайри-қаноатбахш** | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо гаштааст ё ки умуман нест, ғайриқаноат-бахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқаро кардан мумкин нест. |